**Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Ба ифтихори 25-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# Илм ва Ҷомеа

**Маҷаллаи академии илмию оммавӣ**
**№3-4 (2016)**

Маҷалла 17 декабри соли 2015 аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст ва дар як сол чор маротиба нашр мешавад.

**Муассис:** Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
**И.в. сармуҳаррир:** Нозим Нурзода
**Котиби масъул:** Фирдавс Ниёзӣ

**Ҳайати мушовара:** Фарҳод Раҳимӣ, Абдуҷаббор Раҳмонзода, Талбак Назаров, Мӯсо Диноршоев, Кароматулло Олимов, Саидмуҳаммад Одинаев, Муҳиба Яқубова, Саидмурод Фаттоҳзода, Собит Неъматуллоев, Пӯлод Бобоҷонов, Комил Бекзода, Ниёзов Ёрмаҳмад.

## ФЕҲРИСТИ МАВЗӮЪҲОИ
## ШУМОРАИ 3-ЮМИ МАҶАЛЛАИ «ИЛМ ВА ҶОМЕА»


**ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ДУРНАМОИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ.......** 5

Самиев Абдусамад. Истиқлолият ин худшиносист.................................... 5

Бекзода Комил. Мафҳумҳои “истиқлолият” ва “дунявият” аз дидгоҳи китоби “Ҷаҳонбинии оянда”........................................................................ 17

Нурзода Нозим. Дунявият: мушкилот ва дурнамои давлатдории миллӣ..... 20

**ОЯНДАШИНОСИИ РАВАНДҲО ВА ХАТАРҲОИ ҶАҲОНИ МУОСИР..** 28

Ниёзӣ Ёрмуҳаммад. Бархӯрди фарҳанги миллӣ бо идеологияҳои муҳоҷим ва ифротӣ....................................................................................... 28

Холиқзода Ҳафиз. Содиқ Ҳидоят - файласуфи ношинохта......................... 45

Шаҳобиддинов Нуриддин. Фарҳанги тамошо ва фарҳанги офаранда......... 63

Собириён Меҳр. Каҷфаҳмиҳои шинохтӣ: фарҳанги хитобаӣ ва ратсионализми интиқодӣ......................................................................... 70

**ҶАҲОН АЗ НИГОҲИ ДИГАР.......................................................................** 76

Нақши фалсафа дар бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ (Мусоҳиба бо файласуфи муосири тоҷик, доктори илми фалсафа, профессор Абдусамад Самиев….. 76

Зиёӣ ва муллои якдарсадӣ (Мусоҳибаи Одили Нозир (Соҳибов) бо шоир ва файласуф Зиё Абдулло)........................................................................ 87

**МАОРИФПАРВАРӢ ВА ҶАҲОНБИНИИ АЛТЕРНАТИВӢ.....................** 96

Ниёзӣ Ёрмуҳаммад.Ояндасозӣ ва сохтмони худӣ……………………........ 96

Нурзода Нозим. Мақоми рӯшанфикр дар ҷомеа……………………………………. 107

Мирзоёров Фирдавс. Хусусиятҳои лингвистии чанд зарбулмасалу мақоли тоҷикӣ…... 116

Ризоӣ Тозик. Навъҳои секулоризм (секулоризми сиёсӣ, сукулоризми фалсафӣ ва секулоризми динӣ)........................................................................................ 121

Курбоншоев Илҳом. Идейные истоки натурфилософских концепций Насира Хусрава и их особенности.......................................................................... 123

Қурбонов Номвар. Рушди илми нуҷум дар Тоҷикистон.………………………... 133

Робитаҳои илму дин аз нигоҳи муҳаққиқони муосир (Таҳиягар ва омодасоз Исомиддин Шарифзода)....................................................................... 140

**БОЗЁФТҲОИ ҶАВОНОН.............................................................................** 172

Қурбониён Меҳрдод. Озмоиши “Помир-Чакалтой” ва Колайдери калони адронӣ........................................................................................... 172

**АДАБ ВА ҲУНАР.........................................................................................** 176

Саидзода Ҷамолиддин. Назарияи Иқбол ва ташкили давлати исломӣ........ 176

Маҷнун Абдуламин. Назари Садриддин Айнӣ ба аҳли дин ва хурофот...... 182

Шервони Умриддин. Истилоҳоти иқтибосии соҳаи варзиш ба забони арабӣ дар ҳафтаномаи”Ҷавонони Тоҷикистон”............................................ 185
Бекзода Дидавар. Ишқ намиранда аст (Ҳикоя)……………………….............. 193



**Абдусамад САМИЕВ**
*доктори илмҳои фалсафа, профессор*

## ИСТИҚЛОЛИЯТ ИН ХУДШИНОСИСТ

**(Оид ба нақши асари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон “Тоҷикон дар оинаи таърих” дар худшиносии таърихию фарҳангии миллати тоҷик)**

Имрӯз мо дар пешорӯи ҷашни бузурги таърихиамон -- 25 - солагии Истиқлолияти миллии Тоҷикистон қарор дорем. Соҳибистиқлолӣ падидаи барҷастаи таърихию фарҳангӣ, рамзи асолату ҳувият, нишонаи ҳастию бақои миллати тоҷик мебошад.

Истиқлолияти давлатии тоҷикон дар шароите таҷлил мегардад, ки миллати тоҷик 25 соли вазнину сангин, нишебу фароз, шодию нишотро паси сар намуда, ҳанӯз ҳам роҳу усулҳои боз ҳам мукаммалтари расидан ба зиндагии орому осуда, тантанаи сулҳу ваҳдат, амнияти пойдор, камолоти ақлонию имкоиятҳои беҳтари моддию маънавӣ, фарҳанги волою фазилатҳои наҷиби ахлоқиро ҷустуҷӯ менамояд. Имрӯз мо дар марҳилаи хеле ҳассос ва таърихӣ қарор дорем. Бо назардошти вазъи ноороми ҷаҳони муосир, миллати тоҷик аз ҳарвақта дида бештар ба сулҳу ваҳдат, ҳамдилию ҳамкорӣ, ахлоқи ҳамида, худшиносии таъихию фарҳангӣ ниёз дорад. Дар ҳалли ин масъалаҳо, яъне эҳёи суннатҳои таърихию фарҳангӣ ва дар ин рӯҳия ташаккул ва такомул ёфтани худшиносии миллат асари бунёдии арбоби намоёни давлатию сиёсӣ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Тоҷикон дар оинаи таърих», нақши муассир дорад. Чунки маҳз шуури таърихӣ ва худшиносии фарҳангӣ миллатро устувор нигоҳ дошта, ба вай рӯҳу қувваи тоза бахшида, ба тамаддуни муосири ҷаҳонӣ ворид месозад. Бинобар ин, мо имрӯз, дар арафаи ҷашни соҳибистиқлолӣ, яке аз сифатҳои волои маънавии миллати тоҷикро дар рӯй овардани он ба арзишҳои таърихӣ ва фарҳангӣ мебинем. Чунки ин арзишҳо миллатро муттаҳид намуда, ба сӯи сулҳу ваҳдат, шукуфоӣ ва осоиштагӣ мебаранд.

Китоби «Тоҷикон дар оинаи таърих», маҳсули андешарониҳои амиқи муаллиф доир ба таъриху фарҳанги бисёрасраи халқи тоҷик мебошад. Саҳифаҳои дурахшони давраҳои гузаштаи таърихиро варақ зада, таҳлил намуда, муаллиф дар хусуси муборизаҳои халқи тоҷик барои ҳифз ва таҳкими давлатдорӣ ва истиқлолияти давлатӣ мулоҳиза ронда, бо далелҳои шайъӣ собит менамояд, ки фаромӯш кардани ҳофизаи таърихӣ ва муносибати саҳлангарона ба таърих ва муқаддасоти миллат оқибат ба таназзули рукнҳои давлатдорӣ ва истиқлолияти миллӣ оварда мерасонад. Таҷрибаи талхи воқеаҳои солҳои охир ба ин мисол шуда метавонанд. Вақте ки таърихи миллат ва давлат аз хотирҳо зудуда шуда, ҳисси ифтихори миллӣ ва ватандӯстӣ коҳиш ёфт, душманони халқи тоҷик тавассути тарғиботи таълимотҳои беарзиш, фитнаангез, ҷудоиандозонандаи мазҳабию динӣ мардуми аз лиҳози сиёсӣ камтаҷрибаро ба кашмакашҳои хавфнок ва муноқишаҳои ҳарбӣ кашонданд, ки он мавҷудияти миллати тоҷик ва давлати тозабунёди соҳибистиқлолро дар зери хатар гузошт.

Муаллиф доираи васеи масъалаҳои муҳими ҳоло ноомӯхтаи таърихи тоҷиконро пеши назар оварда, дар сарсухан таъкид менамояд, ки вай дар назди худ мақсад нагузоштааст, ки ба ҳамаи саволҳо ва масъалаҳои таърихи гузаштагон ҷавоби мушаххас диҳад. Диққати муаллифро, пеш аз ҳама, ҷанбаҳои асосии пайдоиш ва инкишофи давлатдории миллии тоҷикон дар аҳди Сомониён ҷалб намуда, таваҷҷуҳи хосса ба мероси пурғановати фарҳангии халқи тоҷик ва марҳилаҳои асосии тақдирсози таърихи гузашта, ки дар ташаккули худшиносии миллӣ нақши боризе доранд, зоҳир намудааст.

Муаллиф, пеш аз ҳама, проблемаҳои таърихи миллат ва давлатро таҳлил намуда, роҳҳои халосӣ аз бегонапарастӣ ва тақлиди кӯркӯронаи маданият ва расму ойинеро, ки ба миллати тоҷик ягон иртиботе надоранд ва ҳамзамон монеаи ҷиддие дар раванди бунёди давлати соҳибистиқлол мебошанд, мавриди омӯзиш қарор дода менависад: «Мо меҳоҳем, ки дар зери парчами гузаштагони бузурги хеш гирд омада, истиқлолияту якпорчагии ватани азиз, иттиҳоду ваҳдати ҳамагониро пеша намоем ва давлати воқеан ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявиро бунёд созем».

Чунин суханони Эмомалӣ Раҳмон қобили таваҷҷуҳ мебошанд, ки истиқлолият ин шаъну шарафи ҳар фарди ватанпарвар, ифтихор аз давлату миллат, кӯшиши ҳар як шаҳрванд баҳри худогоҳию худшиносӣ мебошад, зеро танҳо миллате ифтихори миллӣ дошта метавонад, ки худшиносу худогоҳ бошад.

Миллате, ки қадри таърих, фарҳанг, забон ва адабиёти худро намедонад, ба анъана ва арзишҳои фарҳангии худ арҷгузорӣ намекунад, гумон аст, ки истиқлолияташро ҳифз карда тавонад. Ин проблема, бахусус баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва дар арсаи ҷаҳонӣ пайдо шудани давлатҳои мустақил ва соҳибистиқлол ба яке аз мавзӯъҳои мубрами рӯз табдил ёфт.

Мо равшан дида истодаем, ки дар замони соҳибистиқлолӣ таваҷҷуҳи одамон ба таъриху махсусиятҳои миллӣ ва фарҳанги ниёгони худ босуръат афзуда

истодааст. Бесабаб нест, ки имрӯз таърих ва мероси фарҳангии гузаштагонамон, махсусиятҳои миллии халқ аз иқтидори иқтисодию низомӣ муқаддамтар дониста мешавад. Акнун ҳар шахс мекӯшад, ки дар сарнавишти таърихии аҷдоди худ на танҳо лашкаркашони шуҳратманд, ки дар набардҳо ғалаба ба даст меоварданд, инчунин шахсиятҳоеро ҷустуҷӯ намояд, ки ҳаёти худро ба санъату адабиёт ва илму ҳунар бахшидаанд. Мутаассифона, дар ин раванд баъзан дар асарҳои зиёиёни давлатҳои ҳамсоя баёни бардурӯғ, бофта баровардан ва ҳатто ғорат ва зӯран аз худ кардани мероси таърихӣ ва фарҳангии дигарон роҳ дода мешавад. Бидуни чунин зуҳуроти номатлуб дар айни ҳол таърихи ватан ҳамаҷониба омӯхта шуда, ба яке аз шохаҳои бонуфуз ва ояндадори илми тоҷик табдил ёфта истодааст.

Ба ақидаи муллиф, гузаштаи халқ, мероси бои таърихӣ, решаҳои таърихию фарҳангӣ, анъана, маросимҳо ва расму ойин дар Ватани мо ҳам боиси таваҷҷуҳи ҳамагон гардидааст. Ва, албатта, саволе ба миён меояд, ки дар ин таваҷҷуҳ чӣ бештар аст: бедоршавии худшиносии миллӣ, эҳсоси надомат нисбати поймол кардани хотираи таърих, тарс, ҳарос аз воқеияти имрӯз ва ё нобоварӣ ба фардо? Маълум аст, ки ҳамаи ин саволҳо заминаи воқеӣ доранд. Аммо, аз ҳама муҳимаш, дарки алоқаи ногусаста доштани тақдири шахс бо таъриху маданияти ӯ мебошад. Халқ то вақте зинда аст, ки хотироти таърихию фарҳангиаш зинда бошад, то вақте ки забон ва расму ойинашро гум накарда бошад. Имрӯза эътиқоди одамон ба таърихи гузашта ва фарҳанги оламшумули тоҷик, арҷ гузоштан ба офарандагони арзишҳои ин фарҳанг аз рӯ овардан ва умед бастан нисбат ба ҳама гуна таълимотҳои аҳзоби сиёсӣ, таълимотҳои бегонаи динӣ (чи тавре ки мо дар гузаштаи начандон дур ба чунин равияҳо ва таълимотҳо боварии комил доштем) волотар ва арзишмандтар мебошад.

Мансубияти инсонро ба таърих ва фарҳангаш аз лиҳози биологӣ ва генетикӣ шарҳу эзоҳ додан имконнопазир аст. Инсон худро наметавонад танҳо дар асоси баромади биологию антропологӣ ба фарҳангу таърихи худ пайваст намояд. Аз ин лиҳоз, тоҷик будан бо хун ва тоҷик будан бо фарҳанг бакуллӣ фарқ мекунад. Таҷрибаи таърихии начандон дур тасдиқи фикрҳои боло мебошад. Магар он «ғалату хатоҳо»-и фоҷиаангез кори дасти тоҷикони ҳамхун набуд, ки дар мавриди тақсимбандии ҳудудию миллии Ҷумҳурии Худмухтори Тоҷикистон соли 1924 рух доданд? Ва саволе ба миён меояд, ки ин космополитҳо киҳо буданд? Тоҷикони ҳамхун ё тоҷикони бофарҳанг?

Табиист, ки ҳар як инсон бояд забон, таърих ва фарҳанги хешро хуб донад ва ҳамчун дастур сармашқи зиндагӣ ва кору пайкори худ гардонад. Ин ҳукми қотеест, ки ҳар як фарди зиёӣ, олим ва ё арбоби давлатиро барои донистан ва барқарор намудани ҳақиқати таърихӣ водор месозад. Вале саволе ба миён меояд, ки оё танҳо **дониш** моро бахри ин амал такон медиҳад? Худ қазоват кунед! Масалан, ман таърих, таълимот, анъана ва эътиқодоти насрониёнро меомӯзам ва дар натиҷа, моҳияти дини насрониро хуб медонам. Оё ин маънои онро дорад, ки

ман насронӣ шудам? Албатта, не. Донистани дин маънои диндор шуданро надорад. Ҳамин тавр, дониши таърихӣ инсонро олим ва донишманд мегардонад, вале он ҳоло маънои маданиятнокӣ ва фарҳангсолориро надорад. Яъне донистани таъриху фарҳанг ва тибқи арзишҳои таърихию фарҳангии миллат зиндагӣ ва амал кардан аз ҳам фарқ мекунад. Ҳамчунон мо бояд дар байни донишҳои таърихию фарҳангӣ, ки аз тадқиқотҳою кашфиётҳои илмӣ бармеоянд ва эътиқод, дӯст доштан, ҳиссу эҳсоси мансубияти шахсӣ ба ин таъриху фарҳанг фарқият гузорем. Мо худ шоҳиди кашфиётҳои пурарзиши таърихию фарҳангие мебошем, ки дар асарҳо ва мақолаҳои муҳаққиқон ба табъу нашр мерасанд. Аммо, мутаассифона, бо сабабҳои гуногун на ҳамаи онҳо бо омили муҳими худшиносии миллӣ табдил меёбанд. На ҳамаи онҳо барои инсон воситаи муҳими ҳаммонандии (идентификатсияи) худ ба таъриху фарҳанги хеш мегарданд. Ҳол он ки ниёз ба чунин худшиносӣ барои инсони имрӯза, ки оиди мансубияти таърихии худ фаъолона андеша меронад, бениҳоят зиёд аст.

Халқ дар сурате ба худшиносии таърихӣ мерасад, ки таърихи худро эҷод намояд, пеш барад ва бо дастовардҳои бузурги иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавӣ онро ғанӣ гардонад. Худшиносии таърихии инсон аз рафтор, тарзи ҳаёт, кору пайкору ӯ зич вобаста аст. «Шубҳае нест, ки, - қайд мекунад Эмомалӣ Раҳмон, - яке аз сарчашмаҳои асосии худшиносии миллӣ маҳз дӯст доштан ва рӯ овардан ба гузаштаи пурифтихору қаҳрамононаи халқи худ, ҳифз ва инкишофи мероси маънавии ниёгон ба шумор меравад».

Дар ин замина, муаллиф таъкид менамояд, ки мо бояд аз омӯзиш ва эҳёи нусхабардоронаи таъриху фарҳанги қадима ва асримиёнагии тоҷикон даст кашем. Ва таърихро, чи тавре ки буд ва эҷод шуд, ҳамон тавр омӯзем ва аз вай сабақ гирем, то ки хатоиҳо ва иштибоҳҳои гузаштагонамонро дар давраҳои гуногуни таърихӣ такрор накунем. Дар таърих ҳама ҳодисаҳо як бор ба вуқӯъ мепайванданд. Таърихи инсоният бебозгашт ва такрорнашаванда аст. Масалан, таҷрибаи давлатдории Сосониён дорои хусусиятҳои хоси худ буда, ба таври худ нодир ва арзишманд аст. Муаллиф мехоҳад бори дигар хонандаро гӯшрас намояд, ки мо бояд мероси пурғановати фарҳангию таърихиеро, ки аҷдодони мо дар тӯли ҳазорсолаҳо офаридаанд, ҳифз ва нигоҳ дорем. Аммо онро айнан такрор ва нусхабардорӣ накунем. Чунки таҷрибаи таърихӣ ва фарҳангии гузаштагонамон минбаъд, яъне баъди чандин даҳсолаҳо ва ҳазорсолаҳо, дар шакли тамоман дигар, дар намуди дигар зоҳир шуда идома меёбад. Ва агар мо хоҳем, ки фардои боэътимод дошта бошем, бояд пайвастагии имрӯзу гузаштаро хирадмандона ва боэҳтиромона ба роҳ монем ва ба гузаштаи худ ҳамчун ба мактаби ҳикмат, ахлоқ, давлатдорию донишомӯзӣ нигоҳ кунем.

Дар ин ҷо муаллиф ба чанд масъалаи сирф назариявию методологӣ рӯ ба рӯ мешавад. Чӣ тавр метавон имрӯзро бо гузашта пайваст намуд, дар сурате, ки ҳаёти имрӯза ҷиҳатҳои тамоман навро дорост? Чӣ тавр аз он ғояҳо, ақидаҳо ва таълимотҳои ифротие, ки дар таърихи миллати мо рух дода буданд ва ҳоло барои

миллати мо хатарнок мебошанд, раҳоӣ ҷӯем? Эмомалӣ Раҳмон ба ин савол ҷавоби эътимодбахш дода қайд менамояд: «Мо ба гузашта ба хотири парастиши содалавҳонаи ниёгон не, балки барои тақвияти рӯҳи созандагӣ, бузургдошти хотираи нахустаҷдоди роҳкушои мо, ки дар дарозои таърих бо иқдомҳои нав камар баста, бо дастовардҳои бузургу ғайриодӣ ноил гаштаанд, рӯй меоварем. Охир, як сарчашмаи воқеии худшиносии миллӣ, қабл аз ҳама, бунёди давлати соҳибистиқлол, ваҳдати миллӣ, рӯ овардан ба гузаштаи пурифтихор, ҳифзи тамаддуну мероси фарҳангии ниёгон ва поси хотири шахсиятҳои тавонову фарзандони бузурги миллат мебошад. Воқеан, мактаби худшиносӣ, истиқлолият ва давлату давлатдории миллӣ баробари чандин омилҳои объективию субъективӣ боз як омӯзгори хеле сахтгиру нуктасанҷе дорад, ки онро таърих меноманд. Сабақҳои ибратомӯзи таърих роҳи гузаштаву имрӯзу ояндаро пешорӯи мо қарор дода, чун ҳакими одил гиреҳи бурду бохтҳои силсилаи давлату давлатдориҳои тоҷиконро бароямон мекушояд”. Мо,-давом медиҳад фикрашро муаллиф,-ба таърих ҳамчун ба мактаби таҷрибаи ҳаёт, худшиносии миллӣ, дарси давлату давлатдорӣ, соҳибистиқлолӣ ва баҳри амиқ фаҳмидани имрӯзу оянда рӯ меорем ва онро меомӯзем.

Барои асоснок намудани хулосаҳояш муаллиф ба манбаъ ва сарчашмаҳои гуногуни эътимодбахши таърихӣ рӯ оварда, баҳси илмӣ ороста, ба мисли «хиради кулл»-и Гегел сайри дарки таърихи ҷаҳонӣ карда, давраҳои асосии камолот ва ташаккулёбии халқи тоҷик ва фарҳанги онро дар заминаи равандҳои ҷаҳонӣ борикбинона ва мӯшикофона нишон додааст.

Муаллиф бо таассуф таъкид мекунад, ки таърихи халқи тоҷик пур аз ҳодисаҳои фоҷиабор ва даҳшатангез аст. Мисоли равшани ин гуфтаҳо аз тарафи кӯчиёну ғоратгарон вайрону валангор шудани ҳазорҳо масоҷиду хонақоҳҳо, шаҳрчаҳою қалъаҳо, қасрҳои муҳташами шоҳон ва сарзаминҳои ҳосилхезу шукуфон шуда метавонанд. Халқ аз ҷониби ғосибони бегона борҳо таъқибу таҳқир дидааст, вале ҳеҷ гоҳ аз асолати миллии худ даст накашидааст. Дар ҳеҷ гуна вазъият ӯ шараф, номус ва ифтихори миллии худро аз даст надод. Забону фарҳанги худро гум накард. Ба ҷисму рӯҳи ӯ гарду чангу ғубори таърих ҳам сироят карда натавонистааст.

Дар давоми ҳазорасолаҳо халқи тоҷик на як бору ду бор ба тохтутози бегонагон муқобилият нишон дода, хуҷуми ғосибонро баргардонидааст. Дар баробари ин тамаддуни бегонагонро бо дастовардҳои беназири фарҳангии худ ғанӣ намуд. Мисоли равшани ин гуфтаҳо бархӯрди фарҳанги ориёӣ ва юнонӣ шуда метавонад. Манбаъҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки фарҳанги рахнагару фарогири юнонӣ дар Аврупо, Ховари Миёна ва Миср чунон фарогир шуд, ки давронеро бо номи Эллинизм ба вуҷуд овард ва дар натиҷа, дар забону фарҳангу мазҳаби яҳудиёну масеҳиён нақши устуворе бар ҷо гузошта, қонуни динҳои онҳо ба забони юнонӣ ва дар фарҳанги юнонӣ гирдоварӣ шуданд. Аммо вай натавонист дар муқобилият ба фарҳанги ориёӣ пойдорӣ кунад, вайро коҳиш

диҳад ва андешаи ориёиро махлут созад. Ба назар чунон мерасад, ки ойину андешаи ориёӣ ҳеҷ гоҳ ба пазириши фармонҳои юнонӣ тан надод ва фикру афкори ориёӣ юнонимаоб нашуд. Аммо то андозае Юнон ба ориёмаобӣ сар фуровард ва дар натиҷа, ориёҳо вижагоҳ ва сохтори ҳокимияти ахлоқии худро дар баробари истиқлоли сиёсӣ эҳё карданд.

Бо чунин назардошт, ба ифтихори хосса Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси он ишора мекунад, ки ҳамеша фарҳанги волои мағлубшудагон бар ғолибони дорои маданияти пасттар дастболо мегардид ва тантана мекард. Шамшери рахнагар дар назди қалами эҷодгар сари таъзим фурӯ меоварад.

Муаллиф ҳамчун тадқиқотгари комилан касбӣ бо далелҳои раднашаванда алоқамандии омилҳои табиию иқлимӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва рӯҳиву маънавиро, ки дар натиҷа ба ташаккул ва инкишофи тамаддуни халқи тоҷик мусоидат намуданд ва мероси маънавии ӯро ғанӣ гардонидаанд, мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Дар қатори дигар омилҳо муаллиф диққати махсус ба бунёди роҳҳо медиҳад. Оид ба аҳамият ва зарурати роҳҳо дар инкишофи тамаддун ва давлат Эмомалӣ Раҳмон менигорад: "Тавассути Шоҳроҳи бузурги абрешим ба сарзамини аҷдодии мо на танҳо молу матоъ ва маводи рӯзгор интиқолу мубодила мегардид, балки осори тамаддуну фарҳанг ва арзишҳои маънавӣ роҳ меёфт. Роҳи бузурги абрешим бо роҳу пайраҳаҳои сершумораш дар ҷисми сарзамини ниёгони мо Бохтару Суғди қадим мисли рагҳои хунгарде буд, ки ҳаёти маданиву иқтисодии шаҳрҳоро ба гардиш меовард, бунёди бозору корвонсаройҳоро тақозо мекард, ба рушду нумӯи соҳаҳои мухталифи ҳунармандӣ мусоидат менамуд" (Китоби якум. Саҳ.17).

Ҳамин тавр, ба ифодаи муаллиф, роҳҳо минтақаҳоро бо ҳам алоқамандӣ мебахшиданд, ба ривоҷи савдо мусоидат мекарданд, ба рафтуомади халқҳо ва мамлакатҳо тавсеа мебахшиданд ва ба ин восита ба ғанӣ гардидани маънавиёти табақаҳои иҷтимоию маданӣ шароит фароҳам меоварданд. Роҳи Бузурги абрешим чун дигар роҳҳои бешумори алоқа дар тӯли асрҳо ба инкишофи мамлакатҳо, пешгирии бухронҳои иқтисодӣ, таҳкими шаъну шукӯҳи давлат, афзудани арзишҳои маданиии халқи тоҷик ёрӣ расонд. Дар китоб ба таври рӯшан сарзамини қадимаи Бохтар, ҳамсоли оғозёбии таърихнависӣ, макони устураҳои қадима ва афсонаҳо, музеи абадии таърих тасвир меёбад. Барои намуна, муаллиф Хазинаи Амударёро мисол меорад, ки дар он ашёи қадимаи таърихнигорон ва археологҳои ҷаҳонро баҳайратоварда нигаҳдорӣ мегарданд. Кашф кардан ва дастраси хонандагону муҳаққиқон гардонидани ин хазина боиси боз ҳам равшан сохтани яке аз саҳифаҳои торики таърихи миллати мо мегардад. Боиси тазаккур аст, ки муаллиф дар ҳар нишонаи қадимаи таърихӣ ва дар ҳар бозёфти археологӣ на танҳо иртиботи наслҳои имрӯзаро бо таърихи гузашта, балки пайвастагиеро бо санъату анъанаҳои ниёгони халқи тоҷик дармеёбад. Ҳатто мулкҳои аҳолинишини вайроншуда ва ба харобазорҳо табдилёфта таваҷҷуҳро ба гузашта бедор менамояд ва бори дигар инсонро водор месозанд, ки аз таърих сабақ гирад ва роҳ надиҳад, ки чунин фоҷиаҳо бори дигар такрор шаванд.

Инсон ҳамеша ба гузаштаи худ назар мекунад ва аз он оид ба саволҳои имрӯза: чӣ тавр бояд зист, ба кадом самт бояд ҳаракат кард, баҳри чӣ бояд кӯшид, ҷавоб меҷӯяд. Дар ҳақиқат, таърих ҳамеша аз мавқеъ ва талаботи замони ҳозира таҳқиқ мешавад. Фишанги огоҳии таърихӣ ҳамеша дар ҳама замонҳо воқеияти таърихӣ - ҳолати феълӣ маҳсуб мегардад. Таърих пули маънавиест, ки аз вартаи замонҳо мегузарад, вай пулест, ки инсонро аз гузашта ба имрӯз бурда ба оянда равона месозад.

Бо мурури замон дар ҳаёти халқ бисёр чизҳо тағйир меёбанд. Насли нав дар шароити нав зиндагӣ карда, дорои андешаву тафаккури нав мегардад. Вале дар фарҳанги миллат як падидае вуҷуд дорад, ки новобаста аз дигаргуниҳо ва пасту баландиҳои замон устувор мемонад. Ва ин падидаи устувор ва тағйирнопазир анъана ва расму ойини миллӣ мебошад.

Мо, насли имрӯза беҳтарин чизҳоеро, ки ба аҷдодамон мутааллиқ буд, мерос гирифтем. Анъана ҳар қадар дар қаъри асрҳо решаи амиқ дошта бошад, ҳамон қадар ягонагӣ ва ваҳдати милллатро мустаҳкамтар менамояд. Аз ин рӯ, рӯҳи Бохтару Суғд, шуҳрати ҷангии Спитамен, Исмоили Сомонӣ ва Темурмалик барои мо ҳамеша азиз ва наздик аст. Онҳо арзишҳое мебошанд, ки дар рафъи ҳар гуна душворӣ ба мо ёрӣ мерасонанд. Онҳоро ба ёд оварда, мо ба оянда умедворона нигоҳ мекунем ва устуворона қадам мегузорем.

Дар асар омадааст, ки ҳар як инсон бояд муқаддасоти хешро дошта бошад. Бе муқаддасот инсон наметавонад кору зиндагӣ карда, ба мақсади ниҳоии худ расад. Ҳар як миллати мутамаддин арзишҳои худро дорад. Дар илми фалсафа муқаддасотро **арзиш** меноманд. Мо бештар дар бораи онҳо аз минбарҳои баланди давлатӣ ва дар мубоҳисаҳои илмӣ сухан меронем. Яке аз чунин муқаддасоти миллат шиносномаи аҷдоди ориёҳо «Авасто» мебошад. Ба ин рисолаи таърихӣ дар асари худ Эмомалӣ Раҳмон диққати махсус медиҳад. Дар асоси таҳқиқи амиқи сарчашмаҳои нодири таърихӣ ва таҳлили матнҳои худи «Авасто», муаллиф аҳамияти ин ёдгории таърихиро дар омӯзиши паҳлуҳои гуногуни таърих, адабиёт, санъат, устурашиносӣ, фалсафа, диншиносӣ, кайҳоншиносӣ, ситорашиносӣ, ҷуғрофия ва илмҳои дигар махсус қайд намудааст. Матнҳои «Авасто» оиди илм ва тарзи зиндагию маишии халқҳои ориёӣ, анъанаву суннатҳои онҳо маълумоти зиёде медиҳанд. Дар ин матнҳо тасаввуроти нахустини аҷдоди мо оиди Хайру Шар, усулҳои тарбияи фарзандон, муносибати муҳтаромона ба замин, об, оташ ва ғайра инъикос ёфтаанд. Маҳз дар ҳамин асос Эмомалӣ Раҳмон китоби «Авасто»-ро донишномаи нахустини аҷдодамон, гаҳвораи тифлии онҳо, ганҷинаи нахустини фарҳанги ориёӣ, гузаштаҳои тоҷикон ва бисёр халқҳои дигар номидааст. Ин китоб аз тақдири бобову падарони мо дар давраи ибтидои ташаккули миллату тамаддуни тоҷик паём медиҳад. Он таҷрибаи дастҷамъонаи халқ аст, ки шароити ҳаёташро мунъакис кардааст. Аҳамияти таърихии «Авасто»-ро ҳамчун эҷоди бебаҳои афкори умумибашарӣ ва яке аз китобҳои бузургтарини ҳама давру замонҳо, ки

дар инкишофи тамаддуни дунё нақши бузург бозидааст, қайд намуда, Эмомалӣ Раҳмон зикр мекунад, ки таълимотҳои «Авасто» дар зиндагӣ ва кору рӯзгори халқи тоҷик реша давонда, то ҳанӯз моро рӯҳу ҷони тоза бахшида истодаанд.

Муаллиф ба замоне, ки «Авасто» эҷод шуда буд, аҳамияти хос дода, яке аз саҳифаҳои норавшани таърихамон - давраи ҳукмронии Пешдодиён ва Каёниёнро, ки таърихи беш аз 7 ҳазорсола доранд, рӯшан намудааст. Таҳлили амиқи илмӣ ва фалсафии «Авасто», ба ифодаи муаллиф, дар таҳқиқи минбаъдаи ташаккул ва инкишофи илму фарҳанги халқи тоҷик ва тамаддуни он саҳми босазо мегузорад.

Дар асари мазкур бори аввал дар таърихи муосири тоҷик Эмомалӣ Раҳмон ба санъати ҳарбии тоҷикон диққати хос додааст.

Тасвир ва тафсири муфассали аспҳои ҷангӣ, ки болу пари ҷанговарону варзишгарон буданд ва рамзи устувории давлат, оромию осудаҳолии мамлакат ҳисоб меёфтанд, дар китоби Эмомалӣ Раҳмон ҷои хеле муҳимро ишғол мекунад.

Мувофиқи навиштаи муаллиф, чавандозони бохтарӣ дар таърихи давлатдории Бохтари қадим нақши бузург бозида, ба таҳкими сарҳадҳои он, фатҳи давлатҳои ҳамсоя, қатъи ҳуҷуми истилогарони аҷнабӣ мусоидат намудаанд. Аспсаворон чун воситаи хубу пурсамари набард ва қатъи ҳуҷуми душман дар ҷангҳои он замон нақши бузург доштанд. Маҳз бо шарофати аспҳои бохтарӣ стратегияи ҳарбии ҳуҷуми барқосо ба миён омада буд, ки саҳифҳаи нави китоби санъати ҳарбии халқи тоҷикро ташкил медиҳад.

Бояд қайд кард, ки мавзӯи аспҳои ҷангӣ дар таърихшиносии мо нав нест. Рисолаи ҳарбии Шариф Муҳаммад Мансур Муборакшоҳ (асрҳои XII-XIII) «Одоб-ул ҳарб ва шуҷоат» (Душанбе, 1997)-ро, ки ба тавсифи ҷангӣ, норасоии самандҳо ва аҳамияти онҳо диққати зиёд додааст, ба ёд овардан кофист. Ҳарчанд ки дар рисолаи мазкур Муборакшоҳ дастаи савораро қувваи асосии зарба меҳисобад ва ба қоидаҳои интихоб, ромкунӣ, муайян намудани зоти асп аҳамияти муҳим медиҳад, аммо нақши онҳоро дар ҳаёти халқу давлат аён намекунад. Ва ин вазифаи ӯ низ набудааст. Дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои мавҷуда муаллифи китоби мавриди таҳлил қароргирифта ба ин ҷиҳати проблема аҳамияти махсус додааст. «Аспҳои бохтарӣ, -менависад муаллиф, -ба инкишофи санъати ҳарбӣ ва муташаккилии қӯшунҳо, ободии ҳаёти шаҳр, бунёди қалъаҳо ва иншооти дигар, ривоҷи тиҷорату савдо, кушодани роҳҳои нави корвонҳо ва садҳо корҳои муфиди дигар мусоидат намуданд. Ба шарофати аспҳои бохтарӣ дастаҳои савора ва пиёдаи ҳарбӣ ташкил шуданд, қӯшунҳо аз рӯи намудҳо ба қисмҳо тақсим гардиданд, воситаҳои тактикӣ ва стратегияи амалиёти ҳарбӣ ба миён омаданд. Ҷиҳати ҳифзи сарҳадҳо чораҳои пурсамар андешида мешуд, бунёди иншооти ҳарбӣ ва мудофиавӣ сурат мегирифт». Ҳамаи ин, -хулоса мекунад муаллиф, -ба бунёди дастгоҳи пурзӯри маъмурию идоравӣ мусоидат намуда, ҳамзамон нишонаи таҳкими давлатдорӣ буд.

Бохтару Суғдро гаҳвораи нахустдавлати тоҷикон шумурда, муаллиф қайд мекунад, ки бори аввал маҳз дар ин ҷо тасаввуроти парокандаи тоҷикон оиди

бунёди олам, гузашта ва ҳозира сарчамъ шуда, раванди ташаккули худшиносӣ ва маърифати илмии ҷаҳон оғоз ёфт, тасаввурот оиди вазифаи таърихии давлат ба миён омада, ба бунёди идораи давлат асос гузошта шуд. Ташаккул ва инкишофи забон, пайдоиши хат ва такмили тиҷорати фарҳанги шаҳриёна аз вуруди аҷдодони тоҷикон ба арсаи тамаддуни ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад. Моҳиятан, ин давраи инкишофи шаҳрҳои қадима буд. Ҳамзамон бо Бохтари қадим шаҳрҳои Суғд, ки асосиашон Афросиёб буд, инкишоф меёфтанд. Ҳамчунин Самарқанд ба яке аз марказҳои муҳими фарҳангию тиҷоратӣ табдил меёбад. Дар ин шаҳрҳо бемайлон ҳаёти фарҳангию илмӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозӣ рушд меамуд.

Муаллиф қадам ба қадам, аз як сулола то сулолаи дигар раванди ташаккул ва инкишофи моддию маънавӣ, гузаштани халқи тоҷикро ба тамаддуни нав ва ҳамзамон боло рафтани сатҳи худшиносии фарҳангию таърихии вайро зери назари таҳқиқ қарор додааст. Муаллиф бо ҳусни таваҷҷуҳи хосса шоирони Шарқ, пеш аз ҳама, ҳаким Фирдавсиро ба ёд меоварад, ки бинобар талоши эҳёи тамаддуну фарҳанги ориёиён ва бо ҳамин боло рафтани худшиносӣ ва ифтихори миллӣ, ба Искандари Мақдуни пӯшондани пероҳани Каёниёнро ба қалам меорад. Ҳамзамон инкишофи фарҳангу ҳунар, бунёди шаҳрҳо ва қалъаҳо, тақсимоти фаъолонаи ҷомеа аз рӯи аломатҳои иҷтимоию синфӣ равшан ба назар мерасад.

Дар боби «Тахти Ҷамшед ва кашфи асрори се давра» муаллиф аз ин ёдгории таърихӣ ёдовар мешавад. Ӯ дар харобаҳои Тахти Ҷамшед дастоварди беназири санъати меъмории даврони қадимро мебинад, ки ҳосили заҳмати бисёрсолаи ҳазорон шаҳрсозону ҳунармандон буд.

Дар харобаҳои Балхи кӯҳан, қасри шоҳ Кайқубод ва Тахти Сангин, дар вайронаҳои Афросиёб ва Варахша, дигар шаҳрҳои сӯхтаву вайроншуда, ба ифодаи муаллиф, таърихи зиндаи ҳазорсола ниҳон аст. Онҳо ҳамчун нишона аз рӯзҳои гузашта, ҳаёти пурмашаққату пурзаҳмат, кору пайкори гзаштагонамон чун панде ба наслҳои имрӯзаву оянда боқӣ мондаанд. Ба хонанда муроҷиат намуда, муаллиф хотиррасон карда ҳушдор медиҳад, ки оқибатҳои ҷангу хунрезиҳо, тохтутозҳо ва муборизаҳо барои тоҷу тахт ба чӣ гуна оқибатҳои фоҷиабор оварда мерасонад.

Ҷоми сеҳрноки Ҷамшед ва Оинаи Искандар, ки дунёро инъикос мекарданд, дар тасаввуроти аҷдодони мо ихтирои бузурги хиради инсонӣ буд. Сифатҳои бузургтарини Ҷому Оина он буд, ки онҳо ҳаводиси гузашта, имрӯза ва ояндаи оламро дар худ инъикос мекарданд.

Муаллиф баъди сайри таърихи ҳазорсола ба таҳлили таърихи имрӯз мепардозад ва аз қуллаи асри нав ба роҳи тайкарда нигариста, мекӯшад дурнамои миллатамонро муайян кунад, зеро мо, яъне насли имрӯза, ҳалқаи навбатие дар занҷири таърихи миллатем, ки се давра ва се замонро ба ҳам мепайванданд. Муаллиф дар асоси омӯзиши гузашта имрӯзро мавриди омӯзиш қарор медиҳад ва оиди оянда пешгӯиҳо мекунад. Ба фикри ӯ, дар замони

ҷаҳонишавӣ ва тақдирсоз, ки бисёр халқу миллатҳо роҳи ояндаи худро интихоб мекунанд, ба мо тоҷикон зарур аст, ки дар баробари ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ, гузаштаи дуру наздики худро таҳлил намоем, аз таърих сабақ бардорем, мавқеъ ва нақши худро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ муайян созем. Чунки таърих ба мо имконият медиҳад, ки дар ҳар як давру замони инкишофи миллат, ба пастию нишебӣ, бархостану афтоданҳои он нигоҳ накарда, саҳми наслҳоро дар ганҷинаи моддию маънавии инсоният равшан муайян намоем. «Танҳо тавассути ба даст овардани худшиносии миллӣ имконият ва тамоюли ояндаро муайян кардан, асосҳои мустаҳкамеро, ки наслҳои нав рӯи онҳо зиндагии худро хоҳанд сохт, бунёд намудан инкомпазир аст»- менависад Эмомалӣ Раҳмон.

Ҳақ ба ҷониби муаллиф аст, ки мегӯяд: «бе донистани таърих худшиносии миллӣ нест, ватандӯстӣ нест, ворисияти наслҳо имкон надорад. Бе гузаштаи таърихӣ ифтихори миллӣ ба худпарастии миллӣ ва ватанпарастии дурӯғин табдил меёбад».

Маънои амиқ ва моҳияти илмии асари мазкур дар он аст, ки муаллиф нигоҳашро ба замонҳои қадим дӯхта, мекӯшад дар оинаи таърих гузаштаи бузурги миллати тоҷик, дирӯзу имрӯзи ӯро мавриди омӯзиш ва баҳрабардорӣ қарор диҳад. Андешаҳои муаллиф оиди ҳифз ва густариши фарҳанги оламгири тоҷикон барои мо аҳамияти хосса доранд. Бахусус, ин мутааллиқ ба забон аст, зеро забон баёнкунандаи асосии рӯҳу тафаккури халқ, асоси адабиёту саводи миллӣ, шаҳодати қудрату тавоноии миллат аст. Забони модарӣ дар рушду нумӯи худшиносии миллӣ ва истиқлолияти комили ҷумҳурӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги миллӣ ниҳоят бузург аст. Чунки забон садо ва симои миллат аст. Сухан шакли моддии тафаккур, андеша ва худшиносӣ мебошад. Тавассути сухан таҷрибаи бои маънавии гузаштагон ба наслҳои нав ирсол мешавад. Сухан инсон, олам, кайҳон ва ҳатто Офаридгорро ба ҷунбиш меоварад. Биёед, ду калимаи кӯтоҳ ва пурмазмуни «Барои якпорчагии Ватан» ва «Ваҳдати миллӣ»-ро, ки дар лаҳзаҳои қисматсоз дар нутқи Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Хуҷанд садо дода буданд, ба ёд оварем, ки дар дилу дидаи мардум ҷой гирифта, онҳоро ба сӯи ҷасорат, мардонагӣ, қаҳрамонӣ, ватану ватандорӣ ҳидоят намуданд. Ин калимаҳо худшиносии миллиро бедор карданд, шуури миллии миллионҳо ҳамватанонамонро ба шуури ягонаи меҳанпарастӣ ба Ваҳдати миллӣ пайваст намуданд.

Дар натиҷаи таҳлили маводи таърихӣ муаллиф ба хулосае меояд, ки дар таърихи халқи тоҷик на ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамиятӣ баробар инкишоф ёфтаанд. Ин, пеш аз ҳама, ба фарҳангу ҳунар дахл дорад, ки дар нигаҳдошт ва эҳёи миллати тоҷик нақши ҳалкунанда бозидаанд. Маълум аст, ки давраҳои муайяни гулгулшукуфии онҳо на ҳамеша ба инкишофи умумии моддиёт, иқтисодиёт ва соҳаҳои дигари ҳаёти иҷтимоӣ вобаста будааст. Муаллиф дар асоси таҳлили илмӣ-фалсафии мавод ва санадҳои таърихӣ ба хулосаи илмӣ – назариявӣ ва

методологие меояд, ки дар таърихи инсоният самти ягонаи инкишофи соҳаҳои гуногунҷабҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ вуҷуд надорад. Раванди таърих, ба андешаи муаллиф, иборат аз тасодуф, печутоб, гуногунрангию гуногуншаклӣ мебошад. Дар натиҷа, риштаҳои алоҳидаи он (дар айни ҳол сухан дар бораи фарҳанг ва тамаддуни халқи тоҷик меравад) метавонанд нисбат ба дигар соҳаҳо, алалхусус соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ фаъолонатар тараққӣ кунанд. Ҳамчунин, бояд қайд кард, ки дар китоб проблемаву идеяҳое муҳокима мешаванд, ки бахусус, имрӯз хеле рӯзмарраанд ва оидашон ақида ва назари ягонаву устувори илмӣ вуҷуд надорад. Онҳо бояд ҳалли худро дар асри XXI аз ҷониби олимони ҷомеашиноси тоҷик ёбанд.

Оид ба аҳамияти китоби мазкур дар ҳаёти маънавии халқамон сухан ронда, бояд қайд намуд, ки муаллиф вазифаи худро на дар он дидааст, ки хонанда дар бораи ҳаёти фарҳангию таърихии тоҷикони замонҳои гузашта донишҳои касбӣ-таърихӣ гирад, гарчанде дар ин ҷода низ арзиши китоб бебаҳо аст, балки вазифаи асосиашро дар он дарёфтааст, ки манзараи мураккаби ташаккул ва инкишофи худшиносии фарҳангию таърихии халқи тоҷикро пешкаши ҳаводорони илму маърифат намуда, вазифаҳои мушаххаси давлати мутамарказ, соҳибистиқлол ва миллиро чун кафили сулҳу оромӣ дар ҷомеа тасвир кунад. Барои ҳалли илмии ин вазифаҳо ҳар як муҳаққиқи соҳибназар бояд дорои дониши махсус, тафаккури эҷодии доманадор, қобилият ва истеъдоди махсус бошад.

Хизмати шоистаи Эмомалӣ Раҳмон дар илми ҷомеашиносии тоҷик, агар мухтасар номбар кунем, пеш аз ҳама, иборат аз ҷӯстуҷӯи ҳақиқату адолати таърихӣ, нишон додани саҳми халқи тоҷик дар тамаддуни ҷаҳонӣ, муайян намудани решаҳои таърихии он, дар эҳёи рӯҳияи миллӣ, ифтихор аз миллату аҷдоди хеш, ташаккули худшиносии миллӣ мебошад.

Китоби Эмомалӣ Раҳмон, на танҳо қадами ҷиддӣ дар пешравии илми таърихи муосири мамлакат, балки тадқиқоти ҷолибтарини иҷтимоию фалсафие мебошад, ки дар ташаккули шуури таърихӣ, мустақилияти мафкуравии миллат, тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ саҳми босазое мегузорад. Аз ин рӯ, асари мазкур бояд китоби рӯимизии ҳар як шахси худогоҳу худшинос, ватанхоҳу ватандӯст бошад.

Дар охир таъкид менамоям, ки бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат” марҳилаи нав дар таърихи давлатдории тоҷикон оғоз ёфт. Миллати тоҷик аз таърихи пурғановати худ, аз рӯзҳои сахту сангину фоҷиабори худ сабақ гирифта, имрӯзаро амиқ дарк намуда, баояндаи дурахшон устуворона қадам мегузорад. Акнун шаҳрвандони Тоҷикистон дар тамоми гӯшаю канори мамлакат ба хубӣ дарк ва эҳсос менамоянд, ки миллати тоҷик Пешвои ягонаи худро дорад. Миллати кӯҳантаъриху кӯҳанфарҳанги тоҷик боварии қатъӣ дорад, ки он ҳама санҷишҳои таърих, қурбониҳою бесарусомониҳо баръабас нарафта, боиси боз ҳам муттаҳид гардидани шаҳрвандони Тоҷикистон дар атрофи Сарвари давлат

ва Пешвои худ мегардад. Ҳамзамон Пешвои миллат ҳамчун кафили Сулҳу Вахдат ва якпорчагии мамлакат бо назардошти таҷрибаи таърихи гузаштагонамон, таҳлили амиқи илмии равандҳои ҷаҳони имрӯза, миллати тоҷикро ба корҳои созандагию бунёдкорӣ ҳидоят намуда, Тоҷикистонро ба зинаҳои нав ба нави икишофи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бурда мерасонад.



**Комил БЕКЗОДА**
файласуф

## МАФҲУМҲОИ «ИСТИҚЛОЛИЯТ» ВА «ДУНЯВИЯТ» АЗ ДИДГОҲИ КИТОБИ «ҶАҲОНБИНИИ ОЯНДА»

*(Ба ҷойи муқаддима)*

Нависандагони мақолаҳои ин китоб бар ин назаранд, ки:

1. Истиқлолият ва дунявият аз нигоҳи фарҳангӣ ба ин маъност, ки мардуми тоҷик дар оянда бояд ба фарҳанги Ҷамшедӣ рӯй оваранд. Чуноне ки урупоиён дар давраи Ренессанс ба фарҳанги Юнони қадиму Рими қадим рӯй оварда буданд. Ренессанси халқи мо аз андешаҳои Ҷамшедӣ оғоз мегардад, на аз низоми исломӣ ва на аз низоми коммунистӣ.
2. Ҷаҳонбинӣ ва идеологияи Ҷамшедӣ аз нигоҳи устуравӣ ва мифологӣ 8.000 (ҳашт ҳазор) соли таърихи халқи моро ташкил медиҳад. Мо баъди 8 ҳазор сол ҳам фарзандони худро Ҷамшед ном мегузорем ва Иди Наврӯзро ҷашн мегирем. Иди Наврӯзе, ки аз ҷониби Ҷамшед ба таври расмӣ иди давлатӣ эълон карда шуда, ҳамзамон фаъолияти рӯҳониён (котузиён)-ро аз сиёсати дунявии давлати хеш ҷудо карда буд. Идеологияи давлати дунявии Ҷамшед ба фалсафаи воқеъбинона ва реалистии Зарвония такя мекард. Ҳуҷҷат ва далелҳои таърихии мо дар ин мавзӯъ сарчашмаҳои муътабаре чун “Авесто”, “Ведҳо”, “Динкард”, “Яштҳо”, “Бундаҳишн” ва “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ мебошанд.
   Миф ё устура, аз нигоҳи муҳаққиқони муосир, ҷавҳари орзу ва омоли ҳар қавму миллатро таҷассум мекунад. Миф кӯҳна шуданӣ нест. Миф амалӣ шуданӣ аст. Чун реша дар ҳаёти моддӣ ва маънавии инсонҳо дорад.
3. Истиқлолият ва дунявият аз нигоҳи диншиносӣ ба ин маъност, ки бозгашт ба дини Зардушт, Монӣ ва Маздак барои мардуми мо марҳилаи тайшудаи таърих мебошад. Бозгашти дубора ба ин динҳои миллӣ моро ба бунбаст мебарад. Динҳои бегона низ барои мо зарурате надоранд. Масъалаи динро мо бояд озод бигзорем, то ҳар шаҳрванд ба кадом дину мазҳабе, ки майл дорад, маросимҳои динии худро амалӣ намояд. Дин дар давлати дунявӣ кори шахсӣ ва хусусии ҳар як шаҳрванд аст. Ҳар инсоне дар интихоби дин озод аст. Касе ҳақ надорад, ки ин

ё он ақида ва динро ба таври маҷбурӣ ба гардани дигаре бор кунад. Дахолат кардан ба корҳои динии шаҳрвандон ҷавобгарии ҷиноиро дар пай дорад. Зеро дин аз давлат ҷудост. Ва шаҳрвандон масъулиятҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва давлатиро бар уҳда доранд. Дар сурате, ки дин кори шахсӣ ва фардии ин ё он шаҳрванд мебошад. Дахолати фарди диндор низ ба қонуну қоидаҳои давлати дунявӣ, ки аз тарафи аксари кулли ҷомеа қабул карда шудаанд ва дар Конститутсия сабт гардидаанд, қобили қабул нестанд. Ин як навъ муқобилгузории андеша ва эътиқоди шахсии як фард дар баробари қонунҳои кулли ҷомеа мебошад. Қонунҳои давлатро аксарияти аҳли ҷомеаи имрӯза тасдиқ намудаанд, дар сурате, ки аҳкоми динӣ мероси ҷомеаҳои гузашта мебошанд. Ин аҳком дар замони худ қобили қабул буданд. Акнун қобили қабул нестанд.Ҷомеаи имрӯза онҳоро қабул надорад. Таҳмили онҳо бар гардани шаҳрвандони имрӯза, қонунан манъ аст. Чунин аст талаботи қонунҳои давлати дунявӣ. Давлатҳои динӣ ҳам дар гузашта ва ҳозир қонунҳои хоси худро доштанд ва ҳоло ҳам доранд. Барои намуна ва мисол ба қонунҳои давлатҳои диние чун Арабистони Саудӣ ва Эрон таваҷҷуҳ кунед.

4. Истиқлол ва дунявият аз назари сиёсӣ чунин маънӣ дорад, ки мардуми тоҷик дар таърихи тӯлонии худ аввалин бор давлати миллӣ ва мустақили худро соҳиб гардидааст. Аз байни сохтҳои гуногуни сиёсӣ иродаи ин мардум ба сӯйи давлати дунявӣ ҷалб гардид. Чаро ки асрҳои тӯлонӣ чандин сохтҳои сиёсиро таҷриба карда буд. Охирин сохти сиёсии таҷрибашуда аморати Бухорои исломӣ ва низоми коммунистии Шӯравӣ буд. Ин ду сохт чизи ҷолибе аз худ боқӣ нагузошт. Ин буд, ки мардуми мо сохти давлати миллии дунявиро интихоб намуд. Дар ин 25 соли истиқлол мушкилоте доштем ва ҳоло ҳам дорем. Бо вуҷуди ин, мардуми мо хешро дар низоми демократӣ нисбат ба сохтҳои сиёсии мавҷудаи исломии имрӯза роҳаттар ва озодатар эҳсос мекунанд. Мо бар ин боварем, ки маҳз ҳамин сохти имрӯзаи давлати миллӣ ва дунявии мо барои амалӣ шудани ормонҳои таърихӣ ва имрӯзаи мардуми мо созгортар аст. Давлати дунявие, ки 8.000 сол пеш Ҷамшеди пешдодӣ асос гузошт, мо имрӯз онро аз нав эҳё намудаем. Сулолаи шоҳони пешдодӣ, ки Ҷамшед ҳам яке аз онҳост, дар таърихи башарият аввалин шуда, адолат, дод, ҳуқуқ ва сохти давлати ҳуқуқбунёдро таъсис дода буданд. Яке аз рукнҳои асосии сохти сиёсии давлати имрӯзаи мо низ ҳуқуқбунёдӣ аст. Мо ин хушбахтиро дорем, ки дар замони ҳозир устураи миллии мо доир ба адолати иҷтимоӣ (Адолати Ҷамшедӣ) бо адолати давлати соҳибистиқлоли миллӣ ва дунявӣ ба ҳам пайвастаанд. Мо устураро ба воқеият табдил додем. Консепсияи фалсафаи сиёсии истиқлолият ва дунявияти Тоҷикистони демократӣ дар мақолаҳои ин маҷмӯа фароҳам оварда шудаанд. Ин консепсияи сиёсӣ ба метафизикаи китоби "Ҷаҳонбинии оянда" такя мекунад. Метафизикаи ин китоб (Ҷовидонагии ҷисмонии инсон) ба муқобили ҳама гуна ақидаҳои хурофотӣ, динӣ, идеалистӣ, материалистӣ ва атеистии гузашта ва ҳозираи ҷаҳон равона

карда шудааст. Меҳвари ин метафизикаро мақоми Инсони озод, дунявӣ ва ҷовидон дар ин ҷаҳон ва кайҳон ташкил медиҳад.

5. Мо аъзои "Ҷаҳони андеша" бар ин назарем, ки ояндаи Тоҷикистон иборат аз сохти демократӣ ва дунявӣ мебошад. Бозгашт ба сохти исломӣ ва коммунистӣ хилофи ҷараёни таърих аст. Таърих ба қафо барнамегардад. Тоҷикистон ин ду сохти иҷтимоиро дар гузаштаи худ таҷриба кард ва ба натиҷаи дилхоҳе нарасид. Дар бисту чанд соли охир, ки аз низоми демократӣ ва дунявӣ пайгирӣ мекунад, уфуқҳои наверо дар ҳаёти иҷтимоии худ кашф кардааст.

Бо як калима: Истиқлолият ва дунявият маънои низоми демократӣ ва дунявии Тоҷикистонро ифода мекунад. Ҳамин низом кафили пешрафти ҷомеаи тоҷик барои оянда мебошад.



**Нозим НУРЗОДА**
фарҳангшинос

**Дунявият: мушкилот ва дурнамои давлатсозии миллӣ**

Таърихи зиндагии инсонӣ гувоҳи он аст, ки дар ҳамаи давру замон қишри пешрави ҷомеа – равшанфикрону зиёиён барои сохтани давлат ва ҷомеаи адолатпарвар, озодихоҳ, инсонгаро, мардумсолор ва ҳувиятсоз бо неруҳои муҳофизакор, истибдодӣ ва ақибмонда шадидан мубориза бурда, дар ин роҳи муқаддас ва ифтихорманд ҷонбозиҳо кардаанд. Албатта, масири муборизот дар ҳавзаҳои сиёсию мадании башарӣ якранг ва муштарак нест ва тарзу шеваи ибтикороти сиёсӣ, фарҳангӣ, фикрӣ ва иҷтимоии равшангарон тайи таърихи инсонӣ, бо назардошти шароиту вазъ мутафовит аст.

Тамаддуни ғарбӣ дар заминаи давлатсозии дунявӣ ва сохтмони ҳукумати фарҳангӣ ҳанӯз аз садаи ҳаждаҳум ибтикороти ҷиддӣ рӯйи даст гирифт ва сохтани давлатсозии миллӣ ва, муҳимтар аз ҳама, дунявиятгаройӣ дар низоми сиёсӣ дар фарҳанги урупоӣ ҷойгоҳи вижа касб кард. Раванди дунявият дар Урупо аз асри ҳаждаҳ шурӯъ шуда, барои ба вуҷуд овардани муҳит ва фазои солими эҷодӣ дар заминаи шинохти инсон тибқи илмҳои дунявӣ донишмандони муқтадир Дидро, Руссо, Волтер, Монтескиё ва дигарон саъю талоши фаровон намуданд. Ниҳодҳои равшанфикри ғарбӣ дар симои маорифпарварони франсавӣ рисолати худро бар мабнои хиради пешрав анҷом дода, дар бедории иҷтимоӣ ва фикрии ҷомеа саҳми асосӣ гирифтанд. Онҳо аслҳою арзишҳои муҳтараме мисли ҳувият, шарофат, наҷобат ва асолати инсониятро дар маърази таваҷҷуҳи мардумӣ қарор доданд ва дар ин росто, бо мутаассибини давр, ки аз кудрати азими сиёсӣ ва динӣ бархӯрдор буданд, бо силоҳи ақлу мантиқ ва маърифату хирад сахт мубориза карданд. Мубориза бо ин тоифа, ки он замон дар институт ё ниҳоди муътабари калисо ва низоми сиёсии католитсизм мунсаҷим шуда, нуфузи зиёд дар байни элитаи сиёсӣ дошт, саҳлу осон набуд. Калисоиюн ва меҳробиён, ки дар паноҳи давлат ва калисо аз имтиёзоти фаровоне бархӯрдор буданд, ҳаргиз намехостанд, мардум ба таҷаддуд ва навгаройӣ бипардозанд ва ин шеваи кору фаъолиятро, чи дар қаламрави нуфузи диёнати исломӣ ва чи дар сарзаминҳои урупоӣ аҳли калисо ва тақво, ба ҳеҷ ваҷҳ, қабул надоштанд.

Мусалламан, навандешӣ, таҷаддудписандӣ, рӯшангарӣ ва дигарандешӣ дар асрҳои миёна таҳти мафҳумоти «бидъатгарӣ» (дар байни мутаассибини исломӣ) ва «еретик» (дар байни аҳли калисои католик) сахт накӯҳиш шуда, соҳибони андешаҳои наву дунявӣ мавриди таъқибу фишор ва қатлу куштор қарор мегирифтанд. Таърих аз ин қабил кушторy даҳшате, ки шариатмадорону пайравонашон дар имтидоди қарнҳои мутааддид сари аҳли ба истилоҳ, бидъат ва дигарандеш оварда буданд, мисолҳои зиёд рӯйи даст дорад, аммо ин ҷо фурсати таъйиди ин масъала нест. Дар шароити имрӯзӣ хатару фаҷоеъе, ки рӯйи мардуми мамолики Шарқи мусулмонӣ сарозер шудааст, қабл аз ҳама, ба нашнохтани мақоми дунявият, ташхиси нодурусти он ва бар мабнои ҷаҳлу залолат напазируфтани ин низоми сиёсию иҷтимоии муътадил ва дар айни замон хирадмаоб дар арсаи вуҷуд марбут аст. Ин аст, ки шинохт ва ташхиси дурусту илмии ин навъи давлат, ҳукумат ва низоми сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ имкон медиҳад, ки мардум ё ҳадди ақал қисмати зиёди табақоти иҷтимоӣ ба арзишҳои илмӣ ва мантиқӣ такя намуда, дар сохтмони давлат ва ҷомеаи дунявӣ саҳм бигиранд ва наслҳои оянда дар партави арзишу идеалҳои миллию башарӣ дар рӯҳияи инсонсолорӣ, андешапарварӣ, ҳувиятсозӣ, донишписандӣ ва нексириштӣ тарбия ёбанд.

Мо, ҳадди ақал таҷрибаи зиёда аз ҳазорсолаи давлат, сиёсат, ҳукумат ва идеологияи диниро дорем ва таърих гувоҳ аст, ки ин гуна давлату сиёсат, ки боиси нуфузи саросарии мазҳабу диёнат дар умури иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангию маънавии ҷомеа гардидааст, ниёзҳои мардумро на танҳо бароварда насохта, балки мушкил андар мушкил эҷод кардааст. Дар аксар маворид, аз тариқи матбуоти даврӣ шоҳиди қаламфарсоии иддаи таҳсилдида ва аксаран, обрӯманде мегардем, ки аз даврони сиёсати динӣ-мазҳабии асримиёнагӣ бо ифтихор ёду ҳимоят мекунанд, мисол мезананд, хурофоти сиёсӣ, динӣ-мазҳабӣ ва иҷтимоии гузаштаро ба сифати таҷрибаҳои бузург муаррифӣ месозанд ва билохира хатарноктарин мабодии динӣ-мазҳабиро таблиғу ташвиқ менамоянд, ки ин кор ё аз надонистани матлаб ва ё аз дидаю дониста, амдан ташвиқу тарғиб намудани сиёсату идеологияи бебунёди аҷнабӣ сурат мегирад. Нуктаи дигар ин аст, ки солмандони ҳамин тоифае, ки имрӯз аз ифтихороти динии гузашта босароҳат ёд мекунанд, дар замони шӯравӣ мулҳид ва атеисти сурх буданд ва дар шароити истиқлолияти давлатӣ, ки тамоюли динӣ-мазҳабии иҷтимоъ афзун гардид, аз назари мафкуравӣ тағйири ҳол намуда, дар либоси мазҳаб ва тақво бадар омаданд. Фаразан, агар давлати Шӯравӣ ё ба он монанд сиёсате рӯйи кор биёяд, ин тоифа ҳатман худро ба оҳангу навои он ҷур месозанд ва боз чун атеист ба саҳнаи сиёсат ва хидмати идеологияи мулҳидӣ-атеистӣ камари ҳиммат мебанданд. Айнан ҳамин вазъро ба мушоҳида гирифта, Хайём гуфта буд:

*Як даст ба Мусҳафему як даст ба ҷом,*
*Гаҳ назди ҳалолему гаҳе назди ҳаром.*

*Моем дар ин гунбади фирӯзарухом,*
*Не кофири мутлақ, на мусулмони тамом.*

Бад-ин манзур равонковии муосир инсонро, бо назардошти фазо, муҳит ва шароити сиёсию идеологӣ дар ниқобҳои гуногун тасвир мекунад, яъне инсони муосир симои аслӣ надорад, ӯ дар ниқоби диндор, шариатпеша, сиёсатмадор, меҳрубон, муҳаббатсоз, самимӣ, дилсӯз, ғамшарик, ҳолдон, хоксор ва амсоли инҳо рӯйи саҳнаи зиндагӣ меояд ва монанди актёр дар саҳнаи зиндагӣ нақш меофарад. Ба ҳар сурат, имрӯз дин ва мазҳаб дар Шарқи мусулмонӣ дар шакли ифротӣ бо суръати кайҳонӣ рушду тавсеа ёфта, мушкилоти бе ин ҳам печидаю мураккаби ҷомеаҳоро печидатар сохта истодааст. Ин мушкилот бар асари бетафовутӣ бар давлатсозии миллӣ дар асоси принсип ва мабонии дунявӣ, мувоҷеҳи ҷомеаҳои ақибмондаи шарқӣ гардид ва дар ин радиф рӯз аз рӯз вазъи сиёсию иҷтимоии мамолики исломии Сурия ва Ироқ буҳронитар шуда истодааст.

Дунявият ё ба истилоҳ секуляризм (аз калимаи лотинии saecularis ба маънои дунявӣ, инҷаҳонӣ) дар чанд маъно истифода мешавад: аввалан, ба маънои бадалшавии моликияти ибодатгоҳҳою масоҷиди динӣ ба дунявӣ, сониян, мусодираи амволи муассисоти динӣ ва интиқоли он ба ҳукумати дунявӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ва солисан, аз фаъолиятҳои ҷамъиятӣ ва зеҳнӣ озод намудани таъсири дин (Словарь иностранных слов. –Москва: Русский язык, 1990. –С.457). Ба сухани дигар, секуляризм ё дунявият чизеро аз таъсири калисо баровардан ва ба муассисоти шаҳрвандӣ супурдан ва дар маънои маҷозӣ, аз таъсири калисо раҳо карданро ифода мекунад. Он дар муқобили клерикализм (аз вожаи лотинии klericalism ба маънои калисоӣ истифода шуда, ҷараёни сиёсии иртиҷоиро дар назар дорад, ки ҳадафаш дар ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангӣ афзудани таъсири дин мебошад - Словарь иностранных слов. –Москва: Русский язык, 1990. –С.235) қарор дорад. Аз ин ҷост, ки сохти демократӣ ва дунявӣ динро ҳамчун унсури давлатсозӣ намепазирад ва нуфузи онро дар умури сиёсӣ ва давлатдорӣ коҳиш медиҳад, чун аз таҷриботи қаблӣ дар имтидоди асрҳои тӯлонӣ хуб медонад, ки дину мазҳаб дар қолаби калисо ва сардамдоронаш: поп, кардинал, архиепископ, епископ, кашиш, роҳиб ва ғайраву ғайруҳу чӣ корҳои зишту шанеъеро анҷом дода, зулму истибдодро ба унвони меъёри сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ густариш дода буд. Аксари кулли мардуми мамолики ғарбӣ аз низоми сиёсии дунявӣ пайравӣ карда, тайи солҳои тӯлонӣ дар ин сохтори сиёсӣ –дунявият умр ба сар бурдаанд ва ҷомеаи урупоӣ дунявиятро ба унвони беҳтарин сохт ва намунаи зиндагӣ пазируфтаанд.

Маълум аст, ки давлати мо ҳам, мутобиқи санади олии қонунгузорӣ – Конститутсия (Сарқонун) дар пайи сохтани давлати дунявӣ гом бардошта, ҳамзамон тавассути самтҳои сиёсӣ, маърифатӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аз ин тариқа васеъ истифода бурда истодааст. Барои сохтани давлати миллӣ бар мабнои низоми сиёсии дунявӣ мо замина, таҷриба ва собиқаи тӯлонии таърихӣ

дорем. Ҳанӯз дар қадимтарин бовару эътиқодоти форсӣ-тоҷикӣ, ки дар қолаби афсонаю асотири миллӣ-мардумӣ бофта ва пардохта шудаанд, сохтмони давлат ва ҷомеаи дунявӣ таҷассум ёфтаанд.

Фарҳанги сиёсии миллӣ рӯйи аслу арзишҳои ахлоқию фалсафӣ устувор аст. Он ҳамеша бар се арзиши ахлоқӣ: **меҳр**, **дод** ва **ростӣ** қоим будааст. Дар тафсири фалсафӣ ва сиёсӣ, м**еҳр** ҳамбастагии иҷтимоӣ, р**остӣ** шукуфоии гавҳари фардист, ки танҳо дар озодӣ мумкин мешавад. Ин аст, ки ростию озодӣ ҳамеша ҳамоҳангу вобастаи ҳаманд. Пайвастагии озодӣ ва ростӣ буд, ки ҷавонмардони мо озода ва аҳли мадоро бо ҳама мафкура ва ақоид буданд. Дар фазои зӯроварию истибдод наметавон рост буд ва гавҳари ҳеҷ кас шукуфо намешавад. Бо такя бар ин, танҳо дар озодӣ ҷаҳон назм пайдо мекунад. **Дод** бошад, бунёди ободии дунё ва оромиши иҷтимоӣ аст.

Дар қолаби асотири форсӣ-тоҷикӣ, ки дар баробари тавзеҳи андешаи фалсафӣ, тафаккури сиёсии миллиро низ тавҷеҳ мекунанд, мусобиқа (на рақобат!) сари табақоти гуногуни иҷтимоӣ барои доштани се гавҳари инсонӣ (меҳр, ростӣ ва дод) сурат мегирифт, на барои сари қудрат омадан (барои иттилои муфассалтар ниг.: Ҷамолӣ Манучеҳр. Сиёҳмашқҳои рӯзонаи як файласуф. Бахши дувум. Ландан: Курмали, 1995. –С. 14). **Дод** падидаи ахлоқӣ ва сиёсиест, ки дар андешаи устуравии миллӣ ҳар кӣ хоҳад, бад-он даст меёбад ва саодати иҷтимоиро таъмин месозад. Доду деҳиш арзише нест, ки танҳо махсуси як гурӯҳи баргузидаи иҷтимоӣ бошад, балки ба мардумӣ мутааллиқ буда, ҳар кас, бидуни нуфузи табақавӣ ва дараҷоти иҷтимоию сиёсӣ ва фикрию иқтисодӣ метавонад ба он мутамоил бошад ва тавассути касб кардани он боиси рифоҳ ва амнияти иҷтимоии инсонҳо гардад. Ин аст, ки Ҳаким Фирдавсӣ ба он асл ва арзиш махсус таъкид варзидааст:

*Фаридуни фаррух фаришта набуд,*
*Ба мушку ба анбар сиришта набуд.*
*Зи доду деҳиш ёфт ин некуйӣ,*
*Ту доду деҳиш кун, Фаридун туӣ.*

Ҷамшед ба сифати шаҳриёри дунявӣ дар майдони таърихи сиёсӣ ва фарҳангии мо ҷилва кардааст. Ҳикмати сиёсии ҷамшедӣ, ки бар пояи **меҳр, дод** ва **хирад** бунёд ёфта буд, ҷудоии динро аз давлат ҳукми зарурат талаққӣ намудааст. Ҷамшед тибқи ҳунару истеъдод ба мардум мансабу вазифаҳоро тақсимбандӣ намуд. Ҳикмати табақотии ӯ бар ин маънӣ устувор буд, ки бояд ҳар каси сазовору боистеъдод ба мансаб расад ва ҳукумат, бо назардошти замон ва шароит бояд тағйир пазирад ва таҷдид шавад. Рӯҳониён ва динсолорон барои ибодат ба кӯҳ фиристода мешаванд, то бар умури сиёсӣ ва давлатӣ дахолат накунанд:

*Гурӯҳе, ки котузиён хониаш,*
*Ба расми парастандагон дониаш.*

*Ҷудо кардашон аз миёни гурӯҳ,*
*Парастандаро ҷойгаҳ кард кӯҳ.*
*Бад-он то парастиш бувад корашон,*
*Навон пешравшан ҷаҳондорашон.*

Дар устурасозӣ (мифологизатсия)-и идеология ва фарҳанги сиёсии ҷамшедӣ, пешиниёни мо инсонро дар коpистони хирад бо мушкилоти гуногун ва фаҷоеъи рӯзафзуни рӯзгор даргир сохта, бо ҳунари офаринандагӣ, меҳрофарӣ ва ҳувиятсозӣ наҷот додани насли инсониро аз бадию палидӣ ва сахтию мусибат ба намоиш гузоштаанд. Дар ин росто, м**еъёри ҳукумат** дар ҷаҳон хиради офаринанда ва биҳиштсоз аст. Нақши аслии хирад сохтани биҳишт дар ин ҷаҳон аст**.** Вазифа ва рисолати хирадмандон дар ширкати фаъол варзидан дар умури сиёсӣ ва фикрӣ барои расидан ба ҳадафи ниҳоӣ -- сохтани биҳишт дар рӯйи замин зоҳир мегардад. Ва агар нақш ва зарфияти хирад дар сохтмони давлатсозӣ ва дунявиятталабӣ заиф шуд, ҷаҳолати иҷтимоӣ ҳамчун рӯйкарди даҳшатбор механизмҳои рушди ҷомеаро хароб сохта, боиси ташаннуҷи вазъ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт мегардад. Ба таъбири дигар, рӯзе, ки хирад аз сохтани биҳишт дар рӯйи замин боздошта шавад, ба қавли ҷомеашиноси олмонӣ Макс Вебер, **«ба фикри сохтану густурдани адёне меафтад, ки инсонро бояд аз гетӣ наҷот бидиҳад»** (ниг.:Ҷамолӣ Манучеҳр. Шоҳнома ва мо. Дафтари нахуст. Ландан, бидуни соли нашр. -С.23) ва ин ҷост, ки таҳдиди хатар дар самти идеология ва сиёсати миллӣ вусъат пайдо мекунад.

Дар асотири куҳани миллӣ масъалаи давлатсозӣ ва нақши мардум дар сохтмони давлати мардумӣ хотирнишон шуда, бад-ин тариқ низоми сиёсии ҷаҳони инсонӣ, ки дар асоси **меҳр**, **хирад, ростӣ, дод** ва **озодӣ** бунёд ёфтааст, матраҳ гардидааст. Дар он ҳар дине, ҳар миллате, ҳар роҳбаре, ки ба мардуми ҷаҳон меҳр меварзад ва мардуми ҷаҳон ин меҳрварзиро бо таҷрибoти мустақими худ дармеёбанд, ӯро бармегузинанд ва ҳар гоҳ, ки даст аз меҳр баркашад, тӯмори баргузидагиаш барчида мешавад (Ҷамолӣ Манучеҳр. Густохӣ дар гусастан. Аз гусастагони густох. Ландан: Курмали Пресс, 1996. –С.50). Ин аст, ки шиоргунаҳои манзуми ахлоқӣ-фалсафии «Агар меҳр бо меҳр пайванд шуд, Ҳама тухмаи мо хирадманд шуд», «Агар меҳр бо меҳр бонӣ будӣ, Ҳама базмгоҳи каёнӣ будӣ» аз боварҳои қадимаи форсӣ-тоҷикӣ маншаъ гирифта, дар низоми эътиқодоти сиёсӣ ҷойгоҳи вижа касб кардаанд. Бовару асотири пешин тазаккур медиҳанд, ки чун давлат ва ҳукумат роҳи дунявии пешрафтро интихоб мекунад, дар партави дунявият (secularization) аз тобеияти дину идеологияи хирадситез наҷот меёбад.

Мардуме, ки дар пайи сохтани давлати демократӣ ва дунявӣ гом мебардорад, аслан ба хирад, дар мадди аввал арҷ мегузорад ва онро меъёри асосӣ медонад. Вақте ки дар атрофи мафҳум ва вожаи демократия суҳбат мекунем, нахуст бояд ба ташхиси дурусти мақула ё категория даст ёбем. Дар ин замина, бояд афзуд, ки

«демос» маънои мардуми муфаккир ва маърифатнокро ифода намуда, дар муқобили «этнос», ки ба маънои умумии мардумӣ далолат мекунад, қарор дорад. Дар маҷмӯъ, демократия ҳокимияти мардуми бомаърифат ва муфаккир аст, ки бо андешаи созанда, биниши воқеӣ, дониши мантиқӣ ва дар ниҳоят, бо мафкураи солим давлат месозад ва ба давлатмардон бо фаъолиятҳои мунтазаму густурдаи худ дар ҷараёни давлатсозӣ ва ҳукуматоройӣ кумак мекунад.

Масъалаи дигаре, ки дар низоми дунявият матраҳ аст, масъалаи муносибат ва робитаи ҳукумат бо виҷдони озод аст (Ҷамолӣ Манучеҳр. Ба сӯйи ҳукумати фарҳангӣ. Ландан: Курмали Пресс, 1998. –С. 49). Бо ибтикор ва ташаббуси бевоситаи давлати дунявӣ ҳар қадар дар ҷомеа майдони густариши дониш ва хиради инсонӣ тавсеа ёбад ва роҳҳои тадовуми он ҳамвортар гардад, ҳамон қадар раванди озодии виҷдону ақида таҳкиму тақвият мепазирад. Ҳадафи ниҳойӣ ва стратегӣ дар низоми давлатсозии дунявӣ, ки дар қолаби асотири бостонии миллӣ рехта шудааст, **«на ба ҷиҳоди идеологию динӣ рафтан, балки барои ҳаққи ҳар инсоне ба зиндагӣ дар гетӣ пайкор кардан»** мебошад (Ҷамолӣ Манучеҳр. Шоҳнома ва мо. Дафтари нахуст. Ландан, бидуни соли нашр. -С.64) ва ин аслу нуктаи атф (меҳрварзӣ) дар низомҳои сиёсии минбаъда авлавият ва таҳаққуқ пайдо кардааст. Аз ин ҳадафи роҳбурдӣ(стратегӣ) дар шароити феълӣ метавон механизмҳои корбурдӣ ё ба истилоҳ тактикӣ ҷустуҷӯю пайдо кард ва саранҷом дар сиёсати фарҳангӣ роҳандозӣ намуд.

Вожаи дунявӣ ҳамчун мафҳуми фалсафӣ ва сиёсӣ, қабл аз ҳама, маънои эътимод ва эътиқод доштан ба ин дунё аст. Дар зеҳни дунявиён, ин дунё арсаи зиндагӣ ва фаъолиятҳои инсон, новобаста аз тааллуқоти ақидатӣ, идеологӣ ва динӣ-мазҳабӣ мебошад. Низоми сиёсии давлати дунявӣ бар баробарӣ ва тавозуни инсонҳо дар фаъолиятҳои иҷтимоӣ, фикрӣ, иқтисодӣ ва дар маҷмӯъ, моддию маънавӣ асос ёфта, дастгоҳи олии роҳбарикунандаи он аз шахсоне таркиб меёбад, ки ба ин дунё бовар доранд. Вале ин маънои онро надорад, ки дунёмадорон, беҳудуд ба ҳама чиз имтиёз доранд. Онҳо дар асоси қонунмандӣ ва меъёру принсипҳои инсонӣ, барои пайравони тамоми адёну мазоҳиб, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ақидаву мафкура ба таври баробар, бидуни бартарият ва афзалият додан ба касе, шароити ибодӣ, фароғату истироҳат ва шуғлу мутолиот таҳия мекунанд ва ба ин васила муҳиту фазои солими ҳамкорӣ ва ҳамзистиро дар байни созмону ҳаракатҳои иҷтимоӣ, ақаллиятҳои миллӣ-этникӣ, динӣ-мазҳабӣ, сиёсӣ ва амсоли инҳо ба вуҷуд меоранд.

Бояд таъкид кард, ки дар давлати дунявӣ барои роҳбарият ва мудирият имтиёз, асосан бар дунявиён дода мешавад, чаро ки онҳо ба ин дунё бовар доранд ва дар партави ин бовари илмӣ ва бунёдӣ масири рушду таҳаввули давлат ва ҷомеаро барномарезӣ мекунанд. Албатта, давлатҳое ҳастанд, ки сохтори давлатдории дунявиро пазируфтаанд, аммо истибдодӣ, ифротӣ ва радикалианд. Ин ҷо айбу нуқси дунявият нест, муқассир дар ин самт роҳбарону масъулини давлату ҳукуматанд, ки меъёри инсониро дар низоми сиёсӣ, ки асли фаҳмиши

масъала маҳсуб меёбад, ба хотири тадовуми қудрат сарфи назар кардаанд ва бо худхоҳию худкомагӣ дунявиятро зери суол бурдаанд. Агар жарфтар ба ин масъала таваҷҷух кунем, дармеёбем, ки биниши аксари давлатмардони сохторҳои сиёсии дунявии минтақавӣ дар доираи дин ва фаротар аз он, тасаввуф ва ирфон (миститсизм) чарх мезанад ва ин бинишҳои тангу маҳдуд оқибат дар оинаи дурӯягӣ, таваҳҳум, таассуб, бедодгарӣ, бегонагӣ ва дар маҷмӯъ, хурофотпарастӣ рӯ зада, танишу печидагиҳои иҷтимоиро ба вуҷуд меоваранд. Ҷомеа, аслан ба қишри фарҳангӣ такя мекунад. Агар қишрҳои фарҳангӣ-маърифатӣ заиф ва камзарфият ва дар банди хурофот бошанд, иҷтимоъ ногузир ба ҳалқаи рӯҳониёни мутаассиб меафтад ва аз ҳадиси онҳо тариқаи ҳидояту иршод меҷӯяд. Онҳо, ки маълуманд ба куҷо ҳидояту иршод мекунанд.

Ростӣ, вазъи таваҷҷуҳи ҷомеаи тоҷикӣ ба дунявият чандон хуб нест, балки нигароникунанда ба назар мерасад. Дар саргаҳи давлатсозии миллӣ бар мабнои муҳтавиёти дунявӣ мушкилоти зиёди иҷтимоӣ, фикрӣ, идеологӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва ахлоқӣ дунболагири мост. Аз ҳама муҳим, камбуди бинишмандӣ ва фақри фикрӣ, набудани ҷаҳонбинии илмӣ бар асари бемасъулиятӣ, саҳлангорӣ, бепарвоӣ ба сарнавишти наслҳои имрӯзӣ ва баъдӣ, нотавонии фикрӣ ва эҷодӣ, хиёнат ба илму хирад ва ақлу виҷдон сол ба сол дар тору пуд ва рагу пайванди қишрҳои фарҳангию маърифатии ҷомеаи тоҷикӣ реша давонда, ҷомеаро дар баробари ҷаҳолат ва таассуби шадид сироятпазир карда истодааст. Дар ин замина, наандешидани тадбирҳои судманд хатароти ҷиддие (бурузи бунёдгаройӣ, ифротгаройӣ ва тундгаройии динӣ)-ро дар пай дорад.

Ба назари муҳаққиқон ва андешамандон, дар манотиқи ақибмондаи шарқӣ то тафаккури зиндаи фалсафӣ ва офаринандагии адабӣ (шеър ва наср) ва ҳунарӣ (мусиқӣ, наққошӣ, филмофарӣ) ниёзи зиндагӣ ба «маъно»-ро дарнаёваранд ва пиёда накунанд, наметавон ҳукуматро аз дин ҷудо сохт. Дар Урупо ин корро адабиёт, ҳунар ва тафаккури зиндаи фалсафӣ адо кард ва ҷудоии дин аз ҳукумат дар он ҷо паёмади ҳамин ҷунбиш буд. Дар кишварҳое, ки тафаккури зиндаи фалсафӣ ҳанӯз вуҷуд надорад, танҳо бо вомгирӣ ва истифодаи тафаккури фалсафии ғарбӣ зиндагӣ мекунанд. Вақте ки сиёсатмадорон ва донишмандони улуми табиӣ аз уҳдаи маъно бахшидан ба зиндагӣ намебароянд, дар натиҷа, диндорон бо шариати хушку холии худ ин рисолатро дар ҳазорон соли дигар иҷро нахоҳанд кард. Адабиёт, фалсафа, ҳунар бояд дар роҳи маънӣ бахшидан ба зиндагӣ пеш раванд, то сиёсатмадор дар самти ҷудо кардани дин аз давлат ва натиҷатан, гироиши ҷомеа ба дунявият комёбӣ ба даст орад (Ҷамолӣ Манучеҳр. Сиёҳмашқҳои рӯзонаи як файласуф. Бахши дувум. Ландан: Курмали, 1995. -С.23).

Маълум аст, ки давлатсозии миллӣ, бавижа дар доираи арзишу идеалҳои миллию дунявӣ кори осон нест, аммо сарфи назар намудани дунявият ва мабодии он, ки ҳамагӣ инсонсозу мардумсоloранд, корро дар ин самт мушкил месозад. Таърих ба мо таҷриботи давлатсозии миллиро дар симои империяҳои қудратманди Ҳахоманишӣ, Сосонӣ, Тоҳирӣ, Саффорӣ, Сомонӣ, Ғурӣ, Шӯравӣ

(дар мисоли Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон) манзур намуда, дар баробари ин, заволу шикасти онхонро, ба сабаби хиёнат, нодонӣ, ҷаҳолат, таассуб, хурофот, маишати бебандубор, худнамоӣ, бемасъулиятӣ ва саҳлангории давлатмардон рӯйи авроқи китобаш сабт кардааст. Бинобар ин, авроқи китоби таърихи миллӣ, ҳамчунин таърихи Шарқу Ғарбро бо чашми ибрат ва ақлу хирад мебояд ҷиддӣ мутолиа ва дар заминаи он марзу ҳудуди дунявиятро таъйин, таҳким, тақвият ва ҳимоят кард.



**Ёрмуҳаммад НИЁЗӢ**
номзади илмҳои фалсафа

**Бархӯрди фарҳанги миллӣ бо идеологияҳои муҳоҷим ва ифротӣ**

Баъди пошхӯрии идеологияи Шӯравӣ (коммунистӣ) дар фазои маънавӣ ва иттилоотии кишвар як дараҷа рӯшанфикрони мо ба се самт фаъолияти идеологии худро марҷаият дода, дар доираи ин се идеология худро роҳат ҳис карда, то ба имрӯз бо эйфарияи ин се идеология ба зиндагии худ маъно мебахшанд. Яке, ориёӣ будан (20%), дигаре, ҳувияти исломии худро болотар аз ҳама ҳувиятҳои пеш ва пасазисломӣ донистан (шояд 70%) ва севумӣ, ормони демократӣ будан (шояд дар оянда 10%). Ва шояд ин тақсимоти ақидатии имрӯзаи ҷомеаи моро идеология номидан чандон мувофиқ набошад.

Фаҳмиши идеология, гарчанде ҳамчун калимаи истилоҳӣ бисёр маъмул бошад ҳам, аммо баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ бештари мардум аз он ҳарос доранд ва ҳамзамон аз идеологиябозиҳо хаста гардидаанд. Дар баробари чунин воқеият, ки мо аз ҳар гуна идеологияҳо ҳарос дорем ва идеологияҳои манфиатхоҳ аз дохил ва хориҷ қудрат ва барномаи сиёсии худро амалӣ карда истодаанд, зарур аст, ки барои сохмони идеологияи миллӣ муҳофизати он аз хатару таҳдидҳо чора андешем. Барои он ки ин ҳаросро аз байн бурда бошем, таркиби печидаи идеологияро кушоем ва моҳияти аслии онро боз ба тарзи рӯшантар фаҳмонем, зарур аст, ки аз таърихи луғат, истилоҳ ва марҳилаҳои пайдоиш ва тағйиру ташаккули он иттилои кофӣ ва фаҳмо дошта бошем. Грчанде ин баҳс аз тарафи доктори илмҳои сиёсатшиносӣ Ятимов С., докторҳои илмҳои фалсафа Султон Наврӯзов, Нуриддин Саид, Рустами Ваҳҳоб, Исфандиёри (Саидмирзо) Назар, Иршод Сулаймониву дигарон мавриди пажӯҳиш ва баҳс қарор гирифтааст, лекин чунин ба назар мерасад, ки ин мавзӯъ ба омӯзиш ва таҳлили иловагӣ ниёз дошта, мавриди гуфтугӯи ҳамагонӣ қарор нагирифтааст ва то андозае ношинохта боқӣ мондааст. Аз ин сабаб, зарурати омӯзиш ва таҳлили ин масъала тақозои замон аст.

Ба ин маъно, ки моҳият ва арзиши таъсиргузории воқеии он дар ҷомеа ҷойгоҳ пайдо кунад, манфиатҳои идеологии фарҳаги мо аз идеолгияҳои муҳоҷим ва мардумхор фарқият дошта бошад ва ҳамчун иммунитети маънавии мо дар баробари дигар идеологияҳо муқовимат ва мубориза бурда тавонад.

Баҳси мо аз вожаи идеология шурӯъ мешавад, ки ба гуфтаи баъзе аз муҳаққиқон дар забони тоҷикӣ – форсӣ мафҳуме, ки баёнгари ин луғат бошад, нест. Гарчанде баъзе аз муҳаққиқон онро мафкура мегӯянд, лекин он баёнкунандаи маҷмӯи идеяҳое, ки низоми қонунмандии тағйиру таҳаввули як ҷомеаро ифода созад, нест. Аз ин рӯ, беҳтар аст, ки мо онро, бо он тарзе ки дар забони асл мавҷуд аст, яъне ҳамчун идеология қабул созем. Ин луғат мисли дигар истилоҳоти калидии илмӣ реша ва таърихе дорад.

Идеология ба як таърифе, аз маҷмӯи идеяҳо дар маънои умумии воқеияти шинохти ҷаҳон ва хусусияту қонунмандии воқеияти иҷтимоӣ иборат буда, робитаи байни шинохти воқеият ва аломатҳое, ки онро баён мекунад, мебошад.

Шахсоне, ки бавуҷудоварандаи идеологияҳо мебошанд, идеолог ном гирифта, гоҳ ба маънои ҳазл ва беэътибор сохтан мебошад, яъне идеяҳои хушк ва дур аз воқеият. Ё мактабест, ки як ҳукумат ва ё як ҳизбро илҳом медиҳад, ё чунин ба назар мерасад, ки фикри назарие, ки тасаввур мекунад ба таври муҷаррад бар асоси додаҳои худаш сохта мешавад ва касе, ки ин фикри назариро месозад, нисбат ба омилҳои таъйинкунандаи фикри худ огоҳӣ надорад ва ё ҳадди ақал намедонад, ки чӣ воқеиятҳои иҷтимоие ҳастанд, ки таъйнкунандаи фикри ӯ мебошанд. Ин шакли бархӯрд ба гуфтаи баъзе аз муҳаққиқон бо идеологияи марксистӣ мансуб аст ва ин маъноҳо бештар дар луғатномаҳо меоянд, ки бозгӯкунандаи идеологияи марксистӣ мебошанд.

Дар таърифи идеология муҳаққиқон назарҳои гуногунро пешниҳод месозанд, ки дар байни онҳо таърифи ягона ва ҳамаҷиҳатаро ба даст овардан бисёр мушкил аст.

Макс Вебер идеология сухан ронда, таъкид мекунад, ки идеалҳое дар сатҳи ҷомеа ташаккул меёбанд ва “барои ба даст овардани идеал метавон ба таври дилхоҳ як ё чанд нуқтаи назарро, ончунон иғроқомез боло бурд, ки сабаб шавад чандин намудеро, ки ҷудо аз якдигар ҳастанд, ба ҳам рабт дод. Ин намудҳо ба таври оддӣ ба сурати пароканда аз ҳам қарор доранд ва теъдодашон кам ё зиёд аст, аммо дар ин кор набояд ин намудҳоро, ки бар ҳасби равиши дилхоҳ ба ҳам рабт додаем, чунон муназзам кунем, ки маҷмӯаи ҳамоҳанг ба даст оварем ”.

Ин дидгоҳ ҳамчун равиш барои шинохти таърифҳои муҳаққиқон аз идеология матраҳ мешавад, то назарҳои гуногунро мавриди шинохт қарор диҳем:

“Идеология як фаъолияте аст, ки онро огоҳона ва бовиҷдон анҷом медиҳанд. Аммо ин виҷдони козиб аст. Неруҳои баҳаракатдароварандае, ки он мутафаккирро ба фикр ва сохтани идеология водор мекунад, бояд ношинохта боқӣ монад, дар ғайри ин сурат ин як фароянди идеологӣ нахоҳад дошт. Ва ҳамчунин аст, ки инсон барои ин фаъолияти худ неруҳои муҳаррикаи ғайривоқеӣ

ва зоҳирро дар тасаввураш ба вуҷуд меоварад. Ва аз он ҷо ки ин фаъолият, фаъолиятест фикрӣ, соҳибаш онро, чи аз лиҳози шакл ва чи аз лиҳози муҳтаво сирфан аз таҷриди фикрӣ кор мегирад ва рушд медиҳад, яъне аз ин ки он фикр моли худи ӯ бошад ё аз они пешкисватону пешгузаштагони ӯ бошад, метавонад ин идеяҳоро тавҷеҳу тафсир кунад. Тасаввур мекунад, ки ӯ сирфан бо маводе сарукор дорад, ки аз фикр бархостаанд ва қодир нест, ки наздиктар ба мавзӯъ нигоҳ кунад, то дарк кунад, ки ин мавод дорои решаи амиқтаре ҳастанд, ки мустақил аз тафаккуротанд ва ин амр ба назари ӯ комилан возеҳ ва рӯшан менамояд, зеро тасаввур мекунад, ки ҳар амалеро, ки инсон аз тариқи тафаккур анҷом медиҳад, дар охирин таҳлил хостгоҳе ба ҷуз аз фикр надорад. (Номаи Энгелс ба Меҳринг дар таърихи 14 январи 1893 аз китоби К.Маркс ва Ф.Энгелс, “Мутолиоти фалсафӣ”).

Ин дидгоҳ идеологияро ба он мазмун матраҳ месозад, ки он ҳамеша як чизи фаҳмо бояд набошад, то инсон дар фаҳмиши он кушиш ба харҷ диҳад, гарчанде аз асли он огоҳ мешавад ё не.

Дар идомаи ин матлаб К. Маркс мегӯяд: “Таърихи табиат ва он чи ки ба исми улуми табиӣ меноманд, дар ин ҷо манзури назари мо нест, балки мо бо ҳастии таърихи инсонҳо бипардозем(яъне ба идеология). Зеро идеология тақрибан ба таври комил табдили як дарки ғалат аз ин таърих аст ва ё таҷриде аст комил аз ин таърих” (К.Маркс. Осори фалсафӣ. Ҷ.6).

Яъне, бештар идеология таърихи муваффақиятҳо ва нокомиҳои инсоният ҳаст, ки онҳоро наслҳои баъдина барои пешбурди манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ истифода мекунанд ва ҳувиятҳо месозанд. Дар таърифи дигар омадааст: “Як идеология як системае (ки дорои мантиқи хоси худ аст) тасвир ва тасаввур аст. Тасвирҳо, устураҳо, идеяҳо ва мафҳумҳое, ки дорои зиндагӣ ва нақши хосе дар дохили як ҷомеаи муайян аст, идеология ба унвони як системаи тасвиру тасаввур, аз тасвиру тасаввурҳо истифода мекунад ва бо илм ин тафовутро дорад, ки дар идеология тасвир ва тасаввурҳо нақши амали иҷтимоӣ дошта ва аз нақши назариявӣ (шинохтӣ) бартарӣ дорад”. (Алтусер. Маркс назарияпардози бузурги ҳизби коммунист. –С. 16). Ин таъриф бештар фаҳмо буда, ҷойгоҳи улуми иҷтимоиро дар сохтан ва офаридани рафтори инсонҳо ва тағйирпазиру таъсиргузор будани онҳо муайян месозад.

Аз нигоҳи дигар, и**деология б**а гуфтаи Раймон, як системаи куллӣ аз таъбир ва тафсир аз ҷаҳони таърихӣ ва сиёсӣ аст. Идеология баёни рӯшанфикронаи вазъияти хосе аз манофеъ аст, ки аз лиҳози таърихӣ комилан таъйиншуда ҳастанд... ва инчунин як фикри саршор аз отифа аст, ки ҳар як аз ин ду унсур (отифа ва фикр) якдигарро фосид мекунад.

Дар сарчашмаи дигаре, ки нисбат ба идеология назари танқидӣ дорад, мегӯяд: “Идеология иборат аз маҷмӯаи буғранҷе (complexe) аз идеяҳо, тасвирҳо

ва тасаввуроте аст, ки ба назари соҳиби он тағйири ҷаҳон ва мавқеияти хоси худи ӯ дар ин ҷаҳон аст ва барои шахси ӯ ин таъбир чизе ҷуз ҳақиқати мутлақ нест. Аммо, дарвоқеъ, ин маҷмӯа чизе ҷуз як таҳлили тавҷеҳкунандаи мавқеияти фарзӣ намебошад. Соҳиби идеология дар дохили ин системаи идеологӣ мавқеияти воқеии худро махфӣ нигоҳ медорад ва медуздад ва ин корро ба шакле анҷом медиҳад, ки манофеъ ва имтиёзи лаҳзаинаи (онии) худро таъмин кунад”.[1]

Франсуа Шатлет зикр мекунад, ки: “идеология табдилкунандаи одамӣ аст ба як шайъ(чиз)”. Идеология гурӯҳҳои худиро ба ҳадди аълои арзиш мерасонад ва гурӯҳҳои ғайрихудиро беарҷ ҷилва медиҳад.

Муҳаққиқи дигаре -- Голдман байни ҷаҳонбинӣ ва идеология тафовут қоил шуда, мегӯяд, ки ҷаҳонбинӣ дар ҷаҳорчӯбаи таърихӣ, яъне биниши том ва куллӣ аст, дар ҳоле, ки идеология биниши ҷузъист. Бо вуҷуди ин, Голдман ҷаҳонбинии куллиро ҳамчун идеология барои табақаи дар ҳоли пешрафт қабул мекунад. Бинобар ин идеология қудрати тафаккури диалектикӣ надорад.

Дар таърифи дигар Макс Вебер мегӯяд, ки: “ идеология як системае аз идеяҳо аст, ки аз назари ҷомеашиносӣ ба як гурӯҳи муайян (иқтисодӣ, сиёсӣ, қавмӣ ё ҳар гурӯҳи дигаре) тааллуқ дорад, ки бидуни дар назар гирифтани равобити мутақобили як гурӯҳ бо гурӯҳҳои дигар сарфи назар карда, ба таври огоҳона манофеи хоси гурӯҳи худро баён мекунад, ки ин баёни ғайривоқеӣ аст ва дар муқобили тағйирот муқовимат нишон медиҳад ва худро аз тобеиятҳо ҷудо мекунад. Бинобар ин идеология иборат аз шаффоф шудани назарияи виҷдони козиб мебошад. Идеология натиҷаи як худмарказии тангназаронае аст.”

Хулоса, таърихе, ки мафҳуми идеология тай кардааст, онро метавон ба се давра тақсим кард:

1) Давраи бисёр созандаи идеологҳо, ки имкони расидан ба ҳақиқати мутлақ дар метафизикаро бекор карданд ва ба шинохти инсон пардохтанд. Ин давроне аст, ки дар он террори иқилоби Фаронса поён ёфтааст ва марҳилаи созандагии он, махсусан дар заминаҳои созмондиҳии ҷомеа ва ба кор гирифтани дониши ҷомеашиносӣ анҷом шудааст. Дар ин давра мактабҳо, институтҳо ва дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ ташаккул ёфта, қасдашон он буд, ки ахлоқ ва сиёсатро ба мардум ёд диҳанд. Онҳо бештар ба забоншиносӣ ва дастуроти забонӣ аҳамият медоданд ва ҷараёни романтизм дар ҷомеа таъсиргузор буд. Намояндаи он Антони Дестун Дотрасӣ мебошад.

2) Марҳилаи дуюм аз вақте шурӯъ мешавад, ки Маркс масъалаи арзиши маърифатро аз назари ҷомеашиносӣ матраҳ мекунад ва онро зери танқид қарор медиҳад. Аз назари ӯ, ду фикри асосие аст, ки таъйинкунандаи идеология аст: 1) таъйинкунандаи фикри одамӣ ва 2) мавқеияти иҷтимоии ӯ. Фикр инъикосе аз

---

[1] Ҳусайн Малик. Идеология ва фарҳанг. –С. 17 --http.www.kavehroom.com/

табиати хориҷии ӯст ва мавқеияти моддии одамӣ аст, ки фикрашро ба Ӯ талқин мекунад ва ин то вақте аст, ки фикри худро аз таассуботи моддӣ озод накардааст ва танҳо фикр метавонад чунин кунад, ки ба томият бирасад ва дар натиҷа ҳар фикре, ки аз мавқеияти хос ва на том сарчашма мегирад, баёни идеология аст. Чун табақоти иҷтимоӣ ҳеҷ як том нестанд, балки ҷузъе аз томияти ҷомеаанд. Дар натиҷа, биниши табақотӣ бинише аст идеологӣ. Чун табақаи пролетариат (қишри коргару деҳқон) рисолат дорад, ки ҷомеаи табақотиро дар томияти худ аз миён бардорад ва ҷомеаи томи бетабақаро ҷонишини он кунад ва чун табақаи коргар табақаи рушдёбанда аст, идеологияи ӯ аз ин қоидаи куллӣ истисно аст ва марксизм, ки дарвоқеъ, баёни идеологияи табақаи пролетариат аст, дигар идеология нест, балки биниши илмии ҷомеа аст.

3) Марҳилаи сеюм аз вақте шурӯъ мешавад, ки В.И. Ленин ҳушмандона бе по будани рисолате, ки Маркс ба таври дилхоҳ ва бидуни ҳеҷ далел (на ақлӣ ва на айнӣ) ба уҳдаи пролетарият гузошта буд, пай мебарад ва барои таҳқиқи пажӯҳиши худ, ки ба даст гирифтани қудрат дар сатҳи ҷаҳонӣ аст, ҳизби пешравро ҷонишини табақаи пролетариат ва таълимоти идеологиро ҷонишини виҷдони табақаи пролетариат мекунад, аз он пас идеология табдил ба муҳимтарин таҳаввулоти иҷтимоӣ ва сиёсӣ на фақат дар сатҳи як кишвар, балки дар сатҳи ҷаҳонӣ мегардад.

Ба гуфтаи муҳаққиқ Ҳусайн Малик, мо авохири ин давронро мегузаронем ва бояд гуфт, ки даврони ҷадиде дар оғоз аст, ки таҷрибаҳои Шӯравӣ ва дигар аҳзоби коммунистии ҷаҳон ҳамзамон бо худ омадани ҷомеаҳои зери султаи онҳо бозгашт ба ҳувиятҳои фарҳангии худ буда, тамоми ин бозиҳоро ба тамом хотима хоҳанд дод.

Аммо идеологияе, ки дар муқобили марксизм воистода муқобилият карда, онро дар Иттиҳоди Шуравӣ аз байн бурд либерализм ё демократияи либералӣ буд.

Либерализм низ иборат аст аз боз баргашт ба сохтори ғулому ғуломдор ва раису муздур, ки наметавонад манфиатҳои инсонро пушибонӣ кунад. Ҷойгузини идеологияҳо дар ҷаҳони муосир фарҳанг шудааст. Фарҳанг маҷмӯаи он дастовардҳои халлоқи инсонӣ аст, ки муҳити дохили рушду нумӯи афродро дар як ҷомеаи муайян фароҳам меоварад ва дар айни ҳол ба унвони қавитарин неруи ҳамбастагии ҷомеа дар баробари ҷомеаҳои дигар амал мекунад.

Идеология бошад, маҷмӯаи он дастовардҳои халлоқи инсонӣ аст, ки аз хусусиятҳои халлоқи инсонӣ истифода мекунад ва инчунин хусусиятҳои фарҳангӣ ва иҷтимоиро манзури назар қарор намедиҳад ва аз назари сиёсӣ пойгоҳи фикрӣ ва ҳамбастагии ҷаҳоншумулро ба манфиати гурӯҳҳои маҳдуд қарор медиҳад.

Ба ин тартиб байни фарҳанг ва идеология набарди оштинопазир вуҷуд дорад, ки ё ҳукумати ҷаҳонӣ ва муталақгаро тамоми ҳукуматҳои мавҷуди ҷаҳонро аз байн бурда ва ҷомеаҳои башариро дар як система якҷо мекунад

(таҳаққуқи рӯҳи Гегел ё мусалмон кардани тамоми башарият), ё ин ки бо яке шудани сарҳадоти сиёсӣ бо сарҳадоти фарҳангӣ ва ҷомеашиносӣ бо тамоми иддаоҳои қудратталабии қавмӣ ба ақвоми дигар хотима дода мешавад.

Дар таърихи фарҳанги мо, то ба ҳол идеологияе ба вуҷуд наомадааст, ки тавонад ҷабҳаи миллии моро инъикос кунад. Баррасии ин амр ва муқобила бо тамоми идеологияҳои зиддимиллӣ моро водор месозад, то нигоҳдорандаи касбу истеҳком ва истиқлоли миллати тоҷик ва тамоми форсизабононро андешем.

**Чаро идеологияҳо ба вуҷуд меоянд?**

Вақте як гурӯҳ мехоҳад созмонёфта шавад, иддае арзишҳоро нисбат ба дигар арзишҳои мавҷудаи ҷомеа бартар шуморида, ба унвони меҳвари аслии созмондиҳии худ арзишҳои зиндагиро дар манфиатҳои гурӯҳе маҳдуд мекунад ва он арзишҳоро бар асоси ниёзҳои худ созмон медиҳад. Фарз кунем, ки мазҳабе мехоҳад эҳсоси мазҳабии ҷомеаҳоро меҳвари созмондиҳии ҷомеа қарор диҳад ва манфиатҳои худро пиёда кунад ё марксизм иқтисодро меҳвари созмондиҳи ҷомеа қарор медиҳад ва тамоми пружаи сиёсии худро бо истифода аз даромадҳои иқтисодӣ амалӣ месозад. Бояд гуфт, ки тамоми идеологияҳо намунае, ки пешниҳод месозанд, қудрати низомиро низ ба унвони намунаи созмондиҳии кадрҳои худ мепазиранд(барои намуна, ҷиҳод меъёри асосии садоқати ҳар мусулмон ё ҷоннисорӣ дар низоми коммунистӣ).

Нуктаи дуюм ин аст, ки тамоми идеологияҳо, усулан ҷаҳоншумул ҳастанд ва аз ин ҷиҳат низ бо фарҳангҳо тафовути аслӣ ва таззоди оштинопазир доранд. Ба ин маъно, ки тавонистаанд як намунаи ягона барои созмондиҳии ҷомеа пешниҳод кунанд, ки пеш аз ҳама, боистӣ марзҳои қавмӣ ва фарҳангиро аз миён бардорад ва тамоми ҷавомеи башариро дар як воҳиди сиёсии ҷаҳонӣ сарҷамъ кунанд. Ва иддао доранд, ки тамоми масоили иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ, фикрӣ ва фаннии башариятро ҳал кардаанд ва тамоми ҷомеаҳои башарӣ бояд он мактабро ба унвони танҳо роҳи ҳалли масоили худ қабул кунанд. Ба ҳамин ҷиҳат мактаби идеологӣ, кучактарин арзише барои ихтилофи қавмӣ ва фарҳангӣ қоил намебошад ва меъёрҳоеро, ки сабаби фарқияти ақвом ва фарҳангҳо ҳастанд, ночиз, паст ва душмани инсоният нишон медиҳад. Аз ин рӯ, вобастагии афродро ба меъёрҳое, ки сабаби ин тафовутгузориҳо аст, бекор мекунанд ва бахусус, миллигароӣ ва вобастагӣ ба ватан ва фарҳанги қавмиро душман медонад.

Дар баробари идеология, дар консепсияҳои муосири сиёсӣ фарҳангҳоро ҷойгузини идеологияҳо қарор додаанд. Фарҳанг ва тамаддун дар забонҳои лотинӣ ва англисӣ ҳаммаъност, гарчанде дар забони тоҷикӣ - форсӣ маъноҳои ҷудогонаро ифода мекунанд. Воқеияти фарҳанг ин аст, ки ҳар қавму миллате дорои хусусияте аст, ки ҷаҳонбинии куллии он қавму миллат ва қолабҳои иҷтимоӣ ва моддӣ ифода кардааст, ки он ҷаҳонбинӣ дар қолабҳо ҷилва мекунад. Ғайр аз ин, ҳар қавму миллат дар тӯли таърихи худ бо ақвоми ҳамсоя ва бегона бархӯрдҳое дорад, ки ин

бархӯрдҳо сабаби захира шудани таҷрибаҳои зиёде барои он қавм аст. Ин таҷрибаҳо дар заминаи шинохти табиат ва ниҳодҳои иҷтимоӣ ташаккул ёфта, зарурат доранд, ки дар бархӯрд бо милали дигар, ҳам ҷаҳонбинӣ ва ҳам қолабҳоеро матраҳ созанд, ки ҷаҳонбиниро ташкил медиҳад, яъне ниҳодҳо, созмонҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, низомӣ, доройӣ, тарбиятӣ ва ғайра аз ин таҷрибаҳо истифода карда, барои нигоҳдошти худ ба истифода аз ин қолабҳо мубориза мебарад, лекин дар тамоми тӯли ин тағйироте, ки сарчашма аз зиндагии дохилӣ ва бархӯрд бо миллати дигар доштааст , ҳамеша ин таҷрибаҳоро истифода карда, ҳувияти худро бисозад, то дар ҷиҳати ҳувияти хоси худ рушду нумӯ кунад.

Фарҳанг иборат аз маҷмӯи донистаҳо ва таҷрибаҳое аст, ки ин қавмро аз ақвоми дигар ҷудо мекунад ва монеи дар ҳам шудан ва махлут шудани марзҳои қавмии ӯ бо ақвоми дигар мешавад. Ба ин маъно фарҳанг иборат аст аз маҷмӯи фаровардҳои фикрӣ, маънавӣ, ҳунарӣ, ё ки қавмро аз ақвоми дигар фарқ месозад ва ё дарвоқеъ, фарҳанг иборат аз марзҳое, ки ақвомро аз ҳам ҷудо нигоҳ медорад ва ба ин далел, аввалан, ҳарф ва сухан аз фарҳанги ҷаҳонӣ ҳарфест бемаъно, сониян, фарҳанг ба таври ниҳодӣ ва маърифати вуҷудӣ бо идеология дар таззод аст ва идеология ҳам ба таври умумӣ ва ҳам ба таври хос қодир ба таҳқиқи ҳадафҳои сиёсии худ нест, магар ин ки фарҳангро нобуд кунад. Ба ин далел, ба таври яқин метавон гуфт, ки идеология душмани фарҳанг ва душмани қавмият аст.

Бармегардем ба суоле, ки чаро наҳзати миллӣ ё ҷабҳаи миллӣ натавонист як идеология пешкаш кунад, чи дар Эрон ва чи дар Тоҷикистон ва чи дар Афғонистон аз асри 19 то ба имрӯз, агар мо асри миёнаро низ сарфи назар кунем?

Агар ба таври умум назар кунем, ду идеология дар Осиёи Миёна, Афғонистон, Эрон ва қисман Покистон дар ин асрҳо ҳукмрон буд: яке, Ислом ва дигаре, марксизм. Ин ду идеология ҳамон арзишҳои моддиву маънавиеро аз фарҳанги бумии ин кишварҳо қабул доштанд, ки бо манфиатҳои моддиву маънавии онҳо мувофиқат дошта бошанд.

Дар партави ин идеологияҳо, тамоми арзишҳои фарҳангии ин кишварҳо таҳриф шуда, манфиатҳои миллии мо, то ба имрӯз ба назар гирифта намешудаанд. Миллионҳо истиқлолталабон дар ин кишварҳо қодир набуданд, ки мактаби фикрии ҷолиберо дошта бошанд. Агар ба корҳои фикрӣ ва таҳқиқии бештари ин донишмандони ҳавзаи фарҳанги форсӣ таваҷҷуҳ кунем, тақрибан ва шояд бидуни истисно мавзӯи онҳо таҳқиқ ва тафаккур дар бораи гузаштаи фарҳангӣ аст ва фарҳанг маҷмӯае аст бисёр васеъ, ки қобили ҷамъоварӣ ва мувофиқати байни онҳо дар як навъ консепсия имкон надорад. Осори тамоми бузургони фалсафа ва ирфон ҷузъе аст аз ин фарҳанг ва бахши дигари он шинохти сохти шаҳрҳо, созмонҳои иҷтимоӣ, таҳаввулоти таърихӣ, реформаҳо, қиёмҳо ва чизҳои дигар аз ин фарҳанг аст. Фалсафае, ки омили қиёми Сарбадорон, Сурхҷомагон, Сафедҷомеагон шудааст, ҷузъе аз ин фарҳанг аст. Решаҳои ин фарҳангро бояд аз Занд ва Авесто ҷустуҷӯ намуд. Муборизаи доимии

фикрӣ ва фалсафӣ бо ҳуҷуми араб, фасли дигаре аз ин фарҳанг аст, ки аз Носири Хусрав то Суҳравардии Ишроқӣ, ки ҳадди омезиши фарҳангҳоро ба ҳадди аълои худ мерасонад, риштаи занҷирие ташкил медиҳад, ки ҳар як ба навбати худ ин фарҳангро ғино бахшиданд. Аммо аз тарафи идеологияҳои мардумхори вақт несту нобуд карда шуданд. Ин ҳама халлоқияти фикриро наметавон дар чанд саҳифаи қоғаз навишт ва монанди китоби шаръиёти марксистӣ ё исломӣ ба талаботи маънавии ҷавонон дод ва як намунаи содаи зеҳнӣ ва таҷридии, он чуноне ки аз он ба вуҷуд овардаанд, барои ҷавони бетаҷрибае, ки дар ҷустуҷӯи як асбоби бозии фикрӣ ҳастанд, иеологияи ҷолиб ва ҷаззоб сохт. Бо унсури як фарҳанг наметавон як идеология сохт. Зеро идология чизе ҷуз таҳрифи воқеият ва сода кардани масоил, ончуноне ки дар формулаҳои қолабии идеологии коммунистӣ ё исломӣ биғунҷад, нест. "Воқеияти зиндагии иҷтимоӣ – сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеаи мо таҳаввулоте, ки дар осори ҳаводиси дохилӣ ва хориҷӣ дида аст, нафақат чизе нест, ки дар қолабҳои хушки марксизм ё дигар идеологияҳо бигунҷад, балки тамоми назарияҳо ва фарзиёти ин идеологияро бекор мекунад".[2]

Наҳзати миллӣ ва ҷунбиши миллие, ки мехоҳад ояндаи миллатро бар асоси ин фарҳанг созмон диҳад, даргири идеологияҳое аст, ки пушти сари онҳо қарор дорад ва наметавонад аз ин гирифтории ҷаҳонхорон берун биёяд ва як идеологияи ҷолиберо созад. Наҳзатҳои миллии мо ва ҷунбиши миллие, ки ба ҳамбастагии фарҳангӣ байни тамоми форсизабонон такя кунад ва як намунаи ҷаҳонии ҷаҳоншумул дошта бошад ва дар натиҷа, барои ҷавонон назарияи ҷолиб пешниҳод кунад, мавҷуд нест ва наметавонад ва намехоҳад, ки як улгуи воҳиде барои ироаи тамоми ҷомеаҳои башарӣ ироа кунад. Ҳар касе, ки ҳувияти миллӣ дорад ва ба фарҳанги миллат ва қавми худ эҳтиром мегузорад, бинобар таърифи фарҳанг қодир нест ба худ ин рисолатро бидиҳад, ки барои тамоми миллатҳои рӯи замин дастуроти зиндагӣ содир кунад, зеро агар ин дуруст аст, ки мо истиқлоли худро барои ин мехоҳем, ки роҳу равиши зиндагии иҷтимоии худро бар асоси фарҳанг ва суннатҳои таърихии худ созмон диҳем, мусаллам аст, ки бояд ба тамоюли табии тамоми миллатҳо, ки онҳо низ мехоҳанд бар асоси фарҳанги худ роҳу риволи зиндагиашонро созмон диҳанд, эҳтиром бигузорем. Ва вобастагӣ бо чунин асле имкон ба вуҷуд овардани ҳар навъи улгуи воҳид ва ҷаҳоншумул ва ҳар навъ идеологияро бекор мекунад. Аммо чаро ин идеологияҳо ислом, коммунизм ва сармоядорӣ бо вуҷуди ин таҳрифот ҷавононро ба худ ҷалб мекунанд? Яъне омили асосии он кадом аст?

Ба гуфтаи муҳаққиқ Ҳусайн Малик, дар сохти ҷамъиятии ин кишварҳо ва аз ҳадди панҷоҳ дар сади кулли ҷомеа ба гузашта таваҷҷуҳ кардааст ва аз тарафи дигар, ҷавонон амалан фаъолтарин қишри сиёсии ин ҷомеаҳоро ташкил медиҳанд

[2] Ҳусайн Малик. Идеология ва фарҳанг. С 35. http.www.kavehroom.com/

ва бо қудрати муҳаррикони худ фазои сиёсиро бошиддат таҳти таъсир қарор медиҳанд.[3]

Агар низоми коммунизм барои султаи худ бар як ҷомеаи муайян қабл аз ҳар чиз, мустақиман аз аслиҳаи идеологӣ кор гирифтааст ва системаи сармоядорӣ барои баст ва тавсеаи султаи худ дар ҷаҳон ба моддитарин абзорҳо, яъне тиҷорат ва мустақар кардани маркази тиҷоратӣ ва иқтисодӣ даст меёзад. Бадеҳӣ аст, ки ба таври ғайримустақим аз абзорҳои идеологӣ низ барои тавсеаи худ, махсусан барои таҳкими худ баҳра мебаранд. Системаи сармоядорӣ ё дигар системаҳо метавонанд дар ҷомеа таъсиргузор бошанд, ки:

1) батадриҷ тамоми паҳлуҳои зиндагии иҷтимоии ҷомеаро таҳти таъсир қарор дода ва ба суръат таҳаввулоте эҷод ва унсурҳо ва аъзои онро дар худ ҳал кунанд.

2) ин раванди таҳаввулотро, ки ба дасти гурӯҳи манфиатхоҳ амалӣ мешавад, табиӣ шарҳ додаанд (марксизм ҷабри таърих) ва барои ҷомеа муфид донистанд, то ба рушду густариши ҷомеаҳо мусоидат кунад (дарвинизми иҷтимоиро сармоядорӣ қабул дорад).

**Ворид** шудани низоми сармоядорӣ ба дунёи сеюм ё кишварҳои сеюм сабаби бархӯрди арзишҳои ҷомеаи кишоварзӣ ё феодалӣ бо арзишҳои сармоядорӣ аст, ки омили печидагии ҷомеаҳо шудааст. Сармоядорӣ низ мехоҳад ҳамаи фарҳангҳоро таҳти низоми ягонаи худ қарор диҳад.

Умумият додани системаи хоси тарбиятии сармоядорӣ дар системаи таълимоти мадрасаҳо яке аз самтҳои ин низом ба ҳисоб меравад. Дар ин навъ мадрасаҳо тарбият муҳим нест, балки таълим муҳим аст. Тарбият иборат аз маҷмӯи асаротест, ки як ҷомеа рӯи навзодон ва навҷавонони худ мегузорад, то ин ки аз онҳо афродеро бор оварад, то ҷонишини афроди фавтшудаи он ҷомеа бошанд, бинобар ин яке аз ҷанбаҳои муҳими фарҳанги ҷомеа аст. Аммо сармоядорӣ кушиш мекунад, ҳарчи бештар онҳоро аз фарҳанги худ дуртар созад.

Омили дигари таъсиргузории сармоядорӣ дар кишварҳои сеюм дар системаи сиёсии ин кишварҳост. Сиёсати ин кишварҳо бештар дар муқобили манофеъ ва фарҳанги ҷомеаи худ қарор гирифтан аст. Махсусан, ҷавонони ин ҷомеаҳо дигар худро мутаалиқ ба он ҷомеа намедонанд ва аз фарҳанги худ бурида шуда, онро ғалат мешиносанд ва ормонҳои онҳо на ба таври табиӣ, балки ба таври маснуъӣ дар ҳавои сармоядорист. Ва ҷавонон ислоҳоту калимоти ғайрибумии худро фаҳмида ё нафаҳмида ба кор мегиранд. Ин лаҷомгусехтагӣ ба он оварда мерасонад, ки қутби мухолифи низоми сармоядорӣ хоҳанд гашт.

Тафовути системаи сармоядорӣ аз коммунистӣ дар он аст, ки агар коммунизм барои султаи худ, пеш аз ҳама, аз аслиҳаи идеологӣ истифода

---

[3] Ҳамон матн. С 35.

мекунад, низоми сармоядорӣ барои басту тавсеаи худ дар ҷаҳон ба моддитарин обзорҳо, яъне тиҷорат ва мустақар кардани марказҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ даст мезанад ва ба таври ғайримустақим аз обзорҳои идеологӣ низ барои тавсеаи худ ва махсусан, барои таҳкими худ баҳра мебарад.

Ҳар вақт системае мехоҳад дар ҷомеа нуфуз пайдо кунад: 1) Батадриҷ тамоми ҷанбаҳои зиндагии иҷтимоиро таҳти таъсири худ мегузорад ва басуръат дар он таҳаввулот эҷод мекунад, ки битавонад унсурҳо ва афроди он ҷомеаро табдил карда ва ба унвони моддаи хом дар худ ҳал кунад. 2. Дар раванди ин таҳаввулот сохту созмони иҷтимоӣ ва фарҳангии он ҷомеаро аз масири оддии таҳаввулоти худ дур карда, ба манфиати худ истифода мекунад.

**Ҷавонон осонҷӯянд**

Рушди ақлонӣ – мантиқӣ ва дониши одамӣ дар ҳудуди синни 20 ба камоли авҷи худ мерасад ва аз ин ҷост, ки ҷавонон пуршӯранд ва хостори фаҳмидан ҳастанд. Ин фаҳмиш дар заминаи мантиқӣ ташаккул меёбад, ки ҳар фаҳмиши ғайримантиқӣ ва ғайривоқеиро бо шакку шубҳа рад мекунанд. Аммо ин маънои онро надорад, ки таҷрибаҳои зиёд доранд, балки бояд таҷриба касб кунанд. Яъне мисли қолабеанд, ки дар он гаҷ, хок, тилло, сурб ё чизи дигаре резед, ҳамон тавр мухтаво касб мекунанд.

Фарҳанг гуногуннавътарин ва ғанитарин маърифат ҳаст, ки боиси заминаҳои бисёр васее аз зиндагии иҷтимоӣ ва таърихиро дар худ фаро мегирад ва бо таҷрибаҳои зиёде парварида мешавад ва чунин аст, ки уламои қавм ва хирадмандон танҳо аз синни 40 ба боло метавонанд дар ин унвон ва мақом қарор гиранд.

Аммо дар ҷомеаи сармоядорӣ бештари ҷавонон мисли атом озод буда, таҳти таъсири ҷомеа қарор намегиранд ва бештари урфу одатҳои худро сарфи назар мекунанд. Неруи дофеъа (такондиҳанд) ва ҷозиба, ки дар қонунмандии физика мавҷуд аст, дар ҷомеа низ ба кор гирифта мешавад. Дар ҷомеаҳои дастнишондод, иддае аз ҷавонон ба дастгоҳи сиёсии онҳо ҷазб шуда, шуғл ва мақом пайдо мекунанд ва аз фарҳанги бумии худ бурида мешаванд.

**Се идеология дар муқобили як фарҳанг**

**Ваҷҳҳо (паҳлуҳо)-и муштараки се идеология**

Ин се идеология инҳоянд:

1. Идеологияи либарилизм дар худмати бузургтарин қудрати сармоядории ҷаҳон, яъне Америка аст.

2. Идеологияи коммунистӣ, ки дар хидмати Шӯравӣ буд ва аз байн рафт, лекин Русия боз мехоҳад ин султаро ба тарзи дигар барқарор кунад.

3. Идеологияи ислом дар хидмати империализми заифшудаи Англис .

**Хусусиятҳои идеологияҳо**

а) пушти сари ҳар идеология як пуружаи сиёсӣ нуҳуфтааст, аммо вобаста ба мавқеиятҳои ҷуғрофӣ ва таърихӣ шаклан фарқият дорад. Ҳар касе мехоҳад таҳти

таъсири ҳар идеология қарор гирад, бояд аз худ суол кунад, ки он пружаи сиёсие, ки мехоҳад аз ин идеология баҳра гирад, кадом аст, пас дар он вақт метавонад ҳадафи худро муайян кунад;
б) ҳар идеология ҳадафи асосии худро, ки иҷрои пружаи сиёсии муҳоҷим аст (ҳуҷумкунанда), пушти сари як таваҷеҳи баҳақбарории фалсафӣ махфӣ мекунад;
в) идеологияҳо таҳаққуқ ёфтани пружаи сиёсии худро ба таври мутлақ қабул доранд ва онро ногузир медонанд. Масалан, дар ислом тақдир ва дар коммунизм ҷабри таърих;
г) ҳар идеология худро танҳо роҳи наҷоти башарият медонад ва тамоми идеологияҳои дигарро бекор ё рад мекунад. Масалан, ҳар касе дар бораи ислом сухани зидде гӯяд, онро мулҳид , кофир, мунофиқ, аҳмақ, бешуур, кӯр ва ғайраҳо медонад ва онҳоро маҳкум ба оташи ҷаҳанам мекунад. Ва ё зидди марксизм касе дигарандешӣ мекунад, ба бевиҷдон, буржуаз, истисморгар маҳкум мешавад;
ғ) тамоми идеологияҳо душмани оштинопазири фарҳанг ва миллат ҳастанд. Онҳо хоҳони ҷаҳонватанӣ буда, тамоми арзишҳои миллиро сарфи назар мекунанд:
д) идеологияҳо авомфиребанд ва ба ду асл дар созмондиҳии худ такя мекунанд, яке, баробарии табиӣ ва сулҳҷӯӣ ва дигаре, барандохтани ҷанг. Ин ду ормони инсон буда, дар назди тамоми башарият арзишманд мебошанд.

Баробарӣ дар ду мафҳум аст:

1) хилқати инсонӣ ва ҳуқуқи бархӯрдорӣ аз имконияти зиндагии баробар;

2) ё ҳамаи одамиёнеро, ки дар ҳар навъи шароите қарор доранд водор мекунанд, ки дорои вазъи баробар ва мушобеҳе бошанд, (Ҳусайн Малик. Идеология ва фарҳанг. - С.52).

Дар ислом ҳуқуқи баробар касе дорад, ки мусулмон бошад ва агар мунофиқ ё кофир ва мардуд (радшуда) бошад, воҷибулқатл мешавад. Баробарӣ танҳо дар доираи нафарест, ки абдуллоҳ (бандаи худ) бошад ва дар дохили ин низом фаъолият кунад.

Ҷомеаи коммунистӣ ҷомеае аст, ки дар он ҳар фарде таҳти назорат ва контроли шадиди тамоми афроди гурӯҳ (коммуна) қарор мегирад ва дар натиҷа ҳақ надорад, на дар лаёқат ва на дар фаъолияте беш аз ҳадди мутавассит, ки ин коммуна таъйн мекунад, нишон диҳад ё як ҷомеаи созмонёфта бар асоси намунаи низомӣ ва бо хушунати ғайриинсонӣ гирифтор мешавад ва ғайриқобили васф аст, ки дар он силсила маротиби бисёр шадидтар аз ҳар навъ ҷомеаи дигар рушд ва нумӯ мекунад.

Дар системаи сармоядорӣ ва либералӣ аз ин ишораи бародарӣ ва баробарӣ истифода шуда, иқтисод поя ва асоси кор буда, рақобати иқтисодӣ ва баробарии ҳуқуқ ҳамчун шиор озод аст.

Сулҳталабӣ даъвии дигари идеологияҳо мебошад, то тамоми ҷаҳонро ба сулҳ оваранд. Ҷанги байни гурӯҳҳо, ақвом ва милал, яке аз додаҳои доимии

зиндагии ҷомеаҳои башарӣ аст. Ба ҳамон мизон сулҳ низ яке аз хостаҳои доимии тамоми инсондӯстон ва махсусан, табақаҳои заиф будааст.

Бештари ин идеологияҳо хостори он ҳастанд, ки агар тамоми ҷомеаҳои башарӣ таҳти султаи як қудрати ҷаҳонии воҳид қарор гиранд, худ ба худ масъалаи ҷанг, лоақал аз лиҳоз назарӣ ҳалшуда ба назар мерасад.

Масалан, барои идеологияи ислом вақте сулҳи ҷаҳонӣ барқарор хоҳад шуд, ки тамоми башарият табдил ба уммати исломӣ шаванд ва императорияи ислом сартосарии ҷаҳонро бипӯшонад ва мунофиқинро тамоман аз байн барад. Инчунин барои коммунистон вақте сулҳи ҷаҳонӣ барқарор хоҳад шуд, ки тамоми ҷомеаҳои башар коммунизмро бипазиранд ва мухолифини коммунизмро, ки ҷангталаб ҳастанд, аз байн баранд.

**Тамоми идеологияҳо ғайриахлоқӣ ва зиддиахлоқӣ ҳастанд**

Ахлоқ як асли муҳим дорад, ки ҳар инсон мақоми шоиста дошта, аз тарафи нафари ҳамҷинси худ мавриди таҷовуз ва хушунат қарор нагирад. Хеҷ инсоне инсони дигареро ба унвони мавҷуди пастар аз худ тасаввур накунад ва ба унвони моддаи хоме барои иҷрои нақшаҳояш нанигарад, балки ҳар инсони дигареро аз лиҳози арзиши куллӣ бо худ баробар гирад ва тамоми ҳуқуқеро, ки барои худ қоил аст, барои ӯ низ қоил бошад, гарчанде ки бидонад аз лиҳоз истеъдодҳое аз ӯ заифтар аст.

Масалан, як нафар мусулмон ба дигарон, на ба унвони инсон, балки ба унвони абдуллоҳ (банда ва ғуломи Худо) менигарад, барои ӯ агар инсон арзише дорад, танҳо ба ин далел аст, ки ӯ низ монанди худи ӯ ба аҳкоми илоҳӣ гардан мениҳад ва агар ғайр аз ин кунад, муфсиди фил-арз (фошкунандаи Замин) аст ва қатли ӯ воҷиб мебошад, ҳар арзиши дигаре, ки мехоҳад дошта бошад, бояд аз дастуроти ҳизб итоат кунад, дар ғайри ин сурат ӯ хоин аст, ки сазовори ҳар гуна лаънату нафрин ва заҷру шиканҷа аст.

Идеология ба имони кӯр такя мекунад. Ваҷҳи муштараки байни идеологияҳо ин аст, ки усулан, ҳамаи онҳо бар пояи имонҳо ниҳодина шудаанд, на бар асоси дарки ақлонӣ. Имон, яъне бовар доштан ба сиҳатии як риштаи аҳком бидуни ин ки шахс дар чигунагии ба даст омадани ин аҳком ба худ шак ва тардиде роҳ диҳад. Бояд ҳеҷ пайраве бар ин аҳком шакке надошта бошад. Агар не, пас пояҳои ин низом аз ҳам мерезад.

Коммунизм, ки идеологияи худро дар пояи илм мехост устувор созад, аммо илмро на ба хотири тағйири сохторӣ ва рушду густариш, балки барои исботи асосҳои идеологии худ сӯистифода мекард, мисли аҳли калом дар ислом, ки аз дастгоҳи мантиқии фалсафаи юнонӣ барои исботи усулҳои дини ислом сӯистифода мекарданд.

**Хислати идеологияҳо:**

1) Худро ҳамчун фарҳанг муаррифӣ мекунанд.

2) Унсурҳои фарҳангиро тарзе матраҳ месозад, ки пружаи сиёсии он дар паси он пинҳон аст.

Дар тамоми фарҳангҳо ин чор усули ҷаҳонбинӣ мавҷуд аст:

1.Ҷаҳон аз куҷо ва чи гуна омадааст? - Кайҳоншиносӣ

2.Ҷомеа чи гуна ба вуҷуд омадааст? – Ҷомеашиносие, ки дар ҷомеаҳои аввалия ба сурати устура ҷилва мекунад.

3. Инсон кист?

4) Рафтори инсон дар ҷомеа чи гуна бошад?

Ҳар фарҳанг ва идеология ба ин суолҳо ба тарзи худ ҷавоб мегӯяд, ки ду ваҷҳ дорад: яке ин ки донистаниҳо дар асоси воқеиятҳои айнӣ ва дигаре ба сурати номуайян ва мубҳам бо фарзиёте дар бораи надонистаҳо таркиб мешаванд, мисли мазҳаб, ҷодугарӣ.

Донистаҳо бошад, бар асоси воқеияти айнӣ бо пешрафти замон афзоиш меёбанд ва ҳолати пӯёӣ ба худ мегирад. Аммо ҷанбаи динӣ – мазҳабӣ – идеологӣ ҷанбаи сарбаста ва норӯшан боқӣ мемонад.

Тамоми ин дастгоҳи пӯё ва боланда бар асоси воқеиятҳои айнии вуҷуди ҷомеа ва шароити айнии зиндагии он, ки дар бархӯрд бо ҷомеаҳои дигар вобастагии бевосита дорад, такя мекунад. Идеологияҳо бошад, пружаи сиёсии худро ҳадафи асосӣ қарор дода, дигар омилҳои тағйирпазирии ҷомеаро нодида мегирад, ки оқибат сабаби аз байн рафтани худашон хоҳад гашт.

Агар фарҳанг дар созмон додани аносири истидлолии худ дар ҳар як масоили матрахшуда дар ҷустуҷӯи беҳтарин тавзеҳ ва шинохти воқеияти зиндагии иҷтимоӣ буда, ҷанбаҳои гуногун ва фарққунандаи он аст ва мехоҳад таркиби омилҳоро ба беҳтарин ваҷҳ чунон муназзам кунад, ки ҳувияти хоси ҷомеаро маҳфуз дорад ва муқовимату томияти онро низ таъмин кунад.

Идеология бошад ин таркибро чунон ба вуҷуд меоварад, ки неруи иҷтимоии лозимро аз ин маҷмӯаи том ҷудо карда, онро дар хидмати ҳадафи сиёсии худ ба кор мегирад. Масалан, идеологияи коммунистӣ, чун мехоҳад марзҳои қавмӣ ва фарҳангиро нобуд кунад, мафҳуми пролетариат (коргару деҳқон) – ро ба вуҷуд овард. Ислом низ мехоҳад арзишҳои фарҳангиро аз байн барад, мафҳуми уммати исломӣ ё мусулмонро сохт ва дар низоми либералӣ, демократӣ, сотсиалистӣ – натсионалистӣ кадрҳои худро олим ё уламо ном карда, танҳо ба онҳо марҷаият медиҳад. Рафтори инсонҳоро низ дар асоси ин идеологияҳо ба танзим оварда, дар доираи ин рафтор муҷозоти сангин ба онҳо таъйин мекунад.

**Бояд ва набоядҳо дар фарҳанг ва идеология**

Бояд ва набоядҳо ҳангоме шурӯъ мешавад, ки рафтори озоди одамӣ дар табиат ба рафтори озоди одамиёни дигар бархурд мекунад. Яъне додани ҳаққи баробар ба ҳамаи одамиён дар истифода аз ҳадди аксари фазои озодӣ ба он чизе таъйин ва таъриф мешавад, ки мо онро танҳо асли ахлоқ меномем. Ҳеҷ кас ҳақ надорад ба инсони дигаре таҷовуз кунад. Барои татбиқи амалии ин асосҳо се қоидаи куллӣ мавҷуд аст:

1) одам накуш

2) дурӯғ нагӯ

3) ба ҳуқуқе, ки иҷтимоъ барои ҳама қоил шудааст, таҷовуз накун.

Аслан, аввали ба ҳаёти биологӣ, дуюмӣ ба ҳаққи хоси одамӣ дар заминаи огоҳӣ ва тафаккур аст ва сеюмӣ, тобеъи шароити хоси иҷтимоиёти башарист. Афроди ҷомеа қоидаҳои иҷтимоӣ - ахлоқиро чун табиати дуюм фаро мегиранд ва агар зиддият ва ихтилофе сурат гирад, ҷомеа бидуни он, ки узви худро чун душман нишон диҳад, ӯро ба роҳи рост бозмегардонад.

Боястиҳо ва набоястиҳо дар фарҳанг, танҳо бар асоси риояти усули ахлоқӣ таъйин мешавад, далел ва ҳадафе ҷуз таъолии инсон ва афзоиши майдони озодӣ ва тақвияти рӯҳи озодагӣ надорад. Аммо дар ҷомеаҳои идеологӣ қоидаҳои рафторӣ, на бар ин меъёрҳо, балки ба меъёрҳои баръакси он такя мекунанд ва боядҳову набоядҳо чунон таъйин мешаванд, ки аз афрод на инсони мутаъолии озод ва озода, балки сарбозоне дар хидмати ҳадафи сиёсӣ ба бор меоваранд ва ҷавонони идеологизадаро чунон ба ин бовар овардаанд, ки ба ҳеҷ ваҷҳ ҳозир нестанд тахайюлоти зебоишиносии худро, ки нисбат ба он чи дар ин кишварҳо мегузарад, шиносанд ва ҳақиқатҳои бисёр зиёдеро сарфи назар мекунанд.

Хулоса, идеологияҳо аз сохти фарҳангҳо тақлид мекунанд. Агар ҳадафи фарҳанг бар суботу рушди ҷомеа нигаронида бошад, идеологияҳо дунболи ҳадафи сиёсии тағйирот ва таҳаввулоти хосе дар ҷомеаҳо мекунанд.

Агар фарҳанг бар асоси озодии фикр ва андеша бунёд шавад ва такя ба шак ва тардиди имконияти лозимро барои рушди фикр ва халлоқияти фалсафӣ ба вуҷуд оварад, идеология бо такя бар имон ва яқин шакро мекушад ва бар фикру андеша занҷир мезанад.

Агар фарҳанг  усули ахлоқро меъёри рафторҳои иҷтимоии инсон қарор медиҳад  ва аз ин тариқ озодагиро дар бистари зиндагии иҷтимоӣ рушд медиҳад, идеология қоидаҳои рафтории инсониро бар асоси ниёзҳои сиёсӣ танзим мекунад ва бар асоси ин асл ҳадаф ва василаро тавзеҳ мекунад ва анвои дурӯғу фиребро дар хидмати қаҳру қудрат қарор медиҳад.

**Ҷавонон ва идеология**

Имрӯз дар ҷаҳон идеологияҳое мавҷуданд, ки дар паси ин идеологияҳо пружаи сиёсии қудратҳои бузурги ҷаҳонӣ истодаанд. Ин идеологияҳо дастгоҳҳои фикрие дуруст кардаанд, ки на бар асоси як фикри ҳандасӣ ва мантиқӣ сохта шудаанд, то ба зеҳнҳои холӣ ва омодаи ҷавонон хӯроки тез ва осонҳазм тайёр кунанд ва ташнагии онҳонро барои фаҳмидан рафъ кунанд, балки маҷмӯае аз шиорҳову овезаҳое омода кардаанд, ки манфиатҳои онҳо пинҳон аст. Ҷавоне, ки бо зеҳни холӣ ба ин навъ навиштаҳои шиоргуна ё гуфтаҳои ҳаросафканона бархӯрд мекунад ва якбора тасаввур мекунад, ки аз тамоми буғранҷҳои (уқдаҳои) ҷомеаҳои башарӣ ин идеологияҳо ӯро наҷот медиҳад ва хушбахтиро ба даст меовардааст. Ин мисли кӯдаке аст, ки арӯсаке ё бозичаеро дар даст  дорад ва онро

ба касе намедиҳад, ин арӯсакҳои фикрӣ идеологияҳо мебошанд, ки дигар ҳозир нестанд роҳи дуру дарози дониши имрӯзаро, ки танҳо роҳи расидан ба дарки масоили иҷтимоӣ аст, тай кунанд. Аз он ки ин идеологияҳо ғаризаҳои онҳоро бар аъмоли қаҳр ва энергияи ҷавонӣ тавзеҳ мекунанд ва қаҳрамонбозии онҳоро сероб менамоянд, дигар ҳозир нестанд ҳеҷ ҳарфу суханеро бар хилофи ёдгирифтаҳояшон гӯш кунанд ва аз ҳамин ҷост, ки ба тарафи он пружаҳои сиёсӣ меафтанд, ки доми таблиғоти худро дар сар то сари ҷаҳон, ки барои шикори онҳо аст, паҳн кардаанд.

Ин идеологияҳо талоши худро ба кор мебаранд, то наҳзатҳои миллиро шикаст диҳанд. Ин ҷавонони мисли атомҳои саргардонро дар зери султаи идеологияҳои либералӣ (озодихоҳӣ)- сармоядорӣ, исломӣ нигоҳ дошта, онҳоро бо унсурҳои фарҳангӣ - идеологии худ аз манфиатҳои миллиашон дур месозанд.

Аз ин сабаб бояд талош, сабр ва тадбири сиёсӣ ба кор барем ва ҷунбиши миллиро дар ин марҳилаи ҳассос қувват диҳем, то аввалан, аз ин роҳ ҷазабаи ҳақиқии муборизоти сиёсиро дар маркази воқеиятҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии тоҷикон падид оварем, то тавассути он қисмате аз ҷавонони мо наҷот ёбанд, сониян, муҳитеро фароҳам оварем, ки дар он мантиқ, ақл, хирад ва андеша ҷонишини шиорҳои дурӯғини идеологияҳо бошад.

Дар муқобили идеологияҳои бегона, як идеологияи ҷадид ва худӣ бояд пешниҳод шавад. Ҳеҷ наҳзати миллӣ ва истиқлолталабона наметавонад ҷунбиши миллии он қавмро аввалан, аз сурати мардумӣ берун ва ба як дастгоҳи террористии байналмилалӣ табдил диҳад ва баъдан, омили аз байн рафтани як қавм ва миллат гардад.

**Фарҳанг дар муқобили идеология**

Фарҳанг маҷмӯаи таҷрибаҳои фикрии як ҷомеа аст, ки дар тайи зиндагии иҷтимоӣ дар сохту созмони ҷомеа ташаккул ёфтааст ва дар айни ҳол ба он сохту созмон шакл медиҳад ва ба ин ҷиҳат марзҳои иҷтимоии он ҷомеаро бо ҷомеаи дигар маълум мекунад ва ҳамзамон дар зимни бархӯрдҳои дохилӣ ва берунӣ таҷриба ҳосил карда, як наслро ба насли дигар дар асоси ин таҷрибаҳо ба ҳам пайваст мекунад.

**Хусусиятҳои фарҳанг дар муқобили идеология.** Агар дар паси ҳар идеология як пружаи сиёсии муҳоҷим (ҷангҷӯ) нуҳуфта аст, фарҳанг бошад, абзор ва кафиле аст дар хидмати ҳадафҳои ҳар ҷомеа, ки барои давомбахшӣ ва рушду густариши он ҷомеа мусоидат мекунад.

Фарҳанг барои нигоҳдошти худ бо даҳҳо пружаҳои сиёсии муҳоҷим, ки аз берун ва дохил бар ӯ таҳмил мешаванд, мубориза ва муқобила мекунад. Яъне фарҳанг захираи поённопазирест, ки дар марҳилаҳои таърихӣ барои муборизони роҳи истиқлол ва озодӣ ҳамчун ғизои маънавӣ хидмат мекунад.

Фарҳанг барои тавзеҳи худ ба як фалсафа паноҳ намебарад, балки фарҳанг худ зояндаи ҳамаи арзишҳо буда, аз ҷумла фалсафа низ мебошад. Танҳо як

фалсафа нест, ки тавзеҳкунанда (шарҳдиҳанда)- и як фарҳанг аст, балки тамоми фалсафаҳое, ки ҷомеа дар худ мепарварад, ба ин фарҳанг тааллуқ дорад. Фарҳанг, ҳамзамон омили андешидан ва фалсафидан аст, яъне шак кардан ва ба баҳс кашидани ҳар гуна ақида мебошад.

Агар идеология ба як фалсафа такя кунад, фарҳанг бошад, воқеияти зеҳние аст, ки сарчашма аз огоҳии мо ба зиндагии таърихии як ҷомеа ва тамоми паҳлуҳои онро дар бар мегирад ва ваҳдати фикриест, ки ҷаҳонбинии онро аз ибтидо то ба ҳамаи марҳилаҳои тағйирёфтаи он дар мубоpизаҳо ва шикастҳо фаро мегирад.

Ҳадаф аз омӯзиши ин ҳама муваффақиятҳову нокомиҳои фарҳанг дар он аст, ки мо барои ҷалби неруҳои иҷтимоӣ фактҳоеро собит кунем, ки мардумро ба ҳамкорӣ дар муборизоти миллӣ бихонем, то динамизми табиии ҷомеаро ба вуҷуд оварем.

Муқовимати зиндагии фарҳанги як қавм ва миллат чизе нест, ки бихоҳем онро бо истидлол ва мантиқ собит кунем. Ӯ неруи худро аз имконоти дохилии худ пайдо мекунад. Агар ҳар идеология худро ба унвони танҳо роҳи наҷоти башарият муаррифӣ кунад ва тамоми идеологияҳои дигарро бекор кунад, ҳеҷ фарҳанге чунин биниши мутлақро надорад ва худро ба ҳеҷ ваҷҳ воқеияти зиндагии башарӣ нишон намедиҳад. Наҳзатҳои миллӣ, ки дар заминаи фарҳанги бумӣ шакл мегирад, ҳар гуна идеологияҳои муҳоҷим ва маҳдудро, ки аз тарафи мустаъмирин матраҳ мешавад, саркӯб ва нобуд месозад.

Идеология мисли занҷирест, ки ба дасту пойи фарҳанги худӣ ва ғайрихудӣ баста мешавад ва озодиҳои дигар миллатҳоро маҳдуд мекунад. Ҳар идеология як китобе дорад, ки тамоми дигар китобҳоро мунсух ва бекор карда месузонад. Ин китобест, ки мехоҳад ҷойи илм ва донишу маърифати тамоми башариятро дар тамоми давраҳо бигирад. Аммо ҳар як фарҳанг, нафақат як китоб надорад, балки ҳар як донишманди он чашмаи зояндае аст, ки аз он тавлиди фалсафаҳо, китобҳо, китобхонаҳо, ҳунарҳо ва ормонҳои олии зиндагӣ ва озодӣ ҷорист ва ҷорӣ хоҳад буд.

Бештари идеологияҳо, бинобар таърифи онҳо, душмани ҳар навъ гуногунандешӣ ва гуногунфарҳангиянд ва мехоҳанд марзҳои миллӣ ва қавмиро барандозанд ва ба роҳе даъват мекунанд, ки наҷоти тамоми башарият ҳал мешавад.

Башарият вобаста ба мавқеиятҳои ҷуғросиёсии худ андешаҳову тасмимгириҳои хоси худро дошта, вобаста ба мавқеиятҳо тасмимҳои гуногун мегирад. Идеология ва фарҳанг яке нестанд ва чизе бо номи ҷомеаи башарӣ вуҷуд надорад. Истеъдодҳои инсонӣ дар ҳар фарҳанге ба гунаи гуногунанд, ҳама гуна идеологияҳое, ки дар пушти худ пружаи сиёсӣ доранд, ҳатман аз ҷазб шудани неруҳои иҷтимоӣ ба ҷунбиши миллӣ ҷилавгирӣ мекунанд ва ба таври дониста ва ё надониста ба он идеологияҳои аслӣ кумак мекунанд, ки аз дигар омилҳои ҷунбиши миллигароиро ба хостори сиёсии идеологияҳо наздиктар кунанд ва

кӯшиш мекунанд худро шабаҳи он (монанди фиреб) қарор диҳанд. Мисли модели сотсиализими исломие, ки Сайидҷамолиддини Афғонӣ (Астарободӣ) ва Алии Шариатӣ пешниҳод карда буданд, ки барои исломӣ шудани Афғонистон, Эрон кумак кард, то идеологияи исломӣ дар мантақа ғолиб шавад. Ин як доми фиреб барои рӯшанфикрон ва ҷавонони бедор, аммо на ҳушёри ин минтақа буд. Зеро дар паси ин модел пружаи сиёсии исломӣ – англисӣ вуҷуд дошт ва имрӯз амеркоӣ вуҷуд дорад.

Ҳар гуна идеологияҳои муҳоҷим дар кишварҳои манфиатдор мехоҳанд аз як идда ҷавонон созмонҳои қаҳромез ба вуҷуд оваранд, то дар мавридҳои зарурӣ аз он истифода кунанд. Барои чунин манфиатҳо буҷаи бисёр ҳангуфте дар ихтиёри созмонҳои ҷосусӣ ва урудгоҳҳои террористӣ мустақим ва ғайримустақим мегузоранд, то дар мавридҳои зарурӣ аз ин ниҳодҳо истифода карда, ҳадафҳои худро пиёда созанд.

Хулоса, идеология як ҷаҳонбинии маҳдуд буда, дар паси худ пружаҳои сиёсиро пинҳон медорад. Аммо фарҳанг бошад, дар доираи донишҳои илмӣ ва таҷрибаҳои башарӣ барои рушди имконоти башарӣ мусоидат карда, омили ҳама гуна пешрафту густариши рифоҳи зиндагии башарӣ хоҳад гашт.



**Ҳафиз ХОЛИҚЗОДА**
файласуф

## Содиқ Ҳидоят – файласуфи ношинохта

### Муқаддима

Донишмандон ва хонандагони одӣ Содиқ Ҳидоят (1903-1951)-ро, асосан чун нависандаи асарҳои бадей, аз он ҷумла ҳикоя мешиносанд. Дар мавриди андешаи фалсафӣ ва таъсири он ба шахсияти ӯ бисёр кам гуфта шудааст. Дар асл андешаи ӯ ҷанбаҳои фалсафӣ дорад, ки дар ин мақола баррасӣ мегарданд. Ин ҷанбаҳои афкори нависанда ҳам дар шахсият ва ҳам дар осори бадеияш таҷассум гардидаанд. Гарчанде Ҳидоят файласуфи касбӣ набуд, аллакай дар замони таҳсили худ дар айёми мактабхониаш дар литсеи фаронсавии Сан Луии Теҳрон ба адабиёти ҷаҳонӣ ва илмҳои фалсафӣ, аз қабили метафизика алоқамандӣ пайдо карда буд.

Ба таври куллӣ, Содиқ Ҳидоят ҷаҳонбинии нигилистӣ (хеҷангорӣ) дар мавриди ҳастӣ дорад. Дар фарҳанги эронӣ чунин биниш нав нест. Ҳанӯз дар рубоиёти Умари Хайём чунин тамоюл дида мешуд. Барои ҳамин ҳам, Содиқ аз гузаштагон аз ҳама бештар ба ин андешаманд алоқаманд буд. Ба назари Хайём, чун инсон миранда мебошад ва зиндагии пас аз марг вуҷуд надорад, аз ин рӯ, ҳастии ӯ беҳуда ва пуч аст. Ӯ ҷуброни ин вазъиятро дар хушгузаронии вақт бо "маю маъшуқа" меҳисобад. Аммо Содиқ Ҳидоят аз Хайём ҳам радикалитар аст: ӯ аз баҳри ҳар ду дунё гузаштааст. Ҳам дунёи моддӣ ва ҳам охиратро инкор мекунад. Ин нукта дар шахсият ва афкори худи нависанда равшан мушоҳида мешавад.

Яке аз муҳаққиқони асосии Содиқ Ҳидоят – Винсон Мунте чеҳраи аслии ӯро тасвир мекунад, ки ба ҳамин биниши нигилистӣ ва безорӣ аз зиндагӣ асос ёфтааст. Аз як тараф ӯ шахси беозор ва аз тарафи дигар зиндагибезор буд. Ӯ ба чунин назар буд, ки набояд ҳайвонотро озор дод, аз ин рӯ, гиёҳхур шуд. Ба саг, ки дар диёнат наҷас аст, нону мост медод. Гурбаро дӯст медошт ва рӯи мизи кориаш доим гурба буд (Мунте 2003: саҳ. 20). Дар мавриди гиёҳхорӣ ва робитаи инсон бо ҳайвонот низ китобҳое бо номи "Фавоиди гиёҳхорӣ" ва "Инсон ва ҳайвон" навишта буд.

Содиқ Ҳидоят забонҳои фаронсавӣ ва англисиро медонист ва ба ин забонҳо адабиёти бадеӣ ва фалсафӣ мутолиа мекард. Дар охири умр ба омӯзиши забони русӣ шурӯъ кард. Забони фаронсавиро дар сатҳи баланд медонист ва ду асараш (Lunatique ва Sampingue)-ро ҳам ба ин забон таълиф карда буд. Инчунин, новеллаи "Девор"-и Сартрро аз забони фаронсавӣ ба форсӣ тарҷума кардааст. Зимни мутолиаи осори Чехов ба забони русӣ ва осори Кафка ба забони олмонӣ тарҷумаи фаронсавии онҳоро муқоиса мекард. Ба ҷаҳонбинии ӯ Антон Чехов, Фёдор Достоевский, Эдгар Аллан По, Мопассан, Свейг, Франсис Кафка ва Жан-Пол Сартр таъсири ҷиддӣ гузоштаанд. Соли 1948 (1327 ҳ.ш.) мақолаи "Паёми Кафка"-ро навишт, ки таҷасумгари афкори худи нависанда буд (Мунте 2003: саҳ. 20-21).

Аз гузаштагони адаби форсӣ ба Хайём ва аз муосирон бошад, ба Муҳаммад Алӣ Ҷамолзода таваҷҷӯҳ дошт. Дар айни замон, қисмати зиёди адабиёти классикии форсиро интиқод мекард ва мегуфт, ки "Девони Ҳофиз, Куллиёти Саъдӣ... сарҳади дониши мардуми мутавассит (миёна) ба шумор меравад" ("Бунбаст". 2003: саҳ. 298). Дар "Меҳанпараст" ин матлабро возеҳтар баён мекунад. Бо вуҷуди чунин назари интиқодӣ ба фарҳанги асримиёнагии форсӣ, чанд ҷиҳати фаъолияти эҷодии Содиқ Ҳидоят баёнгари он аст, ки ӯ ба фарҳанги Эрони Бостон таваҷҷӯҳ дошт.

Якум, Содиқ Ҳидоят шефтаи забони модариаш буд ва пешниҳод дошт, ки барои полуда ва тоза кардани забони форсӣ на аз вожаҳо ва таркибҳои арабию туркӣ, на аз "луғатҳои сохтагӣ, ки на забони Хишоёршо аст ва на забони Машттӣ Ҳасан", балки аз забонҳо ва шеваҳои эронӣ истифода кунем. Ин матлабро ӯ дар чандин таълифот, аз он ҷумла дар ҳикояи "Меҳанпараст" ошкоро баён мекунад (Содиқ Ҳидоят 1372 (1993): саҳ. 385-386).

Дуюм, Содиқ Ҳидоят мухолифи ҳама гуна идеологияҳои бегона дар муқобили тамаддуни Эрони Бостон буд. Чуноне ки Оҷудонӣ мегӯяд, "Ҳидоят дар даврае аз замон ки идиюлужии мазҳаб ва сусиёлисм ҳоким буд, пой дар масири мухолифи ин идиюлужиҳо ниҳод. Бегонаситезӣ ва бавижа арабситезӣ, парастиши нажоди эронӣ, зиддият бо ислом ба унвони як дини ғайриэронӣ ва ҳамчунин парастиши Эрони бостон ва давраи бостонӣ... Он чӣ дар навиштаҳои Ҳидоят беш аз ҳама ба чашм менамоянд, ишқи дардолуди ӯ нисбат ба Эрон аст ва таъсири амиқи ӯ нисбат ба вазъи Эрон аст, ки вай дар рисолаи танзомези "Корвони ислом" ба он ишора мекунад" (Мошоллоҳ Оҷудонӣ, Ҳидоят ва носиюнолисм, Теҳрон: Ироннома. 1371. – саҳ. 474-475, 500-501). Инро Дориюши Ошӯрӣ низ тасдиқ мекунад: Ҳидоят "нафрати аҷибе нисбат ба арабу ислом доштааст" (Фирӯза Хатибӣ, "Мафҳуми "кинтӯзӣ" ва бухрони зеҳнии равшанфикрии эронӣ". 2012. Сомона: www.bbc.co.uk/persian/arts/2012/06/120603_l44_ashuri_darush_iranian_intellectual.shtml).

Сеюм, ӯ ба Ҳиндустон махсус барои омӯхтани забони паҳлавӣ дар назди донишманди порситабори Ҳинд – Баҳроми Гӯр Анкласорё рафт ва "Корномаи

Ардашери Бобакон”-ро аз паҳлавӣ ба форсӣ тарҷума кард. Минбаъд низ баъзе осори паҳлавиро ба форсӣ тарҷума ва нашр кард.

Чорум, Ҳидоят мусиқии классикии эрониро дӯст медошт.

Панҷум, наққошӣ мекард ва дар тарҷумаи аз паҳлавӣ ба форсии “Корномаи Ардашери Бобакон” дар муқоваи он сурати Аҳуромаздоро бо болҳои пажмурда ва фурӯғи ростиро бо ранги тира кашида буд. Унвон ва наққошии муқоваи китоби “Буфи кӯр” (1315 ҳ.ш., баробар бо соли 1936 м.) низ кори дасти худи муаллиф аст.

Шашум, дар девори назди мизи кории Содиқ Ҳидоят донаҳои испанд дар ришта ба шакли тасбеҳ – рамзи садоқат ба Эрони Бостон овезон буд. Вақте ки Винсон Мунте баъди марги Содиқ пеши падари ӯ рафт, инро дар утоқаш дида буд (Мунте 2003. саҳ. 21-22).

Содиқ Ҳидоят нуқтаи назари худро дар бораи таърихи Эрон ва сабабҳои бегонашавии мардумони эронӣ ва махсусан равшанфикрон аз фарҳанги бостониашон дар асарҳои марказиаш – “Бӯфи кӯр”, “Саги велгард”, “Шабҳои Варомин” ва ғайра баён мекунад. Яке аз образҳои маркази асарҳои бадеии Содиқ Ҳидоят Варомин аст. Дар ҳикояҳои “Шабҳои Варомин” ва “Саги велгард” (саҳ. 273) Варомин номи деҳаест, ки офтоби қаҳҳораш одамону табиати онро нимсӯхта кардааст. Деҳаи Варомин образи Эрон ва “бозори Варомин” образи додуситадҳои нобаробар дар байни сиёсатмадорону рӯҳониён ва равшанфикрон мебошад. Мушаххасан, равшанфикрони эронӣ дар тӯли таърих ҳамеша дар хизмати сиёсатмадорону рӯҳониён будаанд. Чун режимҳои сиёсӣ тез-тез иваз мешуданд, равшанфикрон мавқеи мустақил ва устувори сиёсию фарҳангӣ надоштанд. Бетарафӣ тактикаи онҳо буд: интизор меистоданд, то гурӯҳе пирӯзояд ва пасон дар итоат ва хизмати онҳо дароянд.

Чуноне ки дар боло таъкид кардем, ҷаҳонбинии фалсафии Содиқ Ҳидоят бунбастӣ аст. Ба назари ӯ, ҷаҳони охират вуҷуд надорад, дар ҳоле ки ин ҷаҳон бемаъно ва абсурд аст. Барои ҳамин, ӯ дар тӯли ҳаёти худ чандин дафъа кӯшиши худкушӣ кард ва оқибат ба ин ҳадафаш расид. Соли 1927 худро ба дарёи Марне ғарқ кард ва тасодуфан аз тарафи моҳигирон наҷот дода шуд. Дар “Зиндабагӯр”, ки бо гумони ғолиб достони тарҷумаиҳолии нависанда мебошад, ишораҳое аз тасмими худкушӣ дида мешавад. Ӯ мехост бо тарёк худкушӣ кунад, вале тарсаш аз он буд, ки мабодо фикраш дигар ҷо раваду таъсири тарёк гум шавад ва ӯ зинда монад. Метарсид, ки мабодо аз дард фарёд занад ва касе ба кӯмакаш ояду наҷоташ диҳад. Содиқ Ҳидоят мехост, ки мурданро дуруст эҳсос кунад. Эҳсос кунад, ки чӣ хел «ҳамаи ҳастии ман аз танам ба тарзи хушу гуворое берун мерафт...» (саҳ. 59). Дар дигар ҷой мегӯяд: «...мехостам хуб мурданро ҳис бикунам, ҳавосамро ҷамъ карда будам, вале гӯшам ба берун буд» ва «...дар ҳамон ҳол медонистам, ки мехоҳам худро бикушам...» (саҳ. 58).

Содиқ чандин борҳо қасд кардааст, ки зери чархи автомобил худро партояд, «аммо ин мурдани сахте буд. … Ин фикр аст, ки маро девона мекунад», – чуноне ки дар “Зиндабагӯр” тасдиқ мекунад (саҳ. 48). Дар ҷои дигари ин асар мегӯяд, ки ман мехоҳам бимирам, аммо чора надорам. Агар бимирам, маро бурда ба дасти арабҳо медиҳанд, яъне маро ба тарзи исломӣ ҷаноза ва гӯр мекунанд. Аз онҳо безорам, аз ин рӯ, илоҷе надорам ба ҷуз зистан (саҳ. 55).

Ба ҳамин хотир, Содиқ Ҳидоят пеш аз худкушӣ ба Париж рафт. 9 апрели соли 1951 ҳангоми худкушӣ ӯ 48-сола буд ва аз худ ҳеч паёме нагузошт. Ҷасади ӯро донишҷӯёни эронӣ шинохтанд. Ӯро дар гӯристони Перлошаз (Pere Lachaise Cemetery)-и Париж ба хок супурданд. (Мунте 2003. с. 15). Жан Камберд мегӯяд, ки баъди маргаш Содиқ мехост ҷасадаш “дар беному нишонтарин гӯристонҳои рустоӣ ... бо хоки сарзамини ниёконаш дарҳам биёмезад. Ӯ хоста буд аз ҳама ҳайс маҳву нобуд шавад...» (Жан Камберд, “Пешгуфтор”, 2003: саҳ. 12 // Мунте 2003). Тақдири нависанда сарнавишти Жерард де Нервал – нависандаи бузурги Фаронсаро ба ёд меорад.

**Масъалаи равшанфикрон ва бегонапарастӣ**

Дар тамаддуни эронӣ масъалаи бегонапарастӣ ва бегонаситезӣ нав нест, балки дар ҳазорсолаҳои пеш сарчашма мегирад. Ба як ифода метавон гуфт, ки тӯли асрҳо дар зеҳни мардуми эронӣ, ба истилоҳи равоншиноси олмонӣ Карл Юнг, *архетипи бегона* шакл гирифтааст. Бегонапарастӣ ва бегонаситезӣ, пеш аз ҳама, хоси рӯҳониён ва равшанфикрони эронӣ мебошад. Мо сабаби чунин хусусият касб кардани ин табақаи аҳолиро дар мақолаи алоҳидае бо номи “Равшанфикрон синфи миёна ҳастанд ва ё тоифаи миёнарав” шарҳ додаем. Ба таври мухтасар, сабаб он аст, ки дар таърихи Эрон равшанфикрон ҳеч гоҳ синфи мустақил ва алоҳида набуда, ҳамеша аз қудратмандони сиёсӣ, динӣ ва ҳарбӣ вобастагӣ доштанд. Ин воқеиятро Абулқосим Фирдавсӣ дар достони “Заҳҳок” ифшо кардааст, ки чӣ гуна равшанфикрон ба маҳзари (гувоҳиномаи) Заҳҳок имзо гузошта, ӯро чун шоҳи одил муаррафӣ карданд.

Содиқ Ҳидоят ин матлабро дар ҳикояҳои “Саги велгард”, “Шабҳои Варомин” ва “Арӯсаки пушти парда” баён мекунад. Ӯ дар ҳикояи «Саги велгард» равшанфикронро дар образи “саги велгард”, ки Пот ном дорад ва рӯҳониёнро дар образи савдогарон тасвир кардааст. Оворагии саг аз он сар шуд, ки ӯ аз пушти саги модина рафта, роҳгум зад ва бесоҳиб монд. «Чӣ тавр Пот метавонист бе соҳиб, бе худояш зиндагӣ бикунад, чун соҳибаш барои ӯ ҳукми як худоро дошт» (саҳ. 278).

Зиндагии овораи саг дар ҷустуҷӯи пайвастаи хоҷааш аз байни савдогарони бозори Варомин мегузарад. Аммо ҳеҷ савдогаре «рӯҳи инсонӣ» ва «нигоҳҳои дардноки пур аз илтимос»-и ӯро намебинанд (саҳ. 274). Барои онҳо ӯ ҳамагӣ саге аст,

ки бояд хизмати онҳоро кунад, ӯ ҳамагӣ саге аст, ки мазҳаби онҳо бар ивази хизматаш ӯро нафрат кардааст. Ӯ тайёр буд барои як навозиш ва як бурида нон ҷони худро қурбон кунад, аммо хашму ғазаби одамон дар нисбати ӯ бештар мешуд. Озору шиканҷаи ин саг ба дилхушии савдогарон табдил ёфта буд. «Мисли ин ки ҳамаи онҳо душмани хунии ӯ буданд ва аз шиканҷаи ӯ кайф мебурданд» (саҳ. 279).

Дар ҳикояи "Арӯсаки пушти парда" (саҳ. 245-257) нависанда дар мисоли Меҳрдод – як нафар донишҷӯи эронӣ, ки дар Фаронса таҳсил мекунад, прототип (образи куллӣ)-и эрониро тасвир мекунад. Ӯ на шарқии шарқӣ ва на ғарбии ғарбӣ мебошад. Пеш аз он ки Меҳрдод ба Фаронса барои таҳсил равад, падару модар духтари амуяш – Дурахшандаро ба ӯ номзад карда ва номзадияшро ҳам хӯрда буданд, то ки дар дурӣ аз онҳо бегона нашавад. Падару модари ӯ аз панду насиҳатҳои ҳазорсола мағзи ӯро анбошта буданд.

Дар ҳоле ки Меҳрдод ба номзади худ алоқа ва дилбастагие надошт, барояш бисёр мушкил буд, ки вориди ҷомеаи аврупоӣ гардад. Ба ҷуз таҳсил дар донишгоҳи Париж дигар ягон шуғле надошт. Бисёр хиҷолат мекашид, ҳамеша ғамгину афсурда ва сахт камҷуръат буд. Худро танҳо, маҳрум ва ҳамчун зиндонӣ эҳсос мекард. Чун ҳамсабақони фаронсавиаш, ки аз зану рақсу тафреҳ ва варзиш нақл мекарданд, ӯ барои эҳтиром тасдиқ менамуд, вале таҷрибаи шахсие надошт, ки ба онҳо гӯяд. «...Ҳанӯз ҳам исми занро, ки мешунид, аз пешонӣ то лолаҳои гӯшаш сурх мешуд» (саҳ. 245-247).

Билохира, Меҳрдод як Арӯсак (Манекен)-еро аз мағоза харидорӣ кард ва ҳамроҳи худ ба Теҳрон овард. Ин «духтар», ки гап намезад, аз ин рӯ, Меҳрдодро аз масъулияти вазнини изҳори ишқ, аз масъулияти аз қафои ӯ давидан ва аз рашку ҳасодатхӯрӣ озод карда буд. Хомӯшӣ, табассум ва хушҳолӣ, розигӣ ва бебаҳонагию бекарашмагии доимии муҷассама ӯро мафтун мекард. Илова бар ин, муҷассама на хӯрок мехост ва на пӯшок, ҳеҷ гуна харҷе надошт. Аз ҳама муҳимтар он буд, ки ӯ гап намезад ва аз ин рӯ, изҳори ақида намекард ва барои ҳамин тарс аз он надошт, ки ахлоқашон ҷӯр наояд. «Вале ҳамин сифот буд, ки Меҳрдодро дилбохтаи он муҷассама кард. Ӯ аз одами зинда, ки ҳарф бизанад, ки танаш гарм бошад, ки мувофиқ ё мухолифи майли ӯ рафтор бикунад, ки ҳасодатро таҳрик бикунад, метарсид ва воҳима дошт» (саҳ. 251). Ҳамаи ин сифатҳои он «зан» мушкилии асосии Меҳрдодро рафъ мекард: аз ӯ шарм намедошт ва алоқа бо ин зан ӯро афифу пок нигоҳ медошт, чуноне ки падару модараш интизор буданд. Ин «зан» аз ҳамаи занҳои дидаи ӯ бартар буд, ҳатто аз Дурахшанда ҳам. «Дурахшанда ҳамеша пажмурда ва ғамнок буд...» (саҳ. 249).

Вақте ки Меҳрдод ба Теҳрон баргашт, Дурахшандаро ба ӯ доданд, гарчанде ба ӯ таваҷҷӯҳ надошт ва умуман зан гирифтан намехост. Шабҳо дарашро қулф мекард, шароб менӯшид, грамофон мемонд ва пардаро мебардошт ва соатҳо ба муҷассама нигоҳ мекард, маст мешуд ва рафта онро навозиш мекард, ки барояш «...мазҳари ишқ, шаҳват ва орзу буд» (саҳ. 255).

Модар вайрон шудани «Меҳрдоди маҳбубу фармонбардор»-ро «дар асари муошират бо куффор ва тазалзул дар фикру ақидаи ӯ донист… Ӯ ҳамон Меҳрдоди тарсу ва афтодаи қадим буд, танҳо тарзи афкораш иваз шуда буд» (саҳ. 254-255). Модараш ба ӯ гӯшзад мекард, ки дар муддати шаш сол Дурахшанда дар интизори ӯ нишаста буд. Вале Меҳрдод занашро дӯст намедошт. «Фақат аз ночорӣ, аз рӯдарбоистии модараш ба ӯ изҳори алоқа мекард» (саҳ. 250).

Хеле вақт аз тӯйи Меҳрдод ва Дурахшанда гузашта буд, вале Меҳрдод бо ӯ ҳамхобагӣ намекард. Барояш тамоми зиндагӣ сохта, мавҳум, беҳуда ва масхара ба назар мерасид. «Барои Меҳрдод танҳо як ҳақиқат вуҷуд дошт ва он муҷассамаи пушти шишаи мағоза буд» (саҳ. 253). Дурахшанда ба таъна номи муҷассамаро "Арӯсаки пушти парда" гузошта буд (саҳ. 255). Бо вуҷуди ин, Дурахшанда барои ба даст овардани дили шавҳараш мӯи сар, либос, муди туфлӣ ва рафтору завқи худро ба муҷассама монанд кард. Дар набудани Меҳрдод пеши муҷассама меомад ва ваҷоҳату табассуми ӯро меомӯхт ва тақлид мекард, мехост комилан ба ӯ монанд шавад ва билохира кам-кам мавриди таваҷҷӯҳи шавҳараш қарор гирифт (саҳ. 256).

Як шаб Меҳрдод ба хона даромад ва чун одат май нӯшида, муҷассамаро оғӯш кард. Аммо ин дафъа он гарм буд ва ба ҳаракат омада, ба сӯи ӯ наздик шуд. Меҳрдод ҳаросон шуда, аз тапонча се тир парронд, аммо ҳадафи тири ҷонсӯз на муҷассама (манекен), балки Дурахшанда буд (саҳ. 256-257).

Дар ин ҷо Содиқ Ҳидоят чанд масъалаи муҳимеро ба миён гузоштааст, ки бозгӯкунандаи зеҳният (менталитет) ва низоми иҷтимоии эрониён мебошад, ки ба таври зеранд:

Якум, бегонаситезӣ: Яъне мо тамоми мушкилиҳои худро аз дигарон медонем, чуноне ки падару модари Меҳрдод бегона шудани писарашонро аз "Фаранг" (Ғарб) медонанд. Аз тарси дигарон онҳо писарашонро аз барвақт побанди қайдҳои авлодӣ, қабилавӣ ва суннатии худ мекунанд. Дар ин маврид, онҳо писари худро ба амудухтараш номзад мекунанд ва бо ширинӣ хурдан қавл медиҳанд, ки ба ин қайд вафодор мемонанд. Дар натиҷа, ҳам насли нав ва ҳам таҳсили илм вақфи банду қайдҳои суннатӣ мегарданд.

Дуюм, бегонапарастӣ: Ҳидоят дар симои Меҳрдод ва муҷассамае, ки аз Париж харидорӣ мекунад ва онро аз зани воқеиаш бартар мегузорад, бегонапарастии эрониёнро тасвир мекунад. Нависанда дар ҳикояи "Меҳанпараст" низ ин матлабро пайгирӣ кардааст. Эрониён чун ба Фаранг мераванд, вале аз он ҷо "бо унвони дуктурӣ бармегаштанд ва корашон авомфиребӣ ва ҳамаи хосташон тӯи шикаму зери шикамашон буд. Ҳама ба фикри хонаи сетабақа ва утумубилу маъмурият ба хориҷа буданд» (саҳ. 378).

Бояд таъкид кард, ки бо бегонапарастӣ мавқеи Содиқ Ҳидоят мавқеи монанд ба Людвиг Фейербах мебошад. Яъне, инсон аз табиати худ бегона мешавад, аз ин рӯ, занро ба муҷассама иваз мекунад. Дар ин маврид, дар достони "Арӯсаки

пушти парда” Меҳрдод аз ҳама хоҳишҳои нафсонӣ, аз он ҷумла ишқ ва шаҳват бегона гардидааст. Мавқеи Ҳидоят дар мавриди бегонапарастӣ мавқеи ориенталистӣ ва ё нажодпарастӣ нест, ки дар симои миллат ва нажоди дигар бегона бубинад. Барои нависанда чунин таърифи бегона аслан матраҳ нест. Меҳрдод на фақат аз фарҳанги обоии худ, падару модари худ, зани никоҳии худ – Дурахшанда, балки аз фарҳанги бегонаи фаронсавӣ низ бегона мебошад. Аз ин рӯ, дар муҷассамаи беҷон паноҳ мебарад ва аз бархурдаш бо табиати худ ва воқеияти дигарон пешгирӣ мекунад. Барои ҳамин, ӯ занашро мепаронад.

**Масъалаи дин ва ахлоқ**

Яке аз мавзӯъҳои марказии асарҳои бадеии Содиқ Ҳидоят хурофоти динӣ ва таъсири манфии онҳо ба ҳаёти иҷтимоӣ ба шумор меравад. Ба назари ӯ, боварӣ ба дунёи баъди марг, яъне *охират* таъсири манфии худро ба зиндагии одамон дар ин дунё мегузорад. Хоссагон барои нигоҳ доштани зимоми давлату сарвати индунёӣ афсонаеро бофтаанд, ки тартиботи ҷорикардаи онҳоро муқаддас ҷилва медиҳад.

Содиқ ин мавзӯъро дар ҳикояи «Шабҳои Варомин» баён кардааст. Фарангис дар Аврупо дар соҳаи кишоварзӣ таҳсил карда, ба деҳаи худ, Варомин, баргашт ва он ҷо кору зиндагӣ мекард. Бо шавҳараш Фаридун «зиндагии орому хушбахт» доштанд ва фақат дар як масъала бо ҳам ихтилоф доштанд: Фаридун мегуфт он дунё вуҷуд надорад ва ҳамин хурофот сабаби ҳамаи бадбахтиҳо ҳаст. Ӯ мегуфт: «…ҳамаи харобии мо ба гардани ҳамин хурофот аст, ки аз бачагӣ тӯи каламон ча[с]пондаанд ва ҳамаи мардумро ондунёӣ кардаанд. Ин дунёро мо вел кардаем ва фикри мавҳумро часбидаем, намедонем кӣ аз он дунё баргашта, ки хабарашро барои мо оварда! Аз тӯи хишт, ки меафтем, барои охиратамон гиря мекунем, то бимирем. Ин ҳам зиндагӣ шуд?» (саҳ. 262).

Фарангис бармаҳал дар ҷавонӣ мурд ва пеш аз мурдан ба ҷои васият ба шавҳараш таҳдид кард, ки «ман мемирам, аммо он дунё ҳаст, ба ту собит мекунам!» (саҳ. 268). Фаридун баъди як моҳи марги ҳамсараш аз Теҳрон ба Варомин баргашт. Зани пире, ки дар хонаи онҳо хизматгорӣ мекард, ба ӯ гуфт, ки ҳар шаб овози навозиши тор меояд. “Ин рӯҳи Фарангис аст, ки дар хонае маскан гирифтааст ва тор менавозад”, – зани пир бовари ҳамдеҳагонро ба ӯ изҳор кард. Ҳеҷ кас аз тарс наздики он хона шуда наметавонад. Фаридун ғарқи тарсу ваҳм хобаш бурд: дар хоб дид, дар як майкада (бар) арабҳои побараҳна ва роҳзан майнӯшиву занбозӣ доранд. Фарангис ҳам он ҷо бо як араб буд ва тор менавохт. Бо изтироб аз хоб бедор шуд, ки дарвоқеъ аз дурие овози тор меомад. Ҷониби хонае, ки аз он ҷо навозиши тор паҳн мешуд, равона шуд. Қарибии расидан як суроб бо хилъате дар тан монанд ба фариштаҳо, ки дар афсонаҳо тасвир мешаванд, ба он хона даромад. Оҳиста наздик шуд ва аз сурохии калид як касеро бо хилъати хокистарӣ дид. Ногаҳон овози ваҳшатноки зане баланд шуд. Дарро шикаста даромад ва нохоҳари (хоҳарандари) худаш – Гулнозро бо либоси хоб

дид. Марде дар либоси «фаришта» ба зудӣ аз дар баромада рафт. Фаридун аз ваҳму тарс девона шуд ва бовар кард, ки фариштае аз дунёи дигар ҳар шаб пеши хоҳархонди ӯ меояд. Фаридуни солимақл ба он дунё бовар надошт ва акнун Фаридуни девона буд, ки ба он дунё бовар карда буд.

Боварии Фаридун ё худ эронӣ ба он дунё ба воқеият табдил мееёбад: ӯ тартиботи ҷорикардаи арабҳо, яъне исломро муқаддас мешуморад, ки дар образи "фаришта" тасвир шудааст. Ин тартибот зиндагии ин дунёро ба ишратхона табдил додааст. Айёшон асбоби айёшии худро аз ҳисоби хурофоту тасаввурот дар бораи он дунё фароҳам овардаанд. Ба мардуми деҳа, ё худ ба мардуми нодону ҷоҳил, вонамуд мекунанд, ки онҳо баргузида ҳастанд ва бо фариштаҳо робита доранд. Аммо фариштаҳо мисли худи онҳо айёшоне ҳастанд, ки ҳар шаб барои айёшӣ пеши онҳо меоянд.

Дар ҳикояи «Шабҳои Варомин» Содиқ Ҳидоят нишон медиҳад, ки бединӣ (даҳригарӣ) хоси фарҳанги эронӣ аст ва таънаи диндорон, ки он моли Ғарб ҳаст, асос надорад. Фарангис дар Ғарб таҳсили кишоварзӣ мегирад. Бо ин Ҳидоят мегӯяд, ки аҳамияти дониши Ғарб маҳдуд ба моддиёт ва манфиатҳои моддӣ аст. Аммо таҳсил дар Аврупо натавонист андеша ва боварии хурофотии Фарангисро тағйир диҳад. Далелҳои Фарангис дар бораи мавҷудияти он дунё маҳдуд ба хоббинии одам ва навиштаҳои фаронсавиҳо дар бораи рӯҳ мебошад. Ӯ ба шавҳараш – Фаридун доим мегӯяд, ки ту дар зери нуфузи аврупоиҳо бедину мункири он дунё шудаӣ. Фаридун мегӯяд: бедин шудан маънои фарангӣ шудан надорад. Баръакс, китобҳое, ки фарангиҳо дар бораи мавҷудияти рӯҳ навиштаанд, «ақидаи пиразанҳои Фаранг» аст (саҳ. 262).

Дигар масъалае, ки Содиқ Ҳидоят дар ҳикояи «Шабҳои Варомин» баҳс мекунад, робитаи ахлоқ бо дин мебошад. Агар одамон ба ахлоқи динӣ побанд мемонданд, кайҳо худашон ва тамаддунашонро аз байн бурда буданд. Аммо онҳо ба ин ахлоқ маҳдуд намемонанд. Дурӯягӣ ва мунофиқат як гуна эътирози тарсомез ва муқовимати пинҳонӣ ба ахлоқи динӣ ва умуман образи зиндагии динӣ мебошад. Ин яке аз мавзӯъҳои марказии баҳси бисёре аз файласуфон ба шумор меравад.

Дар ҳамин қатор, Содиқ Ҳидоят нишон медиҳад, ки дин маншаи меҳрубониву хушахлоқӣ нест. Ӯ ин баҳсро дар ҳикояи "Шабҳои Варомин" дар байни Фарангис ва Фаридун мекушояд. Ба назари Фарангис, диндорӣ маншаи меҳрубониву хушахлоқӣ аст. Аммо ӯ ҳайрон аст, ки чаро шавҳари ӯ – Фаридун баробари бедин будан сахт меҳрубону хушахлоқ низ ҳаст. Аммо диндорон чунин нестанд. Фаридун мегӯяд: «…хубиву бадии одам дахле ба мазҳабу ақида надорад. Ҳамаи фитнаҳо сари одамҳои мазҳабӣ буда, ҳамаи ҷангҳои мазҳабӣ, ҷангҳои салибӣ зери сари кашишҳо буда» (саҳ. 262).

Баъзеҳо иддао мекунанд, ки дину диндорӣ зарур аст, вагарна одамон бадахлоқ мешаванд. Ин даъворо онҳое низ мекунанд, ки худро муҳаққиқи фалсафа

меноманд. Дар асл, дар байни дин ва ахлоқ робитаи мустақим вуҷуд надорад. Балки дин танҳо бо роҳи зӯрӣ, маҷбурӣ ва тарсдиҳӣ метавонад меъёрҳои муайяни ахлоқиро нигоҳ дорад. Дар ин сурат, ахлоқ хосияти схоластикӣ, зоҳирпарастӣ ва мунофиқию намоишкориро мегирад. Барои ҳамин, ҷомеаҳое, ки бештар дингаро ва динзада ҳастанд, ҳамон қадар ахлоқи схоластикӣ ва сохтаю намоишкорона доранд. Махсусан, дар ҷомеаҳои исломӣ мардум дар зоҳир ахлоқӣ, вале дар ботин бадахлоқ мешаванд. Муносибатҳои инсонӣ ва ҷамъиятии ҷомеаҳои боз ва ақлгаро, баръакс, асосан қонунмеҳвар ва ҳуқуқбунёд ҳастанд.

Чаро чунин аст? Чунки ахлоқ маҷмӯи арзишҳое мебошад, ки дар рафти муносибатҳои ҷамъиятӣ зоҳир мегардад. Ин арзишҳо аз таассурот, тасаввурот ва бинишҳои хоси одамон дар бораи хатарҳои вуҷудӣ (мушкилиҳои иҷтимоӣ, офатҳои табиӣ, хатарҳо аз бегонагон, беморӣ, марг, номуайяниҳо дар зиндагӣ ва ғайра) сарчашма мегиранд. Маҳз ҳамин хатарҳо, аз як тараф, дин ва аз тарафи дигар, ахлоқро ба вуҷуд оварда, дар байни онҳо алоқамандӣ пайдо мекунад. Дин таълимоти охиратро ба миён мегузорад ва яке аз шартҳои расидан ба ин ҳадаф ахлоқи динӣ дониста мешавад. Аммо дар бисёр маврид ахлоқи динӣ бо воқеияти зиндагии дунявӣ дар таззод мешавад ва онро инкор мекунад. Чун нек бингарӣ, ахлоқи динӣ зиддиахлоқӣ ва зиддиинсонӣ аст. Яъне, аз инсон талаб карда мешавад, ки барои ба охират расидан бояд аз баҳри дунё гузарад. Аз баҳри дунё гузаштан бо роҳи парҳез, гурусқанишинӣ, оворагӣ, маломатӣ, дунёбезорӣ, инсонбадбинӣ ва нафскушӣ ба даст оварда мешавад. Ҳамаи инҳо василаҳои худкушии тадриҷӣ мебошанд. Аксарияти динҳо, аз он ҷумла Буддоия, Масеҳият ва Ислом ҳамин гуна ахлоқро тарғиб мекунанд.

### Масъалаҳои марг ва абсурд аз нигоҳи Содиқ Ҳидоят

Дар сурате ки бисёре аз ҳикояҳо ва ҳамчунин романи рамзии “Буфи кӯр” сужаи равшану фаҳмо надоранд, абсурд (пучию беҳудагӣ ва бемаъноӣ) мавзӯи марказии онҳоро ташкил медиҳанд. Содиқ Ҳидоят абсурдияту бемаъноии зиндагиро дар моҳияти онтологии ҷаҳон нуҳуфта медонад. Барои тафсири таърихи фоҷеабори Эрон аз ин дидгоҳ ба устураҳои бомдодии эрониён рӯ меорад. Дар ҳикояи “Сояи муғул” (саҳ. 99-110) ӯ ҳуҷуми муғулҳоро чун як ҳодисаи метафизикӣ ва аз пеш тархрезишуда арзёбӣ ва аз ин рӯ, бунбастӣ ва абсурд будани таърих ва ояндаи инсониятро таъкид мекунад. Нависанда ҳуҷуми арабҳо ва муғулҳоро ба як ривояти зардуштӣ шабоҳат медиҳад, ки дар Баҳман-яшт омадааст: «Эй Зартушти пок! Ҳамоно нишони ба поён расидани ҳазорумин соли ту ва оғози бадтарин даврахо ин хоҳад буд ки: садгуна, ҳазоргуна, даҳҳазоргуна девҳо бо мӯҳои парешон, аз нажоди хашм, кишвари Эронро аз сӯи ховар фаро гиранд. Ҳама чизро бисӯзонанд ва нобуд кунанд: меҳан, дороӣ, мардонагӣ, бузургманишӣ, кеш, ростӣ, хушӣ, осоиш, шодӣ ва ҳамаи корҳои оҳуроиро

поймол карда, ойини Маздаяснон ва Оташ (варахром) аз байн биравад. Онгоҳ бо дарандагӣ ва ситамгарӣ фармонравой кунанд» (Бахман-яшт, 2-24) (саҳ. 99). Сипас, бо такя ба ин ривояти зардуштӣ ӯ ҳуҷум, қатлу куштор, таҷовуз ва ҳама гуна ваҳшониятҳои “нажоди деву дад”-ро тасвир мекунад. Онҳо дӯстдоштаи Шоҳрух – Гулшодаро дар пеши чашмаш ваҳшиёна ба қатл расонданд. Абсурдияти зиндагиро Ҳидоят инчунин дар мисоли Табиат мебинад, ки инсон дар муқобили дилрабой ва маккории пур аз дому шиканҷаи он сусту бечора ва кӯчаку нотавон аст. Табиат ва Тақдир бо ҳам як ҳастанд ва пешакӣ нақшаи зиндагии инсонро, ки ба сӯи ваҳшоният ва нестӣ мекашад, тарҳрезӣ кардаанд. Бо вуҷуди он ки Содиқ Ҳидоят баояндаи инсоният хушбин нест, вале эрониёнро ба мубориза даъват мекунад: «Ниёкони мо бо хуни дил барои озодии худашон мекӯшиданд, танҳо орзуе, ки дорам, ин аст, ки то зинда ҳастед, то ҷон доред, нагузоред замини Эрон ба дасти бегона бияфтад, хоки Эронро бипарастед…» (саҳ. 106). Бегонагон гуфта, Содиқ Ҳидоят арабҳо, дини ислом ва муғулу туркҳоро дар назар дорад. Албатта, ин ҷо бегонагӣ ба маънои қавму нажод набуда, ба маънои дину мазҳаб ва фарҳанге мебошад, ки тамаддуни эрониро аз байн бурдааст. Таваҷҷӯҳи нависанда ба фарҳангу тамаддуни бостонии Эрон дар чандин навиштаҳои дигар, аз он ҷумла “Оташпараст” (саҳ. 69-72) низ баён мегардад. Ӯ аз бостоншиноси фаронсавӣ васф мекунад, ки дар Персеполис (тахти Ҷамшед) пажӯҳиш мекард ва ба фарҳанги Эрони Бостон дил баста, кеши оташпарастиро қабул карда буд. Ин кеши аҳурамаздоиро ҳатто дини ислом ҳам аз байн бурда натавонистааст ва ҳанӯз ҳам ҳар як эронӣ майли ботинӣ ба он дорад.

Ифтихор ва тамҷиди Содиқ Ҳидоят аз фарҳангу тамаддуни эронӣ кӯркӯрона, яктарафа ва ба истилоҳ шовинистӣ нест. Ӯ бештар нақду баррасӣ мекунад, то васфу таърифи подарҳаво ва беасос. Дар қиссаи “Меҳанпараст” (саҳ. 367-389) бо сужаи сода ва хеле дилчасп ин масъаларо ба миён мегузорад. Сайид Насруллоҳ дар идораи Вазорати Маориф одами аз ҳама доно ва ҳамадон буд. Аммо мисли ҳама дар пайи унвонгириву вазифа набуд. Вазир ӯро як рӯз даъват кард ва ба сафари хизматӣ ба Ҳиндустон барои муаррафии дастовардҳои фарҳангии Эрон фиристод. Аз ӯ беҳтар касеро пайдо накард, ки чунин рисолатро иҷро кунад. Ба Ҳинд аз роҳи баҳр тавассути киштӣ равон шуд. Моҳияти инсон ва фарҳанги эрониро нависанда дар ҳамин сафари кӯтоҳи баҳрӣ нишон медиҳад. Қаҳрамони ҳикоя дар киштӣ бо мардумони хориҷӣ вохӯрд ва “Пай бурд, ки сарҳади маълумоти ӯ чаҳор devори хонааш буда...” (саҳ. 373). Сайид Насруллоҳ инсоне буд, ки аслан тағйиреро дар зиндагии орому якнавохташ қабул надошт, балки бештар ба шеъру адаб ва тасаввуфу ирфони асримиёнагӣ побанд монда буд. Ӯ як инсони беандоза тарсу аст, ки аз хавфи марги ногаҳонӣ аз ғарқшавии нобаҳангоми киштӣ либоси бехатариро мепӯшад ва дар хоб аз нафастангӣ мемирад. Вазорат барои ин «меҳанпараст», ки воқеан кори сазоворе ҳам

накардааст ва аз тарсу ваҳми ботинӣ худро ба марг маҳкум мекунад, ҳайкал гузошт, ки гӯё дар роҳи ватан “шаҳид” шудааст.

Мутаассифона, дар таърихи Эрон ин гуна “меҳанпарастон”-и тарсу бисёранд, ки ба ҷои хатарҳои табиӣ ва иҷтимоиро чора кардан худро аз байн мебаранд. Содиқ Ҳидоят сӯфиёну шоиронро ба ин гурӯҳ шомил месозад: «…магар Ҳерудутус нанавишта, ки ирониёни қадим аз обу дарё ҳарос мекардаанд. Ба изофа Ҳофиз магар Шерозӣ набуд, ӯ ҳам аз дарё тарсида! Ёдаш афтод дар китобе хонда буд, ки Акбаршоҳи ҳиндӣ Ҳофизро ба Ҳиндустон даъват кард, вале Ҳофиз аз манзараи киштӣ ва дарё тарсида ва аз мусофират сарфи назар кард. Чунон ки ба ҳамин муносибат мегӯяд:

Шаби торику бими мавҷу гирдобе чунин ҳоил

Куҷо донанд ҳоли мо сабукборони соҳилҳо?» (саҳ. 383)

Содиқ Ҳидоят масъалаи шеър ва тасаввуфи эрониро дар бисёре аз навиштаҳои худ ба миён гузошта, нақд мекунад. Дар ҳикояи “Торикхона” (саҳ. 357-365) қаҳрамони асосӣ бо наклиёти ҷамъиятӣ ба шаҳри дигар мерафт. Як мусофири дар ҷома печида савор мешавад, ки тамоми роҳ хомӯшу ба худ фурӯрафта буд. Ӯ қаҳрамонро ба меҳмонӣ даъват кард. Утоқи соҳибхона ба мисли батни модар буд... Чун рӯзона меҳмон хост хонаро тарк кунад, соҳибхонаро мурда дарёфт. Дар ин ҷо соҳибхона рамзи суфии эронӣ ва хонааш образи чорчӯбаҳои зеҳнӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ аст, ки соҳибхонаро аз дигарон, аз дунёи берун ва тамос бо ашхос маҳфуз ва ҷудо мекунад. Ӯ шахси танбал ва дар нисбати мардум бадбин буда, мехоҳад аз ҷомеа фирор кунад. Торикӣ барояш пурарзиштарин падида мебошад, ки ба ӯ осоиш, сукут ва узлат аз дунёи зоҳирӣ мебахшад (саҳ. 357, 361-362). Дигар ҷиҳати тафсири нависанда аз қаҳрамони худ дар ин маврид аз он иборат аст, ки инсон дар муқобили марг чунин мавқеъро баргузида ва аз воқеият фирор кардааст. «Аммо ҳамеша мардум саъй доран аз ин торикӣ ва инзиво фирор бикунан, гӯши худшунав дар муқобили садои марг бигиран...» (саҳ. 362).

Содиқ Ҳидоят мавзӯи марг, ки ҳастии инсон ва моҳияти зиндагии ӯро ба абсурд (пучу беҳуда) мерасонад, дар аксарияти навиштаҳояш идома медиҳад. Муҳимтарин осори ӯ дар ин маврид “Буфи кӯр”, “Марг” ва “Зиндабагӯр” мебошанд.

Дар ҳикояи “Марг” (саҳ. 35-37) Содиқ бадбинии иҷтимоӣ ва онтологии худро дар он нишон медиҳад, ки ба назари ӯ, фақат марг роҳи ҳалли ҳамаи мушкилоти зиндагӣ мебошад. Зиндагиро сабаби ҳамаи дардҳо меҳисобад. Зиндагӣ инсонро ба сӯи гумроҳӣ мекашад. Мафҳуми зиндагӣ иборат аз дунпарварӣ, фурӯмоягӣ, худписандӣ, чашмтангӣ ва ози (ҳирси) одамизод аст. Аҳриман (Азроил)-ро инсон образи бадӣ дода, дар ҳоле ки он нек аст. Дар идома нависанда мегӯяд: «…танҳо дар гӯристон аст, ки хунхорон ва дажхимон (ҷаллодон) аз бедодгарии худ даст мекашанд; бегуноҳ шиканҷа намешавад…» (саҳ. 36).

Ҳолати маргро Содиқ аз он ҷиҳат идеалӣ медонад, ки инсони мурда «...доду фарёд ва ошӯбу ғавғои зиндагониро намешунаванд. Беҳтарин паноҳе аст барои дардҳо, ғамҳо, ранҷҳо ва бедодгариҳои зиндагонӣ. ... Агар марг намебуд ҳама орзуяшро мекарданд, фарёдҳои ноумедӣ ба осмон баланд мешуд, ба табиат нафрин мефиристоданд. Агар зиндагонӣ сипарӣ намешуд, чӣ қадар талху тарснок буд. Ҳангоме ки озмоиши сахту душвори зиндагонӣ чароғҳои фиребандаи ҷавониро хомӯш карда; сарчашмаи меҳрубонӣ хушк шуда, сардӣ, торикӣ ва зиштӣ гиребонгир мегардад, ӯст, ки чора мебахшад, ӯст, ки андоми хамида, симои пурчин, тани ранҷурро дар хобгоҳи осоиш мениҳад. ... Эй Марг! …ту монанди модари меҳрубоне ҳастӣ, ки бачаи худро пас аз як рӯзи тӯфонӣ дар оғӯш кашида… ...фариштаи тобнокро Аҳримани хашмнок пиндошта… Ту партави дурахшонӣ, аммо торикият мепиндоранд…» (саҳ. 36-37).

Дар ҳикояи дигари худ бо номи "Зиндабагӯр (Аз ёддоштҳои як нафар девона)" (саҳ. 43-64), Содиқ Ҳидоят бештар бадбин аст. Ӯ дар ин ҷо зоҳиран аз мактаби адабии Достоевский дар тасвири қаҳрамонҳое чун Расколников ("Ҷиноят ва ҷазо") ва писари атеисти Карамазов ("Бародарон Карамазовҳо") истифода мебарад. Қаҳрамони "Зиндабагӯр" ба мисли Расколников ба ҳадде танбал ва ба зиндагӣ беиштиёқу беалоқа аст, ки ҳатто намехоҳад аз кати хоб хеста, тирезаи ҳуҷраашро кушояд. Мехоҳад чизеро дар бораи худаш нависад, вале ҳавсалае надорад, ки дар бораи тарҷумаи ҳолаш фикр кунад. Ӯ худро "як микроби ҷомеа" меҳисобад, ки зиёновар ва сарбори дигарон аст. Ӯ ба дунё омадани худро "иштибоҳӣ" медонад. Дар зиндагии худ ҳеч алоқа ва иштиёқе намебинад ва ҳастии худро бидуни майлу хоҳиш ва иродаи худ медонад. Ба ҳамин хотир, қаҳрамони ҳикоя худро "Зиндабагӯр" меномад: «Дигар ба мурдаҳо ҳасодат наметварзам, ман ҳам аз дунёи онҳо ба шумор меоям. Ман ҳам бо онҳо ҳастам, як зиндабагӯр ҳастам...» (саҳ. 64).

Зиндабагӯр аз инсонияти худ сахт дар ранҷ аст: «ман сахт, хашин ва безор дуруст шудаам… ман аслан худхоҳ ва начасб ҳастам.» (саҳ. 54-55). Инсон аслан арзише надорад, вале дар бораи бузургии худ фалсафа бофтааст. Инсон махлуқе аст, ки аз дигар одамон ба куллӣ фарқ мекунад. Онҳо якдигарро ҳеч гоҳ намефаҳманд, эҳсосот ва чизҳое ҳаст, ки ба дигарон онҳоро фаҳмондан намешавад, балки мавриди масхараи дигарон мешаванд. Забон мисли ҷисми инсон нотавон аст барои гуфтани ҳақиқати инсонӣ ва ҳеч кас дарди дигар касро дарк карда наметавонад (саҳ. 56-60). Ҳатто худи Зиндабагӯр ҳам ба чашми худаш бегона аст, чун ҳастии ӯ ҳеч маъное надорад (саҳ. 61). Дар назари ӯ зиндагӣ маънои амиқ ва пойдоре надорад, ки инсон ба он пойбанд ва вафодор бимонад. Балки дунё "бозигархонаи бузург" аст, ки ҳар кас ба ҳар шакле бозӣ мекунад, то маргаш фаро расад (саҳ. 50).

Бо чунин вазъият инсон мурдан мехоҳад, вале марг ҳам аз ӯ рӯ гардондааст. «Аммо вақте ки марг ҳам одамро намехоҳад, вақте ки марг ҳам пушташро ба

одам мекунад, марге, ки намеояд ва намехоҳад биёяд…! ... Чӣ қадар ҳавлнок аст, вақте ки марг одамро намехоҳад ва пас мезанад! Танҳо як чиз ба ман дилдорӣ медиҳад, ду ҳафта пеш буд, дар рӯзнома хондам, ки дар Утриш (Австрия) касе сездаҳ бор ба анвои гуногун қасди худкушӣ карда ва ҳамаи мароҳили онро паймуда». Ҳатто инсон дар тасмими худкушӣ кардан ҳам озод нест, балки дар хамира ва сиришти одамони хушбахт худкушӣ навишта шудааст (саҳ. 43-45). Фақат онҳое, ки даст аз ҷон шустаанд, метавонанд корҳои бузург кунанд (саҳ. 56).

Ҳидоят ба *тақдире* бовар дорад, ки ҳамеша инсонро ба нокомӣ мебарад. «Оре сарнавишти ҳар касе рӯи пешонияш навишта шуда…» (саҳ. 54). Ин дар табиати ҳар як нафар нуҳуфтааст, ки чӣ гуна зиндагӣ ӯро дар кӯдакӣ ва калонсолӣ интизор хоҳад буд: “...биҳишту дӯзах дар худи ашхос аст, баъзеҳо хуш ба дунё меоянд ва баъзеҳо нохуш”. Зиндагии “Зиндабагӯр”, ки образи худи Содиқ Ҳидоят аст, аз бачагӣ дар назараш шум буд, ҳеч гоҳ худро хушбахт эҳсос намекард ва барои беҳудатарин чиз ҳам фикр мекард (саҳ. 45).

Зиндабагӯр як рӯз бо маъшуқааш ба кино меравад, мазмуни киноро намефаҳмад ва барояш писанд намеояд. Маъшуқааш худро ба ӯ мечаспонад. Аммо Зиндабагӯр то ҳадде бепарво ва аз табиати худ бегона аст, ки бо дастҳои маъшуқааш фақат бозӣ мекунад ва ҳисси дигаре надорад. Онҳо вохӯрии дигарро таъйин карданд, аммо Зиндабагӯр намеояд, вале ба гӯристон меравад. Дар он ҷо «Исми баъзе аз мурдаҳоро мехондам. Афсӯс мехурдам, ки чаро ба ҷои онҳо нестам, ба худам фикр мекардам: инҳо чӣ қадар хушбахт будаанд!... Ба мурдаҳое, ки тани онҳо зери хок аз ҳам пошида шуда буд, рашк мебурдам. Ҳеч вақт як эҳсоси ҳасодате ба ин андоза дар ман пайдо нашуда буд. Ба назарам меомад, ки марг як хушбахтӣ ва як неъмате аст, ки ба осонӣ ба касе намедиҳанд» (саҳ. 46-47). Содиқ Ҳидоят роҳи наҷотро дар марг мебинад ва ягона қарину дӯсташ қабристони Манпорниси Париж аст (саҳ. 63).

Дар осори Ҳидоят эҳсоси вожгунаи марг дида мешавад. Дар “Зиндабагӯр” қаҳрамони асосӣ аз робита бо духтар дурӣ меҷӯяд, мурданро бар зиндагӣ афзалият медиҳад, аз кор кардан канор мегирад, ноумедӣ ва мурдагиро мехоҳад ва ба хурофот эътиқод мекунад. Ӯ фол мебинад ва ба оянда қимор зада, онро аз роҳи фол дидан месозад, вале на аз роҳи кору амал кардан ва мубориза бурдан. Дар ҳоле ки эҳсоси ростин аз марг ҳамаи мушкилотро аз марг донистан аст. Эҳсоси вожгунаи марг, баръакс, бемаргиро сабаби ҳамаи мушкилот ва маргро омили аз байн рафтани ҳамаи мушкилот медонад.

**Марг ва абсурдияти зиндагӣ**

Баҳси абсурдияти зиндагӣ ва дар марг дидани роҳи наҷот дар дигар ҳикояҳои Содиқ Ҳидоят низ идома меёбад. Ин қиссаҳо “Гирдоб”, “Бунбаст”, “Асири фаронсавӣ”, “Лола”, “Чангол”, “Обчихонум”, “Довуди Гӯжпушт”, “Се қатра хун” ва ғайра мебошанд.

Сужаи ҳикояи “Гирдоб” (саҳ. 121-134) хеле сода буда, аз назари бадеият ҷолиб нест. Ду дӯст буданд: Ҳумоюн ва Баҳром. Баҳром худкушӣ кард… Молу мулкашро ба Ҳумо – духтараки Ҳумоюн – васият кард. Ӯ худаш оиладор набуд… Ҳумоюн ҳайрон буд, ки дӯсташ чаро чунин кард… Хаёлаш Ҳумо аз ӯ нест, аз Баҳром аст. Ӯ ба духтараш монанд буд… Бо занаш, Бадр, дар ин атроф ҷанг шуданд. Зану духтараш ба хонаи падараш рафтанд… Ҳумоюн дар зери таассуроти хиёнат аз зану дӯсти худ тасмим гирифт ба ҷои дур, ба як шаҳри бандарӣ равад, то дар он ҷо танҳо бошад. Рӯзи пеш аз рафтан баногоҳ дар конверти васият як мактуби дигарро аз Баҳром ёфт. Мегуфт: Ман чанд сол буд зани туро дӯст медоштам, вале ба ту хиёнат накардам ва эҳсосамро ба хотири ту куштам. То ки ту маро бубахшӣ, ҳама дороиамро ба Ҳумо васият кардам… Ҳумоюн барои Ҳумо як лӯхтак харид ва ба хонаи падарарӯсаш рафт. Ба ӯ гуфтанд, ки Ҳумо аз хона гурехта хонаи ту рафт, вале роҳгум зада шаб монд ва аз хунукӣ фавтид. Ду рӯз пеш мурд ва ӯро дар паҳлуи Баҳром гӯронданд.

Дар ин ҳикоя Содиқ Ҳидоят мехоҳад на фақат абсурд будани зиндагӣ, балки инчунин ногузир будани ин ҳолатро нишон диҳад. Сабаби абсурдияти зиндагӣ марг мебошад: «Аввалин бор буд, ки Ҳумоюн дар масъалаи марг [баъди марги дӯсташ] ғавр ва тафаккур мекард, вале фикраш ба ҷое намерасид. Ҳеҷ ақидае ва фарзе наметавонист ӯро қонеъ бикунад» (саҳ. 123).

Марг ҳамчун сабаби асосии абсурд будани зиндагӣ мавзӯи ҳикояи “Бунбаст” (саҳ. 295-312) низ мебошад. Шариф як дӯсти қарин дошт – Муҳсин. Ӯ шиноварӣ метавонист ва Шариф не. Як рӯзи боронӣ дарё Муҳсинро кӯшт. Шариф натавонист ӯро наҷот диҳад. Зиндагӣ дар назараш масхара ва Марг зарурӣ ҷилва кард. Кору зиндагӣ барояш бемаъно шуд… Рӯзе иттифоқ афтод, ки Маҷид – писари Муҳсин пеши ӯ омад. Писари дӯсташро ба кор гирифт ва бо ин роҳ хотираи дӯсташро гиромӣ дошт. Дигарбора ба зиндагияш маъно дамид. Ҷовидонагиро дар ҳамин дид, чун Маҷид нусхаи падараш буд. Инсон бо наслаш зиндааст ва тавассути наслаш эҳё мешавад, бо чунин қиёс Шариф мулоҳиза мекард: «…шояд ҳамон чизеро ки зиндагии ҷовидонӣ мегуфтанд, мабдаи худро аз ҳамин тавлиди масал гирифта буд. Пас аз ин қарор Муҳассин намурда буд, дар сурате ки ӯ то абад мемурд, чун аз худаш бача нагузошта буд!» (саҳ. 308) Ӯро чун писар қабул кард ва дар идораи худ кораш дод… Аммо Маҷид ҳам дар об ғарқ шуд ва мурд. Ҷаҳон дар назари Шариф ба таври ниҳоӣ шум ва бемаъно гашт. «Ҳис кард, ки баъд аз ин зиндагӣ дар ин хона барояш таҳаммулнопазир аст» (саҳ. 312).

Абсурдияти зиндагиро нависанда мехоҳад бо *бартар гузоштани асорату бандагӣ бар озодӣ* нишон диҳад. Дар ҳикояи “Асири фаронсавӣ” (саҳ. 65-68) ӯ иддао дорад, ки чӣ тавр як зиндагии муқаррарии ба ном «дар озодӣ»-и фаррош мисли зиндагӣ дар асорат ҳаст ва ҳатто бадтар. «Баъд аз оне ки ним соате шарҳи асорати худашро дод, оҳе кашид ва гуфт: Беҳтарин давраи зиндагониям ҳамон айёми асорати ман дар Олмон буд ва ҷорубро бардошта аз дар берун рафт» (саҳ. 68).

Содиқ Ҳидоят абсурд будани зиндагиро дар ҳикояи “Лола” (саҳ. 156-162) дар мавриди *бемаъной ва беоқибатии зиндагии оилавӣ ва хонадоршавӣ* мебинад. Худододи 60-сола духтари 12-солаеро 4 сол тарбият кард, то ба занӣ гирад, вале рӯзе ӯро гум кард, чун лӯлидухтар буд ва бо лӯлиҳо рафт. Чуноне ки дида мешавад, барои нависанда сужа аҳамияти дуюмдараҷа дорад. Сужа бисёр сода ва ғайрибадей аст, вале манзур нишон додани мавқеи худи муаллиф ба моҳияти зиндагии оилавӣ аст. Ҳамин гуна бемаъноии зиндагии оилавиро Ҳидоят дар ҳикояи “Чангол” (саҳ. 173-182), ки низ аз назари бадеиёт сужаи ҷолиб надорад, тасвир мекунад. Модари Аҳмаду Рубоба вафот кард ва падарашон зани дигар гирифт. Бародару хоҳар дар анборхона зиндагӣ мекарданд ва нақшаи гурехтан аз ин муҳити танг мекашиданд. Аммо рӯзе як марди дузана барои хостгории Рубоба омад. Аҳмад аз қаҳр шароб нӯшида, дар сари мастӣ хоҳарашро кушт ва худ низ мурд. Дар ин ҳикоя Содиқ мегӯяд, ки ҳама чӣ дар ин дунё абсурд ҳаст: ҳам орзуи зиндагии хуб ва ҳам худи зиндагӣ. Балки орзуҳо кӯдакона ва имконнопазир ҳастанд.

Зоҳиран давоми ҳамин мазмунро дар мавриди абсурдияти зиндагии хонаводагӣ дар ҳикояи “Обчихонум” (саҳ. 79-86) мушоҳида мекунем. Обчихонум ва Моҳрух апаву хоҳар буданд. Обчихонум зиштсурату Моҳрух хушгил буд. Аз хурдӣ модар ба Обчихонум дағалӣ мекарду ба Моҳрух меҳрубонӣ. Дар пешаш мегуфт: инро ба ин зиштӣ кӣ мегирад. Обчихонум аз аввал аз шавҳаркунӣ, умуман аз зиндагӣ ноумед шуда буд. 20-сола шуд, вале ҳеҷ кас ба хостгории ӯ намеомад. Ба Моҳрух ҳасад мебурд. Навмедӣ ӯро тақводор ва аз ин рӯ, дар маросимҳои динии рӯза, ҷаноза ва ғайра бологузари маъракаҳои занҳо карда буд. «Аммо чун аз панҷсолагӣ шунида буд, ки зишт аст ва касе ӯро намегирад, аз он ҷое ки аз хушиҳои ин дунё худашро бебаҳра медонист, мехост ба зӯри намозу тоат ақаллан моли дунёи дигарро дарёбад. …Оре ин дунёи дурӯза чӣ афсӯсе дорад… Дунёи ҷовидонӣ ва ҳамешагӣ моли ӯ хоҳад буд… Вақте моҳи муҳаррам ва сафар меомад, ҳангоми ҷавлону худнамоии Обчихонум мерасид, дар ҳеҷ равзахонӣ набуд, ки ӯ дар болои маҷлис набошад. Дар таъзияҳо аз як соат пеш аз зӯҳр барои худаш ҷо мегирифт…» (саҳ. 80). Аз ҳасад мегуфт, ки барои кокулбандӣ… дар дӯзах месӯзӣ. Моҳрух мефаҳмид, ки ӯро дар назар дорад. Барои Моҳрух хостгор омад ва дар шаби тӯйи ӯ Обчихонум худро дар обанбори хона ғарқ кард. Нависанда мегӯяд: «…монанди ин буд, ки ӯ рафта буд ба як ҷое, ки на зиштӣ ва на хушгилӣ, на арӯсӣ ва на азо, на ханда ва на гиря, на шодӣ ва на андӯҳ дар он ҷо вуҷуд надошт. Ӯ рафта буд ба биҳишт!» (саҳ. 86). Дар ин ҷо Ҳидоят “биҳишт” гуфта маргро дар назар дорад, на биҳишти диниро.

Ҳамин мазмун дар шакли дигар дар ҳикояи “Довуди Гӯжпушт” (саҳ. 73-77) омадааст. Довуд гӯжпушт (кӯзпушт) аст ва дигар бародаронаш ҳам нуқсони ҷисмӣ ва ақлӣ доранд. Ӯ инро аз падари пираш медонад, ки зани ҷавон гирифта буд. Довуд дар мактаб мехонд, вале ба машқу бозии ҳамсинфҳо шарик шуда наметавонист. Аз пушти китоб пинҳонӣ онҳоро тамошо мекард. Ақкалан дар таҳсил аз онҳо бартар бошад гуфта, шабу рӯз мехонд. Оҳиста-оҳиста ба худ чанд

«дӯст» пайдо кард, ки аз ҷумлаи танбалҳову бесаводҳо буданд ва барои онҳо мисолҳои риёзӣ ҳал мекард. Медид, ки дӯстии онҳо дурӯғу ба манфиат аст. Баръакс, онҳо кӯшиш мекарданд бо нафаре қаринӣ ҷӯянд, ки либоси зебо дошт ва аз оилаи бой буд. Дар мактаб фақат баъзе муаллимон ба ӯ меҳрубонӣ мекарданд, вале он ҳам аз тараҳҳум. Вақте Довуд мактабро хатм кард, дигар рафиқонаш аз ӯ ор мекарданд. Духтарон намехостанд бо ӯ издивоҷ кунанд: «Дар дунё одам нест, ки гӯжпушта бигирам» - мегуфтанд онҳо. Гӯё ягона қарине дар симои саг ёфта буд. Онро оғӯш кард, аммо саг кайҳо мурда буд, вагарна он ҳам аз ӯ ҳазар мекард.

Ҳамин гуна лаҳзаҳои нокомии инсон дар зиндагии фардӣ, хонаводагӣ ва ошиқона дар бисёре аз ҳикояҳои Содиқ Ҳидоят, аз он ҷумла "Гуҷастадиж" (саҳ. 183-193), "Дон Жувани Караҷ" (саҳ. 283-294), "Ойинаи шикаста" (саҳ. 149-154) ва "Мурдахӯрҳо" (саҳ. 87-97) тасвир мешаванд. Дар "Гуҷастадиж" Хаштун девона ва дар Гуҷастадижи деҳа гӯшанишину сӯфӣ мешавад. Билохира, ӯ зиндагии хонаводагиашро барҳам медиҳад ва духтарашро кушта худро низ месӯзонад. Агар бодиққат мулоҳиза кунем, ин қаҳрамон образи сӯфии эронӣ аст. Дар "Дон Жувани Караҷ" ва "Ойинаи шикаста" ошиқ ноком мегардад ва дар як маврид ба худкушӣ даст мезанад. Дар "Мурдахӯрҳо" нависанда нишон медиҳад, ки худой на ба хотири озодорӣ барои инсони мурда, балки барои базморой ва худхоҳиҳои наздикони мурда аст.

Ҳикояи "Се қатра хун" (саҳ. 111-120) аз забони як девона нақл мешавад, ки мантиқи равшан надорад. Вале ошкор аст, ки бо он нависанда мехоҳад боз ҳам абсурдияти зиндагиро нишон диҳад. Бо ин асар Содиқ Ҳидоят на фақат абсурд будани зиндагӣ, балки ҳатто бемаъно ва беҳадаф будани эҷодкориро низ таъкид мекунад. Тафсир кардани ин ҳикоя ба мисли "Буфи кӯр" душвор аст. Бинобар ин, фишурдаи онро ин ҷо нақл мекунем, то ки хонанда худ қазоват кунад.

Як сол буд, ки мехостам бароям коғазу қалам биёранд, аммо фақат дирӯз оварданд. Тамоми сол мехостам чизе нависам, вале аз дина боз дигар наметавонам. Дар миёни хатҳои дарҳам-барҳаме, ки навиштам, фақат як чиро хонда мешавад: «се қатра хун». Ман дигар аз табиат... кайф намекунам, мисли бачаҳо ва шоирон бача нестам, ки аз ин чизҳо кайф кунам. Ман аз ин одамҳо аз замин то осмон фарқ дорам, вале нолаҳо, фаҳшҳо...и онҳо хоби маро кобусӣ мекунанд ва пур аз тарс. Ман дар байни ин мардум васвосӣ шуда будам, ки онҳо маро заҳр дода мекушанд, то Муҳаммадалӣ хурокро намечашид, ман намечашидам. Як нафарро ба зиндон оварда буданд, дар зиндон шикамашро кафонда рӯдаҳояшро бароварда, бо онҳо бозӣ мекард, мегуфтанд ӯ қассоб буд ва ба шикамдаронӣ одатӣ буд. Дигаре дар зиндон буд, ки чашмҳояшро бо дастони худаш кафонда буд, аз ин рӯ, дастҳояшро ба қафо баста буданд, хун дар чашмонаш хушкида буданд.

Ҳамаи ин девонаҳо дар зери итоати Нозиманд, ӯ дар ҳавлӣ мегардад, ҳама гумон мекунанд ӯ одами беозор аст, ки гири девонаҳо шуда. «Аммо ман ӯро

мешиносам. Ман медонам он ҷо зери дарахт се қатра хун рӯи замин чакида» (саҳ. 113). Дар пеши панҷара қафас овезон аст, чун гурба омад, онро мегирад ва мекушад.

Нақлкунанда худаш дар ин девонахона аст. Дар ҳамсоягиаш якеро бо номи Аббос овардаанд, ки даъвои шоирӣ, пайғамбарӣ ва сарояндагӣ дошт. Ӯ доим як шеъреро барои ман месароид:

*Дареғо, ки бори дигар шом шуд,*
*Саропои гетӣ сияҳфом шуд.*
*Ҳама халқро гоҳ ором шуд.*
*Магар ман, ки ранҷу ғамам шуд фузун,*
*Ба ҷуз марг набвад ғамамро илоҷ,*
*Валекин дар он гӯша дар пои коҷ,*
*Чакидаст бар хок се қатра хун.*

Ба хабаргирии Аббос бори панҷум аст, як зану мард ва як духтар меоянд. ... Дӯсти наздики ман Сиёвуш як сол аст, ки ба хабаргириам намеояд. Духтари амуяш ба номзадии ман буд. Сиёвуш як гурба дошт, номаш Нозӣ, тамаллуқкор, худашро ба соҳибаш мешакид, ки ӯро бӯса кунад, дӯст дорад, гӯё одамон дар шароити беҳтарин зиндагӣ мекунанд, то ки гурба бо роҳи тамаллуқ дар ин шароит худро ҷой кунад. Аммо лаҳзае мешуд, ки агар гурба сари хурӯси хунолудро дар ҳавлӣ меёфт, ба асли ваҳшигии худ табдил меёфт, чашмонаш медурахшиданд, ниқоби маснуияш меғалтид ва то чанде ваҳшигӣ мекард. Як рӯзи баҳорӣ он фалокат рух дод. Дар баҳор гурбаҳо ҷуфтҳои худро меёбанд ва ишқварзӣ мекунанд. Гурбаҳои модина, на гурбаҳои хонагӣ, балки гурбаҳои берун аз дар, болои бому девор ва дуздро дӯст медоранд. Нозӣ ҳам ҳамчунин. Бо наринаи худ то саҳар ишқварзӣ мекард. Аз доду фарёди онҳо ба танг омада, Сиёвуш камон гирифта, наринаро кушт. Нозӣ изи хуни рехтаи наринаро гирифта, ӯро пайдо кард ва чанд муддат болои сари ӯ буд. Шаби дигар ин нарина пайдо шуд, боз ӯро бо камон кушт, саҳар хеста дид, ки се қатра хун дар зери дарахти коҷ рехтааст. Аз он вақт ҳар шаб он гурба меояд ва бо нолаи худ Сиёвушро хобидан намемонад. Ба ҳар кас, ки гӯяд, бовар намекунанд, масхарааш мекунанд, онҳо намешунаванд. Инро Сиёвуш ба ман мегуфт, ки Рухсора бо модараш аз дар даромаданд. Сиёвуш маро ба онҳо шиносонд, ки ин Мирзо Аҳмадхон аст ва ӯ медонад, ки ман дурӯғ намегӯям, се қатра хунро ӯ дидааст. Ман гуфтам: Он се қатра хун аз гурба не, аз хурӯси ҳақ аст, ки ҳар саҳар ҷор мезанад, ки се қатра хун аз гулӯяш барояд. Ҳар се аз хона баромаданд, гуфтанд ин девона шудааст, аз тиреза дидам, ки Сиёвуш Рухсораро бӯса мекунад.

**Хулоса**

Дар ин мақола дар мавриди таълимоти нигилистии Содиқ Ҳидоят гуфтем, ки тақдири шахсӣ ва эҷодиёти бадеии ӯро низ ташаккул додааст. Моҳияти куллии нигилизми нависанда аз он иборат аст, ки ӯ ҳам зиндагии дунявӣ ва ҳам ҷаҳони

ухравиро инкор мекунад. Барои муқоиса, Хайём ба ҳастии пас аз марг бовар надорад, вале мавҷудияти зиндагии дунявиро рад намекунад. Содиқ Ҳидоят ҳар дуро инкор мекунад, аз ин рӯ, нигилисти мутлақ аст: ҳастии инсонро абсурд ва роҳи наҷотро дар нестӣ ва худкушӣ медонад.

Чунин биниши Ҳидоят аз як ҷиҳат мутлақ ва аз дигар ҷиҳат вобаста ба шароити таърихии Эрон, ки аз фарҳангу тамаддуни худ бегона шудааст, мебошад. Дар асарҳое чун "Буфи кӯр", "Се қатра хун", "Марг" ва ғайра ӯ нигилисти мутлақ аст. Яъне, зиндагиро абсурд, бемаъно ва нодаркор меҳисобад, ки маргу нестӣ роҳи ҳалли он аст. Ба ҳамин хотир, Содиқ Ҳидоят пеш аз худкушӣ бисёре аз асарҳояшро, ки ҳанӯз ба чоп нарасида буданд, бо дасти худ нобуд кард.

Дар дигар навиштаҳо чунин ба назар мерасад, ки Содиқ Ҳидоят аз тартиботи мавҷудаи иҷтимоӣ ва фарҳангии қаламрави Эрон нороҳат аст. Инро метавонем дар номаҳояш ба Ҷамолзода ва Шаҳид Нуроӣ бинем. Тағйир додани ин тартибот орзуи нависанда мебошад. Табиист, ки бо чунин тағйирот ӯ метавонад ҷою мақоме дар ҷаҳони нав пайдо кунад, аз он ҷумла дар ҷаҳоне бидуни эътиқодоти хурофотии асримиёнагӣ ва бегонапарастии муосири эрониён. Ин матлаб дар ҳикояҳои "Меҳанпараст", "Арӯсаки пушти парда", "Торикхона", "Гуҷастадиж", "Шабҳои Варомин" ва ғайра баён гардидааст. Ӯ бахусус чеҳраи равшанфикри эрониро дар бисёре аз навиштаҳояш, аз қабили "Буфи кӯр", "Саги велгард", "Меҳанпараст", "Арӯсаки пушти парда" ва "Шабҳои Варомин" ошкор мекунад. Равшанфикри эронӣ аз табиату шахсият ва ҳувияти худ бегона гардида, дар хизмати ормонҳои зиддимиллӣ ва зиддиинсонӣ қарор гирифтааст. Аз ин ҷиҳат осори Содиқ Ҳидоят омӯзанда мебошанд.

Бояд таъкид кард, ки дар ин мақола якчанд асари муҳими нависанда, аз он ҷумла "Буфи кӯр" ва "Ҳоҷӣ Оғо"-ро мавриди баррасӣ қарор надодем. Бо назардошти аҳамияти баланди онҳо ҳамчун осори бадеӣ, фалсафӣ ва танқидии сохти иҷтимоии Эрон дар оянда дар мавриди онҳо мақолаи алоҳида менависем.

**Сарчашмаҳо**


1.Маҷмӯае аз осори Содиқ Ҳидоят. Гирдоваранда ва муқаддима: Муҳаммад Баҳорлу; Чоп: Ҳумо – Тарҳи нав – Адабиёти муосири Эрон; Навбати чоп: чопи аввал, зимистони 1372 (1993); 756 саҳифа.

2.Винсон Мунте [Vincent Monteil], *Содиқ Ҳидоят* [Sadeq Hedayat] (Бо осоре аз: Ҳонри Мосе, Жилбер Лазар, Филип Супу, Ружа Ласку), Теҳрон: Нашриёти Устура, 1382 (2003), Тарҷумаи Ҳасани Қоимиён (215 саҳифа)

3.Мошоллоҳ Оҷудонӣ, Ҳидоят ва носюнолисм, Теҳрон: Ироннома. 1371

4.Фирӯза Хатибӣ, "Мафҳуми "кинтӯзӣ" ва бухрони зеҳнии равшанфикрии эронӣ". 2012(www.bbc.co.uk/persian/arts/2012/06/120603_l44_ashuri_darush_iranian_intellectual.shtml)



**Шаҳобиддинов НУРИДДИН**
файласуф

## Фарҳанги тамошо ва фарҳанги офаранда

*Фишурда*: Фалсафаи мо танҳо бо он марҳалаи фарҳанги урупоӣ, ки худи онҳо онро фалсафаи тамошо номидаанд, қобили муқоиса мебошад.Фалсафа ва ҳамингуна фарҳанги пешрафтаи ҷаҳонӣ аз хусусиятҳои дигар бархурдор аст, ки онҳоро дар фарҳанги худамон пайдо карда наметавонем. Аввалин чизе, ки бояд дар мо ба вуҷуд биёяд ин раҳоии огоҳӣ аз банди динии он мебошад, то ин ки догмаҳои дигар шиносой ва аз байн бурда шаванд. Маънии инсонӣ бояд ҷои маъниҳои осмонӣ ва хурофотиро бигирад. Фалсафа ва фарҳанг бояд ҳидоятгари инсон ба амал, эҷод ва офарандагӣ бошанд ва танҳо ин хусусиятҳо кафолати ояндаро дода метавонанд.

*Калимаҳои калидӣ*: фалсафаи тамошо, фалсафаи амал, огоҳӣ, инсон, Худо, догма, андеша ва ғайра.

Фарҳангҳо ин маҷмуаи догмаҳо ва парастиши онҳо нест, балки он як организми зинда ва ҳамеша дар ҳоли тағйир, дигаргунӣ, қабул, инкор ва дар ҳамин росто дар ҳоли таҳаввул мебошад. Бунёди ингуна фарҳанги пуёро андеша ва боз ҳам равшантар огоҳӣ ташкил медиҳад. Огоҳӣ ҳамеша озод аст ва дар баробари арзишҳо, андешаҳо, бовариҳо ва дину сиёсатҳои хукмрон оҷиз намемонад ва бо онҳо айният намеёбад. Аммо дар фарҳангҳои догматикӣ огоҳӣ як омили озод нест, он ба вуҷуд оварда намешавад ва ё он тавассути таълимотҳои мазҳабӣ дар маънии инсонӣ ва заминии он аз байн бурда мешавад. Аз ин ҷиҳат ингуна фарҳангҳо пойбанди анъана ва хурофот боқӣ мемонанд, дар худ печида худро тоза наменамоянд ва онҳоро метавон мисли мурдобе ҳисобид.

Ҳолати фарҳанги худро мо бо як муқоисаи таърихӣ оғоз менамоем. Ҳанӯз дар асри понздаҳ урупоиҳо нисбат ба фарҳанги мазҳабӣ ва асримиёнагии худ таҷдиди назар ба вуҷуд оварданд ва хостори эҳё гардиданд. Аммо дар асрҳои минбаъда ин биниши онҳо якчанд маротибаи дигар мавриди таҷдид қарор гирифт ва дар

ниҳоят дар асри нуздаҳум онҳо тавонистанд фарҳанги худро ба як ҷараёне табдил диҳанд, ки ҳеҷ чиз наметавонад монеи пешрафти он гардад. Боз ҳам равшантар ин масъала дар мисоли фалсафа ифода меёбад. Фридрих Нитше ва Карл Маркс он фалсафаеро, ки то асри нуздаҳум вуҷуд дошт ҳамчун фалсафаи куҳнашуда эълон намуданд ва баъдтар он ҳамчун фалсафаи "тамошо" муаррифӣ намуданд. Маънии он чунин аст, ки то ин давра ҷаҳон танҳо мавриди тафсир қарор мегирифт ва инсон аз канор истода ба он тамошо менамуд. Аз ин ба пас вазифаи фалсафа на тафсир, балки азнавсохтани ҷаҳон мебошад. Барои мо сухани Маркс, ки файласуфон аз қадим ба тафсири ҷаҳон мепардохтанд, вале ҳоло сухан бар он меравад, ки онро чигуна бояд дигаргун сохт.[4] Ҳамчунин ҳадафи Нитше аз файласуф ҳамчун шаклдиҳандаи нави ҷаҳон ва инсон маълум ҳастанд.[5] Бояд гуфт, ки ин назари бевосита нави Нитше нест, балки ӯ зиракона ин хусусиятро аз таълимоти мазҳабӣ ва ахлоқӣ бардоштааст. Фалсафаи схоластикӣ танҳо аз тафсир ва баёни мафҳумҳо иборат буд, аммо инсонҳоро ва ҳамин тавр ҷаҳонро ба тариқи нохудогоҳ таълимоти динӣ ва ахлоқӣ шакл медоданд. Нитше хост, ки ин вазифаро маҳз ба души файласуф ва фалсафа гузорад, то ки инсонро огоҳона аз нав шакл диҳанд ва тавассути инсон ҷаҳон аз нав шакл дода шавад. Пас аз ин вазифаи инсон на маърифати ҷаҳон, балки амал ва эҷод кардан мебошад ва бад-ин васила таъсир расонидан ва дар ниҳоят тағйир додан ва аз нав сохтани ҷаҳон.

Дар воқеият ҳам ин биниш тавонист, ки дар таҳаввулотҳои бунёдии ҷаҳон таъсиргузор гардад ва фарҳанги амал ва эҷод тавонист, ки ба ҳадди худкифо бирасад. Дар баробари амал ҳамаи назарияи маърифатҳои мавҷудаи гузашта ва он фалсафае, ки дар асоси мафҳумҳои мавҳум ва абстрактӣ сохта мешуд беарзиш гардиданд. Новобаста аз он, ки ҷаҳон пур аз сиёсатҳои зиддиинсонӣ ва тира мебошад ва қувваҳои зиёде дар муқобили башарият иқдом мекунанд, аммо дар баробари онҳо фарҳанги амал ва эҷод низ дар ҳоли боварнакарданӣ дар густариш мебошад. Ин фарҳангро наметавон танҳо марбут ба Урупо донист, он дар ҳар гӯшаи ҷаҳон аз Чину Сингапур ва Ҷопону Малайзия сар карда, то ба баъзе давлатҳои Америкаи Лотинӣ, дар ҳоли амал ва густариш мебошад. Амал ва офарандагӣ, маҳз инҳо ҳамаи мушкилоти башар, аз ҷумла масъалаи маргро ҳал менамоянд, на маърифатҳои идеалистӣ ва суханпардозиҳо.

Азбаски фалсафаи мо мавриди таҳаввули огоҳона қарор нагирифт ва баръакс дар таълимотҳои ирфонӣ фано гардид, он танҳо бо фалсафаи асримиёнагии урупоии то асри чаҳордаҳ вуҷуддошта қобили муқоиса мебошад ва шояд танҳо дар ин марҳала ҳар ду баробарвазн ҳастанд. Фарҳанги мо ҳамонгуна, ки буд боқӣ монд ва тасаввуроти догматикии мо ба тасаввури он низ нарафт, ки метавон онро

---

4 Андре Дартигес, Падидоршиносӣ чист? (Тарҷумаи форсӣ). Теҳрон, 1389.- С. 121

5 Майер Тео, Нитше ва ҳунар, Тубинген/ Базел, 1997.- С. 6

тағйир дод ва ё метавон фалсафаи нав ба вуҷуд овард, аммо фарҳанги урупоӣ мавриди таҳаввули пайдарпай қарор гирифт. Нитше ва Маркс на фалсафаи асри 14, балки фалсафаи асри 18-19 –и урупоиро танқид ва инкор менамоянд. Ҳоло он, ки дар ин фалсафа аллакай инсон, озодӣ, инқилоб, огоҳӣ, дониш ва мисли инҳо аз мафҳумҳои асосӣ ба ҳисоб мерафтанд ва ин фалсафа дар баробари фалсафа ва ирфони асримиёнагии мо аслан қобили муқоиса намебошад. Аммо файласуфони насли нав онро ҳамчун "омиёна" ва "тамошо" кӯҳнашуда донистанд.

Агар шеваи ташаккули фалсафа ва ҳамчунин фарҳанги асримиёнагии худамонро мушоҳида намоем, онро мо ҳатто наметавонем фарҳанги "тамошо" номем. Падидаҳои фарҳангии ин марҳала нишон медиҳанд, ки мо дар сатҳи тамошо набудем, баръакс мекӯшидем, ки аслан "чашм бибандем", то ин ки "ҳақиқат"-ро дарк кунем. Ҳақиқат дар асрҳои миёна берун аз инсон ва берун аз ҷаҳон қарор дошт. Агар ҳақиқат берун аз инсон вуҷуд дошт, пас худи инсон кӣ буд? Мо мехостем, ки ҳақиқатро дарёбем, аммо на бо чашм. Ҳадаф аз андешидан ин ба даст овардани чизе, ки ҳанӯз маълум нест ва "пинҳон" аст, мебошад. Аммо дар асрҳои миёна он чизе, ки бояд кашф карда мешуд, пешакӣ маълум буд. Файласуфон ва орифон ҳеҷ вақт барои кашфи асрори ҷаҳон накӯшидаанд, балки неруи маърифатии худро барои ошкор сохтани асрори ҷаҳон, ки ба фикри онҳо ҳамон Худо мебошад, сарф кардаанд. Чунин ғайривоқеӣ будани бунёди биниш имкон надод, ки аслан андеша ва маърифат дорои механизми худтаҳаввулёбанда гардад. Ин чунин маънӣ дорад, ки огоҳӣ дар ҳолати хом ва ибтидоии худ боқӣ монд, ки дигар наметавонист худро аз ҷаҳон ва Худо ҷудо созад ва нисбати худ худогоҳӣ ба вуҷуд биёварад.

Аслан, масъалаи огоҳӣ дар фарҳанги мо пажӯҳиши алоҳида мехоҳад. Аммо мухтасаран ҳаминро метавон гуфт, ки ҳам дар фалсафа, ҳам ирфон, ҳам адабиёт, ҳам ахлоқ ва ҳам зебоишиносии ин марҳала раванди гурез аз худогоҳӣ ва айниятёбии огоҳӣ бо маъниҳои ғайризаминии таҳмилӣ ба мушоҳида мерасад. Огоҳӣ нисбат ба Худо ягона намуди огоҳӣ дониста мешуд ва бояд огоҳии инсон нисбат ба худ қурбонии ин навъи огоҳӣ мегардид. Барои дурустии ин гуфта мо яке аз муноҷотҳои Боязидро мисол меоварем: "Бор худоё! То кай миёни ману ту маниву туӣ бувад? Манӣ аз миён бардор,то манияти ман ба ту бошад, то ман ҳеҷ набошам."[6] Ин муноҷоти Боязид беҳтарин намунаи исёни воруна ва ё қурбонисозии огоҳӣ мебошад. Иқдом на ба хотири ба даст овардани озодӣ ва мустақилият, балки ба хотири батамом маҳрум гардидан аз он. Огоҳӣ бояд худро аз ҷаҳон ва Худо ҷудо бисозад, то ин ки тавонад онҳоро маърифат намояд, аммо вақте ки як нафар баръакс мехоҳад огоҳии худро қурбон созад чиро метавон интизор дошт? Ҳадаф ба қатори чизҳои дигар табдил гардидани инсон мебошад.

6 Оқилова М. (Таҳиякунанда), Тазкират –ул- авлиё. Хуҷанд, 2009. -С. 212

Ягоне чизе, ки моро аз дигар чизҳо ҷудо месозад ҳамин огоҳӣ аст, вақте мо аз он безорӣ меҷӯем ин маънии ба қатори чизҳо табдил гардидани моро дорад. Ҳамин огоҳии беморгуна буд, ки мо натавонистем аз фарҳанги худомеҳвараи худ қадаме пештар гузорем.

Бисёр мешавад, ки худро фидоии фарҳанг ва фалсафаи гузашта, бахусус асримиёнагии худ, нишон медиҳем, онро ҳамчун идеал мешиносем ва баргашт ба сӯи онро роҳи наҷот медонем. Бояд гуфт, ки чизи наве, ки бевосита ба худи мо таалluқ дошта бошад, дар он бисёр кам аст. Дар фалсафа ва ирфон асосан ҳамон биниши догматикии навафлотунӣ нисбат ба олами ҳастӣ шояд бо тағйиротҳои ҷузъӣ ва ороишдиҳиҳои зоҳирӣ то мавҷуд будани охирин биниши фалсафӣ ва ирфонӣ зинда монд. Дар маърифати вуҷудӣ андеша дар қолаби андешаи арастуӣ ва дар маърифати шуҳудӣ бошад дар қолаби навафлотуния қаноат кард. Ҳеҷгуна метадалогияи нави маърифат, ки асоси бумӣ дошта бошад, ба вуҷуд наомадааст. Чунин заъф ва аҷзи андеша ва шинохтро наметавон ҳатто бо истилоҳи догматизм умумиятдиҳӣ кард. Вазифаи андеша ва маърифат дар ин марҳала ҳукми он тортанакеро мемонад, ки дар атрофи як чизи беҷон ва вуҷуднадошта як тури зебо ва муназзам биёфаринад. Дар ин давра дониш он қудрате, ки ба ҷамъият хидмат расонад ва табиатро ба худ тобеъ созад дониста намешуд, балки чизе дониста мешуд, ки метавонад мафҳумҳои абстрактии садсолаҳо зиндамондаро тафсир ва барои онҳо маъние офаринад.

Бояд зикр намуд, ки ҳам худи мафҳуми фарҳанг ва ҳам мафҳуми андеша дар асрҳои миёна мавриди шиносоии холиси илмӣ қарор нагирифтаанд ва ба андешаи мо онҳо на дар ҳолати табии ва озодонаи худ ба худ шакл додаанд, балки дар ҳолати худмаҳдудкунӣ ба вуҷуд омадаанд. Агар мо фарҳангро дар мисоли як дарахт эътибор кунем, ин ғайриимкон аст, ки дарахтеро, ки танҳо аз як тана, як шоха ва як навда иборат аст, шодоб номем. Фарҳанги инмарҳалаи моро бо методҳои ниҳоят ғайриинсонӣ водор сохтанд, ки худро дар як қолаби ғайритабиии бавуҷудоварда маҳдуд созад. Барои мо маълум аст, ки дар оғози марҳалаи исломӣ ин фарҳанг ниҳоят густурда ва озод инкишоф меёфт, ҷараён ва равияҳои гуногун вуҷуд доштанд, аммо ҳамаи ин шохаҳо бурида шудаанд ва шохаи ягонаи боқимондаро , ки он ҳам аксари чизҳои мусбӣ ва чашмраси худро аз фарҳангҳои бостонии дигар миллатҳо гирифта буд, ҳамчун “фарҳанг” номгузорӣ намудем. Шояд эътирозҳо шавад, ки дар фарҳанги асримиёнагии мо ҷараёнҳои гуногун вуҷуд доштанд, на танҳо як ҷараён. Аммо мо медонем, ки ҳамаи ҷараёнҳои дигар бо роҳи зурӣ ва террор аз байн бурда шуд ва фақат таълимоте боқӣ монд, ки асли динӣ доштанд. Ҳар чизи маҳдуд ва аз ҳолати табиии худаш ҷудогардонидашуда ва бадбахттар аз он танҳо як равиши биниш ва андеша инсонро ба худии худ ба догма табдил медиҳад, заминае барои рушди зеҳнияти он боқӣ намегузорад ва истиқлолияти андеша ба вуҷуд намеояд. Ин ҷо

сухан танҳо дар мавриди фарҳанги худи мо намеравад, ҳар фарҳанге, ки дар ҷараёни фарҳанги башарӣ таъсиргузор аст, дорои таҳаввул ва дигаргунӣ аст ва ин чиз бояд ҳамчун амри табиӣ дониста шавад.

Онҳое, ки муқобили таҳаввули фарҳанг ва фалсафа мебошанд, дорои асли мазҳабӣ мебошанд. Ин дин аст, ки муқобили тағйир ва таҳаввул аст ва маҳз дин мехоҳад ин хусусиятро хоси фарҳанг низ гардонад ва бори худро бар гардани фарҳанг, ки ҳеҷ вақт танҳо бо дин маҳдуд намегардад, бор кунад. Дар ин амали худ дин муваффақ низ гардидааст, далели асосии мо ин вуҷуд надоштани равиши диалектикии андеша дар фарҳанги мо мебошад. Асли гап дар он аст, ки дар фалсафаи ҷаҳонӣ аз оғоз то ба имрӯз ду биниши асосии ҳукмрон мебошад, ки Б. Рассел онҳоро биниши гераклитӣ ва биниши парменидӣ меномад.[7] Биниши диалектикӣ ҷаҳонро дар ҳолати таҳаввул, зиддият, тағйир, навшавию куҳнашавӣ мебинад, аммо биниши метафизикӣ ҷаҳонро дар ҳолати оромӣ, бидуни тағйир, дигаргунӣ ва бидуни ҳаракат ва замон мешиносад. Биниши метафизикӣ, ки оптимистона, аммо догматикӣ мебошад, хоси дин ва биниши динӣ аст. Фарҳанги асримиёнагии мо, ки асли динӣ дорад,маҳз биниши метафизикӣ мебошад ва ин на бо роҳи табиӣ ба вуҷуд омадааст, балки бо заҳматҳои пуштибонони мазҳабӣ.

Дар ҳақиқат, ин ҷои тааҷҷуб ва таассуф аст, ки фалсафа ва ирфони асримиёнагии мо ифодакунандаи биниши сирф метафизикӣ мебошад. Биниши гераклитӣ, ё худ биниши диалектикӣ натавонист алтернативаеро ба вуҷуд оварад. Чунин намуди биниш дар баробари зиддиятварзӣ ба мафҳумҳое чун ҳаракат, замон, таҳаввул, тағйир ва мисли инҳо ба фарҳанги инсонмеҳвар низ зиддият меварзад. Фарҳанги инсонмеҳвар танҳо дар сурате метавонад густариш пайдо намояд, ки огоҳии ноби инсонӣ ҷои огоҳиҳои дурӯғини динӣ ва хурофотиро гирад. Мо метавонем аз ин ҳам фаротар равем ва бароямон равшан аст, ки сабаби зиддиятварзии руҳониён ба фалсафа ва илм он буд, ки онҳо фалсафаро сабаби ба огоҳӣ расидан ва ҳамин тавр шакк кардан дар баробари аркони дин медонистанд.

Дар мавриди мафҳуми андеша низ бояд чунин нуктагирӣ намуд. Мо дар нисбати андешаи ғайрифалсафӣ сухан надорем ва танҳо дар доираи андешаи фалсафӣ ва ирфонии худамон маҳдуд мегардем. Андеша барои мо ҳамон чизе мебошад, ки чизи маълумро бароямон дигарбора тафсир ва тавсиф менамояд, андешаманд дар бораи чизе ба андеша мепардозад, ки он бароят пешакӣ маълум аст.

Масъулияти заминӣ ва инсонӣ набудан боиси он гардид, ки андешаи ин замон бо воқеият иртибот барқарор карда натавонад ва он ҳамеша аз ду методи амал истифода мебурд: якум, андешаронӣ тавассути калимаҳое, ки аз маънии заминӣ холӣ буданд, ба мисли модда, сурат, ҷабр, иллат, воҷибулвуҷуд ва мисли

---

7 Рассел Б., Таърихи фалсафаи Мағрибзамин, Мюнхен/Вена 2001 (нашри даҳум).-С. 67 ба баъд.

инҳо. Фалсафа ин ҳамон илоҳиётшиносӣ на фаротар аз он, яъне қарор додани ақл дар хидмати имон ва виҷдони динӣ. Онҳое, ки имрӯз сухан аз имон мезананд барои фарҳанги мо аслан ошност, онҳо ҳамон неомутакаллимон мебошанд, ки пешинагонашон барои фалсафаи асримиёнагӣ чоҳи бетаг канда буданд; дувум, ин маҷозӣ ва ё аз маънӣ маҳрум гардонидани маъниҳои мавҷуда. Маҷоз ҳисобидани зиндагии инҷаҳонӣ боиси маҷоз гардидани арзишҳои воқеӣ ва табиӣ мегардад ва ҳамингуна фарҳанги мо марҳалаи азнаварзишгузории ворунаро паси сар намудааст. Бояд шеваи андешае вуҷуд медошт, ки дар он ҳама чиз дар маънии ворунаи он фаҳмида мешуд, аз ҷумла маъниҳои заминие чун ишқ, ошиқ (ёр), маъшуқа, ағёр, май, майкада ва мисли инҳо. Чигуна зеҳният ин ҳамаро мехоҳад дар маънии ворунаи онҳо бипазирад? Танҳо як зеҳнияти бемор ва воруна.

Ҳамин гуна андеша ва андешаи фалсафӣ дар анъанаи фалсафии мо на бо илм, балки бо дин ва музахрафоти динӣ ҳамоҳанг буд. Аз ин рӯ ба вуҷуд овардани мафҳуми нав, яъне фалсафаи нав барои андешаманди асримиёнагӣ ғайриимкон буд ва баръакс ҳамон мафҳумҳои куллӣ ва обшуста буданд, ки андешаи андешамандро дар атрофи худ чарх мезанониданд.

Он чизе ки дар ин фазо то ба дараҷаи фано ва нестӣ расида буд, ин маънии инсонӣ буд. Барои он ки инсон ба маънии худӣ баргардад, огоҳӣ зарур буд, аммо рӯшанфикри ин фарҳанг худ аз огоҳии худ безорӣ меҷӯст ва аз камоли хастагӣ онро қурбони огоҳӣ нисбат ба Худо мегардонид. То замоне, ки ин масъала бозшиносой нагардад, сухан аз ҳаргуна таҳаввул бемаънӣ аст. Дар ин ҷо набояд худро гул зад, ки истифода аз технологияи навтарин худ метавонад дар андешаи фарҳангии мо таҳаввул ворид намояд. Баръакс, истифодаи технологияи навин метавонад зери таъсири худ қарор диҳад ва роҳгум занонад, аммо боварнакарданист, ки дар огоҳие, ки худ дар офаридани технологияи навин саҳим нест, таъсири бунёдӣ расонад. Дар замони муосир ҳамон ниҳоди хоми асримиёнагӣ моҳияти гумгаштаи худро дар парешонӣ ва гумгаштагӣ нигоҳ медорад. Агар дар асрҳои миёна ӯ танҳо зери таъсири маъниҳои осмонӣ ва ғайривоқеӣ қарор дошт, пас дар шароити имрӯза ба он таъсиргузории фарҳангҳои пешрафта илова мегардад. Яъне, ҳоло як мушкил ду мушкил шудааст.

Назари мо бар он аст, ки фарҳанги мо хело барвақт кӯҳна шуда буд ва ниёз ба навшавӣ ва тозашавӣ дорад. Ин як нуқси таърихии мо аст, ки наметавонем ҳама чизро нисбӣ қабул намоем ва имкони куҳна гардидани як чиз ва ҷойгузини чизи навро ҳатто тасаввур карда наметавонем. Ин нуқс дар биниши мо дар нисбати фарҳанг ва ҳақиқатҳои ҳукмрон низ сидқ мекунад. Фарҳанги мо шояд тавонад бо фарҳанги ба истилоҳ “тамошо” қобили рақобат ва бархӯрд бошад, аммо бо фарҳанги кунунӣ рақобатпазир нест. Фарҳанги мо ҳанӯз фарҳанги сухан аст, на амал ва эҷод. Фарҳанги амал дорои суръат мебошад, аммо фарҳанги мо аз суръат маҳрум мебошад, зеро он аз догмаҳо бунёд ёфтааст.

Имрӯз таҳоҷуми фарҳангӣ бармало мушоҳида мешавад. Ин рисолати

рӯшанфикр аст, ки аз асолати фарҳангии худ пуштибонӣ намояд. Аммо ин дифоъ то ба куҷо коромад мебошад? Ба андешаи мо танҳо дифоъ роҳи ягонаи ҳалли масъала нест. Ҳақиқати офтобӣ он аст, ки фарҳанги мо аз нерӯи офарандагӣ чандон бархӯрдор нест ва догмаҳои асримиёнагӣ ҳанӯз ҳам қавитар ҳастанд, нисбат ба арзишҳои бунёдии замонавӣ. Дар баробари дифоъ аз таҳоҷуми фарҳангҳои манфии бегона бояд равандеро дар фарҳанг ба вуҷуд овард, ки он таҳаввули ҳамешагии фарҳангро ба вуҷуд оварад.

Фарҳанг як чизи худ аз худ бавуҷудомада нест, бояд нахуст худи он огоҳона ба вуҷуд оварда шавад ва дар ҳамин амали огоҳона озодӣ ва истиқлолияти инсон дар бунёди он фарҳанг қарор дода шавад. Вақте ки дар як фарҳанг инсон аз озодӣ, огоҳӣ, амал, офарандагӣ ва арзишҳое мисли инҳо бархурдор нест, онро наметавон фарҳаги инсонмеҳвар донист. Набудани руҳияи исён намегузорад, ки мо бар ин ҳақиқати куҳнашудаи худ “на” бигӯем, ояндаро на ҳамчун якнавохтии гузашта бидонем ва ҳамин гуна марҳалаи навро тарҳрезӣ намоем.



**Меҳр СОБИРИЁН**
иқтисодшинос

**Каҷфаҳмиҳои шинохтӣ:
фарҳанги хитобаӣ ва ратсионализми интиқодӣ**

Каҷфаҳмиҳои шинохтӣ бардошти таҳрифшуда аз воқеиятҳо ва фарзияҳоест, ки зери таъсири пешдовариҳо, манифатҳо, тарс ва тамаъ, дар бардошт, қазоват ва истидлоли одамон дохил шудаанд. Каҷфаҳмиҳои шинохтӣ, дар ниҳоят, мумкин аст, ба таҳрифи идрок, қазовати нодуруст, тафсири ғайримантиқӣ ва бехирадона оварда расонад. Каҷфаҳмиҳои шинохтӣ аз хурофотҳое бармеояд, ки дар ҳофизаи ҷамъиятӣ вуҷуд доранд ва ин ба дарки дурусти тасвири илмии олам ва паҳншавии он, ки аз қолабҳои ҷорӣ дар шуури тӯдаҳо фарқ мекунад, монеъ мешавад. Одамон дар ҷустуҷӯ ва тафсири маълумот, маъмулан тамоил ба он доранд, ки хурофоту пешдоварии худро дуруст нишон дода, ҳар як маълумоте, ки дидгоҳҳояшонро рад мекунанд, беэътибор нишон диҳанд. Ба ҷаҳон аз даричаи таассуби худ нигариста, ҳар як маълумотро филтр мекунанд ва танҳо он назарҳоеро қабул мекунанд, ки тасдиққунандаи бовару назари худашон буда, мақбули тӯдаҳо ҳастанд. Назари инсони маъмулӣ, аҳёнан аз худи ӯст, ки дар натиҷаи санҷиши комил бо ҳама усулҳои имконпазир ба даст омада, асоснок ва аз тарозуи ақлу мантиқ гузаронида бошад. Дар бештар маврид назарҳои мо намунае аз фарзияву истидлолҳои дигарон ҳастанд, ки ба воситаи падару модар, куча, мактаб, телевизиону радио ва китобу интернет ба даст омадаанд.

Маълум аст, ки дар пешорӯйи мушкилоти рӯз, пеш аз ҳама, шинохти дурусти онҳо лозим аст. Ҳалли онҳо бе шинохти дурусташон имконнопазир аст ё дар ҳолати беҳтар ба ҳалли нодурусташон мерасонад, ки баъди муддате боз буруз мекунанд. Каҷфаҳмиҳо дар шинохти мушкилот ва сабабҳои пайдоиши онҳо монеи ҳалли саривақтии онҳо гашта, хароҷоти онҳоро зиёдтар мекунад. Бинобар ин, дар омӯзиш ва шинохти ҳар як мушкил, хоҳ шахсӣ аст, хоҳ ҷамъиятӣ бояд аз хираду мантиқи солим кор гирифта, таассубу пешдовариҳо канор гузошта шаванд. Ба каҷфаҳмиҳо дар шинохти масоили иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фалсафӣ роҳ дода нашавад.

Шурбахтона, дар ҷомеаи мо низ қаҷфаҳмиҳо дар шинохти мушкилоти мубрами рӯз дида мешаванд, ки боиси ҳал нагардидани мушкилоти ифротгароии мазҳабӣ, хурофазадагӣ, ришвахорӣ, суистифода аз мансаб, мардумфиребӣ, фақр ва бегонапарастӣ гардидаанд. Ин қаҷфаҳмиҳо бештар дар масоили ҳувияту худшиносӣ, огоҳӣ аз таърихи худ, масъулиятшиносӣ дар назди виҷдону ҷамъият, пайравӣ аз бузургон, нангу номус, накукорӣ, озодӣ ва илму олим дида мешаванд.

30 сол боз аз худшиносӣ сухан мегӯянд, аммо сатҳи худшиносии миллӣ ба ҷойи боло рафтан, пойинтар аз он шудааст, ки дар охирҳои мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ буд. Мутаассифона, бештари мардум дар муҳосираи иттилоотии таърихӣ монда, таърихи зиёда аз 8500- солаи худро, ба 1100 оварда расониданд, ҳувияти худро дар мусалмон будан шинохтанду рӯй ба идеологияи таҷовузгарони ватан оварда, гузаштаи пешазисломии худро фаромӯш карданд. Гузаштаи пурифтихоре, ки ин миллат ҷаҳонгир буд. Ин бетаваҷуҳӣ ва ноогоҳӣ аз таърихи худ ва дар баробари ин, таблиғоти густардаи мазҳабӣ аз ҷониби гурӯҳҳо ва кишварҳои манфиатхоҳи исломӣ, ба воситаи муллоҳои маҳаллӣ ва дар даҳ соли охир бо интернет, худшиносии мардуми тоҷикро пойин бурда, ба қаҷфаҳмиҳо дар шинохти ҳувият оварда расонд, ки дар натиҷа таассуби мазҳабӣ боло гирифт. Натиҷаи манфии ин қаҷфаҳмиро дар чанд соли охир дар пайвастани ҷавонони тоҷик ба ҳизбу ҳаракатҳо ва гурӯҳҳои террористии ҳувияти динидошта ва харҷи бамаротиб бештари давлат барои ҳимояи давлатдории миллӣ аз хавфи чунин равандҳо мушоҳида мекунем. Ҳатто кор ба ҷое расида буд, ки таҳти таъсири баъзе муллоҳои худбохтаву пушт бар меҳанкарда, шахсони номи миллидошта, номҳои худро ба номи шахсиятҳои таҷовузгари ватан иваз карданд. Хушбахтона, мақомот пеши роҳи ин бегонашавии расмиро гирифт. Аммо дар номгузории кӯдакон, ҳамоно, ин худбохтагӣ ва бегонапарастӣ идома дорад.

Омилҳои ин қаҷфаҳмиҳо дар ҳувияту худшиносӣ бисёранд, аммо аз ҳама асосии он бамаротиб кам будани маълумот дар бораи гузаштаи пурифтихори пешазисломии мост. Худшиносиро мо бояд аз тарғибу омӯзиши Ҷамшеди Пешдодӣ ва давлатдории Ӯ оғоз мекардем. Имрӯз як тоҷик аз гаҳвора то гӯр, ҳамвора дар бораи дину мазҳаби бегона маълумот мегирад, аммо дар бораи таърихи пеш аз исломии худ хеле кам мешунаваду мехонад. Аз инҷост, ки дар паҳнои интернет аксар даъво мекунанд, ки мо торихи 1400 -сола дорем ва пеш аз ин чизе надоштем. Ҳама дастоварду ифтихороти пешинаро нодида мегиранд, дар пайи ҳимояи ҳувияти мазҳабии худ мераванд. Ин ҳама мушкилоти вобаста ба ифротгароиву бегонапарастиро тақвият бахшида, монеи шинохти дурусти ҳувият ва худшиносии миллӣ мегардад.

Қаҷфаҳмиҳо дар шинохти ҳувият, ки ба боло рафтани таассубу мазҳабгароӣ ва бегонапарстӣ расонидааст, боиси ба вуҷуд омадани қаҷфаҳмиҳо дар шинохти таърих гардидааст. Чуноне ки зикр карда шуд, бештари мардуми тоҷик таърихи худро аз 1400 рақам мезанад ва гузаштаи пеш аз онро дуруст намеомӯзанд ва аз воқеъияти таърихии худ огоҳии дуруст пайдо намекунанд. Дар натиҷа, таҷовузи

турку муғулро маҳкум мекунаду қотилони падару модари худро дар замони ҳуҷуми онҳо нафрин мекунад. Аммо таҷовузи аъробро нодида мегираду аз қотилони падару модари худ ҳангоми таҷовузи арабҳо қаҳрамон тарошида, номи онҳоро ба фарзандонаш мегузорад. Ин каҷфаҳмиҳо дар шинохти таърих, боиси пайдо шудани шахсиятҳои хиёнаткор мегардад, ки ба хотири паҳнсозии идеологияи каҳрамонҳои сохтаи худ, даст ба озору куштори ҳамватанони хеш мезананд. Ё дар ҳолати дигар бар зидди арзишҳои миллӣ ва суннатҳои воқеии мардум мубориза мебаранд.

Албатта 1400 соли охири таърих ҳам идомаи созандагиву эҷодкориҳои мардуми мост ва наметавон онро нодида гирифт. Ҳар бурду бохте, ки доштем, пештар аз ҳама, кори дасти худи мо буд. Дар илму фан ва ҳунару эҷодкорӣ ҳар ҳосиле, ки буд, аз меваи дарахти 8500 - солаи таърихи мавҷудияти миллати тоҷик буд. Аз биёбони араб ба мо чизе ҷуз қатлу хунрезӣ ва ғорату ғуломсозӣ наомад. Фаргашти илм дар тамоми ҷаҳон давраҳои муайяни худро дошт, ки дар як давра ҳосилаш як чиз буд ва дар давраи дигар чизи нав ба бор меовард. Наметавон аз давраҳои нахуст талаби ҳосиле ба мисли давраҳои охир кард. Наметавон аз олимони даврони Ҳахоманишӣ талаби шеъри Бедил кард ва аз олимони даврони Сомониён талаби сохтани барномаҳои компютерӣ. Фарҳанги созандагиву эҷодкории ин миллат таърихи 8500 -сола дошта, бо омадани юнониҳо, мусалмонон, муғул ва рус аз байн нарафт ва ба рушду такомули худ идома дод. Аз ин сабаб, иддаои ин ки мо то таҷовузи аъроб чизе надоштем ва идеологияи душман бар сари мо чира ва боиси рушди илми мо шуд, шинохти нодуруст буда, ба каҷфаҳмиҳо дар шинохти таърих дохил мешавад.

Ноогоҳӣ аз таърихи худ, боиси каҷфаҳмиҳо дар шинохти номус мегардад. Ҷавонмарди тоҷик барғалат номусро дар ҳимояи идеологияи бегона, идеологияи қотилони падарони худ мебинад. Ба ҷойи эҳёи суннатҳои худ ва ҳифзи боқимондаи он, аз идеологияи бегона ҳимоя мекунад. Ва ин амали худро номусдорӣ меномад, дар ҳоле ки ин хилофи ақлу мантиқ аст. Агар ба кишварҳои пешрафтаи муосир назар кунем, миллатеро дида наметавонем, ки аз душманони худ қаҳрамон тарошида, муҳофизони ватанашонро маҳкум кунанду душман шиносанд. Аммо дар мо ин каҷфаҳмӣ вуҷуд дорад ва оилаҳои тоҷик ба ҷойи Муқаннаъу Бобак Умару Алиро шинохта, номи фарзандонашонро аз номи ҳамин бегонаҳо мегузоранд. Агар ҳамаи инро холисона ташхис кунем, пайдост, ки онро наметавон номусдорӣ номид. Ин дар беҳтарин ҳолат ноогоҳӣ аст ва дар бадтарин ҳолат беномусиву меҳанфурӯшӣ, ки ба гурӯҳи якум мардуми оддӣ ва ба гурӯҳи дуюм онҳое дохил мешаванд, ки аз воқеият бохабаранду ба хотири манфиатҳои шахсӣ аз идеологияи бегона пуштибонӣ мекунанд.

Дар шинохти виҷдон ҳам дар фарҳанги имрӯзаи мо каҷфаҳмиҳо вуҷуд доранд. Мутаассифона баъзе кормандони масъули давлатӣ ришва мегиранд, пули буҷаро медузданд ва барои ором кардани виҷдонашон ба мулло пул дода, дуо мегиранд ё масҷид мезосанд, ё як маблағи ночизеро хайр карда, гуноҳи худро

шуста мешуморанд. Як қисми савдогарон ҳам чунинанд, ҳатто дар арафаи идҳо нархро боло мебаранд ва барои пӯшиши ин беинсофӣ ё ҳаҷ мераванд, ё ба мулло пул медиҳанд ё масҷид сохта, «гунаҳсӯзӣ» мекунанд. Маълум аст, ки ин ҳама бевиҷдонӣ буда, ба хеҷ роҳе шуста намегардад. Инсони бовиҷдон ҳаргиз ришва намегирад, пули мардумро намедуздад, нархҳоро беасос боло намебарад ва виҷдони чунин одам соф асту виҷдондориро дуруст дарк кардааст.

Ҳамин тариқ, қаҷфаҳмиҳои зиёде дар ҷомеаи мо вуҷуд доранд, ки мушкилоти мавҷударо печида карда, аз худ мушкили дигар эҷод мекунанд. Яке аз омилҳои асосии пайдо шудани ин каҷфаҳмиҳо фарҳанги шунавандагии мо мебошад. Яъне мардум бештар тамоил ба шунидану бовар кардан доранд, то ба дидану санҷидану андеша кардан. Ба чолиш ва муҳокима кашидани назарҳои бузургони оила, рӯҳониён ва амалдорон роиҷ нест. Нақд кардани суханҳои онҳо гуноҳ маҳсуб мешавад. Шунидану ба хотир гирифтан ва амал аз руйи онҳо кори аксарият шудааст. Бо дигар назарҳо муқоиса кардан, беҳтарашро интихоб кардан ва андешаву тафаккур кардан хеле кам ба назар мерасад. Чунин фарҳангро донишманди эронӣ Алӣ Худомуродӣ фарҳанги хитобаӣ номидааст. Фарҳанге, ки дар миёни як қишри ҷомеа як кас хатиб (соҳибназар) асту дигарон мухотабу шунавандаи ӯ ва дар бисёр маврид шунавандаҳо батадриҷ шуниданро ҷойгузини тафаккур месозанд ва ба бутсозии хатиби худ мераванд. Ба ҳамин далел аст, ки мухотабон, маъмулан ба роҳи хатибон мераванд, ба ҷойи он ки роҳи хатибонро идома диҳанд ва аз худ як навоварие ба вуҷуд биёранд. Ба роҳи хатиб рафтан, яъне дар чорчӯби афкори ӯ мондан, аммо роҳи хатибро идома додан, яъне равиши мантиқии хуруҷ аз чорчӯби афкори ӯро ёфтан аст.

Фарҳанги хитобаӣ бештар дар ҷомеаҳое пайдо мешавад, ки нақдпазир (танқидпазир) нестанд ва нақди афкори шахсиятҳои мавриди назар (мулло, волидайн, амалдор, пайғомбар, имом) мамнӯъ буда, нақд кардани нуқтаи назари онҳо иҳонат ба онҳо шумурда мешавад. Дар чунин ҷомеаҳо каҷфаҳмиҳои шинохтӣ решаи амиқ доранд. Чунки дурустии фарзияҳо ё нуқтаи назари шахсоне, ки дар бораи ҳақиқат ҳукм меронанд, мавриди нақду баррасӣ қарор намегирад, дар ҳоле ки, танҳо нақду баррасии амиқ дурустии ҳар нуқтаи назарро собит мекунад. Ҳақиқат ҳам барои равшан шудану ҷило додан ниёз ба нақд дорад. Таҷриба нишон медиҳад, ки назари бисёре аз чунин одамони хатиб ғайриилмӣ ва идеологӣ ҳастанд ва барои онҳо нақду инкор кардани ҳақиқати хоси онҳо маънои инкор кардани дониши онҳо аст, ки мақоми иҷтимоии онҳоро пойин мекунад. Пайванд будани хатибон ба як идеология ё ҷаҳонбинии хос, онҳоро маҷбур мекунад то ба ҳар роҳе далелҳои тасдиқкунанда ба даст биёранд ва нуқтаи назари худро дуруст нишон диҳанд. Маълум аст, ки онҳо дучори пешдоварӣ мегарданд ва аз қабл медонанд, ки чиро исбот мекунанд. Бо пайдо шудани интернет ин кор осон шуд, дигар метавонанд танҳо аз сомонаҳое истифода баранд, ки бо онҳо ҳамфикранд. Дар ҳолати пайдо шудани далелҳои қавии радкунанда ҳам, омода намешаванд мавқеъҳои худро бознигарӣ кунанд. Мардум ҳам тамоили бештари

бовар кардани суханҳои мухотабони худро доранд, то нақди мантиқии онро кардану сари дурустии суханҳои ӯ андеша кардан. Одаме, ки таҷрибаи кофии истифода аз ақлу мантиқро надорад ва ҳақиқатро танҳо аз шунидаҳояш мешиносад, тавоноии ташхиси ҳақ аз ботилро надорад ва ба каҷфаҳмиҳо дар шинохти бисёр масъалаҳо роҳ медиҳад. Хатибон ҳам ба дониши худ арзиши аз ҳад зиёд дода, мухотабони худро нотавон нишон медиҳанд ва мавқеи иҷтимоии худро аз онҳо болотар меҳисобанд.

Бештари одамон худро соҳибхирад ҳисобида, бардоште аз воқеиятҳои моро иҳотакарда доранд. Аммо ин бардошт ва шинохт он вақт манфиатовар мегардад, ки асоснок ва воқеӣ бошад. Воқеият бе хоҳишҳои мо ва боварҳои мо вуҷуд дорад. Онро метавон бо муқоисаи фарзияву боварҳои гуногун ва нақди хирадмандонаи онҳо муайян кард. Барои ин, андешаи озод ва огоҳӣ доштан даркор аст. Набояд ақидаҳоеро, ки бовари моро рад мекунанд, сарфи назар кард. Онҳоро санҷида нақд кардан лозим аст, то ҳақ ё ботил буданашон маълум шавад. Ҳақиқат бо нақд кардан ботил намешавад, танҳо каҷфаҳмиҳои мо ошкор шуда, имконияти дуруст шинохтани воқеият пайдо гашта, роҳи ҳали мушкилоти мавҷуда ёфт мешавад.

Ратсионализми интиқодӣ ё худ нақди хирадмандонаву мантиқӣ кардани ҳар фарзияву гипотеза ва назари пешниҳодкардаи дигарон ва қабул ё радди онҳо баъди санҷиши мунтақидона, роҳи асосии ислоҳ кардани фарҳанги хитобаии имрӯза ва бартараф кардани қаҷфаҳмиҳои шинохтӣ мебошад. Албатта, рад кардан ё тасдиқ кардани назарияву гипотезаҳои пешниҳодшуда, эҷодкорӣ нест ва худ ба худ чизи наве намеофарад, аммо ин ҳақро аз ботил ҷудо карда, имкони шинохти дурусти масъалаҳоро фароҳам оварда, каҷфаҳмиҳоро аз миён мебарад. Ин дар навбати худ заминае мешавад барои эҷодкориву навоварӣ ва ҳалли саривақтии мушкилоти мавҷуда.

Дар ҳама давру замон гурӯҳе иборат аз баъзе олимон, рӯҳониёни динӣ ва амалдорон, ки дар бораи ҳақиқат ҳукм меронданд ва аз фарҳанги хитобаиву шунавандагони худ манфиат мебурданд, аз ҷорӣ шудани фарҳанги интиқодӣ ва нақди мантиқии ҷаҳонбинии хоси худашон нигарон буданд ва зидди мунаққидон мубориза мебурданд. Ин гурӯҳ имрӯз ҳам намехоҳад ратсионализми интиқодӣ ҷойгузини фарҳанги хитобаӣ гашта, шунавандаҳояшон ба марҳилаи чуну чароҳои мантиқӣ гузаранд. Ин гурӯҳ барои тасдиқи нуқтаи назари худ тафсирҳои бисёр навишта, мавқеи иҷтимоии худро ҳифз кардан мехоҳанд. Бо вуҷуди ин, ратсионализми интиқодӣ ё худ фарҳанги нақдии хирадмандона бояд дар ҷомеа ҷойгоҳ пайдо кунад ва дар ташхиси масъалаҳову ошкор кардани фарзияҳои ба ҳақиқат наздик кумак расонад. Ин имкон медиҳад, ки фарзияву назарияҳои ботил сари вақт ошкор шуда, бартараф гарданд ва кору омӯзиш танҳо сари фарзияву назарияҳое қарор гирад, ки ба ҳақиқат наздиканд.

Барои густариш пайдо кардани мантиқи нақдӣ аз манфиат холӣ нахоҳад буд, агар дар синфҳои болоии макотиби миёна омӯзиши кӯтоҳи ратсионализми интиқодии Карл Попер ба роҳ монда шавад. Ин алтернативае хоҳад буд дар

баробари фарҳанги хитобаие, ки ҷорӣ аст. Ҷавоне, ки тафаккури накдӣ дорад, туъмаи гурӯҳҳои террористӣ нахоҳад шуд. Шахсе, ки чуну чаро мекунад ва аз чорчӯби афкори асримиёнагӣ фаротар меравад, ба оила ва ҷомеа манфиати бамаротиб бештар оварда метавонад ва ҳаргиз худро дар миёни одамони бегуноҳ наметарконад. Чунин ашхос ба эҳтимоли зиёд давомдиҳандаи роҳи бузургон мешаванд ва ба ҷаҳон як зарра навоварӣ меоранд. Дар фарқият аз шунавандае, ки дар чорчӯби афкори асримиёнагӣ дармонда, бо зоҳирпарастӣ дар роҳи онҳо меравад ва ба ҷомеа зарар мерасонад, шунавандаи закӣ, ҳушёр, навовар ва мунтақид масири зиндагии созанда ва арзандаро тай мекунад. Одатан, шахсони каҷфаҳму беҳувиятро гурӯҳҳои ифротӣ ба осонӣ аз ҳудуди ришу салла то сарҳади террору мардумкушӣ мебаранд. Ин ҳам як каҷфаҳмӣ аст, ки ботил (террор)-ро ҳақ мепиндоранд. Тафаккури мантиқӣ метавонад ин каҷфаҳмиҳоро ислоҳ кунад.

Сарчашмаҳо


1. Турчин Алексей Валерьевич., Батин Михаил Александрович, ФУТУРОЛОГИЯ. XXI ВЕК:
   БЕССМЕРТИЕ ИЛИ ГЛОБАЛЬНАЯ КАТАСТРОФА?, Москва 2012;
2. Сугирии шинохтӣ, https://fa.wikipedia.org/wiki/%D8%B3%D9%88%DA%AF%DB%8C%D8%B1%DB%8C_%D8%B4%D9%86%D8%A7%D8%AE%D8%AA%DB%8C ;
3. Когнитивные искажения, https://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%9A%D0%BE%D0%B3%D0%BD%D0%B8%D1%82%D0%B8%D0%B2%D0%BD%D0%BE%D0%B5_%D0%B8%D1%81%D0%BA%D0%B0%D0%B6%D0%B5%D0%BD%D0%B8%D0%B5 ;
4. Аҳлонияти интиқодии Попер , Алӣ Худомуродӣ, http://diplomatt.mihanblog.com/post/718 ;
5. Критический рационализм Карла Поппера. https://allendy.ru/fil-nauki/473-karl-popper.html ;
6. Алтернативаҳо ва моделҳои рушди ҷомеаи инсонӣ дар ойинаи футурология (оянданигарии илмӣ), Ҳафиз Холиқзода, маҷалаи «Илм ва Ҷомеа», №1-2. 2015-2016.



## НАҚШИ ФАЛСАФА ДАР БУНЁДИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ

*(Мусоҳиба бо файласуфи муосири тоҷик, доктори илмҳои фалсафа, профессор Абдусамад Самиев)*

Маҷаллаи «Илм ва Ҷомеа» мусоҳибаи навбатиро бо доктори илмҳои фалсафа, профессор Абдусамад Самиев, ки мактаби фалсафии аҳди Шӯравиро гузаштааст ва яке аз файласуфони номвари замон маҳсуб меёбад, анҷом дод. Мухтасари мусоҳиба бо устод А. Самиев манзури Шумо мегардад.

**Абдусамад Самиев:**

Мо ҳозир дар раванди бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ зиндагӣ дорем. Мутаассифона, то ҳанӯз коршиносон, ҷомеашиносон ва муаррихон як таълимоти комиле пешниҳод накардаанд, ки мо тавонем тавассути он ин ҷомеаро омӯзем ва ба як хулосае биёем, ки мо дар кадом ҷомеа зиндагӣ дорем ва ин ҷомеа чӣ ном дорад? Яъне, мо ҷомеае, ки дар он зиндагӣ ва фаъолият мекунем, то ҳол хуб намедонем. Дар натиҷа, ҳар нафар ҷомеаи феълиро ба таври биниш ва фаҳмиши худ мефаҳмад ва баҳо медиҳад. Лекин мавзӯи суҳбати мо дигар аст. Мавзӯе, ки пешниҳод шудааст (яъне "Нақши фалсафа дар ҷомеаи шаҳрвандӣ"), ду масъаларо дар бар мегирад: а) зери мафҳуми фалсафа дар гузашта чиро мефаҳмиданд ва ҳоло чиро мефаҳманд; б) нақши фалсафа дар бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ чӣ гуна аст? Ба ақидаи ман, ин ду савол бо ҳам зич алоқаманд буда, пайвастагии ногусастанӣ доранд.

**Комил Бекзода:**

Абдусамад Ҳасанович, ман пеш аз суханронииатон, як нуктаро гуфтаниям. Масъала ин ки ҳамин қисмати маҷалла, ки барои мутолиа хидмати шумо додам, "Ҷаҳон аз нигоҳи дигар"унвон дорад. Хуб, ман боварӣ дорам, ки назари Шумо дар ин мавзӯъ назари нав аст ва тарзи баҳсороии мо ин аст, ки баҳсе зинда бошад, дар асоси саволу ҷавоб.

**Нозим Нурзода:**

Устод, шумо имкони хуби суҳбат кардан ба забони тоҷикиро доред ва дар мисоли тафсири зебое, ки акнун кардед, ин нукта собит шуд. Назароти Шумо дар

робита бо баҳс ва матолиби фалсафӣ хеле ҷолибанд. Рубрикаи маҷалла ҳамин хел аст, ки Шумо ҳамчун файласуфе, ки дар замони Шӯравӣ зиндагӣ кардаед, бурду бохти фалсафаи замони Шӯравиро медонед, назаратонро дар бораи вазъи фалсафа дар аҳди Шӯравӣ ва масоили марбут ба он ироа доред. Тибқи махсусияти мусоҳибаи маҷалла, назари Шумо доир ба вазъи фалсафа дар аҳди Шӯравӣ пурсида мешавад ва тамоми он саволҳое, ки дар ин замина матраҳ мегарданд, ба диди хосси шумо ҳамчун файласуфи замони Шӯравӣ марбутанд. Ба сухани дигар, фалсафаи имрӯзаро чӣ гуна баҳо медиҳед?

**Самиев Абдусамад:**

Бояд тазаккур дод, ки фалсафа ҳамчун тарзи махсуси дарки олам ва худшиносии инсон дар тамоми давру замонҳо вуҷуд дошт. Инсон ва ҷомеа бе фалсафа вуҷуд дошта наметавонанд. Шояд, ки инсонҳо инро дарк карда натавонанд, вале фалсафаи инсонӣ ҳамчун қисми таркибии фарҳанги миллӣ новобаста аз онҳо вуҷуд дорад. Аз ин лиҳоз, дар аҳди Шӯравӣ, албатта, фалсафа бо номи “фалсафаи марксистӣ – ленинӣ” вуҷуд дошт. Аммо саволе ба миён меояд, ки то чӣ андоза онро фалсафа дар маънои аслиаш номидан мумкин аст. Фалсафаи марксистӣ – ленинӣ дар шакли идеологияи расмии давлатӣ вуҷуд дошт. Ҳадафи асосии ташаккули ҷаҳонбинии коммунистӣ ва марксистӣ- ленинӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани идеологияи давлатӣ ва сохти давлатдории Шӯравӣ буд. Илме, ки бо идеология омехта мешавад, вай характери илмии худро гум мекунад. Илм ба монанди динҳо бояд аз давлат ва идеологияи давлатӣ ҷудо бошад.

Акнун мегузарем ба масъала пайдоиши фалсафа дар маънои аслиаш. Аввалан, бояд қайд намуд, ки фалсафа дар ҷомеаи озод дар вазъияти баҳс (диалог), ҳамчун шакли ҷаҳонбинӣ ва худшиносии фардӣ пайдо мешавад. Қайд кардан лозим аст, ки то пайдоиши фалсафа шакли асосии худшиносӣ асотир (миф) буд. Аммо асотир шакли коллективии ҷаҳонбинӣ ва худшиносӣ мебошад. Фалсафа бошад, шакли индивидуалӣ (фардӣ)-и худшиносӣ аст. Мувофиқи сарчашмаҳои таърихӣ, фалсафа дар аввалин шакли ҷомеаи озод ва шакли аввалин демократия дар “полис” (община –ҷамоат)-и- антиқа дар шаҳри Афинаи бостон ( асри VI –V то мелод) пайдо шудааст. Маҳз дар майдони шаҳри Афина аввалин маротиба одамони касбу кори гуногун ба майдон баромада, ақидаҳо оиди ҳақиқат, тарзи зиндагӣ, тарзи идоракунии давлат, масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, адолат ва беадолатӣ, бадию некӣ, доноӣ ва нодонӣ, тарзи донистани олам ва инсонро мавриди баҳсу муҳокимарониҳо қарор доданд. Ҳар як нафар метавонист озодона фикри худро баён намуда, ба фикри дигар муқобил гузошта, вайро ё рад ва ё тасдиқ намояд. Дар ҳамин ҳолати баҳс (диалог), дар вазъияти ҳоло нарасидан ба дарки ҳақиқат аввал фалсафа, баъдтар мантиқ, риторика (санъати суханварӣ) ва сиёсатшиносӣ пайдо шуда, шакл мегиранд. Ҳар сокини полис (шаҳр-кишвар) худро мухтор ва мустақил ҳисобида, метавонист озодона бе тарсу ҳарос ақидаи худро нисбати масъалаҳои мубрами ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ

ва сиёсии давлат баён намуда, дар идоракунии мамлакат фаъолона ширкат варзад. Ва аввалин “шаҳрванд” низ дар полиси антиқа дар раванди озодандешию ошкорбаёнӣ пайдо шудааст. Баъдтар дар ин замина дар Рими қадим калимаи “республика” пайдо мешавад, ки аз ду калима иборат буд: “респ” (кор, фаъолият) ва “публика” (омма), яъне иштироки васеи омма дар идоракунии давлат дар қонунгузории Рим ҳукми қонунӣ мегирад.

Акнун саволе ба миён меояд, ки ҷомеаи озод чӣ маъно дорад, ки маҳз он боиси пайдоиши фалсафа гардидааст? Ҷомеаи озод ин худ ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Бояд дар назар дошт, ки аввал шаҳрванд ва пас ҷомеаи шаҳрвандӣ пайдо мешавад. Дар “полис”, яъне дар ҷомеаи антиқа на ҳар нафарро шаҳрванд меномиданд. Шаҳрванд шахсе шуда метавонист, ки: **якум**, ки дорои моликият бошад ва тавонад новобаста аз дигарон, аз ҷумла аз давлат зиндагии худро таъмин намояд. Дар фаҳмиши **эллиниҳо**, асоси озодӣ ин мустақилияти иродаи инсон ва иқтисодиёт мебошад. **Дуюм,** ҳар як фард, новобаста аз мавқеи иҷтимоиаш бояд, ки фикри худ, ақидаи худ ва мавқеи худашро дошта бошад. Вай бояд ба ақли дигарон не, балки бо ақли худаш фикр кунад, пайрави ҳар гуна фитнаю иғвоҳо, ҷараёну равияҳое, ки зиндагии осоиштаи вайро халалдор месозанд, нашавад. **Сеюм,** шаҳрванд бояд фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоии давлатӣ иштирок намояд, дар ҳифзи марзу буми вай ҳиссагузор бошад, мавқеъ ва сухани вай дар ҳалли масъалаҳои муҳими иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ бояд шунида шавад ва ба инобат гирифта шавад.

Азбаски ҳамин гуна одамоне, ки фикру ақида ва мавқеи худро доштанд, якто не, тамоми аъзои “полис” буд, онҳо маҷбур буданд, ки ба ҳам баҳс ва гуфтугӯи ошкоро карда, ба як созише биёянд. Вақте ки шумо мавқеи худро доред, ақидаи худро доред ва худатон бо каллаи худатон ва на ба калаи бегонагон фикр мекунед ва доир ба масъалаҳое, ки дар ҷомеа пайдо мешавад, мавқеи худро муайян мекунед ва ҳамин гуна нафароне, ки айнан шумо барин фикр ва мавқеи худро доранд, мехоҳанд овози онҳо шунида ва ба инобат гирифта шавад, дар он сурат, ҷомеа маҷбур мешавад, ки хоҳ-нохоҳ бо ҳам ба як қарордод биёяд. Дар ин қарордод, ки дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ сурат мегирад, бояд роҳҳо ва усулҳои асосии ҳалли масъалаҳои тақдирсози давлат ва миллат равшан ифода ёбанд. Дар чунин сурат давлат наметавонад, ки иродаи худ ё иродаи як гурӯҳи хурди хизматчиёни воломақоми давлатиро ба гардани шаҳрвандон маҷбуран бор кунад. Шаҳрванд будан ин маънои озод будан, озод андешидан, фикри шахсии худро доштан, масъулияти шаҳрвандӣ доштан ва дар тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа фаъолона иштирок кардан аст. Яке аз сабабҳои асосии пайдо шудани фалсафа ва илм дар Юнони қадим, ба фикри ман, маҳз дар ҳамин аст.

Фалсафа аз ибтидои пайдоишаш мувофиқи формулаи: надонистан - донистан - дарки ҳақиқат инкишоф ва ривоҷу равнақ ёфтааст. Ва ҳамеша дар баҳсу муколама обутоб ёфта, то ба имрӯз расидааст. Аз ин рӯ, агар мо ба таърихи

фалсафа назар андозем, ҳамеша файласуфон дар оппозитсия бо ҳукумати расмӣ буданд. Чунки онҳо камбудӣ ва иштибоҳи сиёсати давлатро ба хубӣ дарк намуда, ошкор намуда, барои бартараф намудани онҳо маслиҳат ва дастур пешниҳод менамуданд. Барои ғулом, батрак, коргари кироя, ки танҳо дар бораи "қути лоямут" ё "бихӯр -- намур" фикр мекунанд ва дорои тафаккури бардагӣ мебошад, фалсафа лозим нест. Барои онҳо фалсафа як соҳаи бемаъно, гапфурӯшӣ ва нодаркор маҳсуб меёбад. Фалсафа ҳамчун шакли махсуси дарки ҳастӣ, хоси шахсиятҳои озод ва бомаърифат, яъне шаҳрванд мебошад.

Бояд махсус қайд намуд, ки шаҳрванд ин мартаба ва мақом мебошад. На ҳар фардро шаҳрванд номидан мумкин аст. Инсон ҳамчун шаҳрванд таваллуд намеёбад. Вай ба мақоми шаҳрвандӣ дар раванди зиндагиаш бо тавассути таълим ва тарбия, донистани ҳаёт ва муайян намудан мавқеи худ дар ҷомеа мерасад. Дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки чӣ гуна шакли таълим ва маълумот метавонад инсонро шаҳрванд созад? Фарз кардем, ки мактаби олӣ маълумот медиҳад, ҷавонро ҳамчун мутахассиси хуб -- духтур, муаллим, муҳандис, бинокор ва ғайра тарбия мекунад. Пас, савол ба миён меояд, ки кадом маълумот шаҳрвандро омода месозад? Мо мушоҳида мекунем, ки маълумоте, ки ҳозир Вазорати маориф ва илм медиҳад, барои шаҳрванд шудан кофӣ нест. Танҳо тавассути маълумоти олии касбӣ шаҳрванд шудан имконнопазир аст. Бояд қайд кунам, ки маълумоти шаҳрвандӣ қисми ҷудонашавандаи маълумоти олии касбии давомдор мебошад. Маълумоти шаҳрвандӣ, аз як тараф, ин маҷмӯи донишҳо дар хусуси Конститутсия, қонунҳои амалкунанда, фаъолияти давлат, сиёсат, ҳуқуқ ва вазифаҳои инсон бошад, аз тарафи дигар, дониш ва малаки инсон оиди иштироки вай дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии мамлакат мебошад. Дар раванди ташаккули шаҳрвандӣ анъана, арзишҳои ахлоқӣ, рафтору кирдори намунавӣ, масъулияти одамон дар назди миллат ва давлат, тавассути таълим ва тарбия аз нав эҳё карда шуда, дастраси ҷомеаи муосир гардонида мешавад ва аз насл ба насл интиқол меёбад. Дар назар доштан лозим аст, ки дар ҳар давру замон талабот нисбати маълумоти шаҳрвандӣ тағйир меёбад. Масалан, дар шароити мураккабу душвори ҷомеа (ҷангҳо, офатҳои табиӣ, эпидемия) нақши маълумоти шаҳрвандӣ якчанд маротиба меафзояд. Аммо ин маънои онро надорад, ки мо дар давраҳои нисбатан орому босуботи ҷомеа мақом ва нақши маълумоти шаҳрвандиро сарфи назар намоем. Бояд дар назар дошт, ки устуворӣ ва пойдории ҳар як давлат аз мавқеи ишғолкардаи шаҳрвандон, масъулияти онҳо ва дараҷаи иҷроиши вазифаи шаҳрвандии одамон зич вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, вазифаи асосии системаи маориф ин омода сохтан ва дастгирӣ намудани аҳли ҷомеа ба чунин тарзи фаъолият мебошад. Чи тавре ки мебинем, дар ташаккули шаҳрвандӣ на танҳо системаи маориф, балки оила, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, институтҳои гуногуни дар ҷомеа амалкунанда ва дар маҷмӯъ, ҷомеа нақши асосӣ мебозанд.

Бояд қайд намуд, ки масъалаи шаҳрвандӣ дар таърихи инсоният ду маротиба пайдо шудааст: якум, чи тавре ки дар боло гуфтем, дар полиси Юнони қадим ва дуюм, дар давраи маорифпарварӣ -- дар асри 18, дар даврае, ки мардум ба озодандешӣ рӯ овард. Фалсафа ҳам дар ҳамин ду давра инкишоф ёфта, ба қуллаҳои баланди инкишофи худ расидааст. Полиси Афина фалсафаи бузургу оламгири Сукрот, Афлотун ва Арастуро офарид. Аҳди нав, замони модерн, фалсафаи маорифпарварӣ фалсафаи машҳури классикии немисро офарид. Ва умуман, ба ақидаи ман, фалсафаи классикии немес давоми мантиқии фалсафаи маорифпарварӣ мебошад. Яъне, ман мегӯям, ки чараёни маорифпарварӣ фалсафаи классикии немисро ба вуҷуд овард. Давраи маорифпарварӣ ин давраи ташаккул ёфтани илми муосири Аврупо аст. Гарчанде ба илми муосир фалсафаи Юнони қадим, алалхусус фалсафаи Арасту заминаи боэътимоде гузошта бошад ҳам, аммо илме, ки ҳозир мо меомӯзем, дар асрҳои 17 -18 ташаккул ёфтааст. Аз асри 17 сар карда, тақсимбандии илм оғоз меёбад. Илм ҳамчун институти иҷтимоӣ ташаккул ёфта, робита байни олимон пайдо мешавад, гуфтугӯ (диалог), танқиду инкору тасдиқ намудани фикру ақидаҳои дигарон шакли расмӣ пайдо мекунад. Илм ба истеҳсолот зич пайваст шуда, такони ҷиддӣ ба инкишофи илмҳои экспериментали, яъне таҷрибавӣ дода мешавад. Ва дар ҳамин давра захирашавӣ ва дар байни омма паҳн намудани донишҳои илмӣ оғоз мегардад. Аз ин рӯ, шиори асосии маорифпарварон: “дониш ба ҳар кас, ба ҳар нафар”буд. Яъне, агар ту хоҳӣ, ки дар Аврупо зиндагӣ кунӣ, бояд донишманду бофарҳанг бошӣ, фикр карда тавонӣ ва бояд дар зери таъсири фикри бегона наафтӣ. Ин нукта ба мо нишон медиҳад, ки то имрӯз тамоми Аврупо аз рӯйи ҳамин шиор амал мекунад. Мутаассифона, дар Шарқ, алахусус дар Шарқи мусалмонӣ мо тамоман ҳолати дигарро мушоҳида мекунем. Ҳоло ман намехоҳам ба ин масъала даст занам. Чунки ин масъалаи алоҳида буда, таҳқиқоти махсусро талаб менамояд. Дар Аврупо бошад, маорифпарварӣ, яъне ташаккули ҳисси шаҳрвандӣ аз оила сар мешавад. Ба таълиму тарбияи ахлоқӣ, завқи эстетикӣ, озод фикр кардан, озодандеш будани наврасон ва ҷавонон тамоми зинаҳои ҷомеа аз оила сар карда, то боғчаҳои бачагона, кӯдакистонҳо, мактабу литсейҳо, коллеҷу мактабҳои олӣ ва умуман, тамоми ҷомеа сафарбар карда шудааст. Қонунро донистан, фарқ кардан, ки кадом қонун қонуни ҳуқуқӣ аст ва кадом қонун қонуни ғайриҳуқуқӣ, яъне кадом қонун манфиати аҳли ҷомеаро ифода мекунад ва кадом қонун ифодагари гурӯҳҳои алоҳидаи ҷомеа мебошад, шарти асосии шаҳрванд будан дар ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Бе дарки моҳияти қонун, шаҳрванд бо дигарҳо созиш карда, дар ҷомеа зиндагӣ карда наметавонад. Қонун ифодакунандаи манфиатҳои шахс дар ҷомеа мебошад.

Мехоҳам ба як масъалаи норавшан каме ҳам бошад, равшанӣ андозам. Яке аз кашфиётҳои бузург ва арзишманди маорифпарварон ин кашфи табиати инсон буд. Дар натиҷаи таҷриба ва таҳқиқотҳои зиёде онҳо ба ҳулосае омаданд, ки табиатан

инсон худхоҳ, худбин ва худпараст аст. Ба ақидаи онҳо, асоси ахлоқ ин дуруст дарк намудани манфиатҳои шахсӣ мебошад. Аз ин рӯ, онҳо ақидаи худдӯстӣ ва худбиниро дар доираи ақл пешниҳод намуданд. Инсон, тибқи фаҳмиши онҳо, дар мадди аввал бояд манфиатҳои шахсии худашро гузорад. Чунки ин аз табиати инсон сар мезанад. Лекин ин ҷо саволе ба миён меояд, ки чӣ тавр ман дар як вақт манфиати шахсии худро дар мадди аввал мегузорам ва ҳамзамон манфиати давлат ва ҷомеаро ҳимоя намуда, ба онҳо арҷгузорӣ ва ҳамкорӣ менамоям? Ба ақидаи маорифпарварон, ҷавоби ин савол дар дарки дурусти қонунҳои амалкунанда маҳфуз аст. Чи тавре ки ман дар боло қайд намудам, қонунҳои ҳуқуқӣ, ки ифодагари ҳам манфиатҳои шахс ва ҳам ҷомеа ва давлат мебошанд, ба шаҳрванд имконият медиҳанд, ки дар асоси қонун манфиатҳои шахсии худро ба ҳаёт ва манфиатҳои ҷамъияту давлат **зиракона ҳамоҳанг** созад. Агар аз ин лиҳоз мо ба фалсафаи марксистӣ – ленинии замони Шӯравӣ назар афканем, аниқ мушоҳида мекунем, ки чунин ақидаҳо дар он фалсафа, умуман вуҷуд надошт. Дар фалсафаи аҳди Шӯравӣ дар мадди аввал манфиати коллектив, ҷамъият ва давлат меистод. Чунин ба назар мерасид, ки гӯё инсон ва манфиатҳои шахсии вай, умуман вуҷуд надоранд. Аз ин рӯ, бо шикасти сохти Шӯравӣ фалсафааш низ аз байн рафт. Ҳоло бошад фалсафаи марксистӣ ҳамчун як равияи фалсафаи асри XX дар баробари позитивизм, экзистенсиализм, прагматизм, фалсафаи ҳаёт ва ғайраҳо вуҷуд дошта, пайравон ва ҳаводорони худро низ дорад. Чуноне ки К.Маркс ҳеҷ гоҳ худашро файласуф нагуфтааст, В. И.Ленин ҳам файласуф набуд.

**Комил Бекзода:**

Зинда бошед. Умуман, ҷавоби аввал қонеъкунанда аст. Хуб, қисмати дуюми савол, ки ба шахсияти худатон дахл дорад. Шуморо ҳоло ҳамчун файласуфи шинохта эътироф мекунанд. Андешаи шумо дар ин масъала чист?

**А. Самиев:**

Ба ин савол ман ҷавоб дода наметавонам. Ҳеҷ кас ба худаш баҳо намегузорад. Якум, ман ба ҳеч кас баҳо намедиҳам. Дуюм, ман шуморо мефаҳмам. Одатан, барои ҳеч кас баҳои дигарон нисбат ба шахсияташ хушоянда нест.

**Комил Бекзода:**

Охирон саволро медиҳам?

**А. Самиев:**

Саволро доир ба фалсафа диҳед, на ба сиёсат.

**Комил Бекзода:**

Ишораҳое, ки кардем, шояд дар маҷалла интишор гарданд ва эҳтимол дигар ҳамсолони мову кадрҳои Шӯравӣ аз мо малол шаванд, ки чаро Абдусамадро чун файласуф оварданду моро не. Шумо чӣ назар доред?

**А. Самиев:**

Дар яке аз маҳфилҳои фалсафӣ, файласуфи машҳури Шӯравӣ Мираб Константинович Мамардашвили гуфта буд: “Философия - это мысль вслух, кто

не может сформулировать свою мысль он не философ"(Фалсафа ин баёни фикри бо овоз аст ва шахсе, ки фикрашро ба таври шунаво гуфта ва навишта наметавонад, вай файласуф нест). Онҳое, ки имрӯзҳо айнакҳои ғафс мемонанду бо қавораи ҷиддӣ доногиашонро нишон медиҳанд, ҳеҷ гоҳ файласуф набуданд ва намешаванд. Фалсафа дар майдони баҳсу андеша, дар бархӯрди фикру ақидаҳо, ки ба ягон нафар бартарӣ дода намешуд ва ҳама баробар буданд, ба вуҷуд омадааст. Чунин ҳолат бори аввал дар полис, дар Афинаи бостон ба вуҷуд омадааст. Ин анъана дар шакли дигар дар замони Шӯравӣ низ давом дошт. Шумо ба ёд оред собиқ Шуъбаи фалсафаро. Ба таври доимӣ дар бахшҳо ва дар сатҳи Шуъба бо иштироки файласуфони шинохтаи мактабҳои олӣ семинарҳои методологӣ дар мавзӯъҳои гуногун гузаронида мешуд. Ва баҳсу музокираҳои зиёд ва ҷолибе ҳам баргузор мегардид. Чунин анъана имрӯз ҳам дар давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон, аз ҷумла Фаронса, Италия, Россия, Олмон ва дигар давлатҳо давом дорад. Дар Россия ҳатто клуби якҷояи баҳси фалсафии Пажӯҳишгоҳи фалсафаи Академия илмҳои Россия бо Донишгоҳи шаҳри Милан (Италия) ва Санкт - Петербург амал карда истодааст.

**Комил Бекзода:**

Устод С. Наврӯзов дар китобашон ақидаҳое монанд ба гуфтаҳои шуморо овarданд, ки аксари файласуфони тоҷик аз ӯ сахт ранҷиданд. Оё ба ҳақ ранҷиданд ё ин ки не?

**А. Самиев:**

Ман, шахсан ба шахсияти касе ва андешаҳои вай коре надорам. Дар ин олам ҳар як нафар роҳи худ, мақсаду мароми худро дорад, чунки ҳар як нафар оламро ба таври худаш мефаҳмад ва мавқеи худро меёбад. Лекин чун сухан дар бораи фалсафа меравад ва азбаски вай касби дӯстдоштаи мо мебошад, бояд ҳақиқатро гӯем. Ҳақиқат ҳамин аст, ки фалсафа ин озодандешӣ, нозукандешӣ, озодфикрӣ аст ва баёни фикру андешаи инсон дар хусуси олами сағиру кабир, сифлию улвӣ буда, ҳатто файласуфе вайро фолклори зеҳнӣ ва ақлонӣ номидааст. Чи тавре ки ман дар боло қайд намудам, фалсафа дар ҳолати баҳс (диалог) ва бо ҳам муқобилгузории ақидаҳо пайдо шудааст. Калимаи диалог, яъне "дио"- ду ва "логия"- сухан, калима буда, ҳунари баҳсу гуфтугӯйи мантиқиро дорад. Барои баҳс тайёр шудан даркор. Оиди он чизе, ки кайҳо маълуму дастраси ҳамагон аст, баҳс намекунад. Баҳс дар мавзӯе баргузор мегардад, ки ҳоло то ба охир дарк ва донистa нашудааст. Ақидаҳои зиёде нисбати ин мавзӯъ вуҷуд дорад. Фарқи файласуф аз софистону роҳибон дар он буд, ки софистон ҳама чизро медонистанд, онҳо ҳатто худро монополисти мутлақи ҳақиқат мешумориданд. Ҳақиқат танҳо дастраси онҳо буд ва онро гӯё танҳо онҳо дониста метавонистанд. Фалсафаи ҳақиқӣ ва илмӣ бошад, аз надонистан оғоз меёбад. Яъне, донистан аз надонистан сар мезанад. Биёед, ба ёд оварем Суқротро, ки фармудааст: "Ман танҳо ҳаминро медонам, ки ҳеҷ чизро намедонам". Барои файласуф ҳақиқат дар шакли тайёр вуҷуд надорад. Вай дар баҳсу андеша, дар диалог, ки ҳама баробар

иштирок карда метавонанд, тавлид меёбад. Ҳама баробар ҳуқуқи дарки ҳақиқатро доранд. Як нуктаи дигарро мехоҳам қайд намоям, ки дар Шарқи мусалмонӣ файласуфон ва ҳакимон бо ҳамдигар баҳс намекарданд, чунки онҳо гӯё дорои донишҳои азалӣ ва худодод буданд. Барои онҳо ҳама чиз, аз ҷумла ҳақиқат пешакӣ маълум буд ва агар зарурияти баҳс (диалог) пайдо мешуд, онҳо танҳо ба Худо баҳс мекарданд. Мутаассифона, чунин масъалаи муҳими фалсафаи Шарқи мусалмонӣ то ҳоло аз тарафи мутахассисони ватанӣ омӯхта нашудааст. Фикрамро ҷамъбаст карда мегӯям, ки ҳам фалсафа ва ҳам илм дар баҳс, яъне дар гуфтугӯи файласуфону олимон, устодон ва шогирдон, бо ҳам муқобил гузоштани ақида ва фикру андеша онҳо ва дар охир ба як хулоса омадан инкишоф меёбад. Дар ҷое ва дар маконе, ки ин ҳолат вуҷуд надорад, ҳаргиз илм ва фалсафа инкишоф намеёбанд. Агар онҳо вуҷуд ҳам дошта бошанд, кайҳо характери догматикӣ гирифта, ба схоластика табдил ёфтаанд. Мо ҳоло мушоҳида мекунем, ки дар мактабҳои олӣ дарсҳои семинарӣ, санҷиш, имтиҳони анъанавиро барҳам дода, ба системаи тестӣ гузаштаанд. Чунин ҳолат барои ман барномаи телевизиони Россия “Поля чудес”- ро бахотир меоварад. Ба ақидаи ман, чунин тарзи таълим боиси аз байн рафтани санъати фикрронӣ, нутқ ва суханронии донишҷӯён мегардад. Аз ҳама бадтараш, онҳо дигар озод ва мустақилона фикр ва сухан ронда натавониста, ҳамеша дар зери таъсири фикру фаҳмишу андешаи бегонагон мемонанд.

**Комил Бекзода:**

Абдусамад Ҳасанович! Ба назари Шумо, нақши фалсафа дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон чӣ гуна аст?

**А. Самиев:**

Бояд дар назар дошт, ки фалсафа воситаи муҳими худшиносии инсон ва дарки моҳияти арзишҳои озодии ӯ мебошад. Нафаре, ки саъю кӯшиши худшиносӣ ва озод будан надорад, ба вай фалсафа, аслан лозим нест. Фалсафа олоти асосии худшиносӣ ва дарки арзишҳои озодии ҳар як фард аст. Чи тавре ки дар боло қайд намудем, яке аз омилҳои муҳими шаҳрвандӣ ин дарки моҳияти қонун ва ахлоқ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчун арзиши бебаҳо мебошад. Аз ин лиҳоз, агар шаҳрванд ташаккул наёбад, давлати ҳуқуқбунёд сохтан имконнопазир аст. Аз ин нигоҳ гуфтан мумкин аст, агар илм мутахассиси соҳавиро тайёр кунад, фалсафа шаҳрвандро омода карда, ба воя мерасонад. Бояд таъкид намуд, ки фалсафаи ҷаҳонӣ шартан ба ду қисм тақсим мешавад: а) фалсафаи аналитикӣ, англо-саксонӣ; б) фалсафаи континенталӣ. Фалсафаи англо-саксонӣ бештар характери илмӣ дошта, ба илм ва методологияи илм наздик аст. Фалсафаи немисӣ ва фалсафаи рус бошад, ба гурӯҳи фалсафаи континенталӣ дохил мешаванд. Барои чӣ континенталӣ? Барои он ки онҳо проблемаҳои умумибашариро ба миён гузошта, кӯшиш мекарданд, ки инсонро аз бадбахтию нокомиҳо ва фоҷеаю хунрезиҳо наҷот диҳанд. Як мисоли равшан меоварам. Лев

Толстой -- нависанда ва мутафаккири машҳури рус, вақте ки аз дунё дармегузарад, аз зери болинаш китоби Кант “Танқиди хиради соф” - ро меёбанд. Дар дастхати дар байни варақҳои китоб гузоштааш чунин навиштааст: “Ҳама он масъалае, ки Кант дар асараш гузошта ва ҳал намудааст, ман онҳоро дар асарҳои худ чандин маротиба гузошта, фикри худро баён кардаам. Фарқ дар он аст, ки ман онҳоро дар образҳои бадеӣ инъикос намудаам, Кант бошад, онҳоро дар маҳфуму категорияҳои фалсафӣ ифода намудааст”.

Дар ҷомеаи муосири тоҷикон фалсафа нақши арзанда дорад. Ба ҳамагон маълум аст, ки сиёсати фарҳангии роҳбарияти мамлакат ба худшиносии фарҳангию таърихии миллати тоҷик равона карда шудааст. Саволе ба миён меояд, ки оё метавон бе донишҳои фалсафӣ худшинос шуд? Ҷавоб: албатта, не. Илм инсонро худшинос намекунад, вай ба инсон дониш медиҳад, аз инсон мутахассиси хуб тайёр мекунад, инсонро тавоно ва бузург мекунад. Фалсафа бошад, барои инсон ҳамчун ойинаест, ки худро мебинад. Яъне, фалсафа инсонро худшинос, бомаърифат ва шаҳрванд мекунад. Акнун худатон қазоват кунед, ки аҳамияти фалсафа дар ҷомеаи муосир то чӣ андоза аст.

**Комил Бекзода:**

Абдусамад Ҳасанович ! Ба назари Шумо, бо кадом роҳ маҷалла (манзур маҷаллаи “Илм ва Ҷомеа” аст) метавонад миёни хонанда мақом пайдо кунад?

**А. Самиев:**

Албатта, ин, пеш аз ҳама, аз сифати илмии маводҳое, ки дар маҷалла чоп мешаванд, вобастагии зич дорад. Дар маҷалла бояд чизҳои нави ғайристандартӣ, фикру андешаи нави ҷолиб, нигоҳи дигар ба масъалаҳои мавҷуда чоп шуда, чеҳраҳои нав дар соҳаи фалсафа ёфта, ҷалб карда шаванд. Фалсафа бояд ҷавобгӯи замон бошад. Вай бояд дар фазои мардумӣ мақом ва мавқеи худро дошта бошад. Албатта, ҳоло ҷалб намудани ҷавонон, донишҷӯён ба хондани китобу маҷалла ниҳоят душвор аст. Бадбахтии мардуми мо дар ҳолати феълӣ, пеш аз ҳама, дар паст рафтани шавқу завқи китобхонии онҳо зоҳир мегардад. Миллате, ки як вақтҳо бо китобхонию китобнависӣ шуҳрати ҷаҳонӣ дошт, имрӯз аз китоб рӯ гардонидааст. Донишҷӯи имрӯза на китоб мехонад, на саводи кофӣ ва на талаботи маънавӣ нисбат ба илму фарҳангро дорад. Дар чунин шароит барои ҳайати таҳририяи маҷаллаи Шумо мушкилиҳои зиёде дар пеш аст. Мегӯянд, ки дунё баумед аст. Шояд, ки ин мушкилот ба наздикиҳо аз байн раванд. Чунин ҳолат бояд дер давом накунад.

**Комил Бекзода:**

Муносибати Шумо бо файласуфони зиндаи мо чӣ гуна аст? Оё инҳоро Шумо файласуф мешуморед?

**А. Самиев:**

Дар замони Шӯравӣ се насли файласуфон ба воя расиданд. То андозае, ки ман медонам, онҳо он чизе, ки аз дасташон меомад ва метавонистанд, дар рушди

фалсафа, алалхусус таърихи фалсафаи тоҷик саҳми арзанда гузоштанд. Инро инкор кардан мумкин нест. Роҳбарияти пештараи Академияи илмҳои ҷумҳурӣ бештар ба тарбия намудани мутахассисони соҳаи фалсафа, хусусан он соҳаҳое, ки аз набудани мутахассис дар ҷумҳурии мо инкишоф ёфта наметавонстанд, диққати махсус медод. Дар натиҷа, мо ҳоло дида истодаем, ки фалсафаи иҷтимоӣ, сотсиология, сиёсатшиносӣ ва фарҳангшиносӣ дар қаламрави кишвар рӯ ба инкишоф овардааст.

**Комил Бекзода:**

Пас чаро муносибати устод С. Наврӯзов бо ин устодон он қадар хуб нест?

**А. Самиев:**

Устод Султон Наврӯзович файласуфи оригинал ва нодир мебошад. Шояд аз ҳамаи Шумо дида ман вайро хубтар шиносам. Аввал ин ки вай устодест, ки маро дар донишгоҳ фалсафа таълим додааст. Дуюм, ман қариб тамоми асарҳои навиштагиашонро хонда таҳлил намудаам. Ва то ҳол муносибати хуб ва самимона нисбат ба шахсият ва эҷодиёти Устод дорам. Хизмати устодро, пеш аз ҳама, ман дар он мебинам, ки устод аввалин шуда, жанри танқидиро дар фалсафаи тоҷик ҷорӣ намуд. Тамоми кӯшишҳои устод ба он равона шудаанд, ки тафаккури фалсафиро аз карахтӣ, булҳавасӣ, бесамарӣ, зоҳирбинӣ ва манфиатҷӯӣ тозатар ва боз ҳам тозатар намояд.

Дар баробари ин гуфтан лозим аст, ки мо дар ҷомеаи демократӣ зиндагӣ дорем ва дар моддаи 8-уми Конститутсияи ҶТ масъалаи рангорангии афкор, гуногунандешӣ ва гуногунақидатӣ ҷо дорад ва ҳеҷ ақида ҳаққи монополия кардани ин ва ё он масъаларо надорад. Ҳар қас фикри худ ва андешаи худро дорад. Плюрализм, яъне гуногунандешӣ дар илм падидаи хуб аст. Лекин дар сурате, ки ҳар як муаллиф мавқеъ ва ақидаи худро дар асоси далелҳои раднашаванда асоснок карда тавонад ва хонандаро бовар кунонад, ки бо кадом сабаб вай то ба охир дар мавқеаш устувор мемонад. Мутаассифона, мо дар гирду атрофи навиштаҳои устод С. Наврӯзов ягон баҳси илмиро мушоҳида намекунем. Ҳамаи он навиштаҳои устод бе ҷавоб дар рафҳои китобмонӣ, дар зери хоку чанг хобидаанд. Лекин оқибат рӯзе фаро хоҳад расид!

**Комил Бекзода:**

**Назари Шумо ба вазъи таълими фалсафа дар донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ чӣ гуна аст?**

Чи тавре ки қайд намудам, фалсафа ягона илмест, ки инсонро бомаърифат ва шаҳрванд мекунад. Ин илм аст, ки ба инсон дониш дода, аз вай мутахассис тайёр намуда, вайро пурзӯру тавоно мекунад. Пас, фалсафа инсонро бомаърифат намуда, худшинос мекунад. Илм ба инсон дониш медиҳад, фалсафа бошад, вайро худшинос мекунад. Аз ин лиҳоз, ба таълими фалсафа дар макотиби олӣ бояд диққати махсус диҳем. Мутаассифона, таълими фалсафа дар қаламрави ҷумҳурӣ ҷавобгӯи замон нест. Миқдори соатҳои таълими фалсафа ва илмҳои фалсафӣ кам

ва доираи таълими онҳо маҳдуд шудааст. Барои чӣ дар Аврупо – Франсия, Германия дар литсейҳо, дар коллеҷҳо фанни фалсафаро меомӯзанд, ҳатто дар мактабҳои миёна фалсафаро таълим медиҳанд? Барои он ки ин дарси озодандешӣ ва шаҳрвандӣ аст. Барои хамин, Аврупо ҳамеша озодандешу озодфикр аст. Худ қазоват кунед, ки сари инсон ҳеҷ вақт холигиро қабул надорад, агар дониш набошад, пас ҷои онро ҳар гуна ғояҳо ва таълимотҳои номатлуби динӣ ва хурофотӣ пур мекунанд. Барои ба ин роҳ надодан, ин фазо бояд ҳамеша пур аз донишҳои илмӣ ва таълимотҳои фалсафию ахлоқӣ бошад. Бар зидди идеологияи бегона танҳо бо тавассути идеологияи илман асоснок мубориза бурдан мумкин аст.

Дигар масъала, ин баланд бардоштани савияи касбии устодони соҳаи фалсафа мебошад. Ба ин нигоҳ накарда, аксари кулли устодони соҳаи фалсафа, сиёсатшиносӣ, фарҳангшиносӣ, ки мактабҳои олиро аз рӯи равияҳои ғайрифалсафӣ хатм намуда, бо амри тақдир устоди соҳаи фалсафа шудаанд, ягон маротиба курсҳои такмили ихтисосро нагузаштаанд. Метод ва усули дарсдиҳии онҳо мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор нагирифтааст. Дар донишгоҳҳо онҳо аз аттестасия нагузаштаанд. Ба Вазорати маориф ва илм лозим аст, ки масъалаи мазкурро зери назорати ҷиддӣ гирифта, сатҳи таълими фанни фалсафаро баланд бардорад.

**Нозим Нурзода:**

Ташаккур, устоди арҷманд, барои як чунин суҳбати ҷолибу озод. Ин навъ суҳбатҳо, махсусан доир ба масоили фалсафӣ омили асосии фикр кардан, андешидан ва дуруст қиёс намудан мебошанд ва тафаккури фалсафии хонандаро бедор карда, роҳро барои шинохту маърифати инсон, ҷаҳон, ҷомеа ва кайҳон ҳамвор месозанд.

Бовар дорем, ки минбаъд ҳам ҳамкориҳои мо бо Шумо идома меёбанд ва суҳбату гузоришоти фалсафии Шумо дар таҳкиму тақвият ёфтани ҷараёни донишу биниши фалсафӣ ва илмӣ дар минтақа нақши калидӣ хоҳанд дошт.



**Зиёӣ ва муллои якдарсадӣ**

(Мусоҳибаи Одили Нозир (Соҳибов) бо шоир ва файласуф Зиё Абдулло)



*Имрӯз дар Тоҷикистон ва умуман, дар тамоми дунё кашмакашӣ ва зиддиятҳо миёни дингароёну дунявиён давом дорад. Ин зиддиятҳо то дараҷае расида, ки мардум роҳгум задаанд ва намедонанд, ки аз пайи ки бираванду ба кӣ ё чӣ бовар кунанд. Чӣ дуруст асту чӣ нодуруст ва сафед куҷову сиёҳ куҷост? Сарриштаи ин калобаҳоро танҳо олимон, мутафаккирон ва умуман, зиёиён метавонанд боз кунанд ва ба омма роҳи сараеро нишон диҳанд. Бо ҳамин сабаб суҳбате оростем, бо яке аз чеҳраҳои шинохтаи кишвар, шоир ва файласуф Зиё Абдулло*

**Одили Нозир (О.Н.):** - Устод, биёед суҳбатамонро аз вазни шеъри имрӯз шурӯъ мекунем. Албатта, вақте вазни шеър мегӯям, арӯзро дар назар надорам. Мақоми шеърро, таъсири шеърро дар ҷомеа мегӯям… имрӯз шеър чӣ вазн дорад?

**Зиё Абдулло (З.А.):** - Барои он ки шеър ба омма писанд шавад, бузургони мо қиссаҳою латифаҳоро ба шеър кашиданд. Чи тавре ки мо дар «Шоҳнома», «Қобуснома», «Мантиқ-ут-тайр», «Гаршоспнома» ва «Самаки айёр»-у «Ҳазору як шаб», ки пеш аз хуҷуми араб навишта шудааст, мебинем. Яъне ҷомеа латифа, қисса, афсона, нақли зебо мехоҳад. Омма бо нақли зебо руҳ мегирад, зеро қисса, афсона омоли оммаро баровварда месозад. Афсона ҳамеша бо зафари қаҳрамони мусбат ба анҷом мерасад, яъне дари умед ба ояндаро калон мекушояд. Ҷомеа худро мекушояд, худро мешӯяд. Шеър дар паҳлӯи ҳамаи инҳо қадам мезанад, аммо ашхосе ҳам ҳастанд, ки муаммоҳои шеърро мехоҳанд кушоянд ва барои ин ба китобҳои динии Авасто, Буддо, Таврот, Инҷил, Қуръон мурочиат мекунанд. Боз шеър кушояндаи таърих ҳам ҳаст. Вақте Маснавӣ мехонем, дар он таърихи Юнон, таърихи халқи худ ва рӯзгори худи Мавлоноро мебинем. Ҳамин тавр, шеър бо рӯҳи зинда ҳамоҳанг аст ва рӯҳи зинда замон надорад. Имрӯз ҳам ҷорӣ аст, фардо ҳам… Чизи дигар ин ки шеър барои сохтани андешаи зебо мусоидат мекунад. Зардушт, аввал пиндори зебо, яъне андешаи зебо мегӯяд ва андешаи зебо қудрати аввал аст, қудрати аввал Худо аст, ки дар мо ҷорист, яъне ҳамон рӯҳи зебо. Ҷонро ба тан даровардан аз дари андешаи нек аст, ки инсони олударо бо воситаи ҷон покиза кунад. Он гоҳ даҳ қувва: панҷ ботинӣ, панҷ зоҳирӣ дар

инсон ҷорӣ мешавад, ки дар вуҷуди мо саҳнаи зебое месозанд. Шумо бо чашми дарунбин саҳнаи зебои дарунатонро, ки аҷаб муборизаҳоеро ба намоиш мегузорад, мебинед. Вақте ки ба дараҷаи тамошои ин саҳна мерасед, шумо дигар дар ин дунё бадиро намебинед. Барои ҳамин чашми дарунбинро кушодан, шеър чун зинапоя хизмат мекунад.

**О.Н.:** - Аз гуфтаҳои Шумо бармеояд, ки шеър ин дигаргунсоз аст, яъне ба тафаккури инсон таъсир мерасонад. Оё шеъри муосир ҳам ҳамин рисолатро дорад? Дархӯри завқи хонанда аст?

**З.А.:** - Ин, пеш аз ҳама, ба фаҳмиш, дониш ва кушода тавонистан, яъне фарҳанги дарунии хонанда вобаста аст. Яъне хонанда аз кадом зинаи шеър лаззат бурда метавонад, лаззат бурдан низ, дар вуҷуди мо зинаҳоро дорад. Хонанда дар кадом зинаи фаҳмиш аст. Хонандае ҳаст, ки фаҳмиш, дониш ва қабули вай дар зинаи якум аст, хонандае ҳаст, ки нигоҳаш ба зинаи дуввум баромадааст ва аз зинаи дуюм лаззат мебарад ва ҳамин гуна ба лаззати зинаи севум мерасад. Чунин адабиёте, ки имрӯз мегӯем ва вазифае, ки пеши он мегузорем, ҳамеша будааст. Масалан, Соиб як маҷмӯае тартиб медиҳад, ки фарогири намунаи эҷоди 800 шоири ҳамзамонаш аст, яъне дар замони Соиб 800 шоири хеле сухангӯйи дараҷаи хуб будааст, ки ӯ аз онҳо гулчин кардааст ва онҳое, ки ба ин гулчин надаромадаанд, чӣ қадар бошанд? Бигзор, онҳо бошанд ва барои хонандагоне, ки дар зинаҳои гуногун қарор доранд, нависанд. Илми имрӯз исбот кардааст, ки 75 дарсади ҷомеаи дунё дар ҳамин зинаи аввалланд, 21 дарсади мардуми дунё ба андешаи рустанӣ, яъне гиёҳӣ ва танҳо 4 дарсади инсонҳо ба дараҷаи андешаи инсонӣ расидаанд.

**О.Н.:** - Дар як суҳбататон Шумо ҷомеаро ба 2 гурӯҳ: 99 дарсадиҳо ва 1 дарсадиҳо ҷудо карда будед. 1-дарсадиҳо, бешубҳа, зиёиёнанд. 1-дарсадиҳои мо ҳоло чӣ нақш доранд? Ва дар зимн, оё онҳо аслан вуҷуд доранд?

**З.А.:** - **Биёед, аввал, дар бораи 99. 99 дарсади ҷомеа, ки бунёди ҷомеа аст, суҳбат кунем.** Ин ба маънои инкор ё бо чашми кам дидани ин 99 нест, баръакс, агар ин замина набошад, болохона ҳам сохта намешавад. Ин як фоиз ҳам аз ҳамин бунёд мерӯяд. Як нафари бомаънӣ, бофаросат ва аз дарун интеллегенте ҳаст, ки ӯ, аслан савод надорад. Аммо, вақте бо ӯ суҳбат мекунед, мебинед, ки ӯ фарҳанги зебо, покизагии зебои инсонӣ дорад, ки дар баъзе академики илм нест. Аз роҳи кашфи илм, аз даричаи як илм расидан ба дараҷаи академикӣ дигар аст, аммо рӯҳу равоне, ки асли инсон аз он мерӯяд, чизи дигар. Ҳамаи илмҳо дар нимароҳанд, кушоиши мутлақ наёфтаанд, як нафаре, ки таги пойи илми ҳанӯз дар нимароҳбуда, рисолати инсониро гузоштааст ва аз даричаи илми дар нимароҳбуда ба ҷомеа назари нозеб мекунад, дар ин ҷо инсонияти зебои вай роҳгум мезанад. Аз ҳамин дарича нигоҳи ноҳақ ҳам ба сатҳи инсонҳо, ба сатҳи гуногуни андешаи инсонҳо оғоз мегирад. Инқилоб дами роҳи ҳамин ҷустуҷӯйи зеборо мегирад, аммо 99

дарсади ҷомеа, ки ун роҳро намешиносад, ҳамовоз мешавад, бо як садои инқилобии 1- дарсадӣ, медавад аз пайи чанд якдарсадӣ… ин ҷо аст, ки ғалат мекунад ин 99, ба ҳамдигаркушӣ оғоз мекунад. Зеро, агар якдарссадӣ аз дари шинохтан даромада бошад, 99 дарсад аз дари таассуб медарояд.

**О.Н.:** - Дар бораи ин 1-дарсадиҳо дар китоби «Бодгиреҳ»-атон чунин шеъре доред:

*Зиёии мо дар раҳи миллат*
*3 истгоҳ дорад:*
*Яке маҳал,*
*Дигар унвон,*
*Седигар чатан.*
*Раҳ ба раҳ башар низ мегӯяд,*
*Ба хотири он 3.*
*Муллои мо низ дар тариқати Худо*
*3 истгоҳ дорад:*
*Яке ҷонамоз,*
*Дигар сари хони мардум,*
*Седигар чатан.*
*Гаҳ-гаҳ миллат низ мегӯяд-*
*Ва аҳли исломро дар назар дорад,*
*Яъне, пеш аз ислом ӯ бузина будааст…*
*Сари ин пора каме меистодем.*

**З.А.:** - Ин танҳо ба зиёии мо тааллуқ надорад, ба зиёии тамоми дунё, аз ҷумла ба худам. Ин андешаи равониву рӯҳӣ аст, яъне ман зина ба зина роҳ мепаймоям, ҳамин зина зинаи то ҷое биологӣ низ ҳаст… Агар аз рӯйи синну сол нигарем, дар кӯдакӣ мо бештар рӯҳонием. Сӯфиён мегӯянд, ки кӯдак Худо аст, покизагии худоро дорад. Мо аз покизагии худой ба зиндагӣ сар мехалонем. Зндагӣ пур аз таассуб, пур аз мубориза аст ва ин таассубҳоро аз кӯдакӣ ба сари мо бор ва ҳатто нигоҳи моро ба зиндагӣ манфӣ мекунанд, то дараҷае ки мо ба зиндагӣ бо хашм, бо рашк, бо кина дохил мешавем ва ҳамаи инҳо чун кундаҳои бузурги пеши по афтода монеъи мо мешаванд. Ва зиёие, ки ҳамин кундаҳоро шинохтааст, зиёӣ аст… яъне ба дараҷаи зиёӣ расидааст, ӯ худро ба шустан оғоз мекунад. Ва табиист, ки мулло низ агар саҳнаҳои даруни худашро бубинад ё ба дидан сар кунад, ӯ аз минбар баромада, воизӣ намекунад, агар воизӣ кунад ҳам, ӯ тарғиби некӣ ва кӯшиши кушудани андешаи некро дар вуҷуди инсон мекунад.

**О.Н.:** - Дар ин сурат мулло ҳам ҳолати рӯҳонии инсонро тағйир медиҳад, онҳоро ба ҷанг намехонад, ба ҷиҳод намехонад, балки ба шинохти ҳастӣ раҳнамун мешавад.

**З.А.:** - Бале. Аммо, муллои воқеӣ, ки низ 1-дарсадист, на муллои 99-дарсадӣ. Ин мулло ҳам ба биниши рӯҳонии худаш нав оғоз кардааст ва дар зинаи оғоз воизӣ кардан раво нест. Ӯ аввал худашро кашф мекунад, ба ҷиҳоди дарунии худаш оғоз мекунад, баъд ба гӯшаи хомӯшӣ меравад ва аз гӯшаи хомӯшӣ ба пахш кардани нури зебоӣ сар мекунад. Ҳам зиёии ҳақиқӣ, ҳам муллои ҳақиқӣ… Ду нур аз ду тараф ба пахши нури зебоӣ шурӯъ мекунанд…

**О.Н.:** - Имрӯз дар дунё кашмакашиҳои давлатҳои ба ном Исломӣ давом дорад. Мисол, ташкили ДИИШ, ки ҷавонони гумроҳи мо дар он меҷанганд ё ҳизбу гурӯҳҳои дигари иртиҷоӣ. Муллои тоҷик дар ин давра чӣ кор бояд кунад?

**З.А.:** - Муллои тоҷик ҳам ранги мутаассибони дигари дунё аст. Ин ҷангҳо ҷанг байни таассубҳост. Фарқ надорад, ки таассуб аз давлати демократӣ сар мезанад ё аз давлати динӣ…таассуб таассуб аст, чуноне ки рӯҳоният рӯҳоният аст. Маънои таассуб кӯр аст. Ҷанги кӯрҳо аст дар дунё. Аз ибтидои олам кӯрҳо бо ҳам меҷанганд ва маълум нест, ки ин то кай идома мекунад.

**О.Н.: -** Гуфтед, ки бешак, муллои тоҷик ҳам мисли дигар муллоҳои таассубкор аст, оё ин таассубҳо ба Тоҷикистон хатар эҷод карда метавонанд?

**З.А.:** - Таассуб ҳама вақт хатар мезояд, хоҳ дар Амрико бошаду хоҳ Лондон. Таассуб ҳамеша шамшер кашидааст ва шамшераш ҷаҳл аст. Ва ин ҷаҳл ҳамеша кӯркӯрона шамшер мезанад.

**О.Н.: -** Устод имрӯз миёни 99-дарсадиҳо ва гоҳ-гоҳ 1-дарсадиҳо баҳси шадиде давом дорад. Инҳо ба ду гурӯҳ ҷудо шудаанд: дингароён ва дунявиназарон. Агар мо пурра ба аҳдофи ҳар ду назар кунем, онҳо андешаҳошонро ба иғроқ мебаранду арзишҳои миллӣ ба назар гирифта намешавад, аз миён меравад. Шумо тарафдори кадомед ва чӣ андеша сари ин мушкилӣ доред?

**З.А.:** - Ин ду қувва ба таври равшан ҳамон ду қувваи ботинии худро дуруст нашинохтанд, саҳнаи муборизаи даруни худро надидаанд. Бинобар ин ин ду қувва мехоҳанд саҳнаҳои андеша, ният ва мақсадҳои дунявиашон дар саҳнаи зиндагӣ, рӯйи замин ҷорӣ бошанд ва хуни бегуноҳон ҷорӣ мешаванд… Ман барои шумо як мисол меорам аз Фирдавсӣ. Ӯ дар асри 10 чӣ гуна мешиносад оромиии дунёро, созиш кардани динҳоро:

*Дигар он ки диди ту карбоси нағз,*
*Гирифта варо чор покизамағз.*
*На карбоси нағз аз кашидан дарид,*
*На омад сутӯҳ он кӣ онро кашид.*
*Ту карбосро дини Яздон шинос,*
*Кашанда чаҳор омад аз баҳри пос.*
*Яке дини деҳқони оташпараст,*
*Ки бе бож барсам нагирад ба даст.*

*Дигар дини Мӯсо, ки хонӣ Ҷуҳуд,*
*Ки гӯяд ҷуз инро набояд сутуд.*
*Дигар дини Юнонӣ- он порсо,*
*Ки дод оварад дар дили подшо.*
*Чаҳорум зи тозӣ яке дини пок,*
*Сари ҳушмандон барорад зи хок.*
*Ҳаме баркашанд ин аз он, он аз ин,*
*Шавад он замон душман аз баҳри дин.*
*Аз ин пас биёяд яке номдор,*
*Зи дашти саворони найзагузор.*

Ба ин саволи мо Фирдавсӣ ҳазор сол пеш ҷавоб додааст. 15 сол пеш аз ин ман барои суҳбат барои маҷаллаи «Дарё» рафтам пеши рӯҳонии католик. Он рӯҳонӣ ба ман як гапи аҷиб гуфт. Гуфт, ки имрӯз шумораи мусулмонон 2,7 млрд. Насрониву католик 1,5 млрд. Шумораи мусулмон 200 млн зиёд аст. Барои он ки ин динҳо ба созиш биёянд, бояд шумораи пайравони ин динҳо баробар шавад. Бинобар ин ситезаҳо ба роҳ даромадааст. 1000 сол пеш Фирдавсӣ чӣ мегӯяд, баъди 1000 сол як нафар рӯҳонӣ чӣ мегӯяд ва имрӯз чӣ вазъият аст!?

Дини Ислом ҷавонтарин дин аст. Ҷавон, ки ҳаст, албатта, меҷӯшад. Имкони шинохтани табиати ин динро ҳам инсоният кушодааст. То даме ки ҷавон аст, хунаш дар ҷӯш аст.

**О.Н.:** - Яъне, ҳама чизи дунё алоқаманд ба организми инсон аст?

**З.А.:** - Бале, исломиён, мусулмонҳо низ бояд ба зинаи миёнсолии андеша бароянд, то шинохтро оғоз кунанд, ки ин ҷӯшишҳо дар онҳо аз чист? Ва ин ҷӯшишҳо бештар кӯркӯрона аст ё биноёна? Яъне дар кашфи даруни худ оромиш пайдо кунанд ва шинохти дарунии худро сар кунанд. Ин оромиш ҳам ба ҷомеаи мо таъсири хуб мерасонад, ҳам ба ҷомеаи дунё.

**О.Н.:** - Устод, барои чӣ тамоми ҷомеаи ғайриисломӣ аз Ислом ва мусулмонон ҳарос доранд?

**З.А.:** - Чунон ки як мӯйсафед аз як ҷавони каламасти баандешанарасида метарсад, ҳамин гуна аст. Онҳо миёнсолоне шуданд, ки бо кашфиётҳои бисёр зебо, ба инсоният бисёр хизмати зебо карданду мекунанд. Масалан, мегӯянд, ки компютерро Юнониён дар асри 10 кашф карда буданд, аммо барои он ки компютер ба амал сар кунад, ҳамон зинаҳои то имрӯз паймударо ҷомеа дар 1000 сол тай кард. Ин солҳо кашфиётҳои назаррас тай шуд, намунаи олиаш ин қувваи барқ аст. Агар қувваи барқ набошад, компютер ба кор намедарояд. Яъне инсоният заминаи ҷорӣ шудани як кашфиёти асри 10-ро баъди 1000 сол ёфт, инро киҳо карданд? Гаравандаҳои динҳои миёнсол! Яъне, онҳо илмро, илми офарандаро дар паҳлӯи рӯҳонияташон монданд ва кашф карданд қувваи некро. Мусулмони ҷавон бояд дидани навро оғоз кунанд, шинохти навро оғоз кунанд ва

муносибати солимона карданро омӯзанд. Ин ки ҷавон метавонад муносибати носолимона, ношинохта кунад, он миёнсоли андеша метарсад.

**О.Н.:**- Яъне, имрӯз исломигароёну Ислом бештар ба эҳсос, ба бозую ба қувва такя дорад, на ба рӯҳу равон?

**З.А.:** - Бале!

**О.Н.:** - Ислом ба зинаи шинохт ҳоло нарасидааст?

**З.А.:** - Бале! Дуруст аст. Он миёнсолон бо такя ба илми дақиқ, қудратҳои бисёр азим расидаанд ва хурдтарин давлате, ки гаравандаи онҳоянд, агар аз ин неруи илмӣ, яъне ярокҳое, ки ин қувваҳо доранд, истифода кунад, агар аз дарича̄и ҷаҳл биёяд, ҳамин 2,7 млрд мусулмонро метавонад хокистар кунад. Ин ҳам дар чанд дақиқа. Ин ҷо бояд ин ҷавон андеша кунад, ки бо чӣ қувва мубориза бурда истодааст, оё танҳо қувваи ҷоҳилияташ мерасад бо он қувваи дақиқи илмӣ, ки қудрати ҷисмонӣ гирифтааст? Албатта, наметавонад!

**О.Н.:** - Як замон ба чанд суханҳои шумо чеҳраҳои шинохта ва сиёсии кишвар - бародарон Тӯраҷонзодаҳо дар хашм шуда, ба шумо тариқи ВАО ҷавоб гардонда буданд. Аслан ин қазия чӣ буд ва давоми он чӣ шуд?

**З.А.:** - Дар маҳфили «Диалог»-и онҳо суханронӣ карда, дар ҳафтаворҳо, тариқи суолу ҷавоб аз Қуръон далел овардам, ки дар Қуръон омадааст: «Муҳаммад аз Худо мепурсад, ки оё ман метавонам, каси дигареро кофир гӯям. Худо мегӯяд: на, ин кори охират аст ва ин кори ман аст ва кассе, ки нафари дигареро кофир мегӯяд, худи ӯ кофир мешавад, зеро ӯ худро ба ҷойи ман ба ҷойи Худо гузоштааст». Ман ин суханҳоро ба чоп додам. Ин ба чопдиҳӣ бар он маънӣ буд, ки авоме, ки аз паси сухани ин се бародар ранги дарё равона буданд, андеша кунанд, ки ин се воиз дуруст мегӯянд ё Қуръон? Ман бовар дорам, ки ин ҷомеаро як дараҷа ором кард. Дар баҳс ман аз онҳо кам набудам, зеро дар олами ислом 99 дар сад ҳамин гуна қабули авомона доранд, суҳбату суханрониҳоям онҳоро низ дар назар дошт, яъне ба шахси ин се бародар бо хомӯшии худ ҷавоб гардондам.

**О.Н.:** - Бо вуҷуди он ки Шумо ояҳои Қуръонро овардед ва гуфтед, ки кофар гуфтан мумкин нест, аммо боз ҳам шуморо кофар мегӯянд, ҳатто чанд рӯз пеш, вақте шумо меҳмони маҳфили «Ҷаҳони андеша» будед, дар сомонаҳои интернетӣ гуфтанд, ки Зиё Абдулло кофар буданашро солҳо пеш иқрор карда буд. Ин ба шумо чӣ таъсир мерасонад?

**З.А.:** - Ман аз он суханҳо ба саҳнаҳои дарунии худам бармегардам. Даруни ман саҳнаҳое ҳаст, ки саҳнаи вайҳо кӯдакона метобад.

**О.Н.:** - Дар бораи дину диёнат сухан рафт. Мегуфтед, ки аз нигоҳи шумо дин чӣ аст?

**З.А.:** - Ин калима калимаи Авастоӣ буда, маънои виҷдонро низ дошт, маънои рӯҳи покро дорад. Азбаски инсон заиф аст ва он зебоиро шинохта натавонист, маънои ин калима, яъне динро ба маънои таассуб расониданд. Дар

Ғарб ҳам, бар зидди мутаассибони рӯҳонӣ муборизаҳои шадид бурдаанд. Авом ҳамеша дар зулмот аст ва зиндагии рӯшанро намедонад. Мисоли ин дар инқилоби Фаронса. Инқилобчиён зиндониёнро озод карданд. Қисми зиёди зиндониён баргашта омаданд ба зиндон. Аз онҳо пурсиданд, ки чаро шумо баргаштед? Онҳо гуфтанд, ки мо дар берун зиндагӣ карда наметавонем, яъне роҳи зиндагӣ дар миёни мардумро гум кардаем. Дар ин ҷо бо як кафлес ғизое медиҳанд, зиндаем, мо омадем, ки зиндагӣ моро ба гуруснагӣ накушад. Барои ин ки мо аз зиндагӣ намирем, омадем ба гӯристон, ки зинда бимонем… Аз кӯрии авом мутаассибони динӣ ҳама вақт истифода мекарданд, касеро мехостанд кофар мегуфтанд. Ва авоми бадбахт низ, тӯда-тӯда давида сангсор кардан мегирифт. Мисли инро, мутаассибони сиёсӣ ҳам мекунанд.

**О.Н.:** -Ҷомеаи Тоҷикистони имрӯз низ дар зиндон қарор дорад?

**З.А.:** - Бале, авом ҳамеша дар зиндони таассуби худ қарор дорад? Муллоҳо ҳам аз ҳамин авом баромаданд ва аз ҳамин зиндонанд.

**О.Н.:** - Яъне, муллоҳо ҳам авоманд?

**З.А.:** - Бале, муллоҳои авом. Қисми зиёди зиёиён ҳам. Ҳатто агар зиёӣ авоми бесавод мебуд, ҳам ба худаш, ҳам ба ҷамъият бештар манфиат мерасонид, аммо, вақте ин авом зиёии чаласавод шудааст, ӯ ҳам ба худ, ҳам ба ҷомеа зиёдтар метавонад зарар расонад. Барои ҳамин ҳам ман гуфтам: вақте ки зиёӣ саҳнаҳои ботинии худро ба дидан сар мекунад, он вақт оғоз меёбад равшанфикрӣ. Ин хело душвор аст, барои ин ӯ бояд аз кӯдакӣ барои шинохти ботини худ омодагӣ бинад ё омода созад.

**О.Н.:** - Яъне андешаи Муҳаммадҷон Шакурӣ дар мавридаи «зиёии деҳотӣ» ва «зиёии шаҳрӣ» дуруст аст?

**З.А.:** - Бале. Мухтасари ҳамин мақолаи дурударози муаллим Шакуриро ман дар соли 1992 пеш аз мурочиатнома пешниҳод карда будам, ки пойтахтро ба Хуҷанд кӯчонанд ва ба далелаш ҳамин «андешаи деҳотӣ» ва «зиёии шаҳрӣ» асос оварда будам. Ин навиштаи ман як сархат буд ва ман гуфта будам: вақте ки мо аз деҳот ба шаҳри қадима меоем, ранги чармем ва шаҳри қадима аз мо ранги усто мехоҳад, пӯстини зебо ё туфлии зебо созад, яъне моро аз дарун ҳамин гуна зебо кунад, барои ин ки шаҳри қадима дар давоми садсолаҳову ҳазорсолаҳо худро зебо кардааст ва метавонад. Аммо Душанбе, ки шаҳри ҷавон аст, мо аз ҳар тараф омада, дар гулӯйи Душанбе дар мондем, барои он ки Душанбе аз шаҳрҳои дигар ҷӯйи маданиятро кашад, мо каме бояд онро сабук кунем. Яъне мо камтар даъвою шаттоҳӣ мекунем, ки «Оҳ ватани ман аз ҳама зебо», «Хори Ватан аз тахти Сулаймон хуштар», ин воҳима аст, ин як эҳсосбозӣ аст. Шумо як бор аз оинаи нилгун ба берун назар кунед, ки мардум чӣ гуна шаҳрро доштанду доранд ва он шаҳрҳо то ҳол зиндаанд, чаро мо ду ходаи азонгӯйиро аз он шаҳрҳои зебо, аз он ҳунарҳои зебо, ки бо заҳматҳо, бо талошҳои зебо ва бо қувваи сафед сарф карда сохтаанд, хор ё безеб гӯему чордевори

худамонро зебо? Ин гӯл задании авом аст, ин авомро авомтар сохтан аст, яъне ғуломи ғуломи тапа-тайёри мутаассибон сохтан аст.

**О.Н.:** - Устод Бозор Собир дар як суханронӣ гуфтанд, ки шоирони тоҷик дар ду давра зиндагии хуб доштанд, замони Сомониён ва Шӯравӣ. Имрӯз чӣ?

**З.А.:** - Инҳоро ҳам тақсим мекунем ба 1% ва 99%. Ва 99 % ҳама вақт аз ҷабри зиндагӣ, аз ҷабри ҷомеа, аз ҷабри ҳокимони чунин ҷомеаҳо нолидаанд. Ва он 1% ҳам нолидааст ва бадтар аз онҳо нолидааст, ба хотири он ки ҳамон сафедии бузург, неруи сафедии бузург ба онҳо кам расидааст. Инро, ки шинохтед, зуд дармеёбед, ки кадом адиб дар кадом гурӯҳи инҳо шомиланд, адиби авом ё фард, аз рӯйи он ки устод Бозор то ҳоло аз мардуму сиёсат меноланд, аз ин ақида меноланду ақидаи дигарро парчам мекунад, фаҳмидан мумкин аст, ки он кас дар кадом гурӯҳанд.

**О.Н.:** - Дар маврди гуфтугузорҳои ИН бо матбуот хабар доштагистед, чӣ андеша сари ин баҳсҳо доред?

**З.А.: -** 11 сол аз ин пеш як нафар рафиқам аз боло (зеро аз бозиҳои поён хабар дошт), вақте ки китоби «Лоластон»-и ман баромад, гуфт: «ба ҷоизаи давлатӣ арзанда аст, пешниҳод кун, аз боло дастгирӣ мекунем». Ман гуфтам, ки ҳоло пешниҳод намекунам, зеро давлати мо нав аз ҷанг баромад ва харобии иқтисодӣ дорад. Дар ин ҳол дидаву дониста  хезаму гӯям, ки мана ман ин китобро навиштам, ба ман ин қадар мукофот те, ин як навъ гадоӣ аст, ки зеби худ намебинам. Баъди 10 сол китоби «Ҷоми Симурғ»-ро пешниҳод кардам, ба хотири он ки нигоҳи адибонро дарёбам, ки назари онҳо ба шахси ман аст ё ба эҷоди ман аст, ё назари  онҳо то куҷо рушд кардааст. Ба ман гуфтанд, ки танҳо ду нафар овоз додааст. Оё садои норизоӣ баровардам? Не! Вақте  ки ҳама чизро зебою табиӣ ва шинохта қабул кунед, на худатон асабӣ мешавед, на ҷомеаро дар ғазаб меоред. 99 дарсад лабрези ғазабанд…

**О.Н.: -** Шояд роҳи нашинохтани неруи сафед аст, ки баъзеҳо аз озод будани сухану бесарҳад шудани марзи сухан, сӯийстифода мекунанд. Бархе даъво мекунанд, ки зиёда аз классикони мо гомосексуалист буданд, ҳатто дар Эрон Сируси Шамисо китобе навишта бо номи «Шоҳидбозӣ дар адабиёти тоҷик» …

**З.А.: -** Боз аз даричаи 1 ба 99 меоем. 1 %-е, ки мегӯем, аз Рӯдакӣ сар карда, то Мавлавӣ шоирони орифанд,  инҳо вақте  зебоӣ мегӯянд, зебоии худоиро дар назар доранд, зебоӣ ҷинс надорад. Вақте Зардушт Худоро мебинад, зебоиро мебинад. Ин орифон  зебоиро дидаанд ва бояд барои фаҳмидани онҳо ба дараҷаи онҳо ба дарки зебоӣ, рамзу рози сухан расем. Ин орифон, вақте ки соқӣ мегӯянд, Худоро дар назар доранд, гул мегӯянд, Худоро мебинанд, Юсуф гӯянд, худро мебинанд, Зардушт гӯянд, Худоро мебинанд, аммо инҳо ин зебоиро ба ҷисм мубаддал кардаву фаҳмиданд.  Вақте ки Рӯдакӣ «Эй писар…» мегӯяд, мурoҷиаташ ба соқӣ аст, пеш киро соқӣ мегузоштанд? Соқие, ки дар нишастҳо интихоб мешуд, дигар аст, соқии базми орифон дигар. Оё ҷомеа иҷоза медод, ки

ягон зани зебо омада, дар ҷомеи орифон соқигӣ кунад? Базми орифон ба ресторани имрӯзаи мо шабоҳат надошт… инро он муҳаққиқи эронӣ нафаҳмидааст. Ва ин 99 % онро бод додааст. Дар ин ҷо устод Бозор омаду дар ИН бод дод ва устод Аскар дар матбуот …

**О.Н.:** - Имрӯз аз нигоҳи шумо дар Тоҷикистон мавҷудияти ҳизби исломӣ маънӣ дорад? Ва аз назари шумо лозим аст дар давлате, ки намояндагони дигар динҳо низ ба сар мебаранд, танҳо як дину намояндагони як дин ҳизб дошта бошанд?

**З.А.:** - Ба наздикӣ барои «Адабиёт ва Санъат» як силсила шеър бурдам. Дар он байн як байт ҳаст, ки ин аст:

*Ҳинду ба саду як дин созишгару хушбин аст,*
*Моем ба дини худ, дар ҷанг чӣ садсола…*

Ҷомеаи бузурги Ҳинд дуруст шинохтааст ё мо? Албатта, Ҳинд! Ӯ ба роҳи созиш бағал кушодааст. Чуноне баҳоиён мегуфтанд, ки замин ранги глобус аст ва Худо дар болои ҳамон глобус меистад ва динҳо хатҳоеанд, ки ба нуқтаи боло пайвастанд. Бигзор, ҳамаи динҳо ба якдигар халал нарасонда, ба ҳамон нуқтаи боло, ба сӯйи ҳамон Худои ягона роҳ паймоянд. Вақте ба боло мерасанд, мебинанд, ки ҳама ба як Худо расидаанд, мисли Симурғи Аттор. Шумо бубинед, мусулмонони мо баҳоиёнро ҳам кофир гуфтанд, яъне тангназарӣ сабаби ҷаҳлу ҷаҳолату ҷангу хунрезӣ ва авомсозии ҷомеа мегардад. Ҳар қуввае, ки ба авомкунии ҷомеа меравад, он қувваи сиёҳ аст, қувваи роҳгумзании инсонҳо. Мо дар рӯйи як заминем, бояд созиш карданро ёд гирем. Ин ҳам як роҳи демократия аст.

**О.Н.:** - Яъне шумо зидди андешаҳои онҳое ҳастед, ки мехоҳанд дар ҷомеаи сирф динӣ ё сирф исломӣ зиндагӣ кунем?

**З.А.:** - Агар Исломро ранги исломе шиносанд, ки Фирдавсӣ, Аттор, Хайём, шинохтааст, марҳамат, ҷомеаи исломӣ созанд. Аввал исломро шинос, баъд ҷомеаи исломӣ бисоз. Ин ҳам мисли сотсиализм мешавад, яъне онҳое, ки инқилоби сотсиалистӣ карданд, гумон доштанд, ҷомеаи сотсиалистӣ ҳам месозанд. Вале ҷомеае, ки ҳазорсолаҳо даруни дарёи дурӯғ, фиреб, зулм ва ғ. шино кардааст, дар андак муддат сотсиализмро шатаки по кард ва лояшро ба қолаби дурӯғи фиреби худ зад.

**О.Н.:** - Дар охир, мехостам бифаҳмам, ки чӣ аҳвол доред? Чӣ зиндагӣ доред?

**З.А.: -** Шукр, зиндааму зиндагӣ дорам, бо маоши нашриёт… аз касе норизо нестам…

**О.Н.:** - Саломат бошед.

**З.А.:** - Хонаобод бошед.

Бознашр аз ҳафтаномаи «Тоҷикистон» №52, 2014



**Ёрмаҳмад НИЁЗӢ**
файласуф

**Ояндасозӣ ва сохтмони худӣ**

Такя ба илм кардан ва дар заминаи илмӣ ояндаи худро сохтан, яке аз вижагиҳои илмии ҷаҳони муосир мебошад. Яке аз файласуфон ва сиёсатшиносони шинохтаи имрӯзи тоҷик Саймумин Ятимов дар ду соли охир бо ду таҳқиқоти илмии худ, ки яке, «Идеология ва манфиатҳои миллӣ» (Имрӯзнюс, №77 (842) сешанбе, 29.04.2014) ва дигаре, «Назарияи эҳтимолияти равандҳои сиёсӣ» (Ҷумҳурият, №: 252 аз 24.12.2014) мебошад, тавонистааст дар ҳавзаи илми муосири тоҷик, ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ уфуқи тозаеро кушояд ва раванди бовармандӣ ба илм ва ояндабинии илмиро ба вуҷуд оварад.

Мо дар ин мақола бештар ба таҳқиқоти дуюм «Назарияи эҳтимолияти равандҳои сиёсӣ» мутамарказ шуда, он бинишҳо ва равандҳоеро, ки воқеан, дар оянда ҷомеаи моро интизор аст ва бештар заминаи он дар ҷомеаи имрӯзи тоҷик ҳувайдост, баррасӣ мекунем.

Вақте мо дар мавриди ҷомеа андеша мекунем, дар зеҳни худ натанҳо маҷмӯи одамонеро, ки дар як ҷо ҷамъ омадаанд, дар назар мегирем, балки ҷомеароба унвони ҷамъияте, ки дар асоси идеалҳо, арзишҳо, ҳадафҳо ва ояндасозиҳо ба ҳам омада, зиндагии худро ба дасти худ месозад, яъне тақдири худро ба дасти хеш менависад ва месозад, мешиносем.

Саймумин Ятимов муҳаққиқест, ки дар ин таҳққиқоти худ чунин бовариро ба вуҷуд оварда ва равандҳои хатарзо ва нигаронкунандаи ояндаи ҷомеаи тоҷикро таҳлилу таҳқиқ намудааст.

Дар муқаддима ӯ аз таърифи шуур оғоз карда, шуурро натанҳо «дараҷаи олии инъикоси олами воқеӣ, балки ҳамчун табиати иҷтимоӣ дошта, аломати худинъикоскунӣ (яъне шуур дар худ ба ғайр аз инъикос кардани муҳити худ, инчунин дар хотира нигоҳ доштан ва аз нав ба хотир овардан ва инчунин аз ин воқеъият воқеъияти наверо сохтан мебошад - Н.Ё.) ҷиҳати танзими ҳаёт ва фаъолияти ҷамъиятии худи инсон, махсусан аз тариқи маърифати ҳастии

ҷамъиятӣ, шинохти моҳият ва қонуниятҳои он, хусусияти фарққунанда ва аломати мустақилияти нисбии шуур мебошад», муаррифи мекунад.

Дар ин таъриф муҳаққиқ хусусияти шуурро, натанҳо инъикоскунандаи олами воқеӣ, балки ҳамчунин маърифаткунандаи ҳастии ҷамъиятӣ ва танзимгари қонуниятҳои ҷомеа ба баррасӣ мекашад.

Дар фаҳмиши суннатии ҷомеа, ки аз мифология ва дин бармеояд, сохтмони ҷомеаҳо ба таври бетартибона ва хаотикӣ ва бе дарназардошти назарияҳо ва бе қонуниятмандиҳо фаҳмида мешуд.

Аммо дар ҷаҳони муосир бошад, ҷомеашиносон ва сиёсатшиносон дар асоси омӯзиши ҷомеаҳо ба як идда назарияҳо ва қонунмандиҳое дастрасӣ пайдо кардаанд, ки аз ин роҳ ҳар ҷомеаро метавон рушду тавсеа бахшид ё онро доим дар ҷолиш ва ноороми, ё бе рушду тавсеа нигоҳ дошт.

Ягона унсуре, ки ҳар ҷомеаро ба самти рушду тавсеа метавонад роҳнамоӣ кунад, ин шуури миллиест, ки ҳувияти ягона ва ваҳдатофаринӣ дорад ва муҳаррики аслии ҳар ҷомеа мебошад.

Шуури миллӣ ин муаянкунандаи арзишҳо ва ормонҳоест, ки ба дасти худи инсон сохта шуда, барои рушду нумӯи ҳар ҷомеа мусоидат мекунад. Арзишҳо ин тамоми таҷрибаҳои гузаштаи таърихии мо ҳастанд, ки дар шакли динҳо, адабиёт, санъат, илм ва фалсафа зуҳур карда будаанд.

Идеалҳо ва ормонҳо бошанд, он намунаи пешшартие аст, ки ҳамчун намуна ва раҳнамо қабул шуда, самти фаъолияти ҳар инсон ва кулли мардумро муайян мекунад. Аллбата, ин идеалҳо ва ормонҳо низ тағйирёбанда мебошанд.

Дар ҷаҳони муосир, ки дастрасӣ ба иттилоот зиёд аст, моделҳои гуногун ва алтернативаҳои ҷамъиятӣ – сиёсӣ, барои муайян кардани тақдири ояндаи давлатдории миллӣ аз ҷониби кишварҳои хориҷӣ, ки дар доираи манфиатҳояшон мебошад, пешкаш мегардад. Ҳар миллат ҳамон вақт метавонад ин моделҳо ва алтернативаҳоро ба манфиати худ истифода кунад, ки дарки «моҳияти субъектҳо ва объектҳои сиёсӣ, мақсад ва роҳу воситаи амалӣ кардани нақшаҳои онҳо» дар имрӯзу оянда, огоҳона ва ҳудуди онҳоро муайян карда, қадам ба қадам тасмимгирии ҷиддӣ барои пуштибонии манфиатҳои худ устуворӣ нишон диҳад.

Барои дастрасӣ ба ин ҳадаф, ба гуфтаи муҳаққиқ, дар самти сиёсати давлати миллӣ «омӯзиши таҷрибаҳои сиёсӣ, таҳлилу амалкарди субъектҳои сиёсӣ, сабаб ва оқибатҳои он - манбаи аслии муайян кардани эҳтимолият ва равишҳои сиёсӣ мебошанд», зарур аст. Методҳои зиёде барои муайян кардани ояндашиносӣ мавҷуд аст. Дар самти ояндабинии сиёсӣ методи коркарди алтернативаҳо, пеш аз ҳама, зарурати шинохт ва донистани он, ки субъектҳои бозигари сиёсӣ ба кадом алтернативҳо таваҷҷуҳи бештар доранд ва ин алтернативҳо то кадом андоза манфиатҳои миллии моро ифода мекунанд, аз вазифаҳои муҳимтарини ниҳодҳои илмии кишвар ба ҳисоб меравад.

Воқеан, омӯзиш ва муайян кардани дурнамои ин алтернативаҳо воқеъияти актуалӣ буда, бояд аз рӯ овардан ба ҳувиятсозии субъективии гузаштаи таърихӣ, яъне фурӯ рафтан ба таҷрибаҳои гузашта, ояндабинии моро тира сохта, зеҳни моро аз воқеъият ва чораандешӣ дар баробари мушкилоти имрӯзу оянда кунд ва заиф месозад. Илм ва олимон, «бояд ба мардум ҳушдор диҳанд, ки истиқлолияти сиёсӣ ва тамомияти арзӣ, оромӣ, сулҳу субот ва рушд мафҳумҳои мутлақ набуда, нисбианд. Ҳар миллате бояд донад, ки дар рӯи замин ҳамчун як узви оилаи бузурге аст, ки дар баробари он миллатҳои дигаре низ зиндагӣ мекунанд. Дар ин оила на танҳо ҳамзистии осоишта, балки низоъ, рақобат ва даъвоҳо, ки муҳаррики асосии мавҷудияти ҳар миллатанд, вуҷуд доранд». Ин омилҳои таҳрикдиҳанда ҳар миллатеро ба рушду тавсеа, яъне инкишоф мерасонанд ва ё сабаби нестӣ ва заволи он мешаванд.

«Сарфи назар кардан аз даъвоҳои сиёсӣ ва ҷуғрофии аъзои ин «оила» надонистани қонунияти ташаккули низоми байналмилалии навин, ояндаи давлатҳои «ғофил»-ро зери хатар қарор мегирад. Кӯшиши шинохти ин хатарҳо бо худии худ мавзӯи аслии ояндабинии сиёсӣ мебошад. Муҳаққиқ барои пешгӯии равандҳои сиёсӣ ба ду масъала таваҷҷӯҳ мекунад:

Таҷрибаи таърихӣ. 2. Корбурди фаросати сиёсӣ.

Таҷрибаи таърихии фарҳангии мо дар 1400 соли тасаллути ислом ва 70 соли Иттиҳоди Шӯравӣ нишон медиҳад, ки улуми иҷтимоӣ дар ҷомеаи мо начандон мавқеъ пайдо кардааст, зеро дар тӯли 1400 сол танҳо ба улуми динӣ – иҷтимоӣ бе дарназардошти улуми дақиқ ва шинохти воқеъияти замон ва таҳаввулоти он, аммо дар замони Шуравӣ бошад, бештар рӯи улуми дақиқ қонуниятҳои иҷтимоиро сохтаанд. Дар ҳоле, ки суръати тағйиру таҳаввули қонунҳои улуми дақиқ тағйирнаёбанда буда, қонунҳои иҷтимоӣ зудтар тағйирпазиранд ва болои арзишҳо ва суннатҳо устувор гашта, вобастаи табиату моҳияти наслҳои марҳилавии инсонро нишон медиҳанд.

Муҳаққиқ омили нокомии улуми иҷтимоӣ ва умуман, улумро дар ноороми воқеияти асрҳои XX - XXI дониста, ки аз натиҷаи муносибати субъективии тасмимгирандагони сиёсӣ нисбат ба зуҳуроти объективӣ мебошад», махсусан ҳодисаҳои Шарқи Наздик, Покистон, Афғонистон ва дигар манотиқи ҷаҳон.

Дар омӯзиши ояндабинии сиёсӣ, минбаъд бояд тамоми омилҳо ба ҳисоб гирифта шавад, махсусан омӯзиши манфиатҳои геостратегии марказҳои геополотикӣ, ҳодисаҳои гузаштаи таърихӣ дар асоси қиёс, фаросат ва қудратмандии миллат».

Бале, махсусан назарияҳои «бархӯрди тамаддунҳо» -и Самюэл Хантингтон, «хаос ва тахтаи бузурги шоҳмот»-и Бзежинский ва «Шоки оянда»-и Элвин Тофлер (тарҷимаи Ҳашмат Кошонӣ, Теҳрон, 1970), «Мавҷи сеюм» (Теҳрон, 1371) ва «Ҷобаҷоӣ дар қудрат» (Теҳрон, 1370 мутарҷим Шаҳиндухти Хоразмӣ)) ва дигар назарияҳое, ки оянда ва дурнамои ҷаҳонро ба нақша гирифта, ба ҳар як воқеияти ҷаҳон, вобаста ба воқеъияти рӯз моделҳо ё картаҳои худро дар бозӣ мегузоранд.

Шоки оянда фароянди тағйиру чигунагии таъсири он бар зиндагии мардум ва созмонҳоро баён мекунад, ки махсусан аз солҳои 70 –уми асри XX шурӯъ шуд ва М.С. Горбочев бо шиори бозсозӣ ва азнавсозию хусусигардонӣ Иттиҳоди Шӯравиро аз байн бурд. Мавҷи сеюм дар бораи ҷиҳате аст, ки ин тағйирот моро мекашонад ва ҷобаҷой дар қудрат бошад, дар бораи қонунҳоест, ки ин тағйиротро дар контрол доранд.

Муҳаққиқ дуруст қайд мекунад, ки «бозингарони набардҳои геостратегӣ қудрат ва иродаи худро бо дигар қудратҳои заиф таҳмил мекунанд, то «манфиатҳои геополитикии худро роҳандозӣ кунанд» ва роҳи амалкарди онҳоро майдонсозӣ ва ташаббусӣ таҳмили иродаи хеш ба дигаронро аст. Махсусан, ин шеваи субъективии муносибатҳои сиёсист, ки тибқи дидгоҳи стратегиашон гӯё ба он сазовор ҳастанд ва ҳар кишвареро, ки хоҳанд ба он тамғаҳои гуногуни сиёсӣ зада, онҳоро дар блокадаи иқтисодӣ гирифта, таҳримҳо дар болояш таҳмил месозанд. Нофаҳмии ҷаҳон ва ба харобазор табдил ёфтани бештаре аз манотиқи ҷаҳон натиҷаи чунин сиёсати манфии абарқудратҳост».

Муносибатҳои байналмилалӣ бисёр масоили печидае аст, ки аз тарафи олимони гуногун ба тарзҳои гуногун мавзӯъбандӣ шудааст.

Махсусан, муҳаққиқ Г. Маргентау шаклигирии ин муносибатҳои байналмилалиро аз омилҳои зерин иборат медонад:

1. Мавқеъи ҷуғрофӣ. 2. Сарватҳои табиӣ. 3. Имконоти саноатӣ. 4. Омодабошии қудратӣ- низомӣ. 5. Аҳолӣ. 6. Характери миллӣ. 7. Ахлоқи миллӣ. 8. Сифати дипломатия. 9. Сифати ҳукумат.

Ин омилҳое ҳастанд, ки воқеияти ҳар кишварро ошкор месозанд ва муқовимату худсозии ҳар миллатро нишон медиҳанд. Мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистон ҳассос буда, аз тамоми тарафҳо ҳамчун як тахтаи нишонгир мавриди ҳадафи қудратҳои минтақавӣ ва ҷаҳонист.

Гарчанде Тоҷикистон сарватҳои табиии зиёд дорад, лекин ҳамчун ашёи хом ва коркарднашуда боқӣ мондааст. Аммо баъди ба даст овардани истиқлолият, оҳиста-оҳиста ин имконот аз тарафи Ҳукумати кишвар фаъол мегардад.

Имконоти саноатии кишвар низ заиф гардида, дар замони ҷанги дохилии кишвар қариб ба нестӣ расида буд. Имрӯзҳо бошад, кӯшишҳои зиёде барои эҳёи ин омил сафарбар шуда истодааст.

Омодабинии қудрати низомӣ дар ҳоли шаклигирӣ буда, нисбат ба дигар омилҳо низоми идоракунии дохиливу хориҷӣ танзим меёбад.

Неруи асосии аҳолии Тоҷикистон, ки зиёда аз 70 дарсади онро ҷавонон ташкил медиҳанд, дар муҳоҷират қарор дошта, ҳамчун қувваи кории арзон дар хориҷи кишвар қарор доранд. Аз ин сабаб зарур аст, ки онҳо ба дохили кишвар ҷалб карда шуда, қудрати саноатӣ ва истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ ба роҳ монда шавад.

Характери миллӣ то ба ҳол камол наёфтааст ва дар ҳолати ифроту тафрит қарор дорад. Масалан, дар 1400 сол мусулмони якбуъда (яктарафа) дар 70 соли шӯравӣ атеисти якбуъда буд, имрӯз бошад, на инро ва на онро қабул дорад. Ин ҳолат хаоси иҷтимоиро ба вуҷуд оварда, ахлоқи миллиро низ ба ҳолати ифроту тафрит (аз як тараф, пӯшишҳо ва рафтори сирфи исломӣ, аз тарафи дигар, тақлиди кӯркурона ба ахлоқи ғарбӣ ва бадномсозии он) расонидааст.

Сифати фаъолият дар самти сиёсати хориҷӣ (дипломатияи тоҷик) бояд беҳтар гардида, танзими равобит бо кишварҳои дигари минтақа ва ҷаҳон боз ҳам самараноктар ба роҳ монда шавад. Сиёсати «дарҳои боз»-и роҳбарияти кишвар маҳз ҳаминро тақозо мекунад. Намояндагиҳои дипломатии Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷӣ бояд аз тамоми имкониятҳои мавҷудбуда истифода бурда, ба амалисозии лоиҳахои гуногуни иқтисодию иҷтимоӣ мусоидат намоянд.

**Сифати кори ҳукумат, гарчанде дар тӯли солҳои истиқлолият барои рушди кишвар** хеле баланд ва назаррас аст, аммо мушкилоти зиёде низ то ҳанӯз мавҷуд аст. Мутаассифона, баъзе аз масъулони ниҳодҳои иҷтимоӣ онҳоро сарфи назар карда, ба чоплусиву дурӯғпароканӣ ва ҳисоботи нодуруст ба чашми сардори давлат ва мардум хок мепошанд.

Омилҳои статикӣ ва динамикӣ ба гуфтаи муҳаққиқ, омилҳоеанд, ки қудрат ё тавоноии ҳар миллатро нишон медиҳанд. Ин ду омил ба ҳамдигар алоқаи ногусастанӣ дошта, масоили иқтисодиёт асоси омили статикӣ буда, аммо омили инсонӣ, корбурди принсипиалии идеяҳо, ҷанбаҳо ва дигар омилҳои субъэктивӣ мебошад ва дар муайян кардани ояндаи динамикии ҳар ҷомеа мавқеи муҳим доранд. Дар доираи муносибати субъект ва объекти ояндanигарӣ бошад, ҷузъиёти ин масоил низ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Инчунин ҳолати маориф, фарҳанг, раванди маданияти сиёсӣ, ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ, динӣ, система, сутруктура ва зарфияти функсионалии онҳо якҷоя бо омилҳои муассири минтақавӣ ва ҷаҳонии имрӯз низ вазъи ояндаи сиёсиро муайян мекунад.

Яке аз категорияҳои таркибии диалектика, ки ҳамчун унсури муаянкунанда барои ояндanигарӣ хидмат мекунад, ин категорияи ҷуфти моҳият ва зуҳурот мебошад.

Моҳият ҷиҳати дохилӣ, амиқ, махфӣ ва нисбатан устувору муҳим, асл, зарур ва қонунмандии ин ё он чиз, ҳодиса ва ашё мебошад.

Зуҳурот ҷиҳати берунӣ, мушоҳидавӣ ва одатан муҳаррику мутағайири ин ё он чиз аст.

Муҳаққиқ аз зовияи ин ду таъриф ба «зуҳуроти сиёсӣ ва рӯйдодҳои фоҷиабори олам, он чизҳое, ки имрӯз дар шаклҳои терроризм ва экстремизм дунёро ба даҳшат овардааст, моҳияти худро ошкор месозад, яъне зуҳури ин моҳият ҳодисаҳои Афғонистон, Покистон, Ховари Миёна, “Давлати исломӣ” ва дигар зуҳуроти даҳшатафканӣ таҳти шоирҳои ҷиҳод мебошад, менигаред.

Муборизаи миллӣ - озодихоҳӣ, ҳимоят аз исломи ноб, мубориза ба муқобили куффор зуҳуротеанд, ки моҳияти худро пинҳон медоранд ва сиёсатҳо на ҳама вақт дар ошкор шудани моҳият манфиатдоранд. Ба ҳамин хотир байни зуҳурот ва моҳият фосила, зиддият ва номуайяниҳо вуҷуд дорад. Сиёсатҳо аксари вақт бошуурона, мақсаднок, ниҳоят махфӣ амалӣ мегарданд, ки ин ғайричашмдошт ва фавқуттабиӣ нест, балки падидаи оддӣ ва муқаррарӣ аст. Барои татбиқи нақшаҳо моҳияту ҳақиқатро пинҳон медоранд. Кашфи асрори зуҳурот бошад, вазифаи илм аст.

Муҳаққиқ зимни таҳлили моҳияти воқеаҳои байналмилалӣ, махсусан падидаҳои ниҳоят мушкили террористӣ дар Ховари Миёна, Покистон ва Афғонистон бар мабнои бозиҳои сиёсӣ бо дини ислом ба моҳият ва умқи масъала ворид шуда, маҷмӯи чунин равандҳо, воқеъиятҳо ва натиҷаи он дар ояндаи наздик ва дур, ки манфиатҳои кадом гурӯҳ, аҳзоб, давлат ва гурӯҳи давлатҳоро таъмин месозад, бояд муайян шавад; мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Барои ҳалли ин мушкилот муҳаққиқ пешниҳод месозад, ки мебояд анъанаҳо ва меъёрҳои умумии ҳамзистии осоишта ва шарофатмандонаи халқҳоро дар тӯли таърих ва замони муосир ҷиддан ва хусусият, фарқияти миқдорӣ ва сифатии онҳоро дар «ватан»-и моҳиятсозон ошкор сохт ва дараҷаи эҳтимолии манфиатҳои охирини онҳоро аз тағйироти миқдорӣ ва сифатӣ дар фазои берунаи субъектҳои мавриди назар ба таври муқоисавӣ муайян кард. Дар ояндanигарии рафторҳои сиёсӣ рӯйдодҳо, рафторҳо, зухурот, падидаҳо ва дараҷаи такроршавии онҳо ба ҳисоб гирифта мешавад, зеро ҳамчун нишонгари сифати предмети субъекти сиёсӣ хидмат мекунад. Мантиқи аслии илм-дарки дараҷабандии моҳиятҳо, равшан кардани мақсад ва вазифаҳои функсионалии давра ба давраи онҳост. Бардошти таҳлилӣ дар зовияи мафҳумҳои зуҳурот ва моҳият ба назари муҳаққиқ он аст, ки гумроҳӣ ва ғофилии объектҳои одӣ –иҷрокунандаҳои амалҳои экстремистӣ ва террористӣ маҳз дар он аст, ки то ҳол ҷамъият аз уҳдаи фаҳмондани хусусияти инструменталӣ доштани истифодаи онҳо дар баробари мақсадҳои ғаразноки «моҳиятсозон», набаромадааст. Субъектҳо ҳам фурсати фикр кардан дар атрофи суоли «барои чӣ?»-ро ба объектҳои мавриди таъсирашон намедиҳанд. Аниқтараш, «моҳиятсозон» дараҷаҳои гуногун, дар шуурнок гаштани чунин афрод ҳаргиз манфиатдор нестанд.

Мавзӯи дигари ин таҳқиқот муносибатҳои системавӣ мебошад, ки ҳамчун методология барои ба даст овардани дониш, тасаввуроти илмӣ ва таъмини илмии амалияи иҷтимоиро ташкил медиҳад, ки объектҳои таҳқиқ ҳамчун ҷисми бутун ва ягона омӯхта ва ба назар гирифта мешаванд. Ҷузъҳои система бо метод, усул ва роҳҳои гуногун амалӣ мешаванд, зуҳур мeёбанд ва худро дар намоиш мегузоранд, ки муносибатҳо, алоқаҳо ва миёнҷигариҳоро ифода кардаанд.

Системаи сиёсӣ ҷанбаи дохилӣ ва берунӣ дошта, сиёсати дохилӣ дараҷаи тавонмандии онро ташкил медиҳад, ки барои пойдорӣ ва давонмнокии он дар

фазо ва вақти муайян мебошад. Сиёсати беруна идомаи диалектикии сиёсати дохилии субъекти муносибатҳои сиёсӣ мебошад, ки хизматрасонӣ ва шакли таъмини ниёзмандиҳои сиёсати дохила аст. Ин системаҳо ба таври мутлақ набуда, байни онҳо робитаи диалектикист. Ҳама гуна системаҳо аз зерсохтор иборат буда, аз онҳо қувват мегирад. Мисли терроризм ва шабакаҳо ва намудҳои он.

Ин ситемаҳо аз ресурсҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ, фарҳангӣ, идеологӣ, динӣ тавонмандии худро таъмин карда, дар асоси коркард ва роҳандозии илмӣ – воқеъяти ҷомеаро ба пешрафт ё пасрафт мерасонад.

Ин системаҳо чунон ба роҳ монда мешаванд, ки фарогири системаҳои оддӣ, примитивӣ, тахайюлӣ, эҳсосотӣ ва тамоюл ба афсонаю ормонҳое мебошанд, ки ошкоро мустақим ва ноаён дар доираи манфиатҳои худ, ҳамчун зерсистема ба таври индустриалӣ, чун восита ва олати бозиҳои геополитикӣ истифода мешаванд. Мисоли он воқеаҳои Ховари Миёна, Афғонистон, Покистон ва соли 90-ум Тоҷикистон. Яъне бо шиори «муъмин бародари муъмин» рӯ ба ҷиҳод оварда, ҳамчун як олоти ҷудоандозӣ ва нооромкунанда барои аз нав тақсим кардани ҷаҳон сӯистифода мешавад. Ин ҳадаф, ба назари муҳаққиқ, аз роҳ гирифтани грантҳои хориҷӣ, меҳмоннавозиҳо, сайру саёҳат, табобатҳо, тафреҳҳои инфиродӣ, оилавӣ ва бепул дар беҳтарин истироҳатгоҳҳои хориҷӣ, навиштани мақолаҳо, муколама, мусоҳиба, мавъизаҳо ва корҳои илмӣ- таҳқиқотӣ ва қотеъона мазаммату гунаҳкор кардани Ватани худ, чоплусӣ ва узрхоҳиҳо аз бегонагон амалӣ мешавад. Яъне ин роҳҳоеанд, ки системаи ҳар ҷомеаеро фалаҷ сохта, «ҳақиқат»-ро дурӯғ ва дурӯғро ҳақиқат муаррифӣ мекунанд, мардумро ба гумроҳӣ мебаранд.

Назарияҳо, идеяҳо, тасаввуротҳо, даъват, ишораҳо, тарғиб ва ташвиқҳо системаи идеологӣ ва иттилоотӣ ҷомеаро ташкил мекунанд, ки агар дар заминаи илмӣ ташаккул ёфта бошанд, шаҳрвандони ҷомеаро озод, зирак ва ҳушманду боақл месозанд, аммо агар дар пояи хурофот, дин ва фармонҳои пуч системаи идеоологӣ ва иттилоотӣ ташаккул ёбад, пойбанди ҷаҳолату ғафлат, нодонӣ ва тақдирпарастиву эътиқодмеҳварӣ гашта, ҷомеаро ба ифроту тафрит ва зиддияти шадид гирифтор месозад, махсусан чунин воқеаҳои фоҷеаборро дар кишварҳои мусулмоннишин ба вуҷуд меоваранд.

Дар муносибатҳои байналмилалӣ мафҳуми дигаре бо номи нигоҳдории статус (бетағйирии вазъ ва мавқеъҳо) ва мувозинати қувваҳо ҳамчун омили субот ва амният маҳсуб мешаванд. Аммо дар баробари статус ва мувозинати қувваҳо, мувозинати ақлонӣ, идеологӣ ва интеллектуалӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ ба ҳисоб гирифта намешавад. Таҷрибаи имрӯзаи глобалӣ, ба гуфтаи муҳаққиқ, нишон медиҳад, ки ин омил дуруст ба ҳисоб гирифта намешавад, зеро ҷойгоҳи ҷаҳонбинии илмиро ба ҷаҳонбинии динӣ - ифротӣ ҷойгузин карда, бештари манотиқи рӯи заминро дар ҳолати муташанниҷ нигоҳ медоранд. Аз ин рӯ барои

маърифати ситемавии моҳияти сиёсати ҷаҳонӣ, таносуби амалҳои мутақобили низомҳо, зернизомҳои сиёсати байналмилалӣ, характери субъектҳои сиёсӣ, равобит ва муносибати онҳо, таҳқиқоти амиқи илмӣ, таҳлили васеи назарияҳо, консепсияҳо, махсусан ҷанбаҳои татбиқи онҳо бисёр муҳим мебошад. Ба ҳар усул кашфи диалектикаи моҳияти низомҳо, вобастагии зуҳуроти сиёсӣ ва идеологӣ ҳамчун авлавияти зуҳуроти сиёсӣ ва идеологӣ, ҳамчун авлавияти илмӣ дониста мешавад.

Ҳамин тариқ, шинохти системаҳои сиёсӣ, танҳо ба дарки амиқи моҳияти онҳо дар замон ва фазои муайян барои экстраполятсия (пешгӯии падидаҳо аз нигоҳи илмӣ)-и падидаҳо шарти шинохти сиёсат мебошад.

Мавзӯи дигари ин таҳқиқот «бархӯрди таърихӣ ва ояндабинӣ» аст, ки дар асоси хотираи таърихии инсон ташаккул меёбад. Дар хотираи таърихӣ таҷрибаи инсонӣ, ҳифз, эҳё, таҳлил, баррасиву арзёбӣ ва бардоштҳои огоҳкунандаи ҳаётӣ ниҳон аст, ки дар ҳолати зарурӣ ба мақсади азнавсозӣ, рушди ҷомеа ва худи инсон равона мешавад, ки донишҳоро ташкил медиҳад. Ба назари муҳаққиқ нишонаи аслии дониш – доштани қувваи истеҳсолӣ, қобилияти фаҳми минбаъдаи олами ҳастӣ ва тавонӣ истифодаи инсон барои фоидааш мебошад. Саҳми илмҳои ҷамъиятшиносӣ, на танҳо восита ва омили муайянкунандаи муносибати инсон ба табиат, ҷамъият ва тафаккур мебошад, балки ҳамчун неруи бузурги таъсиррасонӣ ба инкишофи ҷамъият ва пешрафти тамаддуни башарӣ хидмат карда метавонад. Табиатшиносӣ низ дар шакли ҳамкорӣ бо илмҳои ҷамъиятшиносӣ сарчашмаи муҳими пешрафти инсонӣ хоҳад шуд. Омӯзиши таърих бардошти илмӣ аз қонунияти инкишофи он ва омили тақвияти асосҳои назариявии ояндабинии сиёсӣ мебошад… Дар таносуб бо табиат ва ҷамъият на танҳо объекти омӯзиш, балки субъекти омӯзиш низ ҳаст.

Чунин субъективияти масоили таърихӣ сабаб шудааст, ки ҳодисаҳои таърихӣ, аз нуқтаи назари манфиатҳои фардӣ, гурӯҳӣ, ҳизбӣ ва миллии субъектҳои сиёсии муайян, шарҳу тафсир ёбанд. Аммо чунин камбудии ҷиддӣ ҳаргиз қимату самараи омӯзиши таҷрибаи таърихӣ ва саврнавишти халқҳоро кам намекунад. Зеро ҳақиқатҳои илмӣ дар масири таърих, аксаран чунин мушкилотро паси сар ва мутобиқати донишҳои таърихиро ба воқеъият таъмин намудааст.

Норасоии дигари омӯзиши таҷрибаҳои таърихӣ дар он аст, ки шинохти мушкилоти воқеиро дар пасманзари таҷрибаҳои таърихӣ печидатар сохта, раҳёфти ҳалли мушкилот мушкилтар хоҳад шуд. Аз ин рӯ, агар бештар мушкилоти имрӯза дар фазо ва вақти муайян мушаххас карда шавад, роҳи ҳалли он тезтар пайдо хоҳад гашт. Мумкин дар баъзе аз мушкилот мо ба таҷрибаҳои гузашта рӯ оварем. Такя кардан ва бештар машруият бахшидан ба таҷрибаҳои гузашта, ки ҷанбаи асосии материализми таърихӣ буд, ҷомеаҳои марксистиро ба сохтмони ҳувиятҳои таърихӣ (динӣ, миллӣ, нажодӣ) баргардонид, ки имрӯз ин ҷомеаҳо танҳо ба сохтмони ҳувияти таърихӣ машғуланд ва таҷрибаҳои

таърихии худ (ҳамчун мусулмон, тоҷик, масеҳӣ, зардуштӣ)- ро нисбат ба улуми муосир бартар медонанд ва ин ба афсонапардозиву дурӯғпарокании беҳуда ва аз воқеияти дур оварда расонидааст, ки наметавонанд улуми муосирро, ки дар асоси назарияву қонуниятмандӣ печида ва мушкил ташаккул ёфтааст, қабул кунанд.

Ба ҳар ҳол, муҳаққиқ дуруст зикр мекунад, ки фактҳои таърихӣ барои шинохти имрӯз ва оянда ниҳоят муҳиманд, зеро таърихи ҳар миллат моҳияти онро ташкил медиҳад. Аммо таърих барои ҳамаи моҳиятҳо имкон ва шанси баробар намедиҳад, яъне он таҷрибаҳои таърихие рӯи кор меоянд, ки қобилияти воқеии интеллектуалии ҳар миллат қавӣ бошад ва офаринандагиву созандагиро дар баробари хатарҳои мавҷуда соҳиб бошад ва метавонад ҳувият ва воқеияти худро бисозад. Масалан, сохтмони давлати миллӣ, ки модели пешрафтаи дунё ва дар замони муосир муҳим аст, мушкилоти имрӯз аст.

Ба назари муҳаққиқ, он миллате метавонад худро бисозад, ки дарки баланди масъулияти ватанхоҳона ва тамоми имкониятҳоро барои ҳифз ва рушди давлатдории худ истифода барад ва аз таҷрибаи таърихии дигар миллатҳо сабақ гирад. Махсусан, он ҳодисаҳое, ки бо омили ноороmиву парешонии кишварҳои Либия, Миср, Ироқ, Сурия ва Афғонистон шуданд. Бояд камбудии моҳияти онҳоро аз дохили худи ин кишварҳо ҷуст, на аз хориҷ. Омилҳои хориҷӣ зафъи ин кишварҳоро омӯхта, онҳоро ба парешониву ноороmӣ оварда расонидаанд. Аз ин рӯ, рушди тараққиёт ва пешравии ҳар миллат дар пуштибонии манфиати миллӣ, ҳамчунон масъулияти умумимиллӣ шинохтан зоҳир гардида, амри зарурӣ барои ҳар як шаҳрванд, новобаста аз нажод, эътиқодот, мансубият ба ҳизби сиёсӣ ва табақаи иҷтимоиашон маҳсуб меёбад. Онро бояд қарзи миллатсолорӣ ҳисобид, зеро барои халқи тоҷик ин рисолати ҳаётӣ аст, ки ниёз ба ҷонинсорӣ ва қаҳрамонӣ дорад. Ин ҳадафи аслииояндаи мост. Зеро оянда оғози худро аз имрӯз мегирад, танҳо дуруст фаҳмидани ин алтернативаҳои таърихӣ метавонад дар рафти тараққиёти ҷамъиятӣ- таърихӣ мусоидат кунад.

Интихоби алтернативаҳо ва ҷидду ҷаҳд барои амалӣ сохтани онҳо чизи одӣ нест. Онҳо дар заминаи талаботу эҳтиёҷоти гурӯҳҳои иҷтимоӣ рӯи кор меоянд. Талабот дар шакли манфиат зуҳур меёбад ва муҳимтарин манфиат, бешубҳа манфиати миллист, ки асоси онро амният, сулҳу субот, пойдории давлати миллӣ, ки рушди иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар назар дорад, ташкил медиҳад. Таҷрибаҳои таърихӣ дар ин замина метавонад роҳнамои санҷидашуда ҳисоб гарданд.

Яке аз тавоноиҳои давлати миллиро, муҳаққиқ дар характер ва маънавиёти миллӣ арзёбӣ мекунад. Он дар рафторҳои сиёсат, сабт ва усули муносибатҳо, тасмимгириҳо ва шеваи амалӣ кардани онҳо зоҳир мегардад.

Этнография илмест, ки тарзи зиндагӣ, урфу одати халқҳо (миллатҳо), маданияти моддиву маънавии онҳоро меомӯзад. Ин маданияти моддӣ – маънавӣ дар тӯли таърих дар шакли мифология, адабиёт, санъат, муносибатҳо ва рафторҳо дар доираи манфиатҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, этникӣ ва динӣ ташаккул ёфтааст. Дар

замони муосир, пеш аз он ки муносибати худро ҳар давлат ба давлати дигар муайян созад, дар пӯшиши экспедитсияҳо характер ва маънавиёти ҳар миллат омӯхта шуда, баъдан аз заъфҳо ва комёбиҳои ин миллатҳо кор гирифта мешавад. Миллат, гарчанде дар тӯли таърих фаҳмишҳои гуногун дорад дар тафсири сиёсӣ халқро ифода карда, асос ва субъекти аслии ташкил кардани давлатҳо мебошад. Давлатҳои миллӣ такя ба арзишҳои умумиинсонии дунявӣ барои зиндагии инсон карда, новобаста аз мансубияти ирқӣ, нажодӣ ва динӣ бунёд ёфтаанд.

Мафҳуми миллат дар фаҳмиши сиёсӣ – давлат аст. Моҳияти миллатро характери миллӣ ташкил медиҳад, ки дар муқоиса бо дигар миллатҳо муайян ва мушаххас арзёбӣ карда мешавад. Характери миллӣ ин худшиносии миллист, ки манфиатҳои миллиро ифода мекунад. Ин манфиатҳо ҳам аз дарун ва ҳам аз берун пуштибонӣ мешаванд ё ба садама дучор мегарданд. «Ҳамин тариқ, донистани характери миллӣ омили муҳими ояндабинии рафторҳои сиёсист». Бархӯрд бо ҳар миллат дар оилаи миллатҳо, банақшагирии муносибатҳо, рафторҳо, вокушиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, идеологӣ ва ҳатто забткориҳо ва тахрибкориҳо ҳам бо ба инобат гирифтани характер ва урфу одати ҳар миллат анҷом мепазирад, ки танҳо аз роҳи омӯзишҳои илмӣ – таҳқиқотӣ дастрас мешавад.

Бинобар ин, ба хотири «мувофиқат кардани илм ба талаботи иҷтимоӣ», баланд бардоштани эҳсоси масъулияти олимон ҷиҳати эҳёи тамоми мероси ақлонӣ, хосатан мероси фалсафии бузургони худ дар чаҳорчӯби манфиатҳои миллӣ ва танзими амалияи сиёсӣ, таҳкими он ба характер ва ахлоқи миллӣ ҳамчун соҳаи қобили таҳқиқ, ҳамеша зарур хоҳад буд.

Характери миллӣ, ба гуфтаи Г.В.Ф.Гегел, дар асоси омилҳои ҷуғрофӣ ва релеф ё муҳити атроф шакл мегирад. Зимни баррасиҳои худ Гегел ақида дорад, ки баъзе аз миллатҳо ҳанӯз тафаккури ибтидоӣ ва кӯдаконаеро дошта, муҳити худро намешиносанд ва арзиши худро дар хариду фурӯши ватан, ғорату харобкорӣ ва бадбинӣ нисбати дигарон медонанд.

Дар баробари ин миллатҳо, Гегел аврупоиёнро бо доштани «сифати абадии аз худ кардани дониш» хос дониста, дар шинохти воқеият таваҷҷуҳ зоҳир мекунад ва то ба ҳол кӯшиш кардаанд, ки қонунияти оламро кашф созанд, то оламро дар итоати худ дароранд. Чунин характер чандсолаҳост, ки аврупоиёнро имкон додааст, то доварони дунё ва истифодакунандаи тамоми имконоти олам бошанд. Яъне «тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад». Характери миллӣ мисли ҷанин буда, офаринандаи маънавиёти инсонӣ мебошад, ки тақдири ҳар миллатро муайян месозад. Характери миллӣ муносибати ахлоқии миллатро ба имрӯзуояндаи хеш муайян сохта, масъулиятнокии миллатро дар замони муосир, инчунинояндаи наздику дур ва махсусан, дар лаҳзаҳои тақдирсоз нишон медиҳад. Бешубҳа, дараҷаи шуурнокӣ, муносибат ба илму дониш, муттаҳидӣ, иродаи паси сар кардани мушкилот, бовар ба сохтани тақдири Ватан ва иштироки фаъол дар он, омилҳои муҳим ва нишонгари моҳияти одоби миллӣ мебошанд. Ҳувияти динӣ

низ як ҷанбаи характери миллиро ташкил карда, бештар осебпазир буда, ҳамчун омили фалаҷкунанда аз тарафи душманони хориҷиву дохилӣ бар зидди худи миллатҳо истифода мешавад.

Хулоса, мушкилоти оянданигарӣ аз печидатарин масъалаҳои илмӣ – амалӣ буда, ҳамчун муайянкунандаи самтҳои гуногуни илмӣ ва рушди онҳо барои илмҳои табиӣ, ҷомеашиносӣ ва техникӣ хидмат мекунад.

Шуур яке аз объектҳои асосии футурологӣ буда, қобилияти шинохт ва роҳҳои ҳалли мушкилӣ ва мушкилиофариниро дорад ва дар доираи манфиатҳои мусбиву манфӣ ҳамчун василаи бозиҳо истифода шуда, ниқобҳои гуногунро бар худ мегирад. Ошкор сохтани чеҳраи идеологияҳо ва ояндаро равшан сохтан, масъулияти илм ва олим аст. Мавзӯи аслии эҳтимолияти равандҳои сиёсӣ худшиносии миллӣ мебошад. Мо бояд аз тасаввуроти бадеӣ – тахайюлӣ то андозае фосила гирифта, ба шинохти ҳолати воқеӣ рӯ оварем, то ин ки сохт, структура ва системаи он бо хосиятҳо, муносибатҳо, омилҳо ва қонуниятҳои  пайдоиш, шаклгирӣ ва рушду  тараққии он мавриди омӯзиши ҷиддӣ  қарор бигирад.

Дар ин раванд бояд камбудиҳо ва ҷанбаҳои манфии характери миллӣ баррасӣ шуда, воқеияти он ошкор гардад, то монеаҳои рушди такомул аз байн бардошта шавад. Монеасозӣ натанҳо аз дохил, балки аз берун низ бо «дастпӯшакҳои дохилӣ» амалӣ шаванд.

Хулқу атвори ҳар миллат аз роҳи тадқиқоти бунёдӣ, аз роҳи пурсишҳову анкетасозиҳо ва назарсанҷиҳо тадқиқ мешавад. Дар ин кор «нухбагон»-у “бузургон”-и дохилӣ ҳамчун методи лабораторӣи «намуна аз матоъ» барои хориҷиён истифода мешаванд ва роҳҳои ғулом ва бардасозӣ  дар ситодҳои махфӣ коркард карда мешаванд, ки аз чунин навъҳо  иборат аст: ғуломи ҷисмонӣ, ғуломи маънавӣ, ғуломи экспертӣ, ғуломи суханчин, ғуломи сухангӯй, ғуломи қалам, ғуломи мавъизаҳо, ғуломи симатнишондеҳ барои амалияи терористӣ, ғуломи ҷиҳод, ғуломи даҳшатафканӣ, ғуломи террористӣ ва ба ин ғуломон чи гуна бояд либос пӯшонанд ва чи гуна бояд унвон дод, дар доираи зарфиятҳои хадамоти махсус тарҳрезӣ мешаванд, ки чунин муносибатро муносибати бозорӣ ё хариду фурӯш, кулоҳгузорӣ ва шуури шаклгирифтаи зиддимиллӣ медонанд.

Ҳар миллате, ки аз берун идора мешавад ё намояндагонаш манфиатҳои бегонагонро дар ҳар шакл, ҳамчун манфиатҳои худӣ талқин мекунанд, барои расидан ба рӯзи нек мушкилии сахт дар пеш дорад.

Таҷрибаҳои таърихӣ нишон медиҳанд, ки тақдириояндаи ҳар миллат ба дасти худаш аст. Ҳар миллате, ки ба воқеияти худ такя мекунад ва камбудиҳои худ ва мушкилоти худро нодида мегирад, оянда надошта ба нобудӣ хоҳад расид, аммо ҳар миллате, ки бо ҷасорат мушкилот ва камбудиҳои худро сари вақт чораҷӯӣ мекунад, дер ё зуд мавқеи худро дар сатҳи ҷаҳонӣ соҳиб мешавад. Дар ин роҳи мушкил, вале ифтихорӣ ба интеллигенсияи миллӣ ва нухбагони сиёсӣ, ки барандагони асосии идеологияи миллӣ маҳсуб меёбанд, комёбӣ, муваффақият ва муҳимтар аз ҳама, ҷасорат таманно менамоем.



**Нозим НУРЗОДА**
фарҳангшинос

## Мақоми рӯшанфикр дар ҷомеа

Таърихи афкори пешқадами башарӣ собит сохтааст, ки ақвоми муфаккир танҳо бо роҳи рӯшангарӣ ва бедории фикрӣ ба қуллаҳои баланди тараққиёт ва тамаддун расида, дар масири хушбахтӣ ва саодати иҷтимоӣ гомҳои сазовор бардоштаанд. Андеша ва фикре, ки бар пояи ақлу мантиқ созмон ёфтааст, таҷаддуд ва навгаройии тадриҷиро дар ниҳод ва баданаҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд оварда, рушду таҳаввулро боис мегардад. Чуноне ки файласуфи англис Ҷон Локк гуфта буд: «Афкор оламро идора мекунад» ва дар партави ин ҳикмат метавон ба ин натиҷа расид, ки кори фикрии бар мабнои хираду мантиқи зинда роҳандозишудаи ниҳоди муҳимтарини иҷтимоӣ -- рӯшанфикрон ҷомеаи инсониро аз дарун тағйир медиҳад ва роҳи мунсифонаи одилонаро манзур месозад. Ин рӯшанфикронанд, ки аз бомдоди таърихи инсонӣ то имрӯз муқобили зулму истибдод, ки аз ҷаҳолату хурофот ва таассуб реша мегиранд, мубориза мебаранд ва дар ин ҷода, ҳатто мухимтарин арзиши рӯҳию ҷисмӣ(саломатӣ ва ҷон)-ро аз даст медиҳанд. Фидокорӣ дар роҳи илму хирад ва наҷоти мардумӣ аз «вабои собиқадор» (ҷаҳлу хурофот) меъёри зиндагии рӯшанфикр аст.

Тибқи назари муҳаққиқон, кори фикриро метавон бо ду тарз баррасӣ кард: аввалан, бо роҳи истифода аз равишҳои равоншиносӣ, улуми зистӣ, ба вижа асабшиносӣ, ки ҳадафаш шинохти мушаххасоти мағзи инсон аст ва сониян, тавассути таваҷҷуҳ ба корҳои фикрии афрод, коркардҳо ва натоиҷи иҷтимоии онҳо (Аҳмадӣ Бобак. Кори рӯшангарӣ. Теҳрон: Марказ, 1384. –С.7.). Тарзи дуюми баррасӣ дар кори рӯшанфикрӣ тарзи фалсафии ҳалли масъалаи фавқуззикр аст. Маҳз тавассути роҳи дуюми таҳқиқ аслу нукоти иҷтимоӣ ва фарҳангии зуҳури кори фикрӣ дар дилхоҳ маҳдудаи иҷтимоӣ бозшиносӣ мешавад.

Албатта, кори рӯшанфикрӣ кори на як ё ду нафар, балки кори табақоти гуногуни фикрӣ аст. Танҳо дар натиҷаи муколамаи мутақобилан судманд ва орӣ аз ғараз ва табодули назари табақоти гуногуни иҷтимоӣ ва фарҳангӣ фазои бози рӯшанфикрӣ дар ҷомеа доман густурда, роҳи наҷоти инсонӣ аз вартаи хурофоту таассуби саросарӣ тадриҷан дар ҳамаи сатҳҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва сиёсию

иқтисодӣ имконпазир мегардад. Ин аст, ки файласуфи машҳури асри бистум Мишел Фуко навиштааст: **«Кори рӯшанфикрӣ корест ҳамагонӣ, маҳсули хиради ҷамъӣ ва мантиқи муколама»** ( Аҳмадӣ Бобак. Кори рӯшангарӣ. Теҳрон: Марказ, 1384. –С.11.).

Вожаи «**рӯшанфикр**» дар шакли истилоҳ ва мафҳуми илмию фарҳангӣ аз фарҳанги урупоӣ ба муҳити фарҳангӣ ва фазои сиёсию иҷтимоии мо ворид гардидааст. Нависандагони давраи машрутаи Ирон ба ҷойи истилоҳи франсавии **Siecle des lumieres** ибораи «**асри мунавварфикрӣ**» -ро истифода мебурданд ва дар солҳои баъдӣ ба ҷойи «мунавварфикр» вожаи «рӯшанфикр» мутадовил гардид ва натиҷатан, ба ҷойи истилоҳи франсавии **Siecle des lumieres** мафҳуми **«асри рӯшанфикрӣ**» мавриди истифода қарор гирифт. Дар асрҳои миёна вожаи рӯшанфикр дар шакли рӯшандил камокон арзи ҳастӣ намудааст ва Ҳаким Носири Хусрав ҳангоми баёни матолиби мавриди назар вожаи «рӯшандилӣ»-ро дар шакли «Рӯшандилони Рӯшон ойинаи сафоянд» истифода кардааст. Устод Айнӣ ҳам дар китоби «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» аз калидвожаҳои **«танвири фикрӣ»** ва **«мунавварфикрӣ**», ки ба шарофати робитаҳои иқтисодию тиҷорӣ ва ҳамкориҳои сиёсию фарҳангӣ бо Русия дар ибтидои садаи бистум дар фазои фикрию эҷодии Бухорои амирӣ падид омадаанд, кор гирифтааст.

Вожаи «рӯшанфикр» аз лиҳози луғавӣ маънои навгаро, таҷаддудпарастро далолат намуда, ба касе итлоқ мешудааст, ки эътиқод ба ривоҷи ойину афкори нав дорад» (Деҳхудо Алиакбар. Луғатнома. Ҷилди 8. Теҳрон, 1373. –С.10912). Дар китоби «Доиратулмаорифи форсӣ» вожаи рӯшанфикрӣ дар баробари **Enliqhtenment** омада, ки ҳамон рӯшанфикрӣ аст ва ҳеҷ ишорае ба вожаи англисии **Intellectual** нашудааст ва дар ин китоб шарҳе аз гуманизми роиҷи Урупои асри ҳаждаҳум омадааст (Мусоҳиб Ғуломҳусайн. Доиратулмаорифи форсӣ. Ҷилди 1. Теҳрон, 1345. –С. 1128.). Ба таври куллӣ, дар фарҳанги муосири форсӣ истилоҳи «рӯшанфикр» дар ду маъно шарҳ ёфтааст:

1.Касе, ки дорои бинише огоҳона, мантиқӣ, дур аз хурофа ва таассуб бошад.

2.Касе, ки муътақид ба нақш ва арзиши донишу фарҳанг дар пешрафти ҷомеа ва беҳрӯзии мардум бошад (Афшор Ғуломҳусайн Садрӣ, Ҳакамӣ Насрин, Ҳакамӣ Настаран. Фарҳанги муосири форсӣ. Теҳрон, 1381. –С.683.).

Сайри иҷмолии ойини рӯшанфикрӣ дар Урупо ба ин марз мерасад, ки баъзеҳо Афлотун, Томаси қидис, Мартин Лютерро ҳам рӯшанфикр номидаанд. Нависандаи «Таърихи рӯшанфикрии асрҳои миёна» Жак Логоф таъкид мекунад, ки дар ҷавомеи ибтидоӣ ё сода нахустин рӯшанфикрон, ки назми иҷтимоиро ба вуҷуд меоваранд, ҷодугарони қабоил будаанд (Аҳмадӣ Бобак. Кори рӯшангарӣ. Теҳрон: Марказ, 1384.-С.129). Роберт Брайм (Robert Brym) дар китоби «Рӯшанфикрӣ ва сиёсат» дар мавриди таърифи рӯшанфикрӣ ва нақши рӯшанфикрон дар ҷомеа суҳбат намуда, минҷумла навиштааст, ки рӯшанфикрон касоне ҳастанд, ки **омӯзиши ҷиддӣ дидаанд ва тавлидкунандаи «идеяҳо» дар ҷомеаи модерн мебошанд, ҳамчунин ба тавлиди идеяҳо иштиғол меварзанд** (Аҳмадӣ Бобак. Кори рӯшангарӣ. Теҳрон: Марказ, 1384.-С.131). Минбаъд ба маснади рӯшанфикрӣ

файласуфон соҳиб шуда, Волтер, Руссо, Монтескиё ва дигарон дар Фаронса дар саргаҳи наҳзати рӯшанфикрӣ қарор гирифта, барои баррасӣ ва ҳалли мушкилоти ичтимоӣ, фикрӣ, фарҳангӣ ва сиёсии давр камари ҳиммат барбаста, дар ин раванд саъю талоши фаровон рӯйи даст гирифтанд. Волтер, ки аз пешгомони ин наҳзати фикрию эҷодӣ буд, қабл аз ҳама, ба ин масъалаи муҳимтарин, ки имрӯз низ рӯзмарра ба назар менамояд, ҷиддӣ таваҷҷуҳ намуда, дар ин замина гуфтааст: **«Барои шинохти қавонини табиат садаҳои тӯлонӣ лозим аст, аммо барои шинохтани вазифаи инсон як рӯз кифоят мекунад, то инсон вазоифи худро шиносад»** (Аҳмадӣ Бобак. Кори рӯшангарӣ. Теҳрон: Марказ, 1384.-С.132)**.** Ин вазифа ва рисолатро, **Волтер дар пайкор алайҳи «муфтхӯрони ичтимоӣ» -- кашишҳо, роҳибон, мустабидон, тазвиргарон, суннатгароён мунсаҷим сохтааст.**

Дар ҳавзаи романтизми олмонӣ Ҳуте (Гёте) ва Бетҳовен чун қаҳрамонони озодандешӣ ёд шудаанд ва тору пуди ононро бо афсонаҳо метаниданд. Минбаъд, бо мурури замон рӯшанфикрон-файласуфони асил, ки дар донишгоҳҳо фаъолият мекарданд, рӯйи саҳнаи муборизот қадам ниҳоданд. Соли **1806** нахустин маротиба рӯшанфикрӣ ба маърази баҳси илмӣ гузошта мешавад ва Канти олмонӣ меъёрҳои фаъолияти рӯшанфикрро дар масири зиндагӣ таъйин мекунад. **Пайванди фалсафа бо донишгоҳ, ки аз мақолаи «Кашокаши донишкадаҳо»-и Кант ва номаи «Хитоб ба миллати Олмон»-и Фихте оғоз шуда, то «Суханронии Раёсат»-и Ҳайдеггер (соли 1933)** идома ёфт, кори рӯшанфикриро бо назардошти талабот ва муқтазиёти замон тарвиҷ бахшид. Мусаллам аст, ки пас аз Ҳегел фалсафа бештар рӯйи масоили ичтимоӣ тамаркуз кард ва файласуфону ҷомеашиносони баъдӣ аз Зиммел, Вебер, Дилтей то Маркузе, Адорно ва Ҳабермас ковишу ҷустуҷӯҳои ҷомеашинохтии масоили ичтимоиро бунёд гузоштанд.

Ҷомеашиносон оғози рӯшанфикриро садаи нуздаҳум медонанд ва барои намуна аз асрҳои қаблӣ чеҳраҳои мондагори фарҳангиро чун сарчашма ва пойдевор мисол мезананд. Масалан, Эрнст Касирер ё Томас Ман ба унвони яке аз нахустин чеҳраҳои рӯшанфикрии модерни пеш муаррифӣ мекунанд. Маркс, Толстой, Нитше, Дарвин ва Будлер аз ҷумлаи номҳои алифбоии андешаи рӯшангаройианд. Нитше дар саргаҳи рӯшанфикрии урупоӣ дар замони нав қарор гирифтааст. Ӯ ба мукобили авомзадагӣ ва суннатгаройии урупоӣ баромада, тавассути дониш ва ҳунар арзишҳоро, бо назардошти замон ва макон таҷдиди назар кард. Нитше ҳунарро **«бузургтарин муҳаррики зиндагӣ»** (Алейн де Боттон. Тасаллибахшиҳои фалсафа. Тарҷумаи Ирфон Собитӣ. Теҳрон: Қақнус, 1383. – С.255) дониста, бо эҷоду офариниш, ки махсуси рӯшанфикрист, ба майлу хоҳиши инсоният тағйир додани ҷаҳонро таманно кардааст. Чун медонист, ки кори рӯшанфикрӣ сахту мушкил аст, таъкид карда буд: **«Мо набояд аз сахтиҳои худ эҳсоси шармандагӣ кунем, балки бояд аз ин амр шарманда шавем, ки натавонистаем чизҳои зебое аз он бирӯёнем»** (Алейн де Боттон. Тасаллибахшиҳои фалсафа. Тарҷумаи Ирфон Собитӣ. Теҳрон: Қакнус, 1383. –С.272).

Нависандаи ҷумҳурихоҳ ва озодиталаб Виктор Ҳуго (Гюго) ба чеҳраи рӯшанфикри озодихоҳи асри бистум Сартр наздикӣ дорад (Андешамандони садаи

бист. Теҳрон, 1379. -С.135). Дар садаи бистум рӯшанфикрӣ ба сифати ҷараёни тавонои фикрию сиёсӣ тавассути андешаву орои симоҳои намоёни илму маърифат Сартр, Камю, Марсел, Ясперс, Рассел ва дигарон дар муҳиту фазои қишрҳои мухталифи ҷавомеи ғарбӣ ҳамсадоӣ пайдо намуд.

Бояд тазаккур дод, ки аз бомдоди шинохти қудрат ва таъсисоти зулму истибдод рӯшанфикрӣ ва рӯшангарӣ ҳамчун падидаҳои таҷаддудгаро ва навандешу дигарандеш дар ҳама давру замон мавриди тазйиқу фишор, зулму тааддӣ ва ҳамлаву куштори аҳли таассубу хурофот, ки аксаран, дар раъси сиёсату мулукият ё хидматгузорони он буданд, қарор мегирифтанд. Дар ҷаҳони Юнони қадим Суқрот туъмаи нобихрадон ва торикандешони замон гардид. Ӯ хатари пайкорашро дар роҳи бедор кардани насли ҷавони қаламрав барвақт дарк карда буд ва ҷасурона нидо дармедод: **«То ҷон дар бадан дорам, аз ҷустуҷӯйи дониш ва огоҳ сохтани шумо ба он чӣ бояд бидонед, даст нахоҳам дошт.... Пас, отиниҳо (афинагиҳо) бидонед, ки хоҳ сухани Онотусро бипазиред, хоҳ маро табраа (сафед) кунед, дар ҳеҷ ҳол рафторро ҷуз ин нахоҳам кард ва лав (агар) борҳо кушта шавам»** (Алейн де Боттон. Тасаллибахшиҳои фалсафа. Тарҷумаи Ирфон Собитӣ. Теҳрон: Ққакнус, 1383. –С.10). Марги Суқрот сарнавишти рӯшанфикрӣ ва рӯшангариро дар дарозои таърих рақам зад.

Дар асрҳои минбаъда дар Урупо барои шикастани навандешӣ ва рӯшангарӣ калисои католикӣ дар қарни сездаҳум дастгоҳи муқтадири тафтиши ақоид (инквизитсия)-ро таъсис дода (Дебуро Б. Тафтиши ақоид. Тарҷимаи Маҳдӣ Ҳақиқатхоҳ. Теҳрон: Қақнус, 1373. –С.10), минбаъд донишмандону рӯшанфикронро аз тариқи ин дастгоҳи зулму куштор таҳти фишор қарор медод. Сарнавишти донишмандони зиёди урупоӣ, бар асари навандешию таҷаддудписандӣ тираву тор гардида, дар ҷабҳаи муборизаю муҷодала бо хурофоту таассуби расмӣ ҷони худро аз даст додаанд. Ваҳшиёна ба қатл расонидани Ҷордано Бруно мисоли зиндаи ба рӯшангарӣ нафрат доштани мутаассибони расмии давр буд.

Ҷараёни муборизоти возеҳу равшан алайҳи рӯшанфикрӣ дар ҷаҳони ислом низ дар асрҳои миёна бо ҷиддияти том идома ёфт. Аммо ба муқобили истибдоди динӣ аз асри ҳашт то дувоздаҳи мелодӣ ҳаракатҳои гуногуни оппозитсионӣ таҳти ном ва шиори миллии шуубӣ зуҳур карданд (Бекзода Комил. Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ. –Душанбе, 2012. -С.390). Бо таваҷҷуҳ ба ин, нахустин зарбаро дар ин давра ба муқобили истибдоди арабӣ рӯшанфикрони иронӣ дар қолаби наҳзати шуубия заданд (Фашоҳӣ Муҳаммадризо. Гузорише кӯтоҳ аз таҳаввулоти фикрӣ ва иҷтимоӣ дар ҷомеаи феодалии Ирон. Теҳрон, 1354. -С.94).

Ба куфру илҳод муттаҳам кардани аҳли фалсафа ва калом дар асрҳои миёна ба ҳукми анъана даромада буд. Ҷойи нуфузи онҳоро аҳли ҳадис ва фақеҳони суннатгаройи муқаллид гирифт. Ҳар кӣ ақвол ва аҳодиси зиёди динӣ медонист, аз андешаманди мустақилфикр боло дониста мешуд. Кор то ба ҷое расида буд, ки

Имом Шофеӣ рӯйирост ба муқобили мутакаллимон (теологҳои исломӣ) баромада, бад-ин мазмун фатво содир карда буд: «Агар бандае ба ҳама мунҳиёти Худованд ғайр аз ширк дучор шавад, беҳтар аз он аст, ки дар илми калом назар кунад ва агар шунидӣ касе аз аҳли калом аст, шаҳодат деҳ, ки вай...дине надорад ва ҳукми ман дар боби уламои калом он аст, ки **онопро ба тозиёна бизананд ва дар миёни ашоир ва қабоил бигардонанд ва бигӯянд: ин суоли касест, ки китоб ва суннатро раҳо карду ба калом рӯй овард»** (Сафо Забеҳуллоҳ. Таърихи улуми ақлӣ дар тамаддуни исломӣ то авосити қарни панҷум. Муҷаллади аввал. Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон,1371. -С.143). Ба ин нигоҳ накарда, рӯшанфикрону озодандешони миллӣ Ибни Муқаффаъ ва Ибни Ровандӣ ба арсаи эҷод қадам ниҳода, парчами мубориззаро алайҳи бегонапарастӣ ва торикфикрӣ баланд бардоштанд. Хусусан, Ибни Ровандӣ ҳамчун рӯшанфикри ҷасур нахустин маротиба дар олами ислом биниши диниро дар ойинаи хирад баррасӣ карда, садои озодандеширо дар маҳдудаи қаламрави давлати арабӣ-исломӣ баланд намуд (Бекзода Комил. Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ. –Душанбе, 2012. -С.231).

Зулму куштор ва барчасби тӯмори «куфру илҳод» ба рӯшанфикрону донишмандон ва умуман, ҳар каси бедор боиси аз илму маърифати зинда дур шудани табақоти фарҳангӣ дар асрҳои миёна гардид. Кор ба ин ҳад расида буд, ки донишмандони забардасте на танҳо дар тарвиҷи илм саҳм нагирифтанд, балки барои шикастану хомӯш намудани чароғи хирад мусоидат карданд. Донишманди маъруфи қарни чаҳордаҳ Ибни Халдун сареҳан ишора кардааст, ки аз улуми ақлӣ ва фалсафӣ, ҳамчунин табиӣ ниёзе ба дину маош нест, баръакс, касе, ки пайи онҳо меравад, гумроҳ аст. Ӯ Абӯалӣ Сино ва Форобиро намунаҳои барҷастае аз он мардони гумроҳ медонад (Зебокалом Содиқ. Мо чӣ гуна мо шудем: решаёбии илали ақибмондагӣ дар Ирон. Теҳрон: Интишороти Равзана, 1378. С-270). Ин «иқдом» имрӯз низ идома дорад ва хирадситезию мулҳидунвондиҳӣ ба суннат табдил ёфта истодааст, ки дунявият ва низоми дунявиро дар минтақа зери суол мебарад.

Агар масири сайри рӯшанфикриро ба Осиёи Марказӣ (давраи амирсолорӣ дар назар аст) мутамарказ кунем, мушоҳида менамоем, ки афкори рӯшангарӣ дар қаламрави аморати Бухоро бидуни таъсироти берунӣ мутадовил нашудааст. Мушаххас намудани масири рӯшанфикрии аморати Бухоро ба мо даст медиҳад, ки сарнавишти феълӣ ва минбаъдаи рӯшанфикрии миллиро дар омӯзиш бо савобиқи таърихӣ муайян созем. Аморати Бухоро, ки ба қонуну қавоиди асримиёнагӣ зиндагӣ карданро одат карда буд, бо вазидани боди мувофиқи маорифпарварӣ, навандешӣ ва танвири фикрӣ бесаранҷом шуд ва барои нигоҳ доштани низоми кӯҳнаю фарсудаи давлатдорӣ тавассути ҷаҳолати амиқ ба муборизаю муқовимати шадид бархост. Дар таҳаввулоти фикрии фарҳангиёни Бухорои охири асри Х1Х ва ибтидои садаи бист нақши инқилоботи Ирону Туркия, муборизаи миллӣ-озодихоҳонаи мардуми Миср алайҳи душманони дохилӣ ва берунӣ чашмгир аст (Шакурӣ М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ, 2006. -С. 157.).

Ҳаракати сиёсӣ ва фарҳангии ҷадидия, ки муҳтавои онроислоҳоти куллии давлатӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ташкил медод, дар ибтидои садаи бист ба яке аз ҷараёнҳои бонуфузи сиёсӣ ва рӯшангарӣ табдил ёфт. Ағлаб донишмандону рӯшанфикрони тоҷик, аз қабили Абдурრауфи Фитрат, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Абдулвоҳиди Мунзим, Аҳмадҷони Ҳамдӣ, Абдулқодир Муҳиддинов, Садриддин Айнӣ ба ин ҳаракат бевосита ё бавосита пайвастанд.

Фитрат, ки то инқилоби Бухоро (соли 1920) рӯшанфикри миллӣ маҳсуб меёфт, дар рисолаи «Мунозира» аз забони қаҳрамонаш бо ҷиддият хитоб мекунад: «Охир куффор тараққӣ кунанд, мо чаро таназзул? Куффор бо камоли осудагӣ зиндагӣ намоянд, мо чаро гадову фоқазода…»( Холиқзода А.Тоҷикони Мовароуннаҳр. – Душанбе, 1997. С.45**).** Ба назари Фитрат, масъалаи раҳоӣ бахшидани мардум аз фақру бенавоӣ танҳо аз тариқи касб кардани илму дониш ҳаллу фасл мегардад.

Рӯшанфикрӣ ва рӯшангарии солими миллӣ дар симои устод Айнӣ, қабл аз инқилоби Бухоро дар қаламрави амирсолорӣ буруз кард. Устод Айнӣ, ки бо китоби «Наводир-ул-вақоеъ» - и Аҳмади Дониш шинос мешавад, худро дар олами воқеиёти давр тасаввур намуда, ба таври худогоҳ тағйир меёбад. Дӯстӣ бо яке аз бузургтарин рӯшандилони Бухорои вақт Садри Зиё дар ташаккулу таҳаввули ҷаҳонбинии устод нақши муассир гузоштааст. Китобхонаи Садри Зиё дар бедорӣ ва таҳаввулоти фикрии як зумра адибону донишмандон, аз ҷумла Айнӣ ҳамчун манбаи иттилоияи асосӣ хидмат кардааст (Асозода Х. Воқеият, сиёсат ва Айнӣ. – Душанбе, 2010. -С. 7.).

Айнӣ ба сифати рӯшанфикри давр бар он иддао мекард, ки **афкори умумӣ танҳо ба воситаи илму маърифат танвир меёбад ва <u>ҷавҳари ислоҳот мактабу рӯзнома аст.</u>** (Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. -С. 95**).** Устод ҳанӯз хеле барвақт пай бурда буд, ки ягона роҳи мусоид ва муътадил барои расидан ба ҳадаф танвири афкори ҷомеа аст. Танвири афкор ба мактабу маориф ва мутолиаи ҷароид сахт бастагӣ дорад. Ҳар қадар рӯзномаю ҷароиди гуногунмазмун ва пурмуҳтаво дастраси ҷомеа гардад, ҳамон қадар сатҳи рӯшангарӣ ва танвири фикрӣ дар ҷомеа боло меравад.

Ҳамин тариқ, роҳи наҷоти ҷомеаи Бухороро устод Айнӣ дар илмомӯзӣ ва мутолиоти густурдаи рӯзномаю ҷароиди ҷадид медид. Устод дар китоби «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» масъалаи танвири афкори мардумро дунболагирӣ намуда, менависад: «Мутолиаи кутуб ва расоил, аз кадом қисм ки бошад, ба танвири афкор хидмат мекунад» ( Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. -С. 95).

Устод Айнӣ ҳамчун рӯшангари воқеии замон барои раҳоӣ бахшидани оммаи Бухоро аз ҷаҳолати саросарӣ дар баробари уламои мутаассиб ва ҳуккоми мустабид, ки дар он давр шуморашон рӯз ба рӯз рӯ ба афзоиш дошт, қад алам карда, дар ин роҳи душвору пуртаҳлука, ҳамчун марди ҷасуру шуҷоъ қадам зад ва номашро дар таърихи фарҳанги миллӣ абадан сабт сохт.

Ба таври куллӣ, меъёр ва далоили зиёде барои таҳаққуқи фаъолияти рӯшанфикр ва кори рӯшангарӣ вуҷуд дорад, ки ҳамагӣ шахсияти комили рӯшанфикрро дар ҷомеа рӯнамо мекунанд. Барои намуна, ба мушаххасоти зайл таваҷҷуҳ мекунем:

**а)** рӯшанфикр ба қазову қадар бовар надорад;

**б)** қолабӣ ва мутаассибу карахт нест;

**в)** дар мавриди масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, ахлоқӣ, динӣ, илмӣ, фарҳангӣ, қатъи назар аз шароит ва замон дидгоҳашро озодона баён мекунад;

**г)** барои ба мардум хизмат кардан масъулият дорад;

**ғ)** ба афкору ақоиди ғайриилмӣ (сеҳр, ҷоду, хурофот) пайваста дар мубориза аст;

**д)** дорои шахсияти томи илмӣ, эҷодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аст;

**е)** тафаккури интиқодиро меҳвари фаъолият дониста, барои интиқоди афкори хурофотӣ, таассубӣ ва умуман, ғайриилмӣ далел дорад;

**ё)** пайваста дар пайи таҳаввули фикрӣ ва эҷодӣ буда, аз тариқи мутолиоти густурда ва мушоҳидоти рӯзмарра доираи донишу биниш ва таҷриботашро тавсеа мебахшад;

**ж)** ба тақдири ҷомеа ва давлати миллӣ, ба ҳеҷ ваҷҳ, бетафовут набуда, барои ислоҳи иҷтимоъ аз камбуду навоқиси гуногун ва рафъи буҳронҳои фикрию ахлоқӣ пайваста ҷаҳду талоши беғаразона меварзад;

**з)** хушомаду тамаллуқ ва ба ин монанд разоили ахлоқиро аслан қабул надорад;

**и)** ҷаҳонбинии илмиро дар ҳама ҳолат, новобаста аз вазъу шароит тарғибу ташвиқ менамояд;

**й)** ба зулму истибдод мубориза мекунад;

**к)** доир ба шахсияти худ, ҷомеа ва ҷаҳони берун аз вуҷуди худ бо ақлу мантиқ қазоват мекунад;

**қ)** ҳамеша ба оптимизм (рӯҳбаландӣ ва зиндагипарастӣ) такя ва аз пессимизму нигилизм (маъюсиву бунбастгаройӣ) интиқод мекунад. Ба сухани дигар, зиндагиро бо ҳама зебоию зиштиаш дӯст медорад;

**л)** ба зиндагии инсонӣ арзиши баланд қоил аст;

**м)** озодӣ ва ихтиёрро тавъам бо масъулият медонад;

**н)** дар ягон ҳолат, аз қатлу куштор ва зулму истибдод ҳимоят намекунад.

**о)** шӯхтабъӣ, зарофат, зиндадилӣ, самимият ва садоқатро маҳаки муносиботу муошироти инсонӣ медонад ва аз ин шева, шахсан дар зиндагӣ ҳамеша пайгирӣ мекунад;

**п)** нуқтаи назар, ақида ва афкори дигаронро, новобаста аз мақому манзалати иҷтимоӣ, сиёсӣ, динӣ-мазҳабӣ ва фарҳангӣ эҳтиром мегузорад;

**р)** барои эҷоди ҳусни тафоҳуми фарҳангӣ ва табодули фикрӣ байни ақшори мухталифи иҷтимоӣ ҷаҳду талош меварзад;

**с)** манофеи миллию мардумиро аз хоҳишҳои инфиродию гурӯҳӣ бартар медонад ва дар ин самт намунаи ибрати дигарон аст;

**т)** ҷасур, ҷуръатманд ва фидокор аст.

Меъёрҳои фавқ табақаи рӯшанфикриро дар ҷомеа тавлид намуда, мустақилияти онро дар баробари ниҳодҳои дигари иҷтимоӣ таҳкиму тақвият мебахшад. Набудани тафоҳуми фарҳангӣ ва иттиҳоди миллӣ миёни фарҳангиёни кишвар дар солҳои навадуми асри бистум боиси ба вуҷуд омадани шикофи бофтҳо ва комилан заиф сохтани баданаҳои иҷтимоӣ гардида, минбаъд низоъҳои динӣ-мазҳабӣ ва сиёсиро ба бор овард. Таҷрибаи талхи солҳои навадумро фарҳангиёни кишвар бояд ҳамеша мадди назар қарор диҳанд ва дар шароити феълӣ, пеш аз ҳама, нерую тавони илмӣ, сиёсӣ ва эҷодиашонро сӯйи тафоҳуми фарҳангӣ, иттиҳод ва манофеи миллӣ равона созанд.Агарчи дар ҷомеаи муосири тоҷикӣ ниҳоди мустақили рӯшанфикрӣ ташаккул наёфтааст, қисм-қисм, ҷо-ҷо ҷасоратмандоне ёфт мешаванд, ки дар ҷараёни рӯшанфикрии миллӣ қарор мегиранд ва аз рӯйи тавону имконот, дар баробари ҷаҳлу таассуб муқовимат ва фидокорӣ мекунанд. Танҳо иттиҳоду тафоҳуми неруҳои зеҳнии андешапарвар, пешрав, таҷаддудхоҳ, навгаро, мардумсолор, ҳувиятшинос ва инсонсоз, ки масири рӯшанфикрии миллиро таъйин мекунанд, ба ҷомеа таъсири ҳадафманд расонда, онро, муттафиқона аз қайду бандҳои иҷтимоӣ ва бунбастҳои равонию ахлоқӣ ва фарҳангӣ наҷот бахшида метавонанд. Сарфи назар кардан ва тарки амиқи манофеи инфиродию гурӯҳӣ ва тадриҷан пайвастан ба иттиҳоди миллӣ заминаю шароити мусоиде барои ба вуҷуд омадани ниҳоди мустақили рӯшанфикрӣ дар ҷомеаи тоҷикӣ фароҳам меоварад. Ин кори мушкил нест, вале ҷуръат ва ҷасорат металабад. Ҷомеаи вопасгаройи мо ба ин қишр сахт ниёз дорад ва танҳо рӯшанфикрон метавонанд ҷомеаро аз вопасзадагӣ, хурофотпарастӣ, суннатгаройӣ, яксуянигарӣ, таассубталабӣ, худхоҳӣ, такраҳбарӣ, беинсофӣ, беадолатӣ, ки ҳамагӣ аз ҷаҳолату нодонӣ сарчашма гирифтаанд, наҷот бахшида, ба сӯйи ҷомеаи мутамаддини башарӣ ва орӣ аз зулму истибдод ҳидоят намоянд. Мо бояд қишри фарҳангиро аз рӯшанфикр фарқ карда тавонем. Фарҳангӣ ё зиёӣ (ҳарчанд ки зиёӣ аз лиҳози луғавӣ ба рӯшанфикр тавъам аст, аз назари истилоҳӣ мутафовит аст) ҷуръату ҷасорати рӯшанфикрро надорад. Фарҳангӣ ҳамеша бо суннат ва вопасмондагиҳои иҷтимоъ даргир намешавад ва барои ҳифзи обрӯю эътибор ва нуфузи иҷтимоӣ бо суннатҳои хурофотии авом созишу муросо менамояд, аммо рӯшанфикр аз онҳо, сареҳан имтиноъ меварзад ва амдан муқобили ҷараёни хавфноку номутавозини иҷтимоъ ҳаракат мекунад. Ҷуръату ҷасорати рӯшанфикр, пеш аз ҳама, аз мутолиоти васеъ, диди фарох, биниши илмӣ-мантиқӣ ва таҷрибoти зарурии зиндагӣ маншаъ мегиранд. Намунаи барҷастаи рӯшанфикрии миллиро метавон дар кору фаъолияти устодон равоншод Тоҳири Абдуҷаббор, Бозор Собир ва Комил Бекзода мушоҳида намуд. Мавсуфин тайи солиёни дароз дар баробари ҷаҳолату хурофа ва таассубу вопагаройӣ мубориза кардаанд ва имрӯз низ дар ин самти мушкилписанд қарор доранд.

**Авомзадагӣ ба унвони як бемории риққатбор ва андешакушӣ иҷтимоӣ** (Ризоқулӣ Алӣ. Ҷомеашиносии нухбакушӣ: таҳлили ҷомеашинохтии бархе аз

решаҳои истибдод ва ақибмондагӣ дар Ирон. Теҳрон: Нашри Най, 1377. -С.227) роҳи ҷаҳолату хурофот ва таассубро ҳамвор намуда, барои тохтутози хирадситезон, ки шуморашон рӯз ба рӯз афзун шуда истодааст, майдони фаррох фароҳам овардааст. Тағйири вазъ ва мусоид шудани он, қабл аз ҳама, ба рӯҳи хастанопазири табақоти фарҳангӣ ва маърифатӣ сахт бастагӣ дорад. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки бо такя ба манобеи дастраси бадеӣ, таърихӣ, ахлоқӣ, динӣ, ирфонӣ, фалсафӣ ва илмӣ-таҳқиқӣ вазъи рӯшанфикрии ҷаҳонӣ ва миллиро ҷиддӣ омӯзем, аз таҷриботи таърихии гузашта дар мувоҷеҳа бо хурофоту таассуби динӣ ва сиёсӣ сабақ гирем, дар бархӯрд бо афкори суннатӣ ва умуман, андешаҳои мутаноқиз аз илму мантиқи зинда кор бигирем ва дар ниҳоят, дар таҳкими роҳи ояндадори хурофазудойӣ, ки боиси тараққиёту таҳаввулоти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, фикрӣ ва билохира фарҳангӣ мегардад, қадамҳои устувор бардорем.



**Мирзоёров ФИРДАВС**
**номзади илмҳои филология**

**Хусусиятҳои лингвистии чанд зарбулмасалу мақоли тоҷикӣ**

Дар илми фолклоршиносии ҷаҳон барои ифодаи жанрҳои нисбатан хурд истилоҳи «паремия» ва он бахши фолклоршиносӣ, ки паремияҳоро меомӯзад, истилоҳи «паремиология» қабул шудааст. Худи «паремия» вожаи юнонӣ буда, маънояш «ифода» ва «баён» мебошад. Паремия, аз нигоҳи паремиологи маъруфи рус Григорий Львович Пермяков, «ин ифодаҳои устувори шифоҳист, ки бо як ҷумла ё бештар баён мешавад» (4. 80).

Ба жанрҳои паремиологӣ, асосан **зарбулмасал, мақол, байт, чистон, шугун, дуо, панд, қасам, дашном, таъбири хоб, маслиҳат, валеризмҳо, латифаҳои кӯтоҳ, афсун, муаммо, тезгӯяк, луқма ва монанди инҳо дохил мешаванд.**

Дар мавриди таснифоти паремияҳо таҳқиқ ва тақсимбандии Г.Л.Пермяков нисбатан комил ва қобили пазируфтан аст. Ӯ паремияҳоро аз рӯи нишонаи зоҳирӣ ва сохтори забониашон ба ифодаҳои якфразагӣ ва бисёрфразагӣ ҷудо менамояд. «Ба паремияҳои якфразагӣ ҳамаи зарбулмасалҳо, мақолҳо, афоризмҳои мардумӣ, таъбирҳо (присловья), ифодаҳои корӣ(маслиҳатҳо), аксари шугунҳо, таъбири хобҳо ва дигар паремияҳое, ки бо навъҳои гуногуни ҷумла ифода меёбанд, дохил мешаванд. Ба паремияҳои бисёрфразагӣ баъзе чистонҳо, муаммо, масъалаҳо, латифаҳои гуногун, зарофатҳо ва дигар ифодаҳое, ки бо занҷираи кӯтоҳи ҷумлаҳо ё муколама баён мешавад, мансубанд. Дар навбати худ иборaҳои якфразагӣ ба гурӯҳҳои устувор ва ноустувор тақсим мешаванд» (4.95).

Гурӯҳи паремияҳои устувор гуфта, Г.Л. Пермяков он ифодаҳоеро дар назар дорад, ки аз аввал то ба охир дар қолаби худ устуворанд. Ба ин гурӯҳ ӯ зарбулмасалу мақол, аксари шугунҳо ва дигар ифодаҳои қолабиро шомил донистааст. Гурӯҳи паремияҳои ноустуворро боварҳо, дуоҳо, дашномҳо ва инчунин он шугуну маслиҳатҳое, ки пурра қолабӣ набуда, аз аъзои доимӣ ва тағйирёбанда иборатанд, дохил кардааст, яъне он матнҳое, ки ба онҳо шарҳу эзоҳ илова карда мешавад.

Паремияҳои бисёрфразагӣ ҳам аз рӯи шакли ифода ба ду гурӯҳ: монолог ва диалог ҷудо мешаванд. Дар миёни паремияҳои якфразагӣ ва бисёрфразагӣ Пермяков шаклҳои мобайниро ҷой медиҳад, ки намунаи барҷастаи онҳо валеризмҳо мебошад.

Нишонаи дигари зоҳирии сохтори забонии паремияҳоро Г.Л. Пермяков аз рӯи содагиву мураккабӣ ва тасдиқию инкории ҷумлаҳо муайян кардааст. Вобаста ба нишонаҳои дохилии забонӣ бошад, паремияҳо ба чанд категория, аммо дар навбати аввал ба ду категория: ***синтетикӣ*** ва ***аналитикӣ*** тақсим мешаванд. Ба категорияи синтетикӣ ё паремияҳои сермаъно Г.Л. Пермяков ***зарбулмасалу мақол, афоризмҳои мардумӣ, чистонҳо, латифаҳои кӯтоҳ ва валеризмҳоро*** дохил мекунад. Ба категорияи аналитикӣ ё паремияҳои якмаъно ***шугунҳо, боварҳо, таъбири хобҳо, маслиҳатҳо, дуоҳо, дашномҳо, қасамҳо, тезгӯякҳо, афсунҳо. муаммоҳо ва дигар типҳо*** мансуб мебошанд» (4.99).

Ба навиштаи муҳаққиқ Ф.Турсунов, «Нақши муассир дар таҳқиқ ва мураттабсозии аввалин асари 3 - ҷилдаи фарҳанги зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ ва «ифодаҳои халқӣ» ва ҳалли масъалаҳои муҳимми назариявии паремиологияи тоҷик ба М. Фозилов тааллуқ дорад. Дар мадди назари муҳаққиқ масъалаҳои зарин қарор дошт: зарбулмасал ва мақол чист?, муайянсозии ҳаддии онҳо, ба зарбулмасал ва мақолҳо табдил ёфтани порчаҳои назмии адабиёти классикии адабиёти тоҷик (7.4).

Дар хусуси фарқи зарбулмасалу мақолҳо аз воҳидҳои фразеологӣ, профессор Ҳ. Маҷидов чунин андеша дорад: ***«Зарбулмасалу мақолҳо, пеш аз ҳама, аз воҳидҳои фразеологӣ аз бобати маънӣ ва сохти як андоза мураккаби худ фарқ мекунанд. Онҳо баръакси воҳидҳои фразеологӣ фикрҳои пурраи баохиррасидаро ифода мекунанд»*** (3.17).

Зарбулмасалу мақолҳо аз лиҳози сохт дар қолаби ҷумлаҳои гуногун ба назар мерасанд. Онҳо аз ҷумлаҳои маъмулии забон фарқе надоранд. Дар зарбулмасалу мақол ҳамаи аъзои ҷумла ба назар мерасад ва муносибати синтаксисии байни ҷузъҳои таркиби онҳо хеле равшан мебошад.

Ҷиҳати ниҳоят фарққунандаи зарбулмасалу мақолҳо, ки дар гурӯҳҳои дигари воҳидҳои фразеологии забон дида намешавад, ифодаи муҳокима ва хулосабарориҳои мантиқӣ дар онҳост. Чунончи: ***«Айб накун ба хешат(муҳокима), давида биёяд ба пешат (хулоса)»;, «Ба танбал кор фармо (муҳокима), панд шунав (хулоса)».*** Гоҳо дар онҳо фақат ҳиссаи хулоса боқӣ мондааст: ***«аз карнайчӣ як пуф», «беморию бекорӣ», «болои сӯхта намакоб»*** ва монанди инҳо.

«***Ниҳоят, зарбулмасалу мақол, инчунин панду ҳикматҳо ҳам аз воҳидҳои фразеологӣ бо маҳсули эҷодиёти халқ будани худ ё ба шахсони алоҳида тааллуқ доштанашон фарқ карда меистанд»***-зикр намудааст профессор Ҳ. Маҷидов (3.18).

Ҳадафи мо аз ин маърӯза баррасии чанд зарбулмасалу мақоли тоҷикӣ аз лиҳози забонӣ мебошад.

«Зарбулмасалу мақолҳои мардумӣ қонуниятҳои забонии худро соҳибанд»- андеша дорад муҳаққиқ Бозор Тилавов (6.74).

Зарбулмасалу мақолҳо қонуниятҳои забонии худро соҳибанд. Онҳо мисли дигар асарҳои жарнҳои эҷодиёти шифоҳии халқ забони гуфтугӯии маиширо инъикос мекунанд. Аз ин рӯ, онҳо дар ҷое ки пайдо шудаанд ё истеъмол мегарданд, фаҳмоянд.

Ба сабаби он ки калима унсури муҳаррик ва тағйирёбандаи забон мебошад, дар зарбулмасалу мақолҳои низ бештар тағйироти лексикӣ ба вуҷуд меояд. Асоси зарбулмасалҳо ва мақолҳои тоҷикиро забони умумихалқии зиндаи шева ва лаҳҷаҳои маҳаллӣ ташкил медиҳад.

*Шикампо ба мурод мерасаду ба мақсад не.*
*Ай зани ганда буйдоқ бе(ҳ)тарай.*
*Дар тобистон бикаш хирвич,*
*Дар зимистон бихӯр ревич.*
*Ишкамсерро чӣ парвои ишкамгурусна.*

Истифодаи исмҳои хос ва шахсиятҳои алоҳида дар зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ фаровон ба назар мерасад. Чунончи:

*Агар кӯҳ ба пеши Муҳаммад наояд, Муҳаммад ба пеши кӯҳ меояд;*
*Исо ҳам ба роҳи худ, Мӯсо ҳам;*
*Дасти номубораки Маҳмуд гар расад бар дарё, дарё барорад дуд;*
*Бача дар сафар- номаш Музаффар;*
*Бача дар шикам, номаш Рустам;*
*Бошад Ҳотам, набошад- мотам;*
*Давлаташ-давлати Қорун;*
*Дар деҳа одам намонд, буз худро Абдукарим ном монд.*
*Дар вақти себҳоям Маҳмадбақо будам, себҳоям, ки тамом шуданд, Кӯри Бақо шудам.*
*Ақлу одоб- Ҳасану Ҳусейн;*
*Дил-дили Зайнаб;*
*Аҳмади порина- савдогари дерина.*

Хусусияти дигари зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ махсусияти морфологии онҳост. Дар таркиби зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ калимаҳои исмии решагӣ фаровон истифода мешаванд. Масалан:

***Одам** каҷ бошаду дилаш рост;*
*Одамизод шири хомхӯрда;*
***Оби** дари хона қадр надорад;*
***Пойи** мору шири мургу **нони** мулло кас надид;*
*Одам калон ки шуд, дарду гамаш ҳам зиёд мешавад.*

Чунон ки дида мешавад, дар зарбулмасалу мақолҳои мазкур калимаҳои аслии одам, дил, об, дар, хона, пой, нон, дард, шир, калон истеъмол гардидаанд, ки ин далели аз забони зиндаи мардум ба вуҷуд омадани ин жанрҳо мебошад.

Хусусияти дигари муҳими зарбулмасалу мақолҳо корбурди фаровони ҷонишинҳо дар ташаккули онҳо мебошад. Ба навиштаи муҳаққиқи соҳаи фолклори тоҷик Бозор Тилавов: «Дар таркиби зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ

истифодаи ҷонишинҳои шахсӣ, ишоратӣ, нафсӣ-таъкидӣ, инкорӣ хос мебошад. Фақат истифодаи ҷонишинҳои номуайянӣ хос нест» (6.78).

Барои равшантар шудани матлаб чанд мисол меорем:

*Ман аз осиёб омадам, ту мегӯӣ, ки дӯл холист.*
*Мо ба сӯи кабоб омадем, дидем, ки хара доғ мекунанд;*
*Ҳар кас ки суди охир кунад, ба зиёни аввал розӣ шавад;*
*Он ҷо ки парирӯест, деве бо ӯст;*
*Мана газад, туро чӣ ғам?*
*Ҳар кӣ сирри худ ба дигаре гуфт, пушаймон гардад;*

Зимни ташаккулёбии зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ шаклҳои феълӣ нақши муайян доранд. Аз ҳама бештар дар таркиби зарбулмасалу мақолҳо фаълҳо дар шахси дуюм ва сеюми шумораи танҳои замони гузашта ва ҳозира-оянда истеъмол мешаванд. Чунончи:

*Аз гург тарсӣ, саҳро нарав,*
*Аз риши сафед худоро шарм омадааст,*
*Агар шикори рӯбоҳ равӣ, барои шер аслиҳа гир,*
*То тарёк аз Ироқ оварда шавад, одами моргазида бимирад,*
*Ҳар чӣ бодо, бод!*

Пешояндҳои бештар истифодашуда аз, ба, дар, то, бо, бе ва пасоянди –ро мебошанд:

*Аз касофати як шум, сӯзад шаҳри Рум,*
*Аз бекорӣ сар мехорӣ,*
*Аз боғ лола чинӣ, аз шӯразор хас,*
*Ба кордон кор осон,*
*Ба қадаи нигоҳ карда ҷома бур,*
*Бо кайк ситеза карда гилемро сӯхтан,*
*Ба сар ки гирифтӣ, ба гардан каш,*
*Дар вақти пахтачинӣ, танбал шуд дарди бинӣ,*
*Дар дарвозаи марг шоҳу гадо баробар,*
*Бе банд нагирад одамӣ панд,*
*Бедард чӣ донад азоби дард,*
*Даратро маҳкам кун, ҳамсоятро дузд магир,*
*Сахтгӯро сухани сахт ба ислоҳ орад,*
*Гар фил бошӣ, гурбаро азият мадеҳ,*
*Гаҳворааш аз осмон бе ресмон афтодааст.*

Як қатор зарбулмасалу мақолҳое ба назар мерасанд, ки бо ҷумлаи саволӣ ифода шудаанд:

*Аз нохуни паланг чӣ нуқсон ба пойи фил?*
*Нокарда кор, туро ба ин кор чӣ кор?*
*Афтат бад бошад, аз оина чӣ гила?*
*Онро, ки ҳисоб пок аст, аз мубоҳиса чӣ бок аст?*

Ҳамчунин зарбулмасалу мақолҳое низ мавҷуданд, ки саволианд ва ҷавоб низ доранд:

*Хандаро кӣ кунад? Лабкаҷ.*
*Айба кӣ кунад? - Маиб.*
*Гунҷишкро кӣ кушад? - Қассоб.*

Аз ин баррасиҳо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки зарбулмасал ва мақолҳо ҳамчун як жанри фолклорӣ воситаи муҳими инъикоссозандаи ҷанбаҳои мухталифи моддӣ ва маънавии халқ мебошанд. Дар баробари маҳсули эҷодиёти шифоҳии халқ будани зарбулмасалу мақолҳо, имкон дорад, ки ҳамчун объекти мустақили лингвистӣ низ бошанд.

Ба фарқ аз ҷумлаҳои одии забони адабии муосири тоҷикӣ зарбулмасалу мақолҳо сервожа намешаванд, балки мухтасар, фишурда ва суфташуда мебошанд. Онҳо ба ҳамаи тағйиротҳои дар ҷомеа ба вуқуъомада робитаи бевосита доранд ва метавонанд манбаи омӯзиши ҷанбаҳои мухталифи бахшҳои алоҳидаи забон бошанд, зеро воситаи аслии инъикосгари ташаккули давраҳои мухталифи забони адабианд.

**Адабиёти истифодашуда:**

1. Калонтаров Я. И. Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ ва аналогияи русии онҳо. –Душанбе «Ирфон», 1965. – 536 с.
2. Маджидов Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка. – Душанбе. – С.75-86.
3. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик. Дастури таълимӣ- Душанбе, 1982. -104 с.
4. Пермяков Г.Л. Основы структурной паремиологии. М.; Наука, 1988. - С.80.
5. Раҳимӣ Д. Шугун ва боварҳои мардуми тоҷик. - Душанбе «Озар», 2004. – С.70-71.
6. Тилавов Бозор. Поэтика таджикских народных пословиц и поговорок. - Душанбе, 1967. – С.74.
7. Турсунов Ф. Лексико-семантический анализ и особенности перевода пословиц и поговорок произведений Ф.Мухаммадиева на материалах таджикского и русского языков»- Душанбе, 2006. – 135 с.
8. Фозилов М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ. Ҷ. I.–Душанбе «Ирфон». 1976. – 368 с.

**Ризоӣ ТОЗИК**
донишманди эронӣ

**Навъҳои секулоризм**
**(Секулоризми сиёсӣ, секулоризми фалсафӣ ва динситезӣ)**

Секулоризми сиёсӣ ба маънои ҷудоии дин аз ҳукумат аст ва ҳар кӣ хоҳони ҷудоии ин ду ниҳод бишавад, як секулор ба маънои сиёсии ин калима аст. Секулоризми сиёсӣ хоҳони рондани андешаҳои мазҳабӣ (ва идеологияҳо) ба арсаи хусусист ва мегӯяд, ки манбаи қонунгузорӣ мебоист ақли одамӣ бошад, на китоби осмонӣ ва нақлҳои дигар (аҳодис ва ривоятҳо). Секулоризми сиёсӣ хоҳони баробарӣ ва озодии тамоми адён ва андешаҳои мазҳабӣ низ ҳаст, аммо ба ҳеҷ кадом иҷозаи дахолат дар умури ҳукумат намедиҳад ва мегӯяд, ки ҳеҷ андешаи динӣ ва мазҳабӣ ҳаққи вуруд ба дастгоҳи ҳукумат (қувваи қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ)-ро надорад. Як муътақид ба секулоризми сиёсӣ мегӯяд, ки «Исо ба дини худу Мӯсо ба дини худ». Яъне касеро бо касе перомуни андешаҳои мазҳабӣ ва динияш коре нест. Дар як низоми секулор, ба маънои сиёсии калима, дари масҷиду калисо, маъбад, майхона… боз хоҳад буд (чунонки дар Олмон, Суис, Амрико ва… ҳаст).

Секулоризми фалсафӣ ба маънои заминӣ кардани андешаҳои динӣ ва мазҳабист ва тамоми талошаш бар ин аст, ки адён аз осмонҳо ба замин баргардонда шаванд. Секулоризми фалсафӣ бо дину мазҳаб сарукор дорад ва талош мекунад, ки бутлони онро бинмоёнад, бидуни он ки бо пайравони онҳо ба ситез бархезад. Як секулори сиёсӣ метавонад ҳамзамон як секулори фалсафӣ низ бошад, ва баръакс. Ба бовари ман, Оромиш Дӯстдор як секулори сиёсӣ-фалсафӣ аст (агар дар фазои маҷозӣ ҷустуҷӯ кунед, ҳатман китобҳои ӯро хоҳед ёфт).

Бо ин тафосир мерасем ба динситезӣ. Динситез касе аст, ки бо тавассул ба зӯр, мехоҳад як боварманд ба андешаҳои диниву мазҳабиро аз андешааш тиҳӣ кунад ва барои ин кор ҳозир аст дари масҷид, калисо, маъбад ва…-ро низ тахтабанд кунад (намунаи ин амрро дар Шӯравии собиқ доштаем. Нобоварон ба секулоризми сиёсӣ дар Шӯравии собиқ мехостанд барои инсон ба рӯи кӯраи Замин ба тавассул ба зӯр ва динситезӣ, биҳишт бисозанд).

Тафовутҳо

Як секулори сиёсӣ коре ба нақди дину мазҳаб надорад, аммо як секулори фалсафӣ заминаи кораш ҳамин дину мазҳаб аст. Як секулори сиёсӣ коре ба ин амр надорад, ки оё дин сохтаи дасти башар аст ё на?. Аммо як секулори фалсафӣ ҳаму ғамаш ин аст, ки одамиён бидонанд, ки дин маҳсули зеҳни одамӣ аст.

Секулори фалсафӣ силоҳе дорад бо номи «қалам» ва бо ин қалам ба ҷанги андешаҳои динӣ, на шахси динбовар, меравад. Аммо як динситез силоҳаш чизи дигаре аст, силоҳаш аз ҷинси «зӯр» аст. Ӯ мехоҳад бо зӯр, яъне бо бастани

масҷиду калисо ва ҳатто шиканҷаву қатли фарди динбовар, ӯро аз андешаи динӣ тиҳӣ кунад.

**Берабт будани секулоризми сиёсӣ ва фалсафӣ бо динситезӣ**

Секулоризми сиёсӣ ва фалсафӣ ҳеҷ рабте ба динситезӣ надорад. Як боварманди воқеӣ ба секулоризми сиёсиву фалсафӣ динситезиро барнаметобад. Он ҳам ба ду далел: аввал ин ки, бар канор аз ин ки, оё дин сохтаи дасти башар аст ё на? Ва бар канори ин ки, оё ин инсон аст, ки Худоро сохта ва ё Худо инсонро? Озодии адён ва мазоҳиб ҷузъе аз ҳуқуқи башаранд ва бовармандони воқеӣ ба секулоризми сиёсиву фалсафӣ ҳуқуқи башарро муҳтарам мешуморанд, пас онҳо наметавонанд динситез бошанд (як фарди динситез озодии адёнро ба расмият намешиносад).

Дувум ин ки, саркӯби як андеша рушди онро ҳамеша дар пай доштааст. Яъне ин ки, агар як секулори фалсафӣ даст ба коре бизанад, ки динситезон задаанд, яъне дар ҷойи қалам силоҳ дар даст бигирад, он гоҳ тир ба пойи хеш задааст. Яъне бузургтарин хизматро ба ниҳоде ба номи дин кардааст. Дар Шӯравӣ, ба номи коммунизм динситезӣ кардаанд, аммо натиҷааш ин шуда, ки дин он ҷо рушди чашмгире дошта бошад. Дар Эрон исломистҳо ба ҷанг бо андешаи секулоризм рафтанд, аммо натиҷааш дингурезии мардум ва тамоилашон ба секулоризм шуд (ба ҳамин далел иддае мегӯянд, ки ҳукумати исломии мусаллат бар Эрон бузургтарин хидматро ба секулорист кардани ҷомеа кардааст).

Агар як секулори фалсафӣ қаламашро бо силоҳ иваз кунад, дигар секулори фалсафӣ ба шумор нахоҳад омад, балки динситез талаққӣ хоҳад шуд ва динситезӣ дигар рабте ба заминӣ кардан андешаҳо (аз тариқи андешидан), ки вазифаи секулоризми фалсафӣ аст, нахоҳад дошт.

Манбаъ: hthttp://isdmovement.com/2015/0715/072415/072415.Mehdi-Rezai-Tazik-Political-and-philosophical-secularism.htm ht

Таҳияи Меҳр Собириён



**Курбоншоев Илхом Джумахонович**
**ассистент кафедры гуманитарных**
**наук ТТУ имени М. Осими**

## Идейные истоки натурфилософских концепций Насира Хусрава и их особенности

При изучении вопроса о зачатков философской мысли мусульманского Востока средневекового периода и, в том числе, при определении и выявлении идейных источников натурфилософской концепция Насира Хусрава, который является ярким ее представителем, исследователи сталкиваются с таким фактом, что особенностей здесь насчитывается очень много и разлагать их теоретически возможно только в том случае, если исламскую культуру изучать в тесной связи с многовековой историей развития различных культур данного региона. То есть, средневековая исламская культура эпохи Насира Хусрава имела не только арабское происхождение, а она также обогащалась и развивалась за счет культур как коренных, так и иноземных народов.

К центрам таких культур можно отнести город Балх, который как один из древнейших центров цивилизаций таджиков, духовная и материальная культуры которой формировались тысячелетиями, и они оказали огромное влияние на формирование мировоззрения Насира Хусрава.Оценивая значение города Балха,средневековые авторы недаром присваивали ему такие почетные эпитеты, как «ум ал-билад» («мать городов»), «куббат ал-ислам» («купол ислама»), «джаннат ал-ислама» («рай ислама»), «хайр ат-турба» («благородняя земля») и др. Автор XVI в. Мухаммад Салихи дал разъяснение каждому из этих названий. Например, по его словам, «ум ал-билад»(«мать городов»)Балх назван потому, что он возникли раннее других городов мира и в период его расцвета ни один город не имел столько жителей и построек, сколько их были в Балхе. [11.С.3]Город Балх был крупным экономическим и культурным центром, и его считали второй столицей Газневидов во время правления Махмуда Газнави (998-1030) и его сынаМас‘уда (1030-1040).Этот период открывал широкие перспективы для Насира Хусрава и прежде всего, дал ему возможность для получения хорошего образования. Роль Балха на мировоззрение НасираХусрава была такой огромной, что он из-за любви к нему впоследствии называет его родиной. В «Диван стихов» на этот счет есть ясное указание:

*Эй боди аср, агар гузарӣ бар диёри Балх,*
*Бигзар ба хонаи ману он ҷой ҷӯй ҳол.*
*Бингар, ки чун шудааст пас аз ман диёри ман,*
*Бо ӯ чӣ кард даҳри ҷафоҷӯи бадфиол.*
*Тарсам, ки зери пои замона хароб гашт,*
*Он боғҳо хароб шуд, он хонаҳо тилол. [15.С.203]*

*О ветер вечерний! Если пронесешься над краем Балх,*
*Пронесись над домом моим и узнай там обстоятельства.*
*Посмотри: что после меня сталось с краем моим,*
*Что с ним сделал век – насильник и злодей.*
*Боюсь, что веком злым он разрушен дотла,*
*Сады те разрушены, дома те лежат в руинах.*

Другой важный момент в изменении мировоззрения философа заключается в том, что, согласно по утверждениям некоторых исследователей, именно в Балхе Насир Хусрав примкнул к исмаилизму, в результате чего тотально изменился его мировоззренческие взгляды. Например, таджикский философ М. Диноршоев отмечает, что «Насир Хусрав примкнул к исмаилитам и принял исмаилизм еще во время учебы в Балхе. Он был исмаилитом еще будучи дабиром – секретарем при дворе султана Махмуда Газневидского». [16.С.21] Действительно, город Балх был одним из самых культурных развитых центров в Газневидской эпохе, где все еще ощущалось влияние исмаилизма, которое пережило свою кульминацию при Саманидов. В данное время оно было настолько велико, что такие правители, как Наср II Самани и Нух Ибн Наср тяготели к этой этому течению. В связи с этим, сирийские исследователь исмаилизма Ариф Тамир отмечает, что «в частности, Абдуллах – отец Ибн Сины, приехавший во времена правления Нуха Ибн Мансура (976-997) из Балха в Бухару и ставший управляющим селением Хармайсана Бухарского округа, как показывают последние исследования, был не простым исмаилитом, а исмаилитским да‘и и ученым». [1.С.72] Об этом своем происхождении, сам Ибн Сина также имеет прямое подтверждение. В частности, он говорил: «Отец мой родом был из Балха. Оттуда он переехал в Бухару в дни [правления] Нуха ибн Мансура. Отец мой был из тех, кто проникся учением египтян и считался исмаилитом. От них он воспринял учение о душе и разуме в том виде, в каком они излагали и понимали его сами. Таким же был и мой брат. Всякий раз, когда они беседовали между собой, я слушал их, и понимал то, что они говорили, но душа моя не принимала сказанного ими». [2.С.37]

Так, благодаря существованию таких культурных центров и обеспечению условий для развития знания и науки, исмаилитское учение получило широкий размах своего распространения и в этом особую важность в ее причине получил рационализм, который как и в других рациональных мусульманских философских школ, сформировался за счет влияния и слияния идей различных

мировоззрений, и в первую очередь, с арийской древнеперсидской мудрости и философском наследии древнегреческой, эллинистической культуры,а во-вторых, с различными философическими учениями эпохи мусульманского общества, и особенно философскими учениями, в частности натурфилософских концепций различных рационалистических школ мусульманской философии. Рассматривая этот аспект вопроса, Г. Ашуров отмечает, что «народы мусульманского мира, приняв достижения греческой научной мысли как исходный пункт, развили ее дальше и, в свою очередь оказали большое влияние на формирование и развитие научной мысли европейских народов». [3.С. 75] Об этом утверждает и известный востоковед Ханна аль-Фахури, указывая на то, что «мусульманские мыслители не только знакомы с наследием древнегреческой философии в частности Аристотеля, Платона но с размышлениями философских школ досократовских мудрецов. В учении му‘тазилитов мы встречаем взгляды Эмпедокла, Анаксагора, и др». [33.С.65] Сказать это и нельзя здесь не упоминать об обратном влиянии и вкладе мусульманских мыслителей на мировоззрение европейских народов в более позднем времени взаимоотношении мусульманской и западной культур. Не вдаваясь в подробности анализа этого вопроса, приводим лишь в качестве подтверждения нашей гипотезы высказывания немецкого исследователя Г.Лея, который пишет, что «В буржуазной литературе вершиной средневковой философи считают Фому Аквинского. Его учение современная католическая церковь империалистического мира положила в основу совоей идеологии. Поэтому задача критики буржуазных представителей состоит прежде всего в том чтобы доказать, что идеологическое развитие средниковья ведет от Аристотеля не к Фоме Аквинскому, а через Ибн- Сину, Ибн- Рощда, латинских авероистов и крестьянского- плебейские ереси к материализму нового времени и в конечном счете –к диалектическому матерализму» [30.С.21]. Таким образом, если и чуствуется сильное влияние на философские взгяды Насира Хусрава его современников и предшественнков, то это вполне закономерное явление, не отлицающее оригинальности и своебразия нашего мыслителя.

Другой таджикский ученый Х. Додихудоев, рассматривая натуралистическое учение исмаилитов, справедливо отмечает, что «исмаилитская концепция природы находилась под сильным влиянием античной науки и философии. Сама цель идеологической деятельности – синтез ислама и философии приводила исмаилитов к противоположной исламской мысли выводам относительно природы и её бытия». [10.С.234] Здесь же добавим, что влияние древнегреческих философов на мировоззрение и учение натурфилософской концепции Насира Хусрава велико, особенно Платона, Аристотеля, Сократа, Пифагора, Птолемея, Галена и др. Приведем несколько примеров. Насир Хусрав, рассуждая взгляды древнегреческих философов о души в «Зад-ул-мусафирин» («Припас путников») пишет:«Говорят, что души в этом мире переходят из тела в тело. Несмотря на то, что суждение этих мудрецов в их книгах противоречивы, тем не менее, похоже, что некогда, разделяя эти взгляды,

в конце совой жизни отказались от них, особенно Платон. Но суждение Сократа сводится к метемпсихозу – переселению души». [17.С.78]Г.Лей подчеркивая рациональное значение учения исмаилизма, подчеркивает, что «исмаилиты используя греческую философию, развивают целую систему рационалистических учений привлекают на свою сторону интеллигенцию многих выдающихся государственных деятелей и мыслителей». [31.С.65] Древнегреческие мыслители представляли интерес для Насира Хусрава не только благодаря высокому научному качеству их трудов, но в силу их глубокого влияния на все научные направления мусульманской культуры и науки. Для всех мусульманских мыслителей в том числе для Насира Хусрава, наследие античного периода, стало основным источником развития их философски – рационального мышления. Необходимо сказать, что на мусульманском Востоке антропоцентрические мировоззрения сформировались немного раньше, чем в Европе Эпохи Возрождения. Если ранние философы размышляли в основном о постоянном начале во всех сущностях о единстве в многообразии, то теперь философов антропоцентрического направления интересовали вопросы универсальной - общезначимой морали, политического идеала, что такие древнегреческие философы, как Платон, Сократ, Аристотель и другие рассматривали природу как исходящую концепцию из религиозных воззрений. Для мусульманской философии средневекового Востока и его общественно философской мысли одним из основополагающих источников рациональное философии были неоплатонизм, платонизм, древнегреческий перипатетизм и естественнонаучные направление Архимеда, Евклида, и др.

Так, кроме всего прочего, естественные знания в исмаилизме также несомненно развивались под влиянием древнегреческих мыслителей, о чем можно что убедиться в упоминании имен античных философов не только трудов Насира Хусрава, но и других известных исмаилитских мыслителей X-XI вв. Например, Абу Якуб Сиджистани писал, что «мы прослеживаем в этом мире переход знаний и мудрости (фазилат) от одного народа к другому, ибо мы находим, что когда- то наука принадлежала народу Греции и он был прославлен в знании и мудрости. И от него знание и мудрость вернулись и перешли к мусульманам». [4.С.64]

Из всех философских школ Древней Греции наиболее сильное и заметное влияние на средневековую мысль и творчества мусульманских философов вообще, и исмалитскую доктрину и учение Насира Хусрава в частности, оказало наследие Аристотеля. Это не только потому, что, во первых, Аристотель являлся тем философом, который завершает этап трех столетий бурного развития древнегреческой мысли, и во вторых - потому что его учение является более формированным и, в определенном смысле, - является более завершённым. Он имеет четкую выраженную натуралистическую проблематику по сравнению свзглядами других античных мудрецов, и хотя его натурфилософские взгляды пронизываны телеологией, «природа» у него является одной из главных категорией, к ней отнесены и на нее указывают все остальные

нетеологические, например, онтологические категории. Об этом сам философ писал: «Бытие само по себе приписывается всему тому, что обозначается через формы категориального высказывания, ибо сколькими способами делаются эти высказывания, в стольких же смыслах обозначается бытие». [5.С.56]

Аристотель был первым античным философом, кому принадлежит заслуга создания понятийного аппарата по гносеологии натурфилософии. Ибо, хотя природа и была главным предметом размышлений досократиков, тем не менее их размышлениям недоставало строгой системы понятий, разработка которой началась с софистов и Сократа, но до Аристотеля не была применена к примеру, движения и изменения, которые являются атрибутами природы. Онто-натуралистические принципы со своим понятийным аппаратом Аристотеля получают свое продолжение, развитие и конкретизация в натурфилософских сочинениях философа –«Физика», «О небе», «Возникновение и уничтожение», «Метеорологика» и других.

В этом понятийном аппарате натурфилософии Аристотеля важное место занимает категория «пространство» и «время». О движении и его происхождении мыслитель указывал на то, что «доказательством правильности этого мнения является то, что движение вещи возникает либо по своему желанию, либо по желанию иного. Известно, что у стихий нет желания, ибо они не живые. Следовательно, этим объяснением выяснили, что движение стихий является принудительным и происходит благодаря душе. У телах самих по себе нет движения». [6.С.1017] В другом месте мыслитель характеризует изначальное движение следующим образом: «Если движение имеет начало и каждое из них возникает раньше другого, то каждое из них нечто возникшее».[7.С.135]

Наглядная демонстрация этих фрагментов, а также теоретический анализ других проблем натурфилософии Аристотеля в исследовании других ученых показывают, что основанием учении Насира Хусрава о натуральном бытии мира является аристотелевская концепция о теле как единство материи и формы многообразного мира. Таджикский ученый М Диноршоев подчеркивает, что «принимая это концепцию, он перерабатывает ее с исламо – исмаилитско – неоплатонической позиции, приспособляя для доказательства только идею сотворенности первоэлементов – воды, земли воздуха, огня, о чем никаких указаний в небесных книгах в том чисе в Коране не содержатся». [18.С. 45] Так, Насир Хусрав в полемике с пифагорейцами и Платоном создает свое учение о сущности, с этим понятием сущности у него связаны логические законы и принципы- тождества и противоречия. Он четко систематизировал основные значения понятия «причины», «материя», «форма», «возможность», «действительность», «движение» и вечный двигатель и т.п. В целом, он интересуется и проблемой «движения», занимающей центральное место и в натурфилософии Насира Хусрава. В «Зад -ул -мусафирин» («Припасы путников») он утверждает следующее: «И говорили, что движение имеет шесть видов. Два его вида совершается в субстанция, два вида в количестве, два вида совершается в

субстанции дав в количество, два – качества». [19.С.44] Необходимо отметить, что Насир Хусрав в отдельные места соглашается с мнением Аристотеля, а иногда выступая против него, приводит обратные, контрдоводы.

Влияние идеи Плотина и неоплатоников на взгляд Насира Хусрава четко прослаживается через теорию эманации и иерархическую структуру мироздания, с одной стороны, и теория чисел, с другой. В анализе проблем, связанных с этой иерархией особое место занимают натуралистические аспекты, которые тесно переплетены с онтологическими вопросами. Неоплатоники через рассмотрение главной ипостаси бытийности – Мировая Душа, которая считается принципом движения, выдвигают теорию о становлении Космоса, которая предполагает переход от интеллигибельного и смыслового к физическому, реальному миру. В этом переходе просматривается и появление материи. Так вне всякой вещественности и физической сферы останутся как Бог, так и Всеобщий Разум. Потому, говорит А.Ф. Лосев, «мы берем Космос в целом, включая его наружные сферы, тело все еще достаточно тонкое и светоносное. С переходом же к дальнейшему, то есть к внутрикосмическому становлению, мы уже сталкиваемся с тем новым видом инобытия, который называется чувственной материей». [32.С.178]

Эта схема фактически целиком заимствована и перенесена в эманативную концепцию Насира Хусрава, который также считает, что: «Бог хотя можно отнести к Первопричиной, но не является как причиной материального мира, так и его следствием. Единый сотворяет только Всеобщий Разум, который в свою очередь, во второй степени порождает Всеобщую Душу, которая и является действительным Творцом всего материального мира». [20.С.76]

Как было отмечено выше, роль автохтонных источников в развитии философии, в том числе натуралистических концепций учения Насира Хусрава не вызывает сомнений. Эти источники в историко-пространственном отношении занимают широкое поле и охватывают множество идейно-философских школ и религиозных конфессий. Особенно очевидно влияние зороастризма на процесс зарождения и развития исмаилитской философии. Касаясь трехгранного отношения зороастризма-древнегреческой философии-исмаилизма, можно проследить и влияние зороастризма не только на учения исмаилитских авторов, но и на в воззрения древнегреческих мыслителей. Как утверждает иранский исследователь Мухаммад Мо‘ин «мы увидим, что таким тогда зороастризм стал важным фактором для возникновения древнегреческой философии, ибо давно стало общепризнанным в науке, что на воззрение таких философов, как Пифагор, Демокрит, Эмпедокл, Платон и др. огромное влияние оказало учение зороастризма». [13.С. 280] Там же он указывает на то, что «космология Параменида напоминает космологию зороастризма».

Насир Хусрав многкратно в своих произведениях упоминает о Зороастре – пророке зороастрийской религии, его священной книге – Авесте и о самой религии. Особенно это четко прослеживается в его Диване стихов. Например:

*Гардан аз бори тамаъ логару борик шавад,*
*Ин навиштааст Зородушти сухандони Занд.*

От бремени жадности шея становится тонкою и худою,
Это написал красноречивый Зардушт в Занде своем. [22.С.203]

В другом месте:

*К- аз бадиҳо худ бипечад бадкуниш,*
*Он набиштастанд дар Астову Занд.*

От своей злости корчится сам зловредный,
Так было написано еще в Авесте и Занде. [23.С.205]

В этой же касыде мыслитель излагая трудности своей жизни, с ностальгией вспоминает о священных книгах зороастрийцев:

*Чу оташхона гар пурнур шуд боз,*
*Кучо шуд Зандату он зандхонат.*

*Коли алтарь заново становился сияющим,*
*Куда же делся твой Зенд и зендочтец. [24.С. 208]*

В произведениях Насира Хусрава используются концепции зороастрийского происхождения. Например, проблема сотворенности или несотворенности мира у всех исмаилитских мыслителей, в частности в трудах нашего мыслителя, рассматривается идентично авестийской его интерпретации. В Зороастризме считалось, что «Ахура Мазда совершил акта творения в два этапа: сначала он создал все свободное от телесных оболочек, то есть в «духовном, нематериальном» (на пехлеви – миног) виде. Затем он придал всему материальный вид (гетаг)». [8.С.36] Вслед за этим происходит «Первая материя»/«Хаюлои аввал»/, из которой оброзовалась все четыре элемента /земля, вода, воздух и огонь/, в результате взаймодествия которых возникла природа, что соответствует гетигу / гети - мир/ в зороастризме. «Два эти акта вместе составляют акт творения, называемый на пехлеви бундахишн /сотворение основы / ». [25.С.37]

Согласно Насиру ХусравуБог- бестелесное, нематериальное и непознаваемое начало, который сотворил Акли Кулл (Всеобщий Разум), от чего эманативно проявляется другое начало - Нафси Кулл (Всеобщая душа). Они по сути являются неоделимыми друг от друга, но в то же время - самостоятельными субстанциями. Материальный мир, начиная от первой материальной субстанции, небесных сфер и до последних трех существ – минералы, растение, животное и человек поэтапно получит свою бытийность благодаря Всеобщей Души. Это есть схематичное отражение зороастрийских идей, переплетенных с неоплатонической теорией о мироздании.

Велико и влияние му‘тазилизма на взгляд Насира Хусрава. Отметим, что эта рациональная философская школа возникла в период, когда мусульманское

вероучение еще не разработало свою философскую базу, и она из-засвоей рациональной направленности стала объектом жесточайшей критики со стороны представителей различных религиозных и философских школ Ислама. Му‘тазилиты занялись разработкой собственного вероучения, подходя к решению различных проблем с позиции рационализма и своими фундаментальными идейными новшествами сумели успешно вести полемику с христианами, иудеями и зороастрийцами. Выделяются пять основных положений му‘тазилитского учения: о справедливости (аль-адль), единобожии (ат-таухид), обещании и угрозы (аль-ва‘ад ва-ль ва‘ид, повеление и одобрение (аль-амр би аль-ма‘руф ва ан-нахй анил-мункар). Отношение Насира Хусрава к идее мустазилитов начинается с полемикой с ними: «Когда говорят, что Бог существует, но ничего другого не существует, с необходимостью вытекает, что когда бы мир ни был сотвориен, он был таким, каким есть, ибо дурность дел в мире в одно время, а их прекрасность в другое обусловена сиянием звезди и сочетанием их друг с другом, так что сегодня день – несчастливы, а завтра счастливый».[26.С. 345]

Но это не означает, что он все время аппелирует им: в «Джаме‘-ул-хикматайн», к примеру, он высоко отзывается о них по проблеме единобожия, утверждая, что «среди различных течений ислама по вопросу монотеизма нет сильнее течения, чем их». [27.С. 56]

В целом, учение му‘тазилизма характеризуется положением о превосходстве разума над верой, опровержением слепого подражания (таҷлид) религиозным авторитетам. В этом главную роль отводится тому, что именно му‘тазилиты начали последовательно использовать методы и идеи древнегреческой философии для исследования философско-теологических проблем (об отношении Бога, мира и человека, о первоначалах мира и т.д.). Поэтому, строго говоря, именно с му‘тазилизмов начинается история собственно мусульманской философии, в определенной степени обособившейся от теологии.

Му‘тазилиты придерживались представления об атомарном строении мира: атомы понимались как непротяженные частицы, каждой из которых постоянно управляет Бог. На основах атомистических концепции были разработаны другие концепции о пространстве, времени и материи. Атомы понимались либо как нечто непротяженное, либо протяженное, некоторые му‘тазилиты отвергали атомизм (ан-Наззам). [11.С. 23] Между мутакаллимами шли споры о бесконечной делимости тел, обсуждалась проблема обоснования существования предела делимости. В ее рамках обсуждались такие частные проблемы как минимальное число атомов в теле, протяженность атома и его сторон, местоположение атомов, их форма.

Атом принципиально недоступен чувственному восприятию, поскольку он не обладает не только соответствующими акциденциями, но даже и пространственно-временными характеристиками, они возникают только в конфигурациях атомов. Различались «протяженность» и «телесность», «положение» и «место», «физическая» и «математическая» делимость (например, «стороны» атома являются его математическими, но не физическими частями, и

именно это позволяет образовывать континуум из «неделимых»), «математический» и «физический» минимум (как точка и атом).[12.С.25]

Другим направлением в исламе был суфизм, который также окзывал огромное влияние на исмаилизм в целом, и взгляды Насира Хусрав, в частности. В суфийских традиций, как известно, наблюдаются аскетические настроения, возникновение которых связывается с социально-этической и религиозной жизни, которое сопровождается углубленными идейными и духовными исканиями, влиянием других религиозно философских систем. По этому поводу Е. Э. Бертельс отмечает ««отмечает синкретичность суфизма, включавшего в себя элементы буддизма, неоплатонизма, зороастризма, народных верований на базе ислама».[9.С.95]

По синкретичному своему значению суфизм близок к исмаилизму и поэтому в ходе исторического своего развития каждый из них оказывало влияние на другого, что является естественным явлением. Теологическая концепция «вахдат-ул-вуджуд» («единство бытия») суфизма в произведениях Насира Хусрава находит свое место и используется по вопросу доказательства единства Бога в рамках исмаилитской структуры миропонимания. Исмаилитский философ писал: «Всему что имеет вид, неизбежно имение рода. Следовательно, есть необходимость сказать, что некий вид превосходит два вида, один из которых являются необходимым, а другой возможными – по достоинству, а не сотворенное из сотворенного сущего. Необходимосущее под Ним- Разум, а возможносущее- Душа, которая находится под Разумом».[28.С.56]

Эта концерция затем приспосабливается к исмаилитской имамологии и утверждению роли имама в иерархной структуре бытия. Оно особенно получает широкий после жизни Насира Хусрава в традиции низаритов Аламута и после падения Аламута. «Это было также время, когда стали говорить о суннитском и шиитском суннизме. Если принять шиитскую точку зрения, что суннитский суфизм представляет собой явление, связанное с шиизмом, но некогда отделившееся от него после переноса качеств имама на Пророка (вследствие чего валайат превратился в имамологию без Имама), то исмаилизм Аламута выступил в качестве своего рода восстановителя древних традиций имамологии и профетологии, совмещая с ними указанную суфийскую концепцию» [34.С.56]

Тем временем «вахдат-ул-вуджуд», который используется исмаилитами не только для обоснования имамологии и профетологии через обоснование проблемы единичности Бога, но и для создания почвы по теоретическому обоснования других идей (в частности, натурфилософских), приобретает особую важность как в исмаилитском, так и в суфийском учении.Эту мысль подтверждает Р. Назариев, заключая, что «поэтому, в целом, конечно, не исключается активное взаимовлияние Суфизма и Исмаилизма, в процессе которого ими были обоюдно заимствованы и использованы многие идеи и даже целые учения». [29.С.100]Это активное взаимовлияние происходило, в частности, по той причине, что две школы, способствовали развитию рационализма в их учениях.

Итак, анализ основ натурфилософский концепций Насир Хусрав показывает, что идейные исток его мировоззрение были всеьма богатыи разнообразны. В период станавления своего мировоззрения он исползовал обширный мыслительный материал, сумел отобрать все ценное из этого матерала, осмыслить и связать с актуальными проблемами своей эпохи, поставленные до него натурфилософский вопросы, исходя из соврименной конкретной исторической обстановки. Сущность творчества Насир Хусрав в его натурфилософский идеи заключается в том что он, использовав натурфилософский идеи как восточных философских школь как мутазилизма, суфизма, а и так древнегреческих мыслителей (Платона, Аристотеля и др.), и доисламскую персидскую мудрость в изменившихся соцально- экономическое условиях переомыслил эти идеи, вложил новое содержание в натурфилософский выдвинул идеи, соответстствующие конкретно- исторической действительности.

**Литература**

1. Абу Али ибн Сина. Избранные произведения. Т.I.С. 37.
2. Ашуров Г. Философские взгляды Насира Хусрава. Душанбе, 1965.С. 134.
3. Ариф Тамир. Ибн Сина фи марабе‘и Ихван ас- сафа. Изд-во Азиз ад –дин 1983.С. 234
4.Абу Якуб ас-Сиджистани. Кашф-ул- махджуб. Тегеран, 1338.С. 264.
5. Аристотель. Метафизика. Сочинения в четырех томах, том 1, Москва 1976. –С. 1017.
6.Бойс Мэри. Зороастрийцы. Верования и обычаи. М., 1988. С.345.
7. Бертельс. Е.Э. Суфизм и суфийсакя литература. М.,1965. 65. С254.
7.Муҳаммад Моъни. Маздеизм и персидская литература. Тегран, 1338.С. 280.
8.Мухаммед Салих Вирусаджи. Трактат о мазарах Балха. Кабул, 1274. С.130.
9.Додихудоев Х. Философский исмаилизм. Душанбе.С. 494.
10.. Носири Хусрав. Девони ашъор (Диван стихов). Т. II.Душанбе, 2003. –С.639.
11. Насир Хусрав. Зад-ул-мусофирин (Припас путников). Перевод и комментария М. Диноршоев. С.635.
12. Насира Хусрав. Джаме-ул- ҳикматайн. Куллиёт( Собранное сочинение). Душанбе, 1991. Т. 1.С. 769.
13 Насира Хусрав. Джаме-ул- ҳикматайн. Куллиёт( Собранное сочинение). Душанбе, 2012 234.
14.Носири Хусрав. Кушоиш ва раҳоиш. Куллиёт. Осори фалсафӣ. С.530.
15Назариев Р. Соцальная философия «Ихван ас- сафа и Насира Хусрава». Душанбе. Ирфон. С. 343.
16.Закуев А. К. Философия ан- Наззама. Баку. 1962. С.238.
17.Лей Г. Очерк история средневекового материализма. Перевод с немец. М., 1962. С. 276.
18.Лосев А.Ф. История античной эстетики. Поздний эллинизм. М., 1980. С. 178.
15 Ivanov V. A. The Importance of Studyilism//ILM.London, 1975. VoI. №3 P. 34.



**Номвар ҚУРБОНОВ**
ассистенти факултети физикаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

## РУШДУ ИНКИШОФИ ИЛМИ НУҶУМ ДАР ТОҶИКИСТОН

(*Дар мисоли Институти астрофизикаи АИ ҶТ ва кафедраи астрономияи ДМТ*)



Нуҷум (астрономия аз вожаҳои юнонии «astron» - ситора ва «nomos» - қонун) яке аз аввалин илмҳои табиатшиносӣ буда, вобаста ба талаботи амалии инсон, дар асоси мушоҳидаҳои ситораҳо, ивазшавии шабу рӯз ва фаслҳои сол пайдо шудааст. Таърихи илм дар ин соҳа маълумоти фаровоне дошта, дар замонҳои қадим давлатҳои Ғарби атиқа (Бобул, Искандария, Афина, Рим), Шарқи бостон (Миср, Эрон, Ҳинд, Вавилон) ва Чини қадим дар замони салтанати илмию фарҳангии худ марказҳои асосии ситорашиносӣ ҳисобида мешуданд.

Илми нуҷум баъд аз сукути тӯлонӣ ба Шарқи Наздик ва Осиёи Миёна кӯчида, дар байни тоҷику форсҳо ва миллатҳои дигари минтақа ба қуллаҳои инкишофи худ расид ва ба густариш ёфтани фазои азхудкунии қонунҳои табиатшиносӣ боис гардид. Вале ин шукӯҳу шаҳомат ва кашфиёти илми нуҷум дер напоид, чунки баъд аз муддате арабҳои биёбонгард ба ин сарзамин ҳамла оварда, тамоми илму фарҳанг ва тамаддуни он халқҳоро муқобили дини ислому аҳодиси пайғамбар хонда, решакан карданд. Бо вуҷуди ин қадар қатлу куштори олимону ба догмаҳои исломӣ гирифтани илм аз ҷониби арабҳо дар тӯли асрҳои VIII-X ситорашиносони тоҷику форс барои ба арсаи илм овардани астрономияи пешқадами Шарқ басо хизмати арзишмандеро ба сомон расониданд. Кашфи қонунияти табиатшиносӣ ва равнақи онҳо дар ин замон ба олимон - Муҳаммад ал - Хоразмӣ (780-850), Абӯрайҳони Берунӣ (973-1048), Ибни Сино (980-1037), Умари

Хайём (1048-1131) ва Насириддини Тӯсӣ (1201-1274), ки шукӯҳу шаҳоматашон то имрӯз омада расидааст, тааллуқ доштанд.

Дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистони кунунӣ омӯзишу тадқиқи ҳамаҷонибаи ҷирмҳои осмонӣ ва фазои кайҳон бо барқароршавии сохти болшевикӣ (коммунистӣ) рост меояд. Яъне бо барқароршавии Ҳокимияти Шӯравӣ дар ин минтақа мардум аз зери асорату таассуботи динию мазҳабӣ озод гардида, аз нав ба омӯзиши илмҳои ҷудогона оғоз намуданд. Дар ин давра донишгоҳу донишкадаҳо ва пажӯҳишгоҳу озмоишгоҳҳои мухталифи илмӣ - таълимӣ ва илмӣ - тадқиқотӣ бунёд гардида, дар баробари таълиму тарбия ва гузаронидани маъракаи «маҳви бесаводӣ», илмро ба истеҳсолот мепайвастанду мушкилии ҷамъияти замонаро осон менамуданд.

Пажӯҳишгоҳ (институт)-и астрофизикаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ИА АИ ҶТ) мувофиқи Қарори КМ Ҳизби Коммунистӣ ва Шӯрои Вазирони Тоҷикистон аз 17-уми январи 1958, таҳти №7 дар заминаи Расадхонаи астрономии Тоҷикистон (солҳои 1948-1958 ин муассиса Расадхонаи астрономии Сталинобод ном дошт ва 13-уми ноябри соли 1932 бунёд ёфта буд) ташкил шуд. Аз рӯзҳои аввали ташкили расадхона барои пешбурди корҳои илмӣ - тадқиқотӣ ситорашиносони ленинградӣ, аз қабили С.Г. Натансона, Д.О. Мохнача, Б.В. Окунева ва А.В. Маркова сафарбар карда шуданд. Дар замони Шӯравӣ пажӯҳишгоҳи мазкур ба худ номи Институти астрофизикаи Академияи фанҳои ҶШС Тоҷикистонро касб намуда, мақсад ва вазифаҳои асосии он тадқиқ ва истифодаи Коинот мебошад ва аз рӯзи таъсиси муассиса роҳбарии онро ашхоси зерин ба ӯҳда доштанд:

1932-1933 - *Астапович Игор Станиславович* (аввалин директори Расадхонаи астрономии Тоҷикистон)

1933-1937 - *Сесевич Владимир Платонович*

1942-1945 - *Соловев Александр Василевич*

1947-1959 - *Соловев Александр Василевич* - нахустин директори институт

1959-1971 - *Бобоҷонов Пӯлод Бобоҷонович* - дуюмин директори институт

1971-1977 - *Доброволский Олег Василевич*

1977-1992 - *Махсумов Музаффар Нусратуллоевич*

1992-2002 - *Бобоҷонов Пӯлод Бобоҷонович* - маротибаи дуюм

2002-2014 - *Ибодинов Хурсанд Ибодинович*

2014-то имрӯз - *Қоҳирова Гулчеҳра Исроиловна*

Дар солҳои аввали таъсисёбӣ пажӯҳишгоҳи мазкур дорои се шуъба - метеорҳо (шуъбаи мазкур дар дохилаш се озмоишгоҳ: тадқиқоти фотографӣ (1971), радиолокатсионӣ (1960) ва ионосферӣ (1960) дорад), кометаҳо ва ситораҳои тағйирёбанд буд. Баъдтар дар таркиби пажӯҳишгоҳ сектори астрофизикаи назариявӣ (1965), озмоишгоҳи астрофизикаи таҷрибавӣ (1972) ва шуъбаи астрометрия (1975) ташкил гардиданд. Дар давоми 30 соли минбаъдаи бунёди пажӯҳишгоҳ дар ҷумҳурӣ се расадхонаи астрономии замонавӣ сохта шуда, кадрҳои илмии баландихтисосро омода менамоянд. Ҳоло кӯҳантарин муассисаи илмӣ - тадқиқотии АИ ҶТ се базаи мушоҳида: Расадхонаи астрономии Ҳисор,

Расадхонаи астрономии байналхалқии Санглох ва Расадхонаи баландкӯҳи Помир - Комплекси астрономии рӯизаминии офтобии Помир (КАРОП)» дорад.

**Расадхонаи астрономии Ҳисор** дар қисмати ҷанубу ғарбии Душанбе, 14 км дуртар аз маркази шаҳр воқеъ гардидааст. Расадхонаи фавқ дар давоми солҳои 1932 - 1936 дар шаҳри Душанбе таъсис ёфта, соли 1958 ба ноҳияи Ҳисор кӯчонида шудааст. Дар расадхона соли 1933 рефракторҳои 100 мм Сейсса ва 162 мм Штейнгел ва соатҳои астрономӣ насб гардиданд. Баъдтар ба расадхона ду астрографи дуқабата бо объективи Индустар-13 (диаметрашон D = 67 мм, қувваи оптикиашон F = 300 мм) (1938), астрокамера бо объективи Индустар-17 (D = 97 мм, F = 500 мм) (1938) барои мушоҳидаи фотографии ситораҳои тағйирёбанда ва патрули метеорӣ дар заминаи фотоаппаратҳо (1939) оварда шуданд. Соли 1956 дар расадхона 7 камераи аэрофотосъемкаи НАФА бо объективи Уран-9 (D=100 мм, F=250 мм) ва баъдтар таҷҳизотҳои астрономии замонавии дигар ба расадхона ворид гардиданд.

**Расадхонаи астрономии байналхалқии Санглох** соли 1980 дар ноҳияи Данғара, 90 км ҷанубтар аз Душанбе бунёд гардида, аз ҷиҳати шароити астроклиматӣ дар ҷаҳон ҳамто надорад. Расадхонаи номбурда бо системаи телескопии Ричи-Кретен диаметраш 1 метр, спектрографи «UAGS», камераи фотометрӣ - поляметрии Шмидт (110/150) ва телескопи 60 сантиметраи Сейсса муҷаҳҳаз гардонида шудааст.

**Расадхонаи баландкӯҳии Помир - «Комплекси астрономии рӯизаминии офтобии Помир»** - филиали расадхонаи Санглох буда, дар ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшони Тоҷикистон ҷойгир шудааст. Он аз сатҳи баҳр дар баландии 4350 метр бунёд гардида, дар давоми сол зиёда аз 250 шаби соф дорад. Боришоти солонаи минтақа камтар аз 100 мм буда, суръати миёнаи моҳонаи шамол 6 м/с мебошад. Дар расадхонаи мазкур телескопи РТ-700 (D = 700 мм ва системаи оптикии Кассегрен) ва телескопи офтобии эффекти фокусиаш F = 200 м насб карда шудааст.

*Муқоисаи астроклиматии расадхонаҳои астрономии Тоҷикистон бо бархе аз расадхонаҳои кишварҳои хориҷа*

| **Расадхона** | **Тӯл** | **Арз** | **H** | **N** | **A"** | **P** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Санглох (Тоҷикистон) | 69,0 | 38,2 | 2300 | 1700 | 0,54 | 0,78 |
| Помир (Тоҷикистон) | 74 | 38 | 4350 | 1820 | 0,54 | 0,86 |
| Ҳисор (Тоҷикистон) | 68,8 | 38,5 | 730 | 1620 | 2,10 | 0,72 |
| Ла Силла (Чили) | - 70,7 | - 29,3 | 2347 | 2100 | 0,60 | 0,78 |
| Қрим (Россия) | 34,0 | 44,6 | 600 | 1219 | 2,12 | 0,73 |
| Кит Пик (ИМА) | -111,6 | 32,0 | 2120 | 2100 | 1,20 | 0,78 |
| Маунт Паломар (ИМА) | -116,9 | 33,4 | 1706 | 2100 | 2,00 | 0,80 |

*Дар ин ҷо H - баландӣ аз сатҳи баҳр, N - шумораи соатҳои шабҳои соф, A" - индекси астроклиматӣ (сифати тасвир) ва P - коэффитсенти шаффофияти атмосфера мебошанд.*

Самтҳои асосии илмии пажӯҳишгоҳ: Системаи офтобӣ; астрометрия ва механикаи кайҳонӣ; Офтоб ва алоқаҳои офтобу заминӣ; физика ва таҳаввули ситораҳо ва муҳити байниситорагӣ; астрономияи берун аз галактика. Дар барномаи илмии Институт ҳама солҳо тадқиқоти метеорҳо ҷойи намоёнро ишғол мекард. Таҳти роҳбарии академики АИ ҶТ П.Б. Бобоҷонов дар расадхонаи астрономии Ҳисор усулҳои нави гирифтани расми лаҳзагии метеорҳо ба вуҷуд оварда шуд, ки ба воситаи он нахустин бор дар дунё тасвири лаҳзагии метеорҳо ва спектрҳои онҳо ба даст омада, ҳодисаи порашавии ҷисмҳои метеорӣ ошкор гардид. Дар ин ҷо нахустин маротиба дар собиқ ИҶШС мушоҳидаҳои яквақтии фотографӣ ва радиолокатсионии ҳамон метеорҳо гузаронида шуданд. Дар натиҷаи тадқиқоти бисёрсола ва комплекси (фотографӣ, спектралӣ, телевизионӣ ва радиолокатсионӣ) метеорҳо, аз он ҷумла мувофиқи барномаҳои Соли байналхалқии геофизикӣ (СБГ), Соли байналхалқии Офтоби ором (СБОО), ГЛОБМЕТ ва DIANA, барномаи байналхалқии тадқиқотии кометаи Ҳаллей (IHW) ва экспедитсияи метеории экватории шӯравӣ (Сомалӣ, солҳои 1968 - 1970) дар бораи радиант, тезӣ, масса, зичӣ ва мадори даҳҳо ҳазор метеорҳо маълумотҳои хеле васеъ ба даст оварда шуданд. Параметрҳои физикӣ ва хусусияти шамол дар зонаи метеории Замин (дар баландиҳои 60 - 120 км) муайян карда шуданд, саҳми метеорҳо дар ионизатсияи қабатҳои баланди атмосфера ва ба миқдори ворид шудани моддаи метеорӣ ба Замин, Зӯҳра ва Миррих баҳо дода шуд, селҳои метеории нав ошкор карда шуданд, хусусияти сиркулятсияи атмосфераи Заминро дар зонаи метеорӣ омӯхта, вобастагии тезии шамол дар ин минтақа аз фаъолияти Офтоб муқаррар карда шуд, назарияи бефосила порашавии метеороидҳо кор карда бароварда шуд, ҷараёни ионизатсия ва деионизатсияи моддаҳои метеорӣ дар атмосфераи Замин тадқиқ карда шуд.

Дар давоми ду даҳсолаи охир П.Б. Бобоҷонов ва шогирдони ӯ оид ба таҳаввули селҳои метеороидӣ тадқиқоти хеле муҳим гузаронида, дар бораи намуд ва динамикаи онҳо тасаввуроти навин ҳосил намуданд. Нахустин бор муқаррар карда шуд, ки аксарияти селҳои метеороидии кӯтоҳдавр дар зери таъсири ҷозибаи сайёраҳои бузург метавонанд аксар вақт 4 - то ва баъзеашон то 8 сели метеорӣ ба вуҷуд оранд. Натиҷае бароварда шуд, ки астероидҳои комплекси Таурид, ки чор карат мадори Заминро мебуранд, мувофиқи аломати «метеориашон», яъне сели метеорӣ дошташон, ядроҳои кометаҳои «хомушшудаанд». Кормандони шуъбаи метеорӣ якҷоя бо олимони Россия ва Словакия феҳристи мадорҳои 126 кометаи кӯтоҳдавр ва бонки маълумотҳо оид ба элементҳои мадорҳои сайёраҳои бузург барои фосилаи 20 000 солро тартиб доданд. Дар тараққиёти тадқиқи метеорҳо дар Тоҷикистон зери роҳбарии академик П.Б. Бобоҷонов кормандони Институт Ю.И. Обрубов, А.П. Заусаев, Г.Г. Новиков, А.М. Бахарев, В.И. Иванников, Л.Н. Рубтсов, А.М. Колмаков, Р.Ш. Бибарсов, Р.П. Чеботарев, А.В. Блохин, И.М. Хаимов, В.С. Гетман, Қ.Ҳ. Саидов, Г.И. Коновалова, Г.И. Қоҳирова, А.Н. Пушкарев ва М.Н. Нарзиев саҳми арзанда гузоштанд.

Усулҳои радиотехникии тадқиқи метеорҳо дар солҳои 60-ум ба тадқиқи ионосфераи Замин, паҳншавии мавҷҳои радио ва алоқаҳои офтобу заминӣ асос шудаанд. Дар расадхонаи астрономии Ҳисор барои омӯхтани ионосфераи миёнаарзӣ ва маркази эффективии радиоафканишоти Офтоб комплекси мураккаби радиофизикӣ сохта шуд. Дар солҳои 80-ум кормандони Институт эффектҳои зилзилаю ионосфериро муқаррар карданд ва якҷоя бо Институти геология, сохтмонҳои ба зилзилатобовар ва сейсмология ба кор карда баровардани усули пешгӯии кӯтоҳмуддати зилзилаҳои фалокатовар шурӯъ карданд.

Дар Институт академик О.В. Доброволский ва шогирдонаш Л.С. Марочник, Х.И. Ибодинов, С.И. Ибодов, Н.Н. Киселев, Г.П. Чернова, П.Е. Ёғбеков, О.М. Мамадов, Н.М. Ҳошимов, С.А. Алиев, З.М. Иоффе ва С.И. Герасименко аксар соҳаҳои физикаи каметаҳоро тараққӣ доданд ва барои каметаҳо маълумотҳои васеъи мушоҳидавӣ ва таҷрибавӣ ба даст оварданд. Барои мисол, корманди институт А.М. Бахарев соли 1955 каметаи наверо кашф кард, ки он ҳамчун кометаи Бахарев-Махфарлин-Кринке ба қайд гирифта шудааст. Мушоҳидаҳои фотографӣ, фотометрӣ, поляриметрӣ, электрофотометрӣ ва назарияи механикии шаклҳои кометаҳо тараққӣ дода шуданд ва усулҳои босамари ҳалли масъалаҳои ин назария инкишоф ёфтанд. Поляризатсияи манфӣ ва эффекти оппозитсионӣ дар афканишоти умумии кометаҳо кашф карда шуд; бо қишри (пӯслохи) мушкилгудоз пахш шудани ядроҳои қисми каметаҳои кӯтоҳдавр муқаррар карда шуд; ҳодисаҳои нособит дар кометаҳо таҳти тадқиқ қарор гирифта, алоқаи онҳо ба фаъолияти Офтоб муқаррар карда шуд; ниҳоди афрӯзишу дурахши кометаҳо муқаррар гардид; қонунияти нави фаъолияти нособити ядроҳои кометаҳо муқаррар карда шуда, думҳои плазмавӣ ва чанголуди кометаҳо тадқиқ гардиданд; қонунҳои ҷадиди ташаккули атмосфераи плазмавӣ ва нейтралии кометаҳо муқаррар карда шуданд; назарияи дезинтегратсияи ядроҳои аз омехтаи яххо ва ҳиссачаҳои мушкигудоз иборатбудаи кометаҳо ва ба ҷисми астероидмонанд таҳаввул ёфтани онҳо муқарра карда шуд; ба назарияи мавҷҳои зарбатӣ, ки ҳангоми баҳамтаъсиркунии шамоли корпускулии Офтоб бо плазмаи комета ба вуҷуд меоянд, асос гузошта шудааст.

Бо баробари сар додани нахустин радифи маснӯи Замин (соли 1957) мушоҳидаҳои радифҳои сунъии Замин ва инкишофи корҳои астрометрӣ ба пажӯҳишгоҳ вобаста мебошанд. Пас аз ба кор даромадани расадхонаи астрономии Ҳисор (соли 1958), ин корҳо бо суръат тараққӣ карданд ва ба ин корҳо кормандони институт А.Г. Крилов, Ф.Н. Маъсумӣ, М.И. Ғуломов ва дигарон саҳми арзанда гузоштанд. Дастгоҳи астрономии фавқуддақиқи расадхона, ки қобилияти хеле баланд дорад, имконият медиҳад, ки мушоҳидаҳои фотографии ҷирмҳои осмонии бо суръатҳои гуногун ҳаракаткунанда гузаронида мешаванд.

Мушоҳидаҳои ситораҳои тағйирёбанда дар Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали таъсиси расадхонаи астрономии Сталинобод дар зери роҳбарии профессори ДДМ ба номи М.В. Ломоносов В.В. Кукаркин, кормандон В.П. Сесевич ва каме

дертар А.В. Соловёв ва О.П. Василяновская гузаронида шудаанд. Фототекаи нодири «Умри осмон» ба вуҷуд оварда шудааст, ки вай қариб аз 70 000 расм иборат аст. Дар асоси онҳо ситораҳои нав ва зиёда аз 100 ситораи тағйирёбанда кашф карда шуданд, қонуният ва ниҳоди тағйирёбии ситораҳо омӯхта, таснифи онҳо пешниҳод карда шудааст. Барои муқаррар намудани шкалаи масофаҳо дар коинот таснифоти муҳим - тасҳеҳ нулпункти вобастагии «давр-равшаноӣ» кашф гардид. Нахустин бор ҳодисаи поляризатсияи афканишот дар пардаи газноки протосайёрагии ситораҳои тағйирёбанда ошкор карда шуд. Баробари ба кор даромадани телескопи якметра дар расадхонаи Санглох (соли 1982) мушоҳидаи фотометрӣ, поляметрӣ ва спектрии объектҳои тира, ситораҳои ниҳоии ҷавони навъи Т-Савр, Ae/Be, Ҳербиг, Т-Тau, системаҳои дугонаи рентгенӣ, ядроҳои галактикаҳо инкишоф ёфтан гирифтанд. Дар тадқиқи ситораҳои тағйирёбанда, ба ғайр аз кормандони дар боло зикр шуда, А.Я. Филин, Н.М. Шаховской, Г.Е. Ерлексова, В.С. Сотиболдиев, Н.Н. Киселёв, Н.Х. Миниқулов, Ю.В. Борисов ва дигарон саҳми калон гузоштанд.

Тадқиқоти галактикаҳо дар Институт, асосан характери назариявӣ дорад. Олимон М.Н. Махсумов, Л.С. Марочник, А.А. Сучков ва дигарон усулҳои тадқиқи динамика ва таҳаввули системаи ҳиссачаҳои безадухӯрди ба якдигар ҷозибавӣ алоқаманд бударо кор карда бароварда, ошкор шудани динамикии таъсири якҷояи байниҳамдигарии ҷозибавии ситораҳоро дар галактикаҳо, чун системаи статикӣ омӯхтаанд. Пайдоиши сохти устувории спирали галактикаҳо тақиқ карда шудааст; назарияи умумикардашудаи ошӯбҳои спирали зичии ситораҳо тараққӣ дода шуд; аз рӯи нақшу нигори спиралиашон ба се қисми ҷудошавии гурӯҳи галактикаҳои спиралии одӣ баён карда шудааст; асоси ягонаи динамикии таснифи морфологии галактикаҳо, ки ба Ҳаббл ва Ва-дер-Берг тааллуқ дорад, баён карда шудааст. Тадқиқоти Ф.С. Соҳибов оид ба ташаккули ситораҳо дар галактикаҳо нишон доданд, ки мавҷҳои зич дар галактикаҳо на танҳо ба хусусияти ҳаракати ситораҳо ва гази байниситоравӣ, балки ба хусусияти равандҳои деринаи ташаккули ситораҳо низ таъсир мерасонанд.

Пажӯҳишгоҳ барои эҳтиёҷи тадқиқоти кайҳонӣ дар эҷод кардани Стандарти давлатии ИҶШС «Моддаи метеорӣ» ва моделҳои атмосфераи Замин фаъолона иштирок кардааст. Натиҷаи муайян кардани мадорҳои беш аз 500 метеори дурахшон дар асоси мушоҳидаҳои фотографӣ ва зиёда аз 5000 метеори тира дар асоси мушоҳидаҳои радиолокатсионӣ дар экватор ба бонки байналхалқии маълумотҳои Иттифоқи байналхалқии астрономӣ дар Лунд (Шветсия) дохил карда шудаанд. Натиҷаи мушоҳидаҳои кометаи Ҳаллей ҳангоми амалкунии лоиҳаи кайҳонии ВЕГА ба ин комета солҳои 1985 - 86 истифода бурда шудаанд ва ба архиви байналхалқии маълумотҳои IHW дохил гардидаанд. Мушоҳидаҳои мавзеии радифҳои сунъии Замин (РМЗ) ҳангоми ислоҳ кардани мадори стансияҳои байнисайёравӣ ва РМЗ ва тартиб додани феҳристи радифҳои геособитӣ истифода бурда шудаанд.

Бо фурӯпошии Ҳокимияти Шӯравӣ, дар заминаи он кишварҳои соҳибистиқлол ба вуҷуд омаданд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ин ҳодисаи бузурги сиёсӣ дар канор намонд. Бинобар ин, зарурати бо кадрҳои соҳибмаълумоти маҳаллӣ пур намудани фазои ақлию зеҳнии муассисаҳои илмӣ - тадқиқотии мамлакат пеш омад. Аз ин рӯ, барои омода кардани мутахассисон ва кормондони илмии маҳаллӣ бо пешниҳоди Институти астрофизикаи АИ ҶТ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди факултети физикаи донишгоҳи зикршуда, соли 1999 кафедраи астрономия (ин кафедра тибқи Қарори комиссияи назоратии Ҳукуматӣ аз 04.06.1999, таҳти №13/4-16.6-2 таъсис дода шуд) ба фаъолият оғоз намуд. Кафедраи астрономияи ДМТ дар ҳудуди ҷумҳурӣ ягона муассисае мебошад, ки дар ин самт барои пешбурди корҳои хоҷагии халқ мутахассисонро омода менамояд ва аз санаи таъсисёбӣ роҳбарии кафедраро П.Б. Бобоҷонов (1999-2001), Х.И. Ибодинов (2001-2004; 2010-2012) ва А.А. Раҳмонов (2004-2010; 2012 то имрӯз) бар дӯш доштанд. Кафедраи номбурда ҳамчун як ҷузъи таркибии ДМТ ва Пажӯҳишгоҳи астрофизикаи АИ ҶТ бо бисёре аз муассисаҳои илмӣ, тадқиқотӣ ва таълимии дохиливу хориҷӣ робитаи қавии ҳамкорӣ дорад. Имрӯз ҳайати кафедраро устодон - профессор Х.И. Ибодинов, дотсент А.А. Раҳмонов, омӯзгорони калон О. Наимов, А. Сафаров, Л. Одинаева ва ассистентон Ҷ. Исмоилов, Ҷ. Ҳаитов, Ш. Бобоев пур менамоянд.

Дар корҳои илмию тадқиқотии ояндаи кормандони пажӯҳишгоҳ тадқиқи ситораҳои тағйирёбанда ва нособит, комплексҳои ташаккули ситораҳо, сохт ва динамикаи галактикаҳо давом хоҳанд кард. Корҳои астрометрӣ, ки асосан хислати амалӣ доранд ва мушоҳидаҳои радифҳои сунъии Замин мувофиқи созишномаҳо, дар навбати аввал бо Федератсияи Россия гузаронида мешаванд. Тадқиқи эффектҳои зилзилаю ионосферӣ, дар қатори дигар усулҳои омӯхтани заминларзаҳо, ки дар истифодаи Институти геология, сохтмонҳои ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмология мебошад, ба коркарди усулҳои пешгӯии кӯтоҳмуддати зилзилаҳои фалокатовар равона карда мешаванд. Дар пажӯҳишгоҳ тадқиқи экологияи атмосфера ва астроклимат низ инкишоф хоҳад ёфт.



**Исомиддин ШАРИФЗОДА**
номзади илмҳои фалсафа

## Робитаҳои илму дин аз нигоҳи муҳаққиқони муосир

### Пешгуфтор

*Дарахти ту гар бори дониш бигирад,*
*Ба зер оварӣ чархи нилуфариро.*
*Носири Хисрав*

Мавзӯи робитаи илму дин яке аз матолибе аст, ки ҳар рӯшанфикри мубориз бояд ба огоҳиҳои асосӣ дар бораи он муҷаҳҳаз бошад. Оё илму дин комилкунандаи якдигаранд ё ба сахтӣ бо ҳам дар таззоданд? Оё илму дин ҳар ду ҷӯёи ҳақиқату хоҳони хушбахтии навъи инсонанд? Оё илму дин чун обу оташанд, бархӯрдҳои таърихӣ доранд ва набарди байни онҳо ҳанӯз ҳам дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон идома дорад, оё ҳақиқатҳои динӣ ва назарияҳои илмӣ бо якдигар ҳамоҳанг ва созишпазиранд?

Рӯшанфикрони муборизе, ки дар андешаи фардои миллат ҳастанд, бояд дар бораи садҳои пурсиши бунёдӣ, аз ҷумла пурсишҳои боло биандешанд ва омодагӣ ва посухгӯйӣ ба онҳо дошта бошанд. Оё ба ростӣ ва бар асоси гуфтаҳои рӯҳониён ё барпокунандагони дастгоҳи дин ва мазҳаб онҳо, воқеан, ҳаводори илму дониш ва хоҳони густариши он байни мардуми ҷомеаанд? Оё манзури рӯҳониён аз илм ҳамон «илми осмонӣ», «илми илоҳӣ» ё «илми ғайбӣ» нест? Чӣ гуна мехоҳем мардумро аз ин нуктаи бузург огоҳ кунем, ки кӯҳе аз хурофот илму дониш нест.

Баррасии таърихии илму дониш ба равшании тамом нишон медиҳад, ки дар ҳамаи давронҳое, ки рӯҳониён дар ҷомеа нерӯманд будаанд бо озору шиканҷаи донишмандону андешамандон пардохтаанд ва бо ҳар назарияи илмӣ ё фалсафӣ, ки бо «улуми ғайбӣ» дар бархурд буд, бо шиддат мухолифат кардаанд. Руҳониён густариши илму донишро байни тудаҳои мардум ба вайронии дастгоҳи динии худ баробар медонанду ҳамеша бо тавони худ кушидаанд, то тудаҳои мардум ҳамчунон ғарқа дар хурофоту назарияҳои сохтагии табақаи ба истилоҳ

руҳонӣ бошанд. Бузургтарин вазифаи ҳар рушанфикри миллӣ кумак ба фароҳамовардани заминаи инқилоби фикрӣ дар мағзи ҳаммеҳанони хеш аст. Аз он ҷо ки аксарияти мардуми меҳани мо камсавод ва бадсавод ҳастанд ва аз он ки дар ҷомеаи мо мағзшӯии динӣ идома дорад, нахустин гоме бар алайҳи он муборизаҳо бо олудагиҳои фикрӣ ва хурофоти динӣ аст.

Ҳадафи асосӣ аз навиштани ин дафтар кушише ҳаст дар роҳи раҳоии мардуми кишвар аз банду занҷири андешаҳои кӯҳна, асоратовар ва хурофӣ мебошад. Барои дастёбӣ ба ин ҳадафи бузург бояд мардумро ба силоҳи илму андеша муҷаҳҳаз сохт. Бояд ҷаҳонбинии илмӣ ва тафаккури илмиро дар мардум падид овард, то марудум тавонанд ба ҳақонияти илму асолати дониш пай бибаранд. Бо фарзияҳо, назарияҳо ва воқеиятҳои илмӣ ошно шаванд ва дар охир андешаҳои хурофии зидди илмӣ ва зидди инсониро канор бигзоранд.

### *Ҷаҳонбинии илмӣ ва ҷаҳоннигарии динӣ*

Равишҳои дастёбӣ ба ҳақиқат дар илм ва дар дин бо якдигар тафовутҳои жарфу бунёдӣ доранд. Сарчашмаи ҳақиқати олами ҳастӣ аз дидгоҳи донишманду руҳонӣ камтарин шабоҳате ба якдигар надоранд, аз ин рӯ, табиӣ аст, ки ҷаҳонбинии онҳо низ тафовутҳои асосӣ ва пурмаъно хоҳад дошт.

Дар ҷаҳоннигарии динӣ бар асоси навиштаҳои китобҳои осмонӣ кулли ҷаҳони ҳастӣ ба василаи зот, мавҷуд ё офаринандаи бениҳоят тавоно аз адам офарида шудааст. Ин офаринандаи бузург аз фаросӯи ҷаҳони ҳастӣ бар кулли олами вуҷуд фармон меронад ва зот ё моҳияти вуҷудиаш фаротар аз олами табиат, дастнаёфтанӣ ва баррасинопазир аст. Дар офариниши кулли ҷаҳони ҳастиву ҷондорон, ки инсон олитарин ва баргузидатарин бахши он аст, тибқи назари руҳониён «барнома», «нақша», «ҳадаф» ва «ғоят»- е низ вуҷуд доштааст. Он чӣ Парвардигори тавоно офарида аз ҳар ҷиҳат комил зебо, нозим ва бидуни камтарини айб ё нуқс аст. Кулли олам, ҳамаи каҳашонҳо, ситорагону замин бо назорат ва фармони Офаринандаи доно бо назму тартиби хадшанопазире ба кори худ машғуланду кучактарин беназмӣ дар низоми табиат вуҷуд надорад. Олами ҳастӣ- тамоми ҷондорону навъи инсон дар тули муддати кӯтоҳи 6 рӯз офарида шудаанду аз оғози офариниш ба шакли кунунии худ будаанд. Навъи инсон комилтарин офаридаи Парвардигор ва танҳо махлуқе аст, ки нишонае аз Офаринандаи бузург ба сурати рӯҳ дар он давида шудааст. Рӯҳ ҷовидонӣ ё фанонопазир асту пас аз марги ҷисми инсон дубора ба ҷисми ӯ бозмегардад. Ҳадаф аз офариниши кулли ҷаҳони ҳастӣ офаридани инсон буда, робитаи худо-инсон бартарин ҳадафи офариниш аст. Зиндагонии ҳар инсон бо марги ӯ поён намеёбад, балки рӯҳи ӯ бори дигар ба бадан бозмегардад ва даврони бозгашти он ба қиёмат мансуб аст.

Дар ҷаҳонбинии илмӣ, ки бар асоси маълумоту иттилооти илмҳои табиию инсонӣ устувор аст, аз мафҳумҳо, мақулаҳо ва вожаҳое чун «олами ғайб, офаринш аз адам, барнома, нақша ва ҳадаф» дар кулли ҷаҳони ҳастӣ асар ё нишоне нест. Илмҳои таҷрибавӣ бо баҳрабардорӣ аз равиши илмӣ нишон

медиҳанд, ки дар кулли ҷаҳони ҳастӣ усулу қонун ва нерӯҳое вуҷуд доранд, ки бар асоси онҳо дастгоҳи азими олами ҳастӣ каҳкашонҳо, ситорагон, дастгоҳи хуршедӣ ва сайёраи замин ба кори худ машғул аст. Омилҳо, шароит, нерӯҳо ва авзову аҳволе, ки дар натиҷаи онҳо кулли олами ҳастӣ ва ҳар як аз аҷзои он дар ҳоли ҳаракату дигаргунӣ аст, дар даруни худи ин дастгоҳе азим ҳастанд. Омил ё нерӯи берунӣ аз ҷаҳони ҳастӣ онро идора ё роҳбарӣ намекунад. Ҳамаи олами ҳастӣ бар асоси қонунҳои ҳаракат ва нерӯҳои табиӣ ҷирмҳои осмонӣ худкор ё худгардонанд. Вуҷуди дасте аз олами ғайб барои ба ҳаракат баровадани онҳо ё дар мадор нигоҳ доштани онҳо лозим нест, зеро нерӯҳое, ки дар даруни каҳкашонҳо ва ситорагону дар байни онҳо вуҷуд доранд ва асаргузории ин нерӯҳо бар якдигар барои ба ҳаракат даровардан, идомаи ҳаракат ва дар мадор нигоҳ доштани онҳо кофӣ аст.

Ҷаҳони ҳастӣ аз адам ба вуҷуд наомадааст, зеро олами вуҷуд ҳамеша мавҷуд буд ва ҳаргиз ба адам табдил нахоҳад шуд. Мафҳуми адам аз сӯи инсону барои баёни назарҳои инсонӣ сохта шуда, ин вожа дар олами ҳастӣ ва аз назари биниши илмӣ бемаъно аст.На чизе аз адам ба вуҷуд меояд ва на чизе ба адам мепайвандад. Кулли ҷаҳони ҳастӣ ҳамеша дар ҳоли «будан» ва «шудан» асту то бениҳоят низ чунин хоҳад буд. Ҳеҷ чизе дар ҷаҳон офарида намешавад ва ҳеҷ чизе аз байн намеравад, балки чизҳо дигаргун мешаванд ё моҳияти нав ба худ мегиранд.

Бар асоси ҷаҳонбинии илмӣ ҷаҳони ҳастӣ якбораву дар муддати кӯтоҳ офарида нашуда, балки дар гузаштаҳо то замони бениҳоят вуҷуд дошта, дар миллиардҳо соли қаблӣ дар ҳоли тағйиру дигаргунӣ буд ва дар марҳилаи шудан қарор дорад. Донишмандони илмҳои табиӣ мегӯянд бар хилофи назари рӯҳониён ҷаҳони ҳастӣ на танҳо якбора падид наомада, балки ҳаргиз ба шаклу ҳолати кунунӣ низ набудааст. Дар тамоми ҷаҳони ҳастӣ навъе аз ситорагон ба вуҷуд меоянд ва бархе аз ситорагон несту нобуд мешаванд. Дастгоҳи хуршедӣ, ки сайёраи замин ҷузъе аз он аст, ҳамзамон бисёре аз каҳкашонҳои дигар ва ситорагон, ба шакли имрӯзии худ падид наёмадаанд ва аз бисёре аз ҷирмҳои осмонӣ ба маротиб ҷавонтар аст.

Дар илмҳои табиӣ ва инсонӣ бар хилофи боварҳои диниву мазҳабӣ навъи инсон ҷойгоҳи вижае дар олами ҳастӣ ё мақоми хосе дар дастгоҳи хуршедӣ надорад. Ҳеҷ як аз усулу қонунҳои илмӣ нишон намедиҳанд, ки ҳадаф аз хилқати олами ҳастӣ офариниши навъи инсон буда, ситорагони осмон ё ҷондорони рӯи замин барои осоиши инсон офарида шудаанд. Дар ҷаҳонбинии илмӣ на танҳо вожаи рӯҳ ҳаргиз ба кор намеравад, балки ҳамаи хусусиятҳое, ки рӯҳониён ба он нисбат додаанд – аз ҷумла фанонопазирӣ, ҷовидонагӣ ва бозгашти дубораи он ба бадан пас аз марг беасос ё хаёлбофона шинохта шудаанд.

Донишмандони илмҳои табиӣ ва махсусан заминшиносону зистшиносон мегӯянд, он чӣ рӯҳониён ба номи назми табиат ё «назми илоҳӣ» аз он ёд мекунанд ва натиҷаҳои бисёре ба нафъи ҷаҳонбини динии худ аз он бардошт мекунанд, фақат бар пояҳои хаёлу пиндор устувор аст. Чунин назме ё тартибе дар ҷаҳони илм арзиши худро аз даст медиҳад. Дар рӯи сайёраи Замин – махсусан дар робита

ба зиндагониву манофеи инсон назму тартибе, ки рӯҳониён ба он истинод мекунанд, дар падидаҳои табиат дида намешавад. Дарёҳову уқёнусҳои курраи Замин ба далелҳои гуногун пуршиддату муталотум мешаванд ва каронаҳои ҷаҳонро бо қудрати бисёре вайрон мекунанд. Тӯфонҳо ва тундбодҳои азим ҷангалҳоро дар ҳам мекӯбанд ва соиқа ё озарахши оташсӯзиҳои бузурге дар онҳо падид меоваранд. Оташфишонҳои бузургу ваҳшатнок перомуни худро ба оташ мекашанд ва муҳити худро ба оташи сӯзон мебалаъанд. Заминларзаҳои бузург харобиҳои бисёр падид меоваранд, ҷонварони нерӯмандтар ҳайвоноти заифтарро пора-пора мекунанд ва мехӯранд. Бактерияҳо ва микробҳои кушанда гурӯҳҳои азиме аз ҷонварон, аз ҷумла навъи инсонро ба диёри нестӣ мефиристанд. Селҳое азим ҷорӣ мешаванд ва ҳар чӣ бар сари роҳашон бошад дар ҳам мекӯбанду бо худ мебаранд. Бархе аз сарзаминҳои ҷаҳон гоҳе ба шиддат сарду замоне ба сахтӣ доғу сӯзон мешаванд, ки тамоми ҷонварон нобуд мешаванд. Вуҷуди ҳазорон намунаву мисол дар рӯи курраи Замин ва дар падидаҳои табиат собит мекунад, он чӣ руҳониён «назми илоҳӣ» меноманд пиндоре беш нест.

### *Ҳақиқат дар дин ва дар илм*

Рӯҳониёни динҳои бузург дастёбӣ ба ҳақиқат ва омӯзиши онро арҷмандтарин ҳадафи дин меноманд. Донишмандони риштаҳои гуногуни илм низ кашфи ҳақиқат ва эълони онро бузургтарин рисолати илм ба шумор меоваранд. Бинобар ин, ҳам ниҳоди дин ҷӯёи ҳақиқат аст ва ҳам дастгоҳи илм. Аммо равише, ки эътиқотмандони динҳои яккахудоӣ яҳудият, масеҳият ва ислом барои дарки ҳақиқат ба он даст мезананд бо равише, ки дар улуми табии – инсонӣ роиҷ аст, тафовутҳои бунёдии фаровон дорад.

Бунёдгузорону пайравон  ва раҳбарони динҳои ховари миёнаӣ танҳо роҳи дастёбӣ ба ҳақиқатро огоҳӣ аз илҳоми осмонӣ ё ваҳй аз олами боло медонад. Онҳо мегӯянд тамоми матолибе, ки дар бораи ҷаҳони ҳастӣ- ҷондорон, зиндагии башару ҷаҳони дигар аз роҳи илҳоми осмонӣ ё ваҳй аз сӯи офаридгори олам эълон шудаанд, ҳақиқати бе чуну чарое ҳастанд, ки дар ихтиёри инсон гузошта шудаанд. Барои огоҳӣ аз тамоми ҳақоиқи бузург дар бораи кули ҷаҳони ҳастӣ, бояд фақат ва фақат ба китоби осмонӣ муроҷиат кард ва танҳо равиши кашфи ҳақиқат огоҳӣ аз навиштаҳои китоби муқаддас аст. Ба ин тартиб, сарчашмаи ҳақиқат дар динҳои якхудоӣ онҷаҳонӣ аст. Дастёбӣ ба  ҳақоиқи масъуд ба воситаи пайёмоварone, ки ба ин сарчашмаи онҷаҳонӣ эътибор доштаанд, сурат мегирад.

Донишмандони риштаҳои гуногуни илм беҳтарин роҳи дастёбӣ ба ҳақиқатро пайравӣ ба равиши илм (метод) медонанд. Бунёди равиши илмӣ бар асоси мушоҳида, таҷриба, озмоиш, гирдоварии иттилоот, эҷоди фарзия ё посухи муваққатӣ, таҷзия, таҳлил ва табақабандии иттилоот, инчунин, аз натиҷагирӣ устувор аст. Аз назари бархе нависандагони таърихи илм кашфи равиши илми(методология)-ро бояд бузургтарин кашфи илмӣ дар саросари таърихи башар ба шумор овард. Пас аз дастёбӣ ба ин равиш буд, ки донишмандони улуми табиӣ муваффақ ба кашфи ҳаяҷонангезтарин қонунҳои ҷаҳони ҳастӣ ва дарки

пуррамзу розтарин асрори табиат шуданд. Дар воқеъ, метавон равиши илмиро ба абзори кории донишманд, нурафкани илм, заррабини дониш ва корхонаи тавлиди илм ва огоҳӣ ташбеҳ кард.

**Ҳавзаи дин ва майдони илм**

Рӯҳониёни динҳое, ки худро дорандаи китоби осмонӣ медонанд ҳавзаи баррасӣ ё пажӯҳишии дину мазҳаби худро парвардигор, ҷаҳони ҳастӣ, инсон, робитаи худову инсон меҳисобанд. Донишмандони илмҳои табиӣ – инсонӣ, ки аз худ дорои китоби муқаддас ё навиштаи осмонӣ нестанд, майдони баррасӣ ва пажӯҳиши илмро ҷаҳони ҳастӣ, инсон ва робитаи инсону табиат медонад. Ҳамин санҷиши мавзӯъҳои баррасӣ дар дину илм ба равшании тамом нишон медиҳад, ки дар ҷаҳонбинии илмӣ ном ё нишоне аз офаридгор ё сухане аз робитаи худо-инсон нест, зеро донишмандони улум ба ин боваранд, ки кори донишманд баррасӣ ва шиносоии ҷаҳони воқеӣ ё дунёи таҷрибӣ аст. Мафҳумҳое чун парвардигор, офаринанда ё ҳар номи дигаре, ки дар назар бигирем дар ҷаҳони ҳастӣ ташхис дода нашудаанд ва аз ин назар баррасинопазиранд. Дар ин илмҳо: воқеятҳо, мавҷудҳо, руйдодҳо ва падидаҳо мавзӯи мавриди баррасиву пажӯҳишанд ва аз он ки мафҳуми офаринандаи ҷаҳони ҳастӣ яке аз мавзӯҳои мавриди баррасӣ дар илмҳои моддӣ нест, аз майдони амал ва кори донишманд берун аст.

Рӯҳониён мегӯянд тамоми ҷаҳони ҳастӣ аз ду бахши ҷудогона падид омадааст: яке ҷаҳони ҳастӣ ва дигаре фаросӯи ҷаҳони ҳастӣ ё олами ғайб. Онҳо муътақиданд, ки донишманд тавони пажӯҳиш дар бораи табиат (ҷаҳони ҳастиро дорад) ва аз шинохти фавқуттабиат (фаросуи ҷаҳони ҳастӣ) нотавон аст. Аз дидгоҳи руҳониёни динҳо ва мазҳабҳои яккахудоӣ фаросӯи ҷаҳони ҳастӣ шиносоипазиру дарк карданӣ ё фаҳмиданӣ нест. Парвардигор бахше аз ҷаҳони ҳастӣ нест, балки худ берун аз ин ҷаҳон ва ҳамон фаросуи ҷаҳони ҳастӣ ё фарсӯи табиат аст.

Донишмандон мегӯянд, ки аз дидгоҳи илм мафҳуми фаросӯи ҷаҳони ҳастӣ ё фавқуттабиат мафҳуми илмӣ, воқеӣ, пажӯҳишпазир ва собит карданӣ нест. Мафҳумҳои ба номҳои инчунинӣ ба рамзу розу асрору ибҳом олудаанд ва дархӯри таваҷҷӯҳ ё баррасии илмӣ нестанд. Бархе аз донишмандон мафҳуми парвардигорро ба он сурат, ки дар китобҳои осмонӣ баён шудааст ғайри илмӣ, хаёлӣ, бофта ва пиндорӣ медонанд. Гурӯҳе аз донишмандон мафҳуми офаринандаро шиносоинопазир ва аз назари илмӣ дастнаёфтанӣ ба шумор меоваранду онро мавзӯе барои баррасӣ дар майдони илм намедонанд.

**Имон дар дин ва исбот дар илм**

Вожаи имон дар ҳамаи динҳои сомӣ ё ховари миёнаӣ аз аҳамияти вижае бархӯрдор аст. Бар асоси фармудаҳои раҳбарони ин динҳо мардум бояд бар усули дин ва омӯзишҳои усули мазҳабӣ имон биёваранд, то мӯъмин шинохта шаванд. Мӯъмин касест, ки ба мавҷуди Парвардигори олам имон овардааст, гуфтаҳои пайёмовари ӯро, суханони офаринандаи ҷаҳон ё ваҳю илҳоми осмонӣ мешиносад ва сарчашмаи китоби муқаддаси дини худро онҷаҳонӣ ё аз олами ғайб медонанд.

Бар асоси омӯзаҳои рӯҳониёни динҳо ва мазҳабҳои осмонӣ, мӯъмин ҳаргиз набояд дар мавриди вуҷуди созандаи ҷаҳони ҳастӣ намояндагии пайёмовар ба сӯи ӯ ва он чӣ дар китоби муқаддас навишта шудааст, камтарин шак ё тардидеро ба худ роҳ бидиҳад. Бузургтарин марҷаъ ё роҳнамои аслии имоноварандагон навиштаҳои китоби осмонӣ аст ва ҳар он чи бар хилофи ин навиштаҳо бошад, беэътибор ва беарзиш шинохта мешавад. Чуну чаро ё шакку тардид дар бораи он чӣ дар китоби муқаддас омада, куфролуд ва гуноҳи бузург шумурда мешавад. Муъминон бояд аз роҳи дил, отифа ва эҳсос ба ҳақиқати парвардигори олам, фиристодаи ӯ ва китоби осмонӣ дастёбӣ пайдо кунад, зеро моҳияти дину мазҳаб ва рисолати он фаротар аз ақлу мантиқу истидлол ва чуну чароӣ аст.

Вожаи имон дар маънои динии он дар илм ҳеҷ гуна эътиборе надорад ва дар вожаномаҳои илмӣ нишоне аз он дида намешавад. Барои донишманд на парвардигори олам сарчашмаи илму дониш аст, на фиристодагони ӯ ва на китоби муқаддас метавонад марҷаи мӯътабаре барои дастёбӣ ба ҷаҳони илм бошад. Ҷӯяндагони илм барои дастёбӣ ба ҳақиқатҳои табиат илҳоми осмонӣ ё ваҳйеро шеваи мӯътабару дурусте намедонанд ва барои расидан ба ҳадафҳои худ аз равишҳои илмӣ баҳрабардорӣ мекунанд. Ҳар гуна изҳори назар дар бораи падидаҳои табиӣ ё он чӣ дар табиат рӯй медиҳад, то замоне, ки дурустии он ба воситаи равиши илмӣ собит нашавад, ба унвони ҳақиқатӣ илмӣ пазируфта нахоҳад шуд. Дар улуми табиӣ - инсонӣ вожаи исбот ҷонишини вожаи имон мешавад. Агар назар ё ақидае дар бораи табиат аз сӯи номдортарин ва ҳушмандтарин донишманди ҷаҳон баён шавад то замоне, ки онро собит накардааст, ба унвони назар ё ақидаи илмӣ аз тарафи донишмандони дигар пазируфта намешавад. Яке аз намоёнтарин тафовутҳои пурмаъноии дину илм дар ин нукта аст, ки зербинои дин бар марҷаъ ё марҷаъият (парвардигор, пайёмовар, китоби муқаддас, рӯҳониён) устувор аст. Ба сабаби ин ки ҳақиқатҳои динӣ ба сарчашмаҳо онҷаҳонӣ нисбат дода мешаванд, мӯъмин ночор аст, бояд фақат аз роҳи имон бе чуну чаро онҳоро бипазирад. Дар ҷаҳони илм аз марҷаъ ё марҷаъият ному нишоне нест ва то замоне, ки бузургтарин донишманди ҷаҳон муваффақ ба исботи гуфтаи худ нашуда бошад, изҳори назари вай беэътибор шинохта хоҳад шуд. Дар ҷаҳони илм бар хилофи дунёи дин шакку тардид дар мавриди изҳори назарҳо ва фарзияҳо на танҳо манъ нашуда, балки яке аз вижагиҳои бузурги тафаккури илмӣ марбут ба шакку тардид ва чуну чароӣ аст.

**Эътиқоди динӣ ва тафаккури илмӣ**

Шахсияҳои мазҳабӣ эътиқоду боварҳои худро бар зербинои имон устувор мекунанд. Пояҳои фикрии инсони мӯъмин ба яке аз динҳои яккудоӣ бар сутунҳои олами ғайб -китоби муқаддас ва омӯзаҳои фиристодаи олами боло бунёдгузорӣ шудаанд. Маълумот ва иттилоотие, ки мӯъмин ба даст меоварад онҷаҳонӣ ҳастанд ва мӯъмини воқеӣ чорае ҷуз итоати комил, пазириш, таслим ва ризо надорад. Ҳар гуна шакку тардид ё чуну чароӣ ба манзалаи гуноҳ ва куфролуд шинохта мешавад. Навъи инсон дар чунин дастгоҳҳо бандаи ночизе беш нест.

Агар имон биёвараду итоат кунад растагор мешавад ва дар он ҷаҳон аз хушбахтии абадӣ баҳраманд хоҳад шуд. Агар сарпечӣ кунад, то замони поённопазир шиканҷа хоҳад шуд ва заҷр хоҳад кашид. Дунёи инсони динӣ саршор аз ваъдаву ваъид, тарсу ваҳшат, умеду орзу, зиндагонии моломол аз хушиву шодӣ дар он ҷаҳон ё анбошта аз бадбахтиву ранҷ дар ҷаҳони дигар аст. Муъмин ҳамаи ин имконҳоро дар сояи имони мазҳабии худ пазируфтааст.

Ҷаҳони инсони мазҳабӣ дунёе аст бе таҳрик, истода, саршор аз биму умед ва тиҳӣ аз ҳаяҷону талош барои донистану ёфтани дониш ё кашф кардану бениёз аз кӯшиш барои кушодани розҳо ва муаммоҳои ҷаҳони ҳастӣ, зеро посухи ҳамаи пурсишҳо ва ҳалли тамоми муаммоҳову розҳо дар китоби муқаддас навишта шудааст. Муъмин фақат ва фақат бояд ин китобро садҳо ҳазорон бор бихонад ва ҳамаи матолиби онро бе чуну чаро ва бо имони маҳкам бипазирад. Саргузашти тамоми олами ҳастӣ ва замину таърихи нави инсон, аз азал то абад, дар китоби осмонӣ навишта шуда, нуктае ногуфта ё розе нокушуда ҷуз моҳияти офаридгори бузург боқӣ намондааст. Сифатҳо, хосиятҳо ва интизороти офаринандаи ҷаҳон ва ҷонварон аз навъи инсон баён шудаанд ва таклифу сарнавишту вазифаи ҳар бандае равшан шудааст.

Дунёи инсоне, ки фикри илмӣ дорад ҷаҳоне аст пуртаҳрик, пӯё ва саршор аз ҳаяҷону кунҷковӣ, шури донистан, шавқи пай бурдан, лаззати дастёбӣ ба розҳо ва муаммоҳои ҷаҳони ҳастӣ, сайёраи Замину асрори табиат ва сарнавишти инсон мебошад. Шахсе, ки тафаккури илмӣ дорад, дербовар аст. Ба назари шакку тардид ба изҳори назарҳо нигоҳ мекунаду чуну чароӣ дорад. Барои пазириши ҳар назар ё ақидае далелу мадрак ва санад мехоҳад. Барои арзишёбии назар ё ақида, пазируфтан ё напазируфтани он аз равишҳое чун мантиқ, истидлол, таҷриба, озмоиш, тааққулу таффаккур баҳрабардорӣ мекунад ва нерӯи фаҳму шуури худро ба кор меандозад. Мутафаккири илмӣ сарчашмаи илму донишро инҷаҳонӣ ё инсонӣ медонад ва ба улуми ғайбӣ ё илоҳиву илҳоми осмонӣ эътиқоде надорад. Чунин инсоне хостгоҳи улуми табии-моддиро мағзи инсон медонад ва аз дидгоҳи ӯ мағзи инсонҳои мутафаккир корхонаи тавлиди илм ва огоҳӣ аст. Шахсе, ки фикри илмӣ дорад, ҳеҷ назарияеро азалӣ, абадӣ, комил, бе нуқс ва иштибоҳнопазир намедонад. Қотеъият, ҷазмандешӣ, мутлақгароӣ, таассуб ё хушкандешӣ дар мавриди фарзияҳо ва назарияҳои марбут ба ҷаҳони ҳастӣ ва табиат дар илму дониши таҷрибӣ ҷо ва маконе дорад. Яке аз бузургтарин вижагиҳои тафаккури илмӣ вижагии озодандешӣ ва омодагӣ барои пазириши назарияҳои беҳтар аст.

### Мушаххасоти рӯҳонӣ ва вижагиҳои донишманд

Яке аз намоёнтарин хусусиятҳои рӯҳониёне, ки дину мазҳаби худро осмонӣ медонанд, шеваи изҳори назарҳо ва тарзи баёни эътиқодҳои динӣ аст. Онҳо назарияҳои худро бо қотеъияти тамом баён мекунанд ва ҳаргиз заррае шак ё тардидро дар он чи гуфтаанд, раво намедонанд. Рӯҳониён аз дигарон мехоҳанд ҳаргиз дар баробари аҳкому омӯзишҳои динӣ тардиде ба худ роҳ надиҳанд. Чуну чаро накунад ва муҳимтар он ки ҳаргиз назарияи мухолиф бо онро ба миён наоваранд. Мухолифат бо андешаҳои динӣ куфру беимонӣ шинохта мешавад.

Назарияҳои динӣ дар заминаҳои гуногуни он ба шевае баён мешаванд, ки маънои хулосавии он ин аст, ки: «чунин аст ва ҷуз ин нест». **Қотеъият, ҷазмият, нармишнопазирии фикрӣ ва хушкандешӣ аз ҷумлаи хусусиятҳои хосаи рафтори рӯҳониёни мутаассиб ба шумор меравад.** Дар дунёи раҳбарони динӣ ва бузургони мазҳабӣ нишоне аз фурутании фикрӣ ва тавозӯъ дар андеша нест. Навиштаҳо ва суханони рӯҳониёни бунёдгароро гарду ғуборе аз ибҳом, рамзу роз, асрори нокушудани ва муаммоҳои даркнопазир дар худ пӯшонида аст. Онҳо на ба забони содда сухан мегӯянд ва на ба забони фаҳмиданӣ равшан менависанд. Ҳар рӯҳонӣ сарфи назар аз ин ки пайрави кадом оин ва пазирандаи кадом мазҳаб аст, ҳамаи ҳақиқатҳои ҷаҳони ҳастиро фақат дар чорчӯбаи дину мазҳаби ирсӣ ва хонаводагии худ медонад ва бо имони комил бар ин бовар аст, ки пайравони тамоми динҳо ва мазҳабҳои дигари ҷаҳон иштибоҳ мекунанд ва ҳақро аз ботил нашинохтаанд. Рӯҳониёни бунёдгаро китоби динии худро китоби осмонӣ ва сарчашмаи донишу ҳикмати худро олами ғайб медонанд ва аз он ҷо ки фақат ба неруи имон ақида доранд, майли чандоне ба баҳрабардорӣ аз нерӯҳое чун ақл, шуур, фикр, истидлол ва мантиқро надоранд. Аз муъминони ҳаводори худ мехоҳанд, онон низ чунин бошанд. Дар ҳамаи динҳо ва мазҳабҳое, ки ба китоби муқаддаси худ истинод мекунанд тамоми назарияҳо, аҳком ва дастурҳои динӣ иштибоҳнопазир эълон шуданд.

Бузургтарин хусусияти донишманди илмҳои табии – инсонӣ фурутании бисёр намоёни ӯ дар изҳори назари илмӣ ва таваҷҷӯҳи вай ба имкони ноқис будан ё иштибоҳ будани комилии он аст. Донишманд наметавонад барои исботи назари худ ба пуштивонаи китоби осмонӣ истинод кунад ва барои ҳаққонияти назар ё дурустии кашфи худ наметавонад ба олами ғайб паноҳ бибарад, танҳо пуштибони ӯ равиши илмӣ, таҷриба ва озмоиш ва собит шудани дурустии назараш ва баҳрабардорӣ аз ҳамин шева аст. Дар ҷаҳони илм бар хилофи дунёи дин марҷаият вуҷуд надорад. На танҳо марҷаияти осмонӣ ё истинод ба пайём овардан пазируфтани нест, балки ҳеҷ донишманде ба унвони марҷаъ барои донишманди дигар аз назари пазириши назария ё кашфи ӯ пазируфтанӣ нест, магар ин ки дурустии назария ё кашф аз роҳи таҷриба ва озмоиш собит шавад. Донишмандон ҳеҷ ҳақиқатеро ҳақиқати мутлақ, иштибоҳнопазир ё азалию абадӣ намедонанд. Аз назари донишмандони улуми табииву инсонӣ имкони нуқс, камбуд ва иштибоҳ дар назарияҳои илмӣ вуҷуд дорад.

### *Маълумоти рӯҳониён ва огоҳиҳои донишмандон*

Рӯҳониёни динҳо ва мазҳабҳои якхудоӣ махсусан масеҳиён ба истинод китоби муқаддаси худ, ки онро осмонӣ ё илоҳӣ медонанд заминро конуни ҷаҳони ҳастӣ мешуморанд ва мегӯянд тамоми каҳкашони ситорагон бар гирди маҳалли зиндагии инсон яъне (Замин) мечарханд. Дар асоси навиштаҳои китобҳои осмонӣ дар динҳои бузург замин ҳамвор ва бидуни ҳаракат аст. Тамоми ҷаҳони ҳастӣ, замину тамоми ҷондорон ва аз ҷумла инсон ба сурати ногаҳонӣ аз адам (нестӣ) дар муддати 6 рӯз ва тақрибан беш аз 4 ҳазор сол пеш халқ шудаанд. Он чӣ парвардигори олам офарида комил, холӣ аз нуқс ва аз ҳар ҷиҳат тиҳӣ (ҳолӣ) аз айб ё камбуд аст. Тамоми

ситорагони осмон, ки бар гирди Замин мегарданд, ба шакли доира мечарханд, зеро доира комилтарин ва зеботарин мадор аст ва он чи аз коргоҳи парвардигори олами ҳастӣ берун меояд, комилтарин ва зеботарин аст. Ҷаҳони ҳастӣ замину тамоми ҷонварон ба хотири навъи инсон офарида шудаанд. Фақат инсон аст, ки нишоне аз Офаридгор дар ҷилваи рӯҳ бар ӯ дамида шудааст. Инсон махлуқи хосаву маҳбуби Офаринандаи олами ҳастӣ аст. Тамоми ҷондорон аз ҷумла инсон, ҳар кадом ба сурати ҷудогона ва мустақил аз якдигар офарида шудаанд.

Донишмандони риштаҳои гунгуни илмҳои табиӣ ва махсусан ситорашиносону зистшиносон мегӯянд, натиҷаҳои ҳамаи пажӯҳишҳо ва кашфҳои илмӣ собит мекунанд ба матолибе, ки рӯҳониён ба Парвардигори худ нисбат медиҳанд, ё дар китоби муқаддас навишта шудаанд, дуруст нестанд. Иштибоҳ будани чунин изҳори назарҳое аз сӯи рӯҳониён, ки коршиносони илмӣ нестанд, собит шудааст.

Фақат дар 3 ё 4 қарни гузашта донишмандон муваффақ ба кашфи куравӣ будани замин шудаанд ва ба ҳаракати он дар гирди худу ба даври Хуршед пай бурданд. Ситорашон дарёфтанд, ки сайёраи Замин на танҳо конуни ҷаҳони ҳастӣ нест, балки дар санҷиш ва муқоиса ба кулли олами вуҷуд ба монанди заррае аст, дар баробари азамату сар бар осмонкашидагии қаторкӯҳҳои Ҳимолой. Ба хилофи навиштаҳои китобҳое, ки рӯҳониён онҳоро осмонӣ эълон кардаанд, ҷаҳони ҳастӣ дар муддати 6 рӯз ё дар 4000 соли гузашта падид наёмада, балки олам вуҷуд ҳудуди 15 млрд сол пеш шакл ва ҳолати кунунии худро пайдо карда, пеш аз он то замони бениҳоят ба шакл ва ҳолати дигар вуҷуд дошт ва аз адам (нестӣ) ба вуҷуд наомадааст. Мадори ҳаракти ситорагон дар осмон махсусан, гардиши сайёраҳои низоми хуршедӣ аз ҷумла Замин бар гирди Хуршед доира нест, балки ба шакли байза (тухм) аст ва ин мавзӯъ на бар камоли Парвардигори рӯҳониён меафзояд ва на сабаби коҳиши азамати офаринандаи ҳастӣ мешавад.

Зистшиносон пас аз қарнҳо баррасӣ ва пажӯҳиш дарёфтаанд, ки навъи инсон махлуқи ҷудогона ё тофтаи ҷудобофтае нест. Инсон аз дигаргуниву такомули соири ҷонварон дар муддати ҳудуди миллионҳо сол, ки онон дар тағийр будаанд, падид омадааст. Ҳамаи гиёҳон ва ҷонварони Замин ногаҳонӣ ва ҳамзамон офарида нашудаанд, балки нахустин ҷондорони заррагӣ ҳудуди як миллиард сол пеш ба вуҷуд омада ва ҳудуди чаҳор миллиард сол пеш ҷондоре дар кураи замин вуҷуд надоштааст. Кулли ҷаҳони ҳастӣ ва тамоми ҷондорон ба хотири сайёраи Замин ва навъи инсон офарида нашудаанд, балки кураи Замин бахши бисёр хурде аз олмаи ҳастӣ ва Инсон ҷузъе аз намуди ҷондорон аст.

### *Чигунагии пайдоиши ҷаҳон аз назари дин ва аз дидгоҳи илм*

Бар асоси навиштаҳои китоби муқаддаси масеҳиён-Инҷил, ҷаҳони ҳастӣ ба фармони парвардигори олам аз адам (нестӣ) падид омадааст. Офаринандаи олами вуҷуд барои офариниши ҳамаи дунёи ҳастӣ ба 6 рӯз, вақт ниёз доштааст. Дар нахустин рӯзҳо бахши бузурге аз олам ва ҷойгоҳи зиндагии башар ё замин падид омадааст. Дар рӯзи ҷаҳоруми офариниш навбат ба пайдоиши ситорагон, Хуршед ва Моҳ расидааст. Дар рӯзи шашуми офариниш навбат ба халқи навъи

инсон расида ва Одаму Ҳавво офарида шудааст. Замин фақат 5 рӯз бидуни ҳузури инсон вуҷуд доштааст. Дар поёнии рӯзи шашум кори офариниш ҳамеша ба поён расида, дар рӯзи ҳафтум парвардигори тавонои ҷаҳони ҳастӣ пас аз кори пурзаҳмати хилқат ба истироҳат ва рафъи хастагӣ пардохтааст. Китоби осмонии масеҳиён дар мавриди замони офариниш ё таърихи оғози хилқати ҷаҳон чизе намегӯяд, аммо бештари бузургон ва рӯҳониёни масеҳият бар ин боваранд, ки оғози офариниши ҷаҳони ҳастӣ чор ҳаору чор сол пеш аз пайдоиши пайёмовари масеҳият (Исо) будааст.

Бар асоси фарзияҳо ва назарияҳои илмӣ каҳкашонҳо ва ситорагон ҳудуди 15 млрд сол пеш бо оромиш ва дар мадорҳои кунунии худ падид омадаанд. Ҷаҳони ҳастӣ аз адам (нестӣ) падид наомада, пеш аз он ба шакли дигаре ва дар ороиши дигаргуна вуҷуд доштааст. Хуршед, ки яке аз ситорагони каҳкашони мо аст, ҳудуди 5 млрд сол пеш шакли кунунии худро ёфта ва дар мадори имрӯзӣ ба ҳаракат пардохтааст. Сайёраҳо ва моҳҳои ин сайёрот, ки ҳамагӣ ба даври Хуршед мегарданд, ҳамзамон ба пайдоиши Хуршед падид омадаанд ва дастгоҳи хуршедиро ташкил додаанд. Пайдоиши дастгоҳи хуршедӣ ба шакли кунунӣ ҳамзамон ба падид омадани кулли олами ҳастӣ ба вазъияти имрӯзӣ набуда, балки Манзумаи шамсӣ ва Кураи замин ки ҷузъе аз он аст, ҳудуди 10 млрд сол ҷавонтар аз бисёре каҳкашонҳо ва ситорагон ҳастанд.

Замоне ки сайёраи Замин аз модари худ ё Хуршед ҷудо шуда, ба гардиш ба гирди он пардохт, ба монанди Хуршед бениҳоят доғ ва сӯзон будааст. Садҳо миллион сол гузашта то кураи Замин омодагии тавлиди гиёҳон ва ҷонваронро пайдо карда, шароити пайдоиши ҷондорон падид омадааст. Шояд беш аз 4 млрд сол сайёраи Замин бар гирди Хуршед мегардида аммо дар тамоми ин даврони бисёр дароз ҳеҷ ҷондоре дар укёнусҳо ва хушкиҳо вуҷуд надоштааст. Нахустин ҷонварони заррабинӣ дар рӯи сайёраи Замин ҳудуди 1 млрд сол пеш падид омадаанд ва пас аз гузашти садҳо миллион сол ҷонварон такомул ёфта, дар охир навъи инсон ки такомулёфтатарини ҷондорони рӯи Замин аст, ҳудуди 2 миллион сол пеш падид омадааст. Даҳҳо миллион сол ҳазорон навъ аз гиёҳону ҷонварон бар рӯи сайёраи Замин мезистанд, аммо ҳанӯз аз пайдоиши навъи инсон хабаре набудааст. Инсон тозатарин, ҷавонтарин ва такомулёфтатарини ҷондоре ҳаст, ки шароити вижаи сайёраи Замин ва қонунҳои такомул тавлидкунандаи он будаанд. Ситорашиносон ва зистшиносн мегӯянд, бар хилофи навиштаҳои китоби муқаддаси масеҳиён пайдоиши тамоми аҷзои ҷаҳони ҳастӣ ба пайдоиши ҳамаи гиёҳону ҷонварон ба сурати ҳамзамон сурат нагирифта, балки фосилаҳои чансадмиллионсолӣ байни онҳо вуҷуд доштааст. Бар хилофи идаъои бузургону раҳбарони дину мазҳаб ҷаҳони ҳастӣ, ситорагон, гиёҳон ва ҷонварон ба шакли имрӯзии худ офарида нашудаанд, балки дар садҳо миллион соли гузашта тағийр кардаанд ва аз онҳо ситорагони ҷадид ва ҷонварони тозае падид омадаанд. Ҷараёни хилқат ё ба ба забони илмии падидаи пайдоиш ва марг, ки дар вожаи дигаргунӣ хулоса мешавад ба поён нарасида (ва агар бихоҳем аз вожаи динӣ

кӯмак бигирем «амри хилқат»), ҳамчунон идома дорад. Дар олами ҳастӣ ситорагон навъе ба вуҷуд меоянду навъе дар ҳоли шаклгирианд ва дар ҷаҳони ҷондорон пайваста гиёҳон ва ҷонварони нав дар ҳоли падид омадананд. Донишмандони улуми табиӣ-моддӣ мегӯянд дар ҷараёни пайдоиши каҳкашонҳо, ситорагон ва дар кори ҳаракати онҳо, инчунин дар падидаи пайдоиши ҷондорону дигаргунии онҳо дар таи садҳо миллион сол, вуҷуди «дасте аз хориҷ» лозим нест. Тамоми падидаҳои ҷаҳони ҳастӣ, чигунагии пайдоиш, ҳаракату иртибототи ситорагону сайёраҳо бо якдигар ва ҳамаи вижагиҳои ҷондорон дар сайёраи Замин аз усул, қавонин, нерӯҳо, шароит ва омилҳое пайравӣ мекунанд, ки дар даруни ҷаҳони ҳастӣ ва дар даруни ҷондорон ё дар даруни муҳити зиндагии онҳост. Дар ҷаҳони улум ва дар дунёи донишмандон то кунун омил ё фармонравое берун аз ҷаҳони ҳастӣ, ки рӯҳониёни динҳои гуногун онро офаринанда, парвадигор ё холиқ меноманд, шинохта нашудааст. Агар идаъои бархе аз рӯҳониён бар асоси ин ки фармонравои кулли ҷаҳони ҳастӣ аз берун ё аз фаросӯи олами вуҷуд бар он фармон меронад ва худ ҷузъе аз олами макшуф нест дуруст бошад, донишмандони улуми табиӣ мегӯянд, пажӯҳиш дар бораи чунин фармонравое, ки бахше аз табиат нест, дар ҳавзаи шинохти улуми табиӣ низ нест. Он чӣ рӯҳониён ба офаринандаи олами ҳастӣ нисбат медиҳанд ва вижагиҳое, ки барояш дар назар мегиранд на илмӣ аст на мантиқӣ ва на пазируфтанӣ. Бархе аз донишмандони улум низ бар ин боваранд, ки мафҳуми «фаросӯи ҷаҳон», «фавқуттабиат» мафҳуми пиндорӣ, хаёлӣ ё тасвире беш нест. Кулли ҷаҳони ҳастӣ ҳамин ҷаҳон аст, ки онро табиат меномем ва истилоҳи фавқуттабиат на илмӣ аст ва на мантиқӣ.

## 15 қарни сукут ва оғози ғурриши илм

Агар пайдоиши Масеҳ ва густариши масеҳиятро дар Аврупо оғози нав дар таърихи сайри андешаи башар фарз кунем, барои даврони беш аст 15 қарн он чӣ дар маҷмӯъ ба номи улуми илоҳӣ, илоҳиёт, ҳикмати осмонӣ ё илми ғайбӣ номида мешавад, илм, дониш, хирад ва маълумоти навъи инсон дар Аврупо ба шумор мерафт. Рӯҳониёни яҳудӣ ва масеҳӣ худро нигоҳбонони ҳикмати осмонӣ медонистанд ва аз улуми илоҳӣ ки аз дидгоҳи онон аз осмон ба замин омада буд ва навъи инсон дар он дахолате надошт, бо лақаби «шаҳбонуи улум» ёд мешуд. Илму ҳикмат дар инҳисори рӯҳониён буд ва фақат онон буданд, ки худро «табақаи уламо» медонистанд. Ҳанӯз ҳам дар бисёре аз кишварҳои ақибмондаи ҷаҳон рӯҳониён худро уламо хитоб мекунанд. Меъёр ё молики илму дониши воқеӣ хираду ҳикмат навиштаҳои китоби муқаддаси яҳудиёну китоби осмонии масеҳиён буд ва ҳар он чӣ бо ин навиштаҳои осмонӣ ҳамоҳангие надошт, шоистаи таваҷҷӯҳ ва дархури эътино набуд. Дастгоҳи дин, ки ба нерӯмантарин ниҳоди сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии кишварҳои урупоӣ табдил шуда буд, ҳар гуна навоварии илмӣ, фалсафӣ ва фикриро, ки бо омӯзишҳои китоби муқаддас созгор набуд, бо хушунати бовар накарданӣ мекӯбид. Дар баробари илму ҳикмати китоби осмонӣ, ки сарчашмаи ғайбӣ ва илоҳӣ дошт, ақлу шуури инсон

баҳрабардории аз таҷриба ва озмоишу ба кор андохтани мантиқу истидлол аз сӯи инсон (мавҷуди забуну гунаҳкор, паст ва дармонда) бисёр беарзиш ва бемаъно ҷилва мекард. Ҳақоиқи кулли ҷаҳони ҳастӣ замину ҷойгоҳи зиндагии инсон, саргузашти ӯ аз оғози таърих то абад дар китоби осмонӣ баён шудаанд ва инсон шоистагии фузулӣ ва чуну чарой дар кори парвардигори бузургро надорад.

Дар чунин муҳит ва давроне, агар инсоне сарчашмаи илму ҳикматро олами ғайб надонад, ба он чӣ дар китобҳои осмонӣ навишта шудааст, шак раво дорад, рӯҳониёнро олиму донишманд нашносад, ӯро бояд парчамдори пешрафти андешаи башар ва аз ҷумлаи инсонҳои нодиру бузург ба шумор оварад. Яке аз ин пешоҳангони бузург Коперник ситорашиноси лаҳистонӣ буд. Вай бо ин ки борҳо бовари динии неруманд дошт, бо баҳрабардорӣ аз равиши илмӣ ба ҳаракати Замин дар осмон пай бурд ва назарияи сокин будани заминро, ки аз ҷумлаи асоситарин эътиқодҳои ҷаҳони масеҳият, буд канор гузошт. Бо интишори назарияҳои илмӣ Коперник дар қарни 16-уми мелодӣ тадбиру тафсири онҳо ва бархӯрди бисёр шадиде, ки бо дини осмонӣ ба миён овард, даврони наве дар ҷаҳонбинии инсон ва робитаи илму дин оғоз шуд. Дар натиҷаи интишори назарҳое донишмандоне чун Кеплер, Декарт, Галилей, Нютон ва файласуфе ба монанди Сипиноза. Таърихи илму андеша дар қарни 17-уми мелодӣ ба таърихи инқилобе ва даврони созандагӣ табдил шуд.

**Рӯҳониёне, ки донишмандонро зинда сӯзониданд**

Дар тамоми давроне, ки рӯҳониёни масеҳӣ дар дастгоҳи ҳукумат нерӯманд буданд яке аз бузургтарин куфрҳое, ки сари ҳар ситорашиносеро, барбод медод ин буд, ки бигӯяд: Замин дар осмон ҳаракат мекунад, зеро бар асоси навиштаҳои китоби муқаддас Замин сокин буд, ҳаққи ҳаракат надошту аз он ҷо ки конуни таваҷҷӯҳ ва алоқаи офаридгор эълон шуда буд, кулли ҷаҳони ҳастӣ бояд бар гирди он бичархад. Агар касе бигӯяд Замин бар гирди чизи дигаре бигардад, сақфи осмони «дини муқаддас» шикоф бармедорад ва имкони он ҳаст, ки мардум дар дурустии ҳамаи назарияҳои динӣ шак кунанду руҳониён сарватҳои шоҳона ва қудратҳои фиръавнии худро аз даст бидиҳанд.

Дар қарни 16 мелодӣ яке аз саромадони давраи Эҳёи Аврупо **Николай Коперник** (1473-1543) - астроном, математик, механик, иқтисоддонии лаҳистонӣ (Полша) буд. Ӯ яке аз муаллифони системаи гелиомарказии олам, ки нахустин баёнгари инқилоби илмӣ шумурда мешавад. Коперник (дар зимн кашиши католик ва фарди мазҳабӣ буд), дар поёни баррасиҳо ва пажӯҳишҳояш ба ин натиҷа расид, ки Замин ва теъдоде аз сайёраҳо бар гирди хуршед мегарданд. Аз ин замон ва баъд робитаи илму дин вориди даврони тозае мешавад. Албатта пеш аз ин кашф беш аз 2500 сол қабл Пифагор (585-500 то милод) файласуфи юнонӣ гуфта буд: Замин ҳаракт мекунад ва дар қарни сеюми пеш аз мелод нахустин ситорашиносе, ки ба ҳаракати Замин пай бурда буд Аристокси юнонӣ буд, аммо бар ин изҳори назарҳо таваҷҷӯҳи лозима нашуда буд.

Коперник барои нашри китоби худ ва эълони кашфҳои тоза бо таваҷҷӯҳ ба подоши ҳаросноке, ки дар интизораш буд, на шитобе дошт, на ҷасорати онро. Ӯ шояд беҳтар аз ҳар каси дигар ба маъно ва мафҳуми тафсирҳои куфролуди назарияҳояш пай бурда буд. Коперник медонист, ки эъломи ҳаракати Замин дар осмон чун мухолифи назари «илҳоми осмонӣ» ҳаст, барои ҷорӣ шудани хунаш кофӣ хоҳад буд, аммо куфргӯии ӯ дар ин ҷо ба поён намерасид. Вай дар китобе, ки навишта ва ҳануз интишораш надода буд, Хуршедро бисёр бузургтар аз Замин эълон карда буд ва бархе аз сайёраҳо низ бузургтар аз Замин эълон шуда буданд. Ҳар яке аз ин назарияҳо барои чанд бор ба марг маҳкум шуданаш кофӣ буд. Нахустин тафсири ин назарияҳо ин нуктаи бузург ва хатарнок аст, ки «китоби муқаддас» иштибоҳ аст ва аз он хатарноктар ин ки парвардигори рӯҳониён иштибоҳ фармуда, бар хилофи пайёми эшон Замин конуни ҷаҳони ҳастӣ ва беҳаракат нест. Коперник китоби куфроварди худро аз тарс ба поп тақдим карда буд, назарияҳои худро на ҳақиқат балки фарзу тасаввур донистa буд ва бо таввачӯҳ бо аҳмияти доира дар дунёи рӯҳониён навишта буд, ки замин ва сайёраҳо дар мадори доирашакл (шакли ҳандасии маҳбуби Парвардигор) бар гирди Хуршед гардиш мекунад. Китоби Коперник дар соли марги ӯ интишор ёфт ва рӯҳониёни масеҳӣ аз муҷозоташ маҳрум монданд.

Пас аз чанде файласуф ва донишманди бебоки итолёвӣ бо номи Ҷордано Бруно ба пахши назарияҳои Коперник пардохт ва ба сарсахтии бисёр андешаҳояшро интишор дод. Рӯҳониёни зидди илм ӯро ба зиндон андохтанд, беш аз 7 сол шуҷоъона истодагӣ кард. Чун ҳаргиз ҳозир нашуд аз назарияҳои илмӣ даст бардорад, пас аз муҳокимаи тулонӣ ӯро дар нахустин соли қарни 17 – ум зинда дар оташ афканданд ва ҳамвора бо китобҳояш сӯзонданд. Дар тамоми лаҳазоте, ки Бруно дар оташи рӯҳониён месӯхт ва хокистараш бар осмон бармехост аз ин воқеият, ки сайёраи Замин ҳамчунон бар гирди Хуршед мегардад ва ба дурустии назари инсоне, ки дар оташ месӯхт, гувоҳӣ медод.

**Мушти маҳками рӯҳониён бар даҳони донишмандон**

Дар қарни 17-уми мелодӣ рӯҳониёни масеҳӣ дар Аврупо бисёр нерӯманд буданд. Табақаи рӯҳонӣ на танҳо яке аз сарватмандтарин табақоти ҷомеа шумурда мешуд, балки дастгоҳи ҳукумат ва сиёсатро низ идора мекард. Аз тамоми инҳо гузашта табақаи рӯҳонӣ «посдорони ҳақоиқи осмонӣ» ё «хостдорони ҳикмати илоҳӣ» лақаб дошт. Илм, дониш, ҳикмат, хирад ва доноӣ дар инҳисори онон буд ва ҳар он чӣ бо улуми илоҳӣ ҳамоҳанг набуд, ба унвони гуфтаи беарзиш ё аҳмақонаву куфролуд шумурда мешуд. Дар нахустин оғози ҳамин қарн рӯҳониёни масеҳӣ донишманди итолёвӣ Бруноро ба ҷурми ҳаводорӣ аз назарияи ҳаракати Замин дар осмон, ки мухолифи навиштаи китоби муқаддас буд, зинда дар оташ сӯзонида буданд.

Дар чунин авзоъву аҳволе буд, ки ситорашинос ва физикдони бузурги итолёвӣ Галилео Галилей муваффақ ба кашфҳои ҳаяҷонангезе шуд, ки тӯфон ва

инқилоби кубандае дар дунёи робитаи илму дин падид овард. **Галилео Галилей** (1564-1642) - механик, астроном ва риёзидони итолиёвӣ, ки дар замони худ барои пешрафти илм саҳми бузург гузошт. Ӯ аввалин нафарест, ки барои мушоҳидаҳои астрономӣ телескопро истифода намуда, дар ин самт бисёр кашфиётҳои бузургро ба даст овардааст. Аз ин рӯ, Галилей - асосгузори физикаи таҷрибавӣ мебошад. Таҷрибаҳои ӯ назарияи Арастуро оид ба мутлақияти метафизика рад карда, барои бунёди механикаи классикӣ заминаҳои мусоид фароҳам оварданд.

Аз ин даврон ва баъд аст, ки сипоҳи илму дин дар баробари якдигар сафороӣ мекунанд, донишмандон рӯҳониёнро ба ҷанги тан ба тан фаро мехонанд ва набарди поённопазири илмҳои табиӣ бо улуми илоҳӣ оғоз мешавад. Галилей бо баҳрабардорӣ аз равиши илмӣ ва корбурди давру байни осмонӣ мушоҳида, таҷриба ва муҳосибаҳои риёзӣ ба иштибоҳ будани бисёре аз навиштаҳои китоби осмонии масеҳиён ва назарияҳои Арасту, ки мавриди пазириши рӯҳониён буд, пай мебарад. Вай дурустии назарияҳои Коперник дар мавриди ҳаракати Замин ба даври Хуршедро эълон мекунад ва Заминро ҳамвору сокин намедонад. Моҳҳоеро, ки бар гирди сайёраи Муштарӣ мегарданд, кашф мекунанд ва ин сайёраро як дастгоҳи хуршедии кӯчак меноманд. Лаккаҳоеро бар рӯи Хуршед мебинад ва мегӯяд бар хилофи назари Арасту, Хуршед ситорае соф ва комил нест. Галилей пастӣ ва баландиҳои кураи Моҳро мебинад ва ин ҷирми осмониву сохтаи коргоҳи офариниши рӯҳониён низ «камоли ғайбии худро аз даст медиҳад». Бинои сохтмони маҳками андешаҳои Арасту-ин файласуфи муътабару муттаҳид ва маҳбуби масеҳиён низ шикоф бармедорад ва иштибоҳ будани қисме аз назарияҳои ӯ ошкор мешавад. Галилей аз роҳи таҷриба ва амал ё равише, ки рӯҳониён бениҳоят аз он танаффур доранд, собит мекунад, ҳамаи аҷсоме, ки дар ҳоли сукут (афтиш) ба тарафи замин ҳастанд, бар хилофи назари Арасту бо суръати баробар ҳаракат мекунанд ва бо ҳам ба замин мерасанд.

Замоне, ки натоиҷи кашфҳои Галилей интишор меёбанд, рӯҳониёни масеҳӣ пайём ё нуфӯзи ин кашфҳоро бо нобудии боварҳои динӣ ва беэътимод шудани китоби осмони худ баробар мебинанд ва дучори сарсом (девонагӣ) мешаванд. Зеро онҳо дарк намуда буданд, ки агар мардуми Аврупо назарияҳои илмии тозаро бипазиранд, бунёди имони динии онон суст хоҳад шуд, пояҳои тахти императории рӯҳониён - поп ба ларза хоҳад афтод ва роҳбарони рӯҳонӣ сарватҳои азим ва қудратҳои фаровони худро аз даст хоҳанд дод. Даъвои воқеӣ бар сари чархидан ё начархидани Замин нест, балки ҷанги воқеӣ дар мавзӯи дар хатар қарор гирифтани қудрату сарвати рӯҳоният хулоса мешавад.

Шонздаҳ сол пас аз маҳкумияти Ҷордано Бруно ва дар оташ андохтани ӯ раҳбарони дини масеҳӣ Галилейро ба додгоҳ мекашонанд. Назарияҳои ӯро чаранд музахраф, ёва, масхара ва куфр ба даргоҳи Офаридгор эълон мекунад. Бо хушунати бисёр Галилейро водор ба тавба ва пӯзишхоҳӣ мекунанд. Дар додгоҳи «тафтиши ақоид» (инквизиатсия), ки рӯҳониён ба роҳ андохтаанд, Галилей ба иштибоҳи худ ва ҳаққонияти китоби осмонӣ эътироф мекунаду мегӯяд замин

сокит аст ва хуршед ба дастури парвардигор гирди он мечархад. Бар асоси раъйи додгоҳ рӯҳониёни масеҳӣ – ин огоҳони улуми илоҳӣ бори дигар тамоми ситорагони осмон бар гирди замин ҳаракати худро оғоз мекунанд. Замин сокин ва ҳамвор мешавад. Хуршеду моҳ соф, ҳамвор ва комил мешаванд. Аҷсоми сангин тундтар аз аҷсоми сабук суқут мекунад ва китоби муқаддас ҳамчунон китоби осмониву фармоиши офаринандаи бузург шинохта мешавад.

Галилей сарсахтии Бруноро дар баробари рӯҳониён намеписандад ва бо баҳрабардорӣ аз тавба, аз сӯхтан дар оташи руҳоният, худро наҷот медиҳад. Аммо ба дурустии назарияҳои худ ва Коперник «имони илмӣ» дорад. Ин нобиғаи ҷаҳони озмоишу таҷриба, ба пажуҳишҳои худу интишороти назарияҳои илмро идома медиҳад, то ин ки бори дигар «нигаҳбонони ҳақоиқи осмонӣ» ӯро ба додгоҳ мекашонанд, ин бор маҷбураш мекунанд то зону бар замин бизанад. Матни комили тавбаро ба садои баланд бихонад. Дархости бахшоиш кунад ва тамоми назарияҳои худро чаранд, масхара ва куфролуд эълон кунад. Ӯ низ чунин мекунад ва муҷозот намешавад. Барои муддате беш аз ду қарн тадриси назарияҳои Коперник ва Галилей аз сӯи рӯҳониёни масеҳӣ мамнуъ эълон мешавад.

### Худои Нютон: соат ва соатсоз

**Исаак Нютон** (1642-1727) - физик, математик ва астрономи англис ва яке аз асосгузорони физикаи классикӣ аст. Нютон муаллифи китоби машҳури «Ибтидои математикии фалсафаи табиӣ» буда, кашшофи се қонуни асосии механика ва қонуни ҷозибаи умумиҷаҳонӣ мебошад. Ӯ асосгузори динамика аст ва ҳамзамон дар соҳаи ҳисоббарории дифференсиалӣ ва интегралӣ, назарияи рӯшноӣ ва қонунҳои асосии оптика саҳми арзишманд гузоштааст. Нютон яке аз бузургтарин нобиғаҳои ҷаҳони илм дар ҳамон соле ба дунё омад, ки Галилей аз дунё рафт. Бинобар гуфтаи Нютон, агар ӯ тавонист осмону ситорагонро беҳтар бубинад, ба ин далел буд, ки бар шонаҳои ғулҳое чун Галилей ва Коперниму Бруно савор шуда буд. Нютон яке аз бузургтарин риёзидонони даврони худ буда, ба овозаи донишу огоҳиҳояш монанде надошт. Ин донишманд боварҳои мазҳабӣ дошт ва бархе аз навиштаҳои китоби осмонии масеҳиёнро дуруст медонист. Вай бар ин бовар буд, ки ҷаҳони ҳастӣ ба шеваи ногаҳонӣ офарида шуда, хуршеду ситорагон ва сайёраҳо ба дасти Худо дар осмон партофт шудаанд. Ҳамин даст аз бархуди ситорагон ҷилавгирӣ мекунад ва бо дахолати гоҳ-гоҳе дар беназмии онон ситорагонро дубора ба рӯи мадорашон роҳбарӣ мекунад.  Аз дидгоҳи Нютон Худо меъмори ҷаҳони ҳастӣ ва ба монанди соатсозе ҳаст, ки «дастгоҳи соат»-и олами вуҷудро падид овардааст.  Кулли ҷаҳони ҳастӣ ҳамон соат ва худо соатсози бузурги ин ҷаҳон аст. Чунин боварҳое сабаб шуда буданд, то раҳбарони руҳонӣ назарияҳои Нютонро хатарнок надонанд ва барояш заҳматҳое падид наёваранд.

Нютон, ки натиҷаҳои пажӯҳишҳо ва назарияҳои бузургоне чун Коперник, Декарт, Кеплер, Галилейро дар ихтиёр дошт, ин назарияҳоро ҳамоҳанг сохт ва дастгоҳи навини илмӣ аз маҷмуаи онҳо фароҳам овард. Дурахшонтарин хидмати

Нютон ба дунёи илм кашфи қавонини нерӯи ҷозиба ва чигунагии қавонини ҳаракати сайёраҳо ва аҷсом буд. Ҳамчунин ҳаракатҳои замину моҳ ва чигунагии усули ҳаракати ҷирмҳои осмонӣ аз сӯи ӯ баён шудаанд. Бо интишори назарияҳои Нютон дар ҷаҳони ситорашиносӣ ва физика даврони наве оғоз шуд. Тафсири дақиқ ва шиносоии жарфи назарияҳо ва кашфиёти Нютон бархӯрди назарияҳои илмиро ба боварҳои динӣ ошкор сохт ва иштибоҳ будани бисёре аз навиштаҳои китоби осмонии масеҳиён бори дигар матраҳ шуд. Пеш аз Нютон ситорашиноси лаҳистонӣ Кеплер гуфта буд:
“Мадори гардиши сайёраҳо ба даври хуршед доиравӣ нест балки шакли байзоӣ дорад. Дар ҳоле, ки китоби муқаддас шакли ҳаракати ситорагон ва хуршедро доира ё шакли ҳандасии комил эълон карда буд”. Афзун бар ин ҳамон донишманд гуфта буд, ки сайёраҳо ба ҳангоми гардиш ба даври хуршед суръати ҳаракатшон тунд ва кунд мешавад. Ин низ ба навбати худ имкон дошт нуқсе дар кори Худо ва комил набудани офаридаҳои ӯ шумурда шаванд.

Пеш аз кашфи Нютон дастгоҳи масеҳият ба истиноди китоби муқаддас эълон карда буд, ки ситорагону хуршед ба фармони Худо ба гирди Замин мечарханд ва дасте аз хориҷ ё дасти Худо онҳоро идора ва муназзам мекунад, аммо қонунҳое, ки Нютон кашф карда буд, нерӯи хориҷ аз дастгоҳи хуршедиро барои ҳаракатҳои онҳо лозим намедонист ва вуҷуди дасте аз хориҷ омили изофӣ ва бемасраф шумурда шуда буд, зеро нерӯи ҷозиба дар даруни сайёраҳо ва байни онҳост ва нерӯи дигаре берун аз онҳо дар ҷараёни ҳаракати хуршед, гардиши сайёраҳо ба даври он ва чархидани моҳҳо ба давари сайёраҳо лозим нест. Ба ин тартиб, Галилей, Кеплер, Нютон ва донишмандони дигар пояҳои бузургтарин боварҳои масеҳиятро суст карданд.

**Худои файласуф: кулли ҷаҳони ҳастӣ**

Беш аз ду ҳазор сол аз марги Арасту гузашт то файласуфе дар ҷаҳон пайдо шавад ва даврони тозаеро дар фалсафа оғоз кунад. Спиноза андешаманди голландӣ буд, ки бо назарияҳо ва кашфҳои илмии қарни 17-ум ошноии комил дошт ва бо Нютон ҳамзамон буд. Ин мутафаккири мантиқгаро ба равиши илмӣ ба баррасиву пажуҳиш дар навиштаҳои китоби муқаддаси яҳудиён (Таврот) ва китоби осмонии масеҳиён (Инҷил) пардохт ва дар охир ба ин натиҷа расид, ки ин китобҳо, ки ба офаринандаи ҷаҳони ҳастӣ нисбат дода мешаванд, саршор аз иштибоҳу таноқузгӯӣ, достонҳои боварнакарданӣ ва руйдодҳои ғайриақливу хилофи мантиқ ҳастанд. Спиноза аз зинда дар оташ сӯзонидани Бруно, ду бор муҳокимаи Галилей, мизони қудрат ва шиддати хашми руҳониёни яҳудӣ ва масеҳӣ огоҳӣ дошт. Ба ҳамин далел, андешаҳои худро бо номи сохтагӣ интишор дод ва онҳоро барои бехабар мондани тудаҳои мардум ба забони лотинӣ навишт. Ин файласуфи яҳудитабор маънои суннатии мазҳабии худоро канор гузошт ва тамомияти табиат ё кулли ҷаҳони ҳастиро Худо номид. Дар он чи ин андешаманд Худо меномид ном ё нишоне аз сифоту тавоноиҳои худои яҳудият-масеҳият дида

намешуд. Спиноза ба бақои рӯҳ ё ҷовидонагии он дар маъное, ки мазҳабиён эътиқод доштанд бовар надошт, балки ба навъи ҷовидонагии инсонӣ аз назари тафаккуии инсон ба балндиҳои илму андеша ва такомули навъи инсон бовар дошт. Дар фалсафаи Спиноза дар кулли ҷаҳони ҳастӣ ҳадаф, нақша ё мавҷуде вуҷуд надорад. Иродаи худовандӣ ё қасду ҳадафи офаринандаи бузург аз офариниши ҷаҳони ҳастӣ ва навъи инсон дар фалсафаи ӯ ҷое надорад. Дар олами вуҷуд бояд ба робитаи сабабу натиҷаҳо пай бурд ва бар бунёди он ҷаҳоннигарии фалсафии илмиро падид овард. Дар ин фалсафа хубу бад, хайру шарр ва зебоию зиштӣ мафҳумҳо ва вожаҳои инсонӣ ҳастанд ва дар кулли олам ҳастӣ маънои худро аз даст медиҳанд, гарчӣ Спиноза ба навъи «Ваҳдати вуҷуд» (пантеизм) бовар дошт, аммо назари ӯ аз ранги мазҳабӣ ва вижагиҳои динӣ холӣ буд. Бо ин ки мутафаккири ҳоландӣ дар навиштани китобҳо ва мақолаҳояш вожаҳои динӣ ба кор мебурд, бо ин ки ба Худо ва ҷовидонагии инсон эътиқод дошт, ба ҳеҷ руй дар андешаи даргирӣ бо раҳбарони дин набуд. Аммо ҷомеаи яҳудиёни Ҳуланд ӯро кофир донистанд ва фарди тардшуда эълон намуанд. Масеҳиён низ ӯро ба худоношиносӣ муттаҳам карданд ва аз сӯи ҷомеаи масеҳият аз дин ихроҷ шуд ва дар саросари умр зери назар буд. Шоҳкории фалсафии Спиноза дар китобе ба номи «Ахлоқ» гирдоварӣ шуда буду нависанда ва мураттаб аз ваҳшати роҳбарони яҳудиву масеҳӣ интишори онро ба ақиб меандохт. Тарс аз муҷозот сабаб шуд, то файласуф ҳаргиз интишори китоби худро набинад. Ӯ низ ба монанди Коперник фақат пас аз маргаш китобаш чоп ва мунташир шуд. Спиноза яке аз нахустин файласуфи номдоре аст, ки назарияҳо ва кашфҳои илмиро пазируфт ва матолиби китобҳои дини яҳудӣ ва дини масеҳиро на осмонӣ медонист ва на муқаддас.

**Тобиши партавҳои илм аз паси абрҳои дин**

Динҳои яҳудияту масеҳият даҳҳо қарн осмони донишу маърифати инсониро дар Аврупо бо абри сиёҳе аз «улуми ғайбӣ» ва «маърифати осмонӣ» пӯшониданд. Аммо аз қарни 16-уми мелодӣ ба баъд, дар натиҷаи пайдоиши донишмандони бузург, дар риштаҳои риёзӣ, физика ва ба вижа дар илми ситорашиносӣ, хуршеди илм абри сиёҳи «илми илоҳӣ» - ро мешикофад ва партавҳои он ҷаҳони ҳақиқатро ошкор мекунад. Дар қарни 17-уми мелодӣ равиши илмӣ густариши хиракунанда меёбад ва бар пояҳои муҳосиботи риёзӣ, таҷриба, озмоиш, тафаккур, мантиқ, гирдоварии иттилоот, таҷзия ва таҳлили ба даст омада ва хулосаву натиҷагирӣ устувор мешаванд. Қарнҳои 17 ва 18-ум бо баҳрабардорӣ аз равиши илму таҷриба, озмоиш, мантиқу тафаккур ба «даврони бедорӣ» ё асри равшангарӣ табдил мешавад. Илму дониши таҷрибӣ бо гомҳои ғулосо киштии андешаи инсонро дар дарёи маърифату шинохти ҷаҳон ба пеш меронад. Андешаҳои тоза ва навовариҳои бузург дар дунёи илму фалсафа, фарҳанг ва санъат қораи Аврупоро ба инқилобитарин, пешрафтатарин ва огоҳтарин сарзамини ҷаҳон табдил мекунанд. Бо интишори назарияҳои нав дар улуми табии- моддӣ ва бо пайдоиши андешамандону файласуфони бузурге, ки пояи андеша ва фалсафаи

худро бар бунёди ҷаҳонбини илмӣ ба вижа, бар асолату нерӯмандии инсон устувор кардаанд, сақфи бинои азими динҳо ва мазҳабҳои ховари миёнагӣ шикофи жарфе бармедорад. Ғубори ғализе, ки даҳҳо қарн назарияҳо ва аҳкоми динӣ бар оинаи мағзу фикри башар падид оварда буданд, андак-андак ғуборзудуда мешаванд ва андешамандони аврупоӣ сабаб мегарданд, то таърихи сайри андешаи инсон то ба даврони тозае гом бигзорад.

Қарнҳои 17 ва 18-уми мелодӣ дар Аврупо даврони инқилоби фикрӣ, густариши илмҳои таҷрибӣ, ихтироъҳо ва кашфҳои санъатӣ ҳастанд. Дар ин даврон пояҳои фармонравоии «улуми илоҳӣ» ё «шаҳбонуи улум» сахт ба ларза меафтанд, китобҳои осмонӣ аз дидгоҳи мутафаккирон, андешамандону файласуфони илмгаро эътибори худро аз даст медиҳанд ва осмонӣ будани онҳо ба шиддат мавриди тардид воқеъ мешаванд. Дар ҷаҳон равшанфикриву равшангарӣ, ҷаҳонбинии илмию, таҷрибӣ бар тахт менишинад ва ҷаҳонбинии илоҳии динӣ аз ҷойгоҳи фармонравоӣ ба зер кашида мешавад. Биниши илмии таҷрибӣ ба унвони меъёри шиносоии ҷаҳони ҳастӣ, табиату инсон эътибори бузург меёбад. Бинишҳои илоҳӣ-динӣ ба мизони бисёр зиёд арзиш ва эътибори худро аз даст медиҳанд. Биниши илмӣ, ки бар бунёдҳои равиши илмӣ ва омехтани назар бо таҷриба ва озмудани назар дар ҳоли озмоиш ва амалу таҷриба устувор мегардад, хеҷ назария ё андешаеро, ки аз усули озмоиш сарбаланд берун наояд, ҳатто агар онро гуфтаи офаринандаи бузург бидонанд, намепазирад. Ҷаҳонбинии андешамандону файласуфони «даврони бедорӣ» ё асри хираду мантиқ, бо такя бар арғумонҳои улуми табиӣ бар хилофи ҷаҳоннигарии рӯҳониёни динҳои сомӣ, инсонро ҷондоре бо ҳушу шоистаи кашфу дарки ҷаҳони ҳастӣ медонанд ва назарияҳои диниро, ки дар онҳо инсон ҷондори соҳибзабон, нотавон ва гунаҳкор дониста шуда буд, беасос эълон мекунанд.

### Андешаманде, ки назарҳои рӯҳониёнро ба нақд кашид

Қарни 18 мелодӣ дар Аврупо инқилоби бузурги Фаронса ва асри равшангарӣ, бедорӣ ва оғози фуру рехтани андешаҳову дастгоҳҳои кӯҳан аст. Дар тули муддати ин қарн даргириҳо ва бархӯрдҳои сахте байни донишмандону файласуфон аз як сӯ ва аз сӯи дигар рӯҳониёни яҳудиёну масеҳӣ пеш меоянд. Зарбаҳои кӯбандае бар пайкари андешаҳо ва назарияҳои онҷаҳонӣ фуру меоянд. Роҳбарони рӯҳонӣ қудрати бечунучаро ва эътибори азими пешини худро ба мизони зиёд аз даст медиҳанд. Номдортарин ва оташитарин мухолифи сарсахти дастгоҳи рӯҳониён, файласуф ва андешаманди фаронсавӣ аст, ки бо номи Волтер шуҳрат пайдо намудааст. Аз ин мутафаккиру мубориз ба унвони яке аз пурнавистарин ва хастагинопазиртарин нависандагони ҷаҳон ёд мешавад. Ба Волтер лақабҳои чун «Гавҳари дурахшони Фаронса», «сухангӯи қарни 18 ва императори адабиёт» дода шуда буд. Ҳамин аст, ки бархе мутафаккирон қарни 18 –умро қарни Волтер меноманд. Гарчи Волтер ба Худо эътиқод дошт ва мегуфт, агар Худо вуҷуд надошта бошад, бояд ӯро ихтироъ кард. Аммо Волтерро сарсахттарин, бебоктарин ва оташихӯтарин душмани рӯҳониён

номидаанд. Волтер бо хашми поённопазир назарияҳои марбут ба осмонӣ будани китобҳои муқаддас, рисолати иддаои пайёмварони динҳои якхудоӣ, эътиқод ба вуҷуди ҷаҳони дигар, бозгашти рӯҳи мурдагонро ба бадан мекӯбад ва бо фарёдҳои гӯшхарош ба чунин боварҳо механдад. Вай навиштаҳои китоби муқаддасро кӯҳе аз хурофот меномад ва бисёре аз достонҳоеро, ки дар он баён шуданд, хилофи ақлу мантиқ ва зидди ахлоқу инсон мешиносанд. Саросари дину мазҳабро ҳазаён, пиндор, сохтакорӣ ва нодуруст эълон мекунад. Бузургтарин рисолати худро нобудӣ ё решакании масеҳият медонад. Рӯҳониёнро динфуруш, ангали (паразит)-и ҷомеа ва бузургтарин дуруғгӯёни таърих мешиносад. Волтер мегӯяд: он чӣ рӯҳониёни шарлатан ба Худои бузург нисбат медиҳанд, сохтагӣ, ҷаъалӣ ва дурӯғи маҳз аст. Онҳо Худоро алоқаманд ба руйдодҳои ҷаҳон, ба вижа ба зиндагиву сарнавишти инсон намедонанд. Он чиро ки илҳоми осмонӣ ё ваҳӣ шинохта шуда буд, мункир мешаванд. Ба боварҳое чун «муъҷизаи динӣ» ва «лутфи осмонӣ» писханд мезад. Вай рӯҳониёнро ҷӯяндагони қудрату сарват муаррифӣ мекунад ва илму дониши ононро муште хурофот, ҳазаён, пиндор, беасос ва дар охир беарзиш месозад. Вай борҳову борҳо ин нуктаро такрор мекунад, ки «то замоне ки шайёдон (мардумфиребон) ва аблаҳон ҳастанд динҳо ҳам хоҳанд буд». Ба ин нуқтаи илмӣ по мефишорад ки: «дербоварӣ асоси хирадмандӣ аст». Дар номае ба Фридрихи Кабир императори Пруссия менависад: «…дини мо бечуночаро чарандтарин, масхаратарин ва хунинтарини ҳамаи динҳое аст, ки сабаби олудагии дунё шудааст».

Гарчи Волтер худро худошинос меҳисобад, аммо ҳеҷ дин ё мазҳаберо худоӣ намедонист ва осор ё навиштаҳое аз номи Худоро андешаи рӯҳониёни судпараст, девонаи қудрату муттаҳидони шоҳони ситамкор ва душмани мардум медонист. Интишори андешаҳои Волтер ва файласуфону андешамандони ҳамдаврони ӯ пешрафти илмиву кафшҳои тозае дар улуми табиӣ, зарбаҳои кушандае бар пайкари рӯҳониён дар Аврупо ворид овард. Дар натиҷа, камари рӯҳониён дар Аврупо шикаст ва дунёи дину мазҳаб дар ин қораи бедоршуда, дигар ҳаргиз натавонист камар рост кунад. Аз ин даврон ба баъд аст, ки дигар ҳаргиз нигоҳбонони улуми илоҳӣ наметавонанд донишмандонро зинда бисӯзонанд ё маҷбур ба тавбаи хиффатовар кунанд.

**Ҳақ бо кист? Поп ё Дарвин**

Бархе аз нависандагони таърихи тамаддун мегӯянд, пас аз интишори китоби «Усули анвоъ» ба қалами Дарвин табиатшиноси англис дар нимаи дувуми қарни 19 сайри андешаи инсон ба даврони тозае гом ниҳод. Навиштаҳои ин китоб сабаб шудаанд, то ҷаҳонбинии илмӣ- фалсафии тозае падид ояд ва ҷаҳонбинии динӣ бо бузургтарин буҳрону ошуфтагии таърихии худ рӯ ба рӯ шавад. Назарияҳои илмӣ, ки дар бораи чигунагии пайдоиши инсон ва достони тағйирпазирӣ ё такомули ӯ аз соири ҷонварон ба миён омада буданд, заминларзаи бузурге дар дастгоҳи дини масеҳият падид оварданд. Бахши бузурге аз эътиқодҳои маҳками масеҳиёнро беэътибор эълон карданд.

Дарвин табиидоне буд, ки пас аз солиёни дарози пажӯҳиш ба рӯи гиёҳону ҷонварони гуногун ва баррасии муҳити зиндагии онҳо дар сарзаминҳои гуногуни ҷаҳон муваффақ ба кашфи яке аз бузургтарин қонун ё усули табиат шуд ва ба падидаи тағйири шакл ё дигаргунии ҷондорони кураи Замин дар муддати садҳо миллион соле, ки бар рӯи ин сайёра зистаанд, пай бурд. Аз Дарвин ба унвони бунёдгузори назарияи такомул ёд мешавад. Ба асоси ин назария, ҷондорони зиндаи кунунӣ ба шакли имрӯзаи худ падид наомадаанд. Пайдоиши тамоми гиёҳону ҷонварон, аз ҷумла инсон, ҳамзамон ва бо ҳам набудааст. Дар садҳо миллион соли гузашта дар дарёҳо, уқёнусҳо ва хушкиҳои кураи Замин ҷондорони соддатаре мезистанд ва гиёҳону ҷондорони печидатару пешрафтатаре, ки акнун вуҷуд доранд аз такомули он ҷондорон падид омадаанд. Бинобар фарзияҳои Дарвин ҷонварон барои идомаи зиндагӣ ва бақои насли худ ночоранд, бо шароиту муҳити худ созиш кунанд. Ин созишпазирӣ бо тағйирҳову дигаргуниҳое дар андомҳои бадани онон ҳамроҳ аст, ки дар охир сабаби тағйири шакл ё такомули насли онҳо мешаванд. Инсон ба соири ҷонварон ҳамрешаву ҳамасл аст ва ҷуз такомули бадан ба вижа печидатар шудану такомули бештари мағз, тафовути дигари ба соири ҷонварон – ба хусус имтиёзи намоёне бар маймунҳои такомулёфта надорад.

Аз дидгоҳи рӯҳониёни масеҳӣ назарияҳои Дарвин дар бораи инсон ба он чӣ дар китоби осмонию онон навишта шуда буданд, на танҳо бархӯрди шадид доранд, балки сабаб мешуданд, ки навиштаҳои китоби муқаддас дар бори офариниши ҷондорон ва хилқати инсон ба таври комил беътибор ва беарзиш шинохта шавад.

Пайкари масеҳият, ки аз назарияҳои ситорашиносон дар бораи кураи Замин, гардиши он ба даври Хуршед ва кучакии он дар ҷаҳони ҳастӣ – ки ҳама бар хилофи навиштаҳои Инҷил буданд – хунин буд, бори дигар дар зери зарбаҳои тозиёнаи илм қарор гирифта буд ва бори дигар бинои дастгоҳи дин рӯ ба вайронӣ гузошт. Ба асоси омӯзишҳои китоби осмонӣ инсон «офариниши вижа» дорад ва дар ӯ рӯҳи илоҳӣ дамида шудааст. Инсон ба соири ҷонварон санҷишнопазир аст, зеро соири ҷонварон на рӯҳ доранд ва на ҷовидонӣ ҳастанд. Бар асоси омӯзишҳои китоби муқаддас, Одаму Ҳавво аз сӯи Парвардигор халқ шудаанд ва инсон аз оғози офариниш то кунун, ба шакли имрӯзаи худ падид омадааст. Тамои ҷондорони замин ҳама боҳам ва ба шакли кунунии худ ба дунё омадаанд.

Назарияҳои Дарвин сабаб шудаанд, то хашму ғазаби девонавори роҳбарону бузургони масеҳият падид ояд ва бо хушунату бепарвоии бемонанде, ки нишоне аз рӯҳоният дар он набуд, ба шахсияти Дарвин ва ба назарияҳояш ҳамла кунанд ва ношоистатарин норавоҳоро дар бораи ӯ раво бидонанд. Бо ин ки Дарвин ҳаргиз нагуфта буд, ки инсон аз навъи маймун падид омадааст, шахсияти Дарвинро маймун номиданд. Рӯҳониён аз ин ки ситорашиносон дар ду қарни пеш заминро аз марказияти ҷаҳони ҳастӣ халъ (ҷудо) карда буданд ва то ҳадди зарраи ночиз дар олами вуҷуд поин оварда буданд, ҳанӯз ба шиддат хашмгин буданд ва акнун навбат ба як табиатдон расида буд, то навъи инсонро аз мақоми «офаридаи

вижаи парвардигор» ба зер бикашад ва ӯро чун соири ҷонварон яке аз ҳайвоноти табиат бишносад. Инсони «фариштатабори рӯҳониён ба инсони ҳайвонтабори илм» табдил шуда буд ва чунин кобусе (даҳшате) таҳаммулнопазир менамуд. Хушбахтии Дарвин дар ин буд, ки дар натиҷаи нерӯманд шудани донишмандону андешамандон дар Аврупо, рӯҳониёни масеҳӣ дигар на қудрати онро доштанд, ки уро чун Бруно зинда бисӯзонанд ва наметавонистанд ӯро ба монанди Галилей дубора ба додгоҳи дин бикашонанд, то пас аз тавҳини бисёр назарияҳои худро куфролуд бидонанд ва дар пешгоҳи рӯҳониён тавба кунанд. Бунёдгузории назарияи такомули ҷондорон ба вижа асли такомули тадриҷии инсон сабаб шуд, то он чӣ дар китоби осмонии динҳои сомӣ дар мавриди хилқати ҷондорон ва бахусус офариниши инсон ба офаринандаи ҷаҳон нисбат дода шуда буд, дар дунёи илм ғайриосмонӣ эълон шуд ва достони офариниши Одаму Ҳавво ба монанди қиссаи мазҳабӣ ҷилва кард.

### Рӯҳониён мухолифони пешрафти илм

Баррасӣ дар таърихи тамаддун ва пажӯҳиш дар бораи таърихи илм нишон медиҳад, дар тамоми давронҳо бузургону коргардонони динҳои яккахудоӣ сади роҳи пешрафти илм дар ҷомеаи худ будаанд. Барои намуна метавон аз мухолифати шадиди рӯҳониён бо колбадшикофӣ ё ташреҳи бадани мурдагон ёд кард. Донишманди колбадшиносе чун Басолиус ва Ҳорви кошифи гардиши хун дар инсон мавриди қаҳру ғазаби шадиди мақомҳои динӣ буданд ва наметавонистанд ба кори худ идома бидиҳанд. Рӯҳониён бунёди мухолифати худро бар ин истинод гузошта буданд, ки пай бурдан ба сохтмони бадани инсон фузулӣ дар кори Худо аст. Инсон ҳақ надорад парда аз асрори илоҳӣ ва румузи хилқат бардорад ва бо шикофтану қитъа кардани ҷасади мурда, набояд дар роҳи хилқати дубораи ӯ камтарин ихтилолеро эҷод кард. Бар пояи ҳамин истидлол бо сӯзонидани ҷасад низ мухолиф буданд. Рӯҳониён дар давронҳои гузашта ва қарнҳое, ки бузургтарин қудрати ҷомеаи худ буданд, бисёре аз бемориҳои вогир ва кушандаро хашми худовандӣ эълон мекарданд. Барои дармони онҳо рӯй овардан ба мақомҳои мазҳабӣ, дуо, зиёрату тилисмбандиро супориш мекарданд. Беморони равонӣ ё девонагонро ба шиддат тозиёна мезаданд, то ҷинҳо аз бадани онҳо хориҷ шаванд. Бадани бемори равониро ба чизҳои бадбӯ меолуданд ва мегуфтанд чун шайтон мавҷуди мағрур аст, тобу таҳаммули бӯи бадро надорад. Ва бо фирори ӯ бемор дармон мешавад. Ба манзури шифои бархе аз беморони равонӣ ё касоне, ки бемории ғаш доштанд, ононро ахта мекарданд ё ҳаргиз намегузоштанд бихобанд. Замоне, ки барои пешгирии бархе бемориҳои хатарнок чун вабо, ҳасаба равиши моякубӣ кашф шуд, сарсахттарин мухолифони ин равиш рӯҳониён буданд ва сабаб шуданд, то садҳо ҳазор тан ба далели мухолифати онҳо бо ин пешрафти пизишкӣ ҷонашонро аз даст бидиҳанд.

Намунаи дигар аз мухолифати поённопазири рӯҳониён бо донишмандон ва ҷилавгирӣ аз пешрафти илм шеваи бархӯрди онон бо илми ситорашиносӣ аст. Аз

он ҷо ки изҳори назарҳои рӯҳониён дар бораи Хуршед, ситорагон ва Замин фақат бар гумону тасвиру пиндор устувор буданд, аз пажӯҳиш дар ин замина ба шиддат ҳароснок буданд. Ин биму ҳарос бепоя набуд, зеро кашфҳои ситорашиносон яке пас аз дигаре иштибоҳ будани назарияҳои рӯҳониёнро фош месохтанд. Пас аз он, ки донишмандоне чун Коперник, Кеплер, Галилей, Нютон ва Лаплас назарияҳои худро дар бораи ситорагон, хуршед, сайёраҳо ва ҳаракати замин дар осмон эълон дорштанд, рӯҳониён кашфҳои онҳоро шайтонӣ ва донишмандонро кофару мункири вуҷуди Худо эълон карданд. Мақомҳои мазҳабӣ гуфтанд, шайтон дар корҳои ин донишмандон дахолат карда ва давру байни нуҷумии ононро дасткорӣ кардааст. Аз интишори китобдории онон ҷилавгирӣ кардаанд (Коперник ва Спиноза ҳаргиз китоби худро надидаанд). Донишмандоне чун Галилей ва Буруноро ба додгоҳ кашониданд ва бо тарси бисёр маҷбур ба тавбаву пузишхоҳӣ намуданд. Волтери бебоку оташинхӯрро то охирин солҳои зиндагӣ ба меҳанаш роҳ надоданд. Барои Дарвин дардисарҳои бузурге падид оварданд. Ба бадтарин шеваҳое дасташ андохтаанд (таҳқираш карданд) ва ӯро маймун номиданд. Қарнҳо аз тадриси назарияҳои тоза дар улум, ки бо назарияҳои китобҳои муқаддас ҳамоҳанг набуданд, ҷилавгирӣ карданд ва то он ҷо ки дар тавон доштанд ва шароити замонию маконӣ иҷоза медод, сади роҳи густариши илму дониш шудаанд. Ҳатто дар охирин даҳҳаи қарни 20 дар пешрафтатарин кишвари санъатии ҷаҳон, Амрико дар иёлатҳое, ки рӯҳониён нерӯманданд дар тадриси кашфҳои илмии Дарвин ё назарияи такомул, ки дар ҷаҳони илм пазируфта шудаанд, душвориҳое падид меоваранд. Бисёре аз рӯҳониёни Амрико аз давлат дархост мекунанд, то қиссаи Одаму Ҳаво ба унвони назарияи илмӣ дар дабистонҳо ва дабиристонҳо тадрис шавад. Аммо ҷомеаи илмии Амрико нерӯмандтар аз он аст, ки афсонаи чандҳазорсола ва беасосоро ба унвони илму дониш бипазирад. Афзун бар ин, асли ҷудоии ҳукумат аз дин(дунявият), ки дар қонуни аслии Амрико гунҷонида шуда, иҷоза намедиҳад назарияҳо ва афсонаҳои диниву мазҳабӣ сабаби олудагии илму дониш шаванд. Бо тамоми инҳо ҳудуди 45 сол пеш яке аз дабирони иёлати Техас ба ҷурми тадриси назарияҳои Дарвин ба додгоҳ кашонида ва маҳкум шуд. Ин ҷараён ба «маҳкамаи маймунӣ» шуҳрат ёфт ва асбоби хандаи мардумӣ огоҳ шуд.

**Рӯҳ дар дин ва равон дар илм**

Яке аз бузургтарин вижагиҳои тамоми динҳои гуногунэътиқод ба «нерӯи釆 мармуз» ва «омили асроромез» дар табиату инсон аст, ки дар вожаи рӯҳ хулоса мешавад. Динҳои чандхудоӣ, якхудоӣ ва бехудоӣ ҳамагӣ ба вуҷуди рӯҳ дар инсон бовар доранд. Дар динҳову мазҳабҳое, ки ҷаҳонбинии онон ба вуҷуди рӯҳ устувор аст, эътиқод ба ҷовидонагии рӯҳ, бозгашти рӯҳ ба бадани мурдагон дар рӯзи растохез ва дар охир зиндагии дубораи онҷаҳонӣ низ бисёр нерӯманд аст. Бар асоси навиштаҳои китоби муқаддаси ҳар яке аз динҳои ховари миёнаӣ ё сомӣ рӯҳ аз олами ғайб аз сӯи офаринандаи бузург дар нутфаи ҳар навзоди инсонӣ дамида мешавад. Рӯҳ сарчашмаи осмонӣ ё илоҳӣ дорад ва мустақил аз бадан аст. Дар

замони марг аз қафаси тан парвоз мекунад ва ба осмон бармегардад ва дар рӯзи растахез рӯҳи ҳар як аз мурдагон ба бадни онон бозмегардад ва ин тартиб дар ҷаҳоннигарии илмҳое, ки худро «аҳли китоб» ё дорандаи «китоби осмонӣ» медонанд, инсон зиндагонии ҷовидона дорад ва бо марги инсон даврони зиндагии вай ба поён намерасад. Ҷонварон чун рӯҳ надоранд аз ҷовидонагӣ бебаҳраанд.

Дар забону фарҳанги илм ҳаргиз вожаи рӯҳ ба кор намеравад, зеро зистшиносону равоншиносон рӯҳро вожаи хурофӣ, ғайриилмӣ, омиёна ва ба шиддат олуда ба рамзу роз медонанд. Донишмандон дар мавриди ҷонварон ва бавижа навъи инсон вожаи илмии равонро ба кор мебаранд. Дар илму дониши имрӯз низ решаҳои бузурги илмӣ чун равоншиносиву равонпизишкӣ падид омадаанд. Равоншиносон, зистшиносон ва равонпизишкон бар хилофи рӯҳониёни динҳои гуногун ҳаргиз равонро ба рамзу розу «асрори онҷаҳонӣ» олуда намекунанд. Дар ҷаҳонбинии илмӣ равон нерӯ ё омили ҷудо ва мустақил аз бадани инсон нест. Равон аз олами ғайб вориди нутфаи инсон намешавад, балки дарёфтаҳое, ки нутфаро падид меоваранд, вуҷуд доранд. Дар замони марг равон аз бадан парвоз намекунад ва аз он хориҷ намешавад, зеро бо марги тан дигар равон тавлид намешавад. Равон ҷовидона нест ва пас аз марги бадани инсон дигар вуҷуд нахоҳад дошт. Он чӣ динҳои гуногун дар бораи бозгашти рӯҳ дар рӯзи растохез ва оғози зиндагӣ дар ҷаҳони дигар гуфтанд, ба ҳеҷ руй мавриди пазириши илм нест.

Бар асоси баррасиҳои илмӣ ва пажӯҳишҳое, ки дар мавриди равони инсон ба анҷом расидаанд, ҷисми инсон ва он чӣ равони инсон меномем ду омили ҷудо аз якдигар ва ду ҳастии мустақил нестанд. Инсон аз таркиби тану равон падид омада, барои ягонагии онҳо бояд ба мафҳуми танравон пай барад. Ҳамчунон, ки об аз таркиби оксигену гидроген таркиб омада- «об на оксиген аст ва на гидроген», инсон низ аз таркиби тану равон дуруст шудааст (инсон на тан аст ва на равон). Аммо аз мисоли санҷиши обу инсон дар мавриди аҷзои ташкилдиҳандаи онҳо бояд ба ин нукта таваҷҷӯҳ дошт, ки равонро тан падид меоварад ва он чӣ дар тани инсон равон номида мешавад, дар ҳақиқат чизе ҷуз маҳсули мағз нест. Ҳамчунон, ки ғадудҳои даҳонӣ оби даҳонро ташреҳ мекунанд, мағзи инсон низ равонро тавлид мекунад. То замоне, ки мағз ҳолати табиӣ дорад, равони табиӣ тавлид мекунад ва инсон низ рафтори табиӣ дорад. Дар замони марг мағз аз кор меафтад ва дар натиҷа дигар равон тавлид намешавад. Замоне, ки чароғеро хомӯш мекунем, дигар нур тавлид намекунад. Мағзи мурда ё аз кор афтода тавони тавлиди равонро надорад ва ин ба маъное нест, ки «рӯҳи чунин мағзе» аз баданаш ба осмон парвоз карда ё мустақилу ҷудо аз мағз аст, ҳатто дар инсоне, ки зинда аст, аммо ба далеле мағзаш аз кор афтода дигар равон тавлид намешавад. Аммо агар мағз дубора ба кор биафтад, бори дигар ба тавлиди равон мепардозанд ва вижагиҳои равонӣ ё рафтории шахс бори дигар намоён мешавад. Барои намуна инсоне, ки ба далели анҷомшудани ҷарроҳӣ дар ҳоли беҳисии умумӣ аст, гарчӣ мағзаш зинда аст ва ҷон дорад, аммо тавоноии тавлиди равон (фикр, зеҳн)-ро аз даст додааст. Афроде ки дар натиҷаи сактаи мағзӣ, барқзадагӣ ва рӯйдодҳои монанди онҳо чандин соат ё чандин рӯз дучори беҳушӣ ё беҳиссӣ

мешаванд ва сипас дубора ба ҳуш меоянд, дар тамоми давроне, ки ба хоби сангин фуру рафта буданд, ҷон доштаанд, аммо равон надоштаанд. Мағз ё корхонаи тавлиди равон (фикр, зеҳн, шахсият ва рафторҳо) тавоноии анҷом додани кори табиии худро надошт ва дар натиҷа равон тавлид намешудааст. Дар ҳамон замон, ки чунин инсоне ба ҳуш меояд, мағзи ӯ тавоноии кори табиии худро бозмеёбад, бори дигар ба тавлиди равон мепардозад ва инсоне, ки чун мурдагон ҷилва мекард аз нав зинда мешавад.

Садҳо озмоишу таҷриба дар зистшиносӣ, равоншиносӣ ва равонпизишкӣ бо равшании бисёр собит карданд, ки тану равон дар инсон аз якдигар ҷудо ва мустақил аз дигаре нестанд. Инсон аз ду бахши ҷудогона, яке ба номи тан ва дигаре ба номи равон падид наёмада, балки тан падидоварандаи равон ё маҳз зояндаи равон аст. Коршиносони илми танравоншиносӣ(психофизиология), ки мавзӯи он робитаи тан бо равон аст, собит кардаанд, ки тану равон бар рӯи якдигар асар мегузоранд ва бо ҳам пайванди ногусастанӣ доранд. Тан аз равон мутаассир мешавад ва равон бар тан асар мегузорад. Барои намуна замоне, ки дар асари масрафи нушобаҳои алкулӣ ё маводи мухаддир, ин мавод аз роҳи гардиши хун ба мағзи инсон мерасанд ва ҷазби он мешаванд бедиранг равони инсон (чигунагии фикру зеҳн, рафтору шахсият) дигаргун мешавад ва «инсони дигаргуна» падид меояд. Далели он ошкор аст, бархе аз маводи ғизоӣ ё доруӣ бар мағз асар мегузоранд ва ин асаргузорӣ сабаб мешавад то маҳсули мағз ё фикру зеҳн тарғир кунад. Зеро равони инсон чизе ҷуз фикру зеҳн ба омилҳое, ки тавлидкунандаи рафтори инсон ҳастанд, чизи дигаре нест. Мағзи инсоне, ки дар натиҷаи гуруснагии шадид, ташнагии сахт, хастагии кубанда ва монанди онҳо ҳолати табиии худро аз даст дода, равони ғайритабиӣ тавлид мекунанд, агар ихтилоле дар кори табиии мағз пайдо шавад, равони ғайритабиӣ тавлид мекунад. Агар дар бадани инсони табиӣ миқдори унсури йод поин биёяд, ҳамон инсон ба фарде кавдан табдил хоҳад шуд. Беморони равонӣ ва девонагону рафтори онон бозтобу вокуниши мағзи ғайритабиии осебдида ва бемор аст. Бинобар ин, равон омили ҷудо ё мустақил аз бадан, осмонӣ, илоҳӣ, пуррамзуроз ва асроромез нест.

Ҳамчунон, ки ҷисми инсон бар равони ӯ асар мегузорад, равони инсон низ бар тани ӯ осори бузурге падид меоварад. Замоне, ки ба шиддат метарсем ранг аз рӯхсораамон мепарад ва замоне, ки дучори шармсории жарфе мешавем, суратамон сурх мешавад. Ва ба ҳангоме, ки ба шиддат хашмгин ҳастем, баданамон ба ларза меафтад. Тамоми ҳолатҳое инчунин сарчашмаи мағзӣ – равонӣ доранд ва нишон медиҳанд, тамомияти вуҷуд ва шахсияти инсон аз омезиши тану равон падид омада, инсон дар куллияти фардии худ ҳамон тану равони ҷудоинопазир ва таҷзиянопазир аст.

Бар асоси назарияҳои динӣ, рӯҳ сарчашмаи онҷаҳонӣ дорад ва аз сӯи Парвардигори тавоно дар нутфаи инсон дамида мешавад. Назарияҳои илмӣ мегӯянд равон решаи ғайбӣ ё илоҳӣ надорад. Балки дар бофтаҳои ҷинсии марду зан, ки аз омезиши онҳо бо якдигар нутфа падид меояд, унсурҳо ё омилҳои ташкилдиҳандаи мағзи навзод вуҷуд доштаанд ва мағзи навзод дорои нерӯҳои

нуҳуфтаи тавлиди фикру зеҳн аст. Донишмандон мегӯянд бар хилофи гумон ё пиндори рӯҳониён, рӯҳ тағйирнопазири азалӣ ва абадӣ ё нерӯи фароҷаҳонӣ нест, балки равони навзод дар даврони кӯдакӣ, навҷавонӣ, ҷавонӣ, миёнсолӣ ва солхӯрдагии зиндагонии ӯ ҳамвора бо рушди бадан ва дигаргуниҳои ҷисмии ӯ тағйир мекунад ва дигаргун мешавад. Аз он ҷо ки инсон на махлуқе аст азалӣ ва на мавҷуде аст, ки абадӣ будани ӯ қатъӣ бошад, равон низ падидаи азалӣ ва абадӣ нест. Ба баёни дигар аз заамоне, ки навъи инсон бар рӯи кураи Замин падид омада, равони инсонӣ низ падид омад ва агар навъи инсон дар табиат нобуд шавад, равони ӯ низ нобуд хоҳад шуд.

**Падидаи марг дар дин ва илм**

Дар динҳои якхудоӣ, чандхудоӣ ва бехудоӣ, махсусан дар динҳои ҷаҳонгири сомӣ (яҳудият, масеҳият ва ислом) падидаи марги инсон ба аҷибтарин, ҳаросангезтарин ва пуррамзурозтарин падидаи инсонӣ табдил шудааст. Тарси бепоён аз маргу «ҷаҳони дигар», ки пас аз поёни зиндагии заминӣ дар интизори инсоне, ки боварҳои нерӯманду мазҳабӣ дорад аз ҷумла ба вижагиҳои муъминон ба ин ақида аст. Падидаи марг ба эътиқоди пайравони динҳои гуногун ва ба хусус динҳои ховари миёнаӣ ва шиддат ба дилҳара, ҳаросу бим ва умед оғушта аст ва абри сиёҳе аз андешаҳои фавқуттабиӣ ё онҷаҳонӣ ӯро дар худ пӯшонидааст. «Решаи мурдаҳарросӣ» ё тарси шадид аз мурдаро бояд дар ҳамин бовар ҷустуҷӯ кард. Бар асоси боварҳои бисёре аз динҳои бузурги ҷаҳонӣ пас аз марг рӯҳи инсонӣ аз бадан хориҷ мешавад. Ба зиндагӣ идома медиҳад ва бори дигар ба бадани инсони мурда боз мегардад. Ба ин тартиб, марги ҷисми инсон поёни зиндагии ӯ нест. Дунёи «ҷаҳони дигар» саршор аз «арвоҳ» ва ашбоҳ аст. Ва замоне, ки пас аз марг рӯҳи инсон аз зиндони тан берун меравад, ба ҷаҳони фариштагон, ҷинҳо ва соири мавҷудоти ғайбӣ мепайвандад. Аз назари муъминон динҳое, ки ба зиндагии рӯҳ пас аз марги инсон бовар доранд, падидаи марг асроромезтарин, ваҳшатноктарин ва ношинохтатарин рӯйдоде аст, ки дар поёни зиндагонии инсон рӯй медиҳад.

Рӯҳониёни динҳои гуногун бо баҳрабардорӣ аз эътиқоди муъминон ба ҷовидонагии рӯҳ ва бовари онон ба ин ки марг на танҳо поёни зиндагии навъи инсон нест, балки оғози шигифтангез, ношинохтаву асоролуд аст, биму умеди бисёр нерӯманд дар бораи чигунагии он ҷаҳон падид меоваранд ва бунёди бисёре аз манофеи худро бар асоси ин биму умеди бисёр нерӯманд бино мекунанд.

Дар ҷаҳони илм бар хилофи дунёи дин падидаи марг руйдоди табиӣ ва қобили пешбинӣ дар назар гирифта мешавад. Аз дидгоҳи донишмандони улуми табиӣ дар падидаи марг, ба хусус марги табиӣ дар даврони солхурдагӣ, ҳеҷ гуна рамзу роз вуҷуд надорад ва ҳеҷ нишоне аз андешаҳои фавқутабиӣ ё онҷаҳонӣ дар марги инсон дида намешавад. Аз назари донишманд падидаи марг ба ҳамон андоза табиӣ аст, ки падидаи тавлид. Тамоми ҷондорон аз оғози пайдоиши падидаи зиндагӣ бар рӯи замин дар поёни зиндагии худ бо марг рӯ ба рӯ шудаанд. Марги инсон дар воқеъ марги мағзи ӯст. Замоне, ки мағзи инсон ба ҳар

далеле аз кор меафтад ё мемирад, инсон ба марг дучор мешавад ва аз он ҷо ки равони инсон ё он чӣ дар динҳо рӯҳ номидаанд, дигар ба василаи мағз тавлид намешавад. Марги инсон поёни зиндагонии ӯ ба сурати навъи инсон хоҳад буд.

Донишмандони улуми табиӣ низ ба монанди рӯҳониёни динҳои бузург инсонро ҷовидонӣ ё абадӣ медонанд. Аммо тафовути бузурги ҷовидонӣ будани инсон аз дидгоҳи донишмандон ё абадӣ будани ӯ аз назари рӯхониён дар ин аст, ки донишмандон инсонро «ҷовидони инҷаҳонӣ» ва рӯҳониён ӯро «ҷовидони онҷаҳонӣ» медонанд. Бар асоси назарияи «ҷовидонагии инҷаҳонӣ» инсон пас аз рӯ ба рӯ шудан бо марг нобуд намешавад ва ба фано ё адам намепайвандад, зеро мафҳумҳое чун фано ё адам (нестӣ) дар ҷаҳони табиӣ маъное надоранд. Дар кулли ҷаҳони ҳастӣ, ки онро табиат меномем, на чизе ба адам мепайвандад ва на нобуд мешавад. Инсон пас аз марг тағйири шакл медиҳад ё дигаргун мешавад, зарроти бадани инсони мурда пас аз гузашти қарнҳо, ҳазорону миллионҳо сол дар ҳоли таҷзияву дигаргунӣ хоҳанд буд ва ба зарроти дигаре табдил мешаванд. Ин зарраҳо, ки дар даврони зиндагии инсон як порчаву бо ҳам буданд дар табиат пахш мешаванд ва то замони бениҳоят бахше аз табиати ҷовидон хоҳанд буд. **Ҳар инсоне пеш аз он, ки ба сурати навзод ба дунё ояд, миллионҳо сол то бениҳоят дар гузаштаҳои дур ҷузъе аз олами ҳастӣ буда, ба ҳамин тартиб, пас аз марг низ то замонҳои бениҳоят дар оянда ҷузъе аз олмаи ҳастӣ хоҳад буд**. Аз дидгоҳи донишмандони улуми табиӣ назарияҳои марбут ба олами арвоҳ, ҷаҳони ашбоҳ ва вуҷуди мавҷудоте, ки аз онон ба номи фаришта ё ҷин ёд мешавад, назарияҳои хаёлӣ, афсонавӣ ва беасос шумурда мешаванд.

### Назарияҳои рӯҳониёни ҳаводори илм

Аз оғози қарни 19 –ум ва махсусан дар давоми қарни 20 –ум омилҳои гуногуни фарҳангӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва илмӣ сабаб шуданд, то пояҳои ниҳодҳои динӣ ва боварҳои мазҳабӣ дар кишварҳои пешрафтатари ҷаҳон суст шавад. Дар ин қарнҳо инқилобҳои бузурги санъати ва сёсию илмӣ муҷиб шуданд, дастгоҳи дину рӯҳониён, ки коргардони он ҳастанд, бисёре аз қудратҳо ва нуфузи пешини худро аз даст бидиҳанд. Дар натиҷаи густариши омӯзиш ва парвариши ҳамагонӣ ва иҷборӣ мизони огоҳӣ ва саводи тудаҳои мардум боло рафт. Дигар мардуми босавод пайдоиши беморихои вогирро балои осмонӣ наменомиданд. Ба заминларзаву оташфишон натиҷаи гуноҳони мардум ва нишонаи хашми Худо набвад. Тадриси улуми табиӣ дар дабистонҳо, дабиристонҳо ва донишгоҳҳои кишварҳои пешрафтатари ҷаҳон, бисёре аз мардумро бо назарияҳои илмӣ ошно сохту назарияҳои мазҳабӣ, ки бар хилофи илм буданд, рафта –рафта эътибори худро аз даст доданд. Дар бисёре аз ҷомеаҳои санъатии ҷаҳон низоми ҳукумати мардум ё демокросӣ нерӯманд шуд ва дар натиҷа асли ҷудоии ҳукумату дин дар онҳо ба мизони зиёд иҷро шуд. Кашфҳо ва ихтироҳои илмӣ яке пас аз дигаре чашми ҷаҳониёнро хира сохтанд ва улуми моддию табиию инсонӣ дар саросари ҷаҳон эътибори азим ёфтанд. Пешрафтҳои ҳайратангези илмҳо дар санъати

абзорсозӣ, технологӣ, хайратангезиро падид овард. Дар охир улуми моддӣ бар тахти фармонравоии дунёи инсонӣ такя зад ва «шоҳбонуи улум ё улуми илоҳӣ» пас аз қарнҳо такя задан бар ҳамон тахт, аз ҷойгоҳи худ ба зер кашида шуд. Бисёре аз раҳбарони бузургони динҳои якхудоӣ ва махсусан масеҳиён, дар баробари нури хиракунандаи кашфу огоҳиҳои илмӣ ҷуз созишу канор омадан, бо ҳақиқатҳои илмию табиӣ чораи дигаре надоштанд. Рӯҳониёни илмгаро гуфтанд: дар тамоми мавридҳое, ки дину илм дар тазод будаанд, ҳар кашфи илмӣ ҳаққонияти илмро собит кардааст. Бисёре аз рӯҳониён кушидаанд, то он ҷо ки шуданӣ аст, назарияҳои дину мазҳаби худро бо назарияҳои илмӣ ҳамоҳанг кунанд ва дар бисёре аз аҳкоми куҳнаву ҷазмии худ даст ба таҷдиди назар биафкананд. Гарчӣ ҳанӯз ҳам бархе аз рӯҳониёни ховаримиёнаӣ ҳатто дар кишварҳои санъатитар ва пешрафтатари ҷаҳон бо сарсахтии бисёре дар баробари юришҳои кӯбандаи илмҳо сарсахтӣ мекунанд, аммо бисёри дигаре аз рӯҳониёни навандеш ва ҳаводори илму дониши нав, ки метавонем ононро рӯҳониёни илмгаро биномем, ҳатто бархе аз усули асосии дин ё мазҳаби худро канор гузоштаанд ва худро бо назарияҳои илмӣ созиш додаанд.

Бисёре аз рӯҳониёни илмгарои яҳудию масеҳӣ китоби муқаддаси худро китоби осмонӣ намедонанд ва онҳоро таровиши мағзи нависандагоне медонанд, ки ин китобҳоро падид овардаанд. Дидгоҳи ин рӯҳониён вуҷуди иштибоҳҳои илмӣ ва таноқузгӯиҳое дар ин китобҳо дида мешаванд, гувоҳ бар ин аст, ки ин китобҳо бозтоби илму дониш, муҳиту огоҳиҳои давроне аст, ки онҳоро навиштаанд. Рӯҳониёни ҳаводори илм далелҳои бостонии суннатии марбут ба исботи вуҷуди Парвадигорро канор гузоштаанд ва мегӯянд таърихи тамаддуни башар собит мекунад, ки чунин талоши беҳуда буда, беҳуда хоҳад буд. Бархе аз ин рӯҳониён чунин меандешанд, ки васфи бузургиву шигифтиҳои ҷаҳони ҳастӣ роҳи муносибе барои исботи вуҷуди офаринандаи он нест. Зеро падидоваранда худ берун аз кулли одами ҳастӣ аст. Бархе аз рӯҳониёни масеҳият танҳо роҳи исботи вуҷуди парвардигорро пайдоиши Масеҳ медонанд ва дар ин боваранд, ки Исоҳи Масеҳ ҷилвае аз Парвардигор аст. Аз дидгоҳи онҳо Парвардигори ҷаҳони ҳастӣ офаринандаи кулли олами ҳастӣ аст, на вазъкунандаи қонун барои чигунагии гардиши ситорагону падидаҳои табиат. Рӯҳониёни илмгаро мегӯянд, рисолати дин бо нақши илм тафовутҳои бунёдиву жарф дорад ва илму дин ба монанди ҳукумату дин бояд ду ниҳод ё ду дастгоҳи ба куллӣ аз якдигар ҷудо ва мустақил шинохта шаванд. Аз дидгоҳи инҳо дину мазҳаб бояд тамоми назарияҳои илмиро, ки дар ҷаҳон донишмандони улуми моддӣ- табиӣ, инсонӣ пазируфта шудаанд, бипазирад ва аз мухолифат даст бардорад. Рӯҳониёни ҳаводорони илм мегӯяд, дастгоҳи рӯҳоният бояд назарияҳои бузурги илмие чун чигунагии пайдоиши ҷаҳон ва кураи замин, чигунагии пайдоиши ҷондорону дигаргуниҳои онон, такомули навъи инсон аз соири ҷонварон ва пайдоиши инсони кунуниро бипазирад ва назарияҳои кӯҳнаи бостониву суннатиро, ки дар даврони пеш аз пайдоиши дин баён шудаанд, канор бигзорад. Бисёре аз

рӯҳониёни илмгаро бо таваҷҷуҳ бо назарияҳои марбут ба асолати ҷаҳони моддӣ ё воқеияти ҷаҳони табиӣ дигар эътиқоде ба ҷаҳони ғайримоддӣ ё фавқуттабиӣ надоаранд ва андешаҳое марбут ба «ҷаҳони охир» ва назарияҳои дарбаргирандаи эътиқод ба вуҷуди биҳишту ҷаҳаннамро канор гузоштаанд.

***Назарияҳои илмӣ дар бораи дин***

Донишмандони риштаҳои гуногуни илмӣ ва аз ҷумла ҷомеашиносон, мардумшиносон ва равоншиносон баррасиву пажӯҳиш дар бораи динҳо ва мазҳабҳои гуногуни мардуми ҷаҳон бисёр алоқаманданд. Аз оғози қарни 19-ум шуруъ намуда, мутолиаи дину мазҳаб ба равиши илмӣ густариши бисёр ёфта, коршиносони ин мавзӯъ натиҷаҳои пажӯҳишҳои худро ба сурати ҳазорон гузориши илмӣ ва китоб интишор додаанд. Коршиносони илми «диншиносии татбиқӣ» ба шабоҳатҳову ихтилофҳои намоёне дар динҳову мазҳабҳо пай бурда, решаи чигунагии пайдоиши онҳо, дигаргуниву такомули адёну мазоҳиби гуногун дар давоми муддати даҳҳо қарн ва дар охир чигунагии нақши дин дар дунёи имрӯз ва ояндаи дастгоҳҳои рӯҳониятро равшан намудаанд.

1. ***Чигунагии пайдоиши дин:*** мардумшиносону равоншиносон пас аз пажӯҳишҳои бисёре дар сарзаминҳои гуногуни ҷаҳон ба ин натиҷаи бузург расидаанд, ки ҳатто ваҳшитарин, ақибмондатарин ва дурафтодатарини мардуми ибтидоии рӯи замин дорои андешаҳои динӣ ҳастанд ва маросим ё рақсҳои динӣ байни онҳо ривоҷ дорад. Ин мардумони ваҳшӣ, ки аз тамаддуну фарҳанги қарни 20 – ум ҳеҷ гуна огоҳӣ надоранд, ба монанди инсонҳое, ки дар даврони пеш аз таърих зиндагӣ мекардаанд, бархе аз чизҳо ё ҷойҳоро муқаддасу бархе дигарро зиддиинсон ё шайтонӣ медонанд. Ба вуҷуди нерӯҳои ғайбӣ ё мавҷудоти нодидании мармуз ё асроромез дар муҳити зиндагии худ бовар доранд. Навъе эътиқод бар рӯҳ дар табиату инсон ва ҷовидона будани он дар ин инсонҳои ибтидоӣ дида мешавад.

Донишмандони илмҳои мардумшиносӣ ё инсоншиносӣ, ки коршиносони чигунагии шеваҳои зиндагии инсон дар давронҳои гуногун ҳастанд ва бавижа ба пажӯҳиш дар бораи қарнҳову қабилаҳои ваҳшӣ, нимаваҳшӣ ва мардумони дур аз тамаддуну фарҳанги кунунӣ мепардозанд, мегӯянд, чунин инсонҳоеро бояд инсонҳои зиндаи пеш аз таърих ба шумор овард. Ин инсонҳо дуруст ба монанди инсонҳои пеш аз таърих ё мардумоне, ки ононро ибтидоӣ ё бадавӣ номидаанд аз нерӯҳое, ки дар табиат вуҷуд доранд ва падидаҳои чун раъду барқ, туфону сел, заминларзаву оташфишон, бемории ва марг ба шиддат метарсанд. Аз ин падидаҳои нерӯманди саркаши кӯбанда ва ҳароснок ба сахтӣ бимноканд ва мекушанд онҳоро хушнуд ва бо худ меҳрубон кунанд ба ин манзур маросиме барпо мекунанд ва ба навъе дуову ниёиш мепардозанд, ки ҳадафи он ҷалби меҳрубонии ин нерӯҳост. Аз он замоне, ки навъи инсон ба далели такомули мағз огоҳиҳои бештаре дар бораи муҳити зиндагии худ ба даст овард ва аз замоне, ки дар бораи нерӯҳои табиӣ ба тафаккур пардохт, бо гомҳои ғулосое аз соири

ҷонварон фосила гирифт ва дар бунёдгузории бинои он чи имрӯз фарҳанг, тамаддун илм ё дониш меномем, равон шуд. Инсонҳое, ки дар садҳо ҳазор сол пеш дар рӯи Замин зиндагонӣ мекарданд, андак-андак пай бурданд, ки дар табиат нерӯҳои азиме вуҷуд доранд, ки инсон дар баробари тавоноиҳои онҳо ба шиддат нотавон, дармонда ва ночиз аст. Ба ночор дар баробари ин нерӯҳои кӯбандаву ситамгар сари таслим фуруд оварданд ва кӯшиданд то онҳоро меҳрубон, хушнуд ва ром кунад. Решаи хондани вирдҳои гуногун, пайдоиши дуъо ва ниёишу қурбонӣ дар роҳи «нерӯҳо», «арвоҳ», «худоён» ва «худо» дар ҳамин бардошҳои инсонҳои даврони пеш аз таърих бояд ҷустуҷӯ кард.

2. ***Пайдоиши динҳои имрӯзӣ:*** падидаи дин яке аз ҷаҳонитарин ва густурдатарин падидаҳои иҷтимоӣ – инсонӣ дар рӯи Замин аст. Ҳеҷ кишвар, ҷомеа, қавму қабила, тоифа ё гуруҳеро дар ҷаҳон наметавон ёфт, ки эътиқодҳои динӣ ё боварҳои мазҳабӣ (бо шиддати бештар ё бо қудрати камтар) дар байни мардуми он вуҷуд надошта бошад. Хостгоҳ ё нутфаи тамоми динҳои зиндаи кунуниро, ки ҷаҳонгир ҳастанд, бояд дар нахустин андешаҳо, боварҳо, эътиқодҳо, дӯоҳо, ниёишҳо ва ангезаҳои инсонҳои пеш аз таърих ҷустуҷӯ кард. Тамоми динҳои бузурги имрӯзаи ҷаҳон (бахусус динҳои яккудоӣ ё сомӣ) пас аз гузашти чандин ҳазор сол аз дигаргунӣ ва такомули соддатарин андешаҳои динӣ падид омадаанд ва ба печидагиву такомули имрӯзии худ расидаанд. Пайдоиши ҳеҷ дини бузурги ҷаҳонӣ ногаҳонӣ набудаву дастикам се дини шинохта шудаи ҷаҳон Яҳудият, Масеҳият ва Ислом динҳои мустақил ва ҷудо аз якдигар нестанд, балки аз дигаргунии якдигар падид омадаанд ва бо якдигар ҳамреша ва ҳамасланд. Яҳудият, ки замина ва сарчашмаи Масеҳияту Ислом ба шумор меравад ба сурати ногаҳоние ба шакли имрӯзии худ падид наомада, балки дар муддате беш аз чандин ҳазор дар ҳоли пайдоиш, дигаргунӣ ва тадвин буда, аз гирдоварии маҷмӯи андешаҳо, боварҳо, эътиқодҳо, маросим, ниёишҳо ва дуоҳое, ки сарчашмаи он ба даврони зиндагонии инсонҳои ваҳшӣ ва нимаваҳшӣ мерасад, падид омадааст. Масеҳият дини мустақилу ҷудогонае аз Яҳудият нест ва дар воқеъ ислоҳоту таҷдиду назарҳое дар он будааст. Бахши бисёр бузурге аз Ислом такрори достонҳо, қиссаҳо, пандҳо, андарзҳо ва омӯзишҳои Яҳудияту Масеҳият аст. Хусусияти хоси ин дин он аст, ки дар он вижагиҳои ахлоқӣ ва фикрии бунёдгузорони он **дида мешавад.**

Бисёре аз донишмандони риштаҳои гуногуни илмҳои табиию инсонӣ файласуфону андешамандон мегӯянд: тамоми динҳову мазҳабҳои кунунии ҷаҳон падидаи иҷтимоӣ инсонӣ ҳастанд ва сарчашмаи онҷаҳонӣ ё хостгоҳи осмонӣ надоранд. Динҳо ва мазҳабҳо ҳам ба монанди соири унсурҳои фарҳангу тамаддуни башар – адабиёт, ҳуқуқ, санъат, сиёсат, ҳунар, ҳукумат – сохта ва пардохати фикру андешаи инсонанд. Дар ҳеҷ дин ё мазҳабе камтарин нишоне аз ин ки битавонем, онро ғайриинсонӣ, «осмонӣ», «фавқулбашар» ё «онҷаҳонӣ» биномем, дида намешавад. Хондани матни китобҳое, ки осмонӣ номида шудаанд, ба равшании тамом нишон медиҳанд, тамоми матолиби ин китобҳо аз сӯи

инсонҳо навишта шудаанд, ки мизони маълумоти онон бозтоби илму дониши даврони зиндагии онҳо буда, ба ҳамин далел чун дар бораи ҷаҳону табиат маълумоти андаке доштаанд, изҳори назарҳои илмии онҳо иштибоҳи бисёр доранд ва дар дунёи имрӯзӣ беътибор шинохта шудаанд.

### *Табдил шудани дин ба ниҳод ё дастгоҳи иҷтимоӣ*

Бисёре аз ҷомеашиносон мегӯянд ҳамакнун дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон (чӣ пешрафтаи санъатӣ ва чӣ оқибмонда) он чӣ ба номи падидаи инсонӣ – иҷтимоӣ дин ё мазҳаб меномем, ба «ниҳод» ё дастгоҳи иҷтимоии бисёр нерӯманде табдил шудааст. Гурӯҳе аз мардуми ҷомеа, ки худро «рӯҳонӣ» меноманд, бунёдгузорон, коргардонону мудирони ин дастгоҳ дар ҷомеа ҳастанд ва аз манофеи худу созмоне, ки дар ҷомеа падид овардаанд ба тамоми тавони худ дифоъ мекунанд. Афроду гурӯҳҳое, ки метавонем ононро табақаи «рӯҳонӣ» биномем дар бештари ҷомеаҳои ҷаҳон ва махсусан дар кишварҳои оқибмондаю фақир, ки боварҳои динӣ дар онҳо бисёр густурда аст, нерӯмандтарин табақаи ҷомеа ҳастанд. Дар кишварҳои пешрафтаи санъатӣ, ки бо равиши демократӣ – сармоядорӣ идора мешаванд, гарчи ниҳод ё дастгоҳи дин нерӯмандтарин созмони иҷтимоӣ нест, аммо бар пурқудраттарин ва муттаҳидкунандатарин дастгоҳи сиёсӣ – санъатӣ – низомӣ аст ва ин дастгоҳи нерӯманд ба унвони бозуи худ аз ниҳоди дину мазҳаб баҳрабардорӣ мекунанд. Яке аз бузургтарин далелҳои пойдорӣ, сахтҷонӣ ва мондагории боварҳои диниро дар байни мардум, ҳатто дар пешрафтатарин кишварҳои ҷаҳон, ки сатҳи омӯзишу парвариши ҳамагонӣ дар онҳо болост – бояд дар рози табдил шудани дин ба ниҳод ё дастгоҳ, падидаи тозае нест, балки нигоҳе ба таърихи тамаддун нишон медиҳад, ки дар тамоми сарзаминҳое, ки дин падид омадааст, аз муддате ба созмони иҷтимоӣ дигаргун шуда, дар даруни ҷомеа «сипоҳи рӯҳонӣ» ва сипоҳи азиму ҳаводорони он низ падид омадааст. Рӯҳониён ё коргардонони «ниҳоди дин» дар саросари таъриху дар бештари кишварҳои ҷаҳон яке аз бузургтарин қудратҳои ҷомеа буданд, бо императорон, подшоҳон ва ҳокимони вақт муттаҳид будаанд ё худ ҳукуматро дар ихтиёр доштаанд. Далели аслии бархӯрдҳои рӯҳониён бо донишмандони илмҳои мухталиф ва мухолифат бо назарияҳои нав фақат аз он ҷиҳат, ки мухолифи назарияҳои динӣ буда ё ҳастанд набуда ва нест, балки далели аслиро дар дифои «табақаи руҳонӣ» аз манофеи «ниҳод ё дастгоҳи дин» ва аз манофеи соири табақоте, ки ҳаводори рӯҳониён ҳастанд, бояд ҷустуҷӯ кард. Барои бисёре аз рӯҳониён «рӯҳоният» яъне шуғл ё пешаи онон, маҳалли даромад ва гузаронидани зиндагӣ, яъне шарик будан дар қудрати иҷтимоӣ, яъне саҳим будан дар манофеи ҷомеа ва дар ин баён он чӣ ранг мебозад ва маънояшро аз даст медиҳад, «ҳақ» ва «ҳақиқат» ё рисолати дину мазҳаб дар мафҳуми олӣ ва инсонии он аст.

Рӯҳониён бо такя бар заъфҳову нотавониҳои бисёре аз инсонҳо ва махсусан бо баҳрабардорӣ аз камсаводии мардуми ҷомеа бар дилҳои норозӣ ва хастаи мардум нури умед метобанд. Ба шеваҳои гуногун ба мардум оромишу тассалӣ

медиҳанд, онҳоро ба ҳимояту пуштибонии нерӯи азиму одил умедвор мекунанд. Ба онҳо ваъдаи зиндагии ҷовидон медиҳанд ва дар охир худро воситаи он нерӯи азиму одил бо мардум ва омили дастёбӣ ба зиндагонии ҷовидон муаррифӣ мекунанд.

Ҷомеашиносон, андешамандон ва донишмандоне, ки вуҷуди ниҳод ё дастгоҳи динро барои ҷомеа муфид намедонанд, мегӯянд рози бузургтарин далели пойдорӣ ва истодагии дину мазҳаб дар ибтидои солҳои қарни 21-умро пас аз пешрафтҳои бузурги илм ва собит шудани иштибоҳ будани бисёре аз назарияҳои динӣ – бояд дар омилҳои гуногун ҷустуҷӯ кард. Барпокунандагони дастгоҳи динӣ ва пуштибонони онҳо танҳо ва танҳо ба далели манофеи худ аз боварҳову назарияҳои динӣ ҳаводорӣ мекунанд ва бо тамоми тавони худ мекӯшанд, то дастгоҳи омӯзишу парвариши расмӣ (дабистон, дабиристон, донишгоҳ) ва дастгоҳи расонаҳои гуруҳӣ (рӯзнома, ҳафтанома, радио, телевизион, синамо)-ро то он ҷо ки шуданӣ аст, дар ихтиёр дошта бошанд. Ошкортарин ҳадаф аз ин талош ҷилавгирӣ аз густариши ошкор ва намоёни он ҷанба аз огоҳиҳои илмӣ аст, ки сабаби сустӣ ё нобудии боварҳои динӣ – мазҳабии дарси хонандагон ва мардуми оддӣ хоҳад шуд. Табақаи руҳонӣ, ҳомиён ва тамоми касоне, ки гароишҳои динӣ доранд то он ҷо, ки тавон доранд мекӯшанд то аз интишори назарияҳои илмӣ ки нишон медиҳанд тамоми ваъдаҳо, умедвориҳо, иҷроҳо ва подошҳои дину мазҳаб ҷуз «сароб» чизи дигаре нестанд, ваъдаҳои чун «зиндагии ҷовидон», «лутфи осмонӣ» ва «ҳомии онҷаҳонӣ» арзишу эътибори илмӣ надоранд, ҷилавгирӣ кунанд. Далели пойдориву сахтҷонии эътиқодҳои беасоси диниро дар кишварҳои пешрафтаи санъатии ҷаҳон бояд дар нуфузи табақаи рӯҳонӣ ва ҳомиёни сиёсӣ-санъатӣ – иқтисодии онон дар дастгоҳҳои омӯзишу парвариши расмиву иҷтимоӣ ва ҷилавгирӣ аз густариши тафаккури илмӣ, биниши илмӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ ҷустуҷӯ кард.

Феҳрасти сарчашмаҳо:


1. Why I Am Not A Chritian, B. Russel. G. Allen and Unwin Ltd., 1957.
2. Scientists Who Changed the World, L. and G. Poole, D.M. and Co., 1960.
3. Atheism, G.H. Smit, Prometheus Books, 1979.

Science and Religion, I.G.Barbour,H and R.Hublshers, 1968.

4. Science, Reason, and Religion, D. Stanesby, C. Helm, 1985.
5. Between, Science and Religion, F.M. Turner, Yale Uniwersity Press, 1974.
6. Science, Secularism, and God, K. Cauther, Ahingdon Press, 1969.
7. Science and Religious Thouqht, W.J. Wilkins, U.M.I. Press, 1987.
8. Science and Religion, D.L. Bender and B. Leone, Greenhaven Press. 1981/
9. Science Religion, and the Future, C.E. Raven. Cambridge Uniwersity Press, 1968.
10. God and Science, C.P. Henderson, Jr. John Knox Press, 1968.

11. Critical Issues in Modern Religion, R.A. Johnson. Prenice Hall, 1990.
12. The Relevance of Natural Science to Theology, W.H. Austin, B. and N. Books, 1976.
13. Илм ва дин. Навиштаи Айён Борбур, тарҷумаи Баҳовуддин Хуррамшоҳӣ, маркази нашри донишгоҳӣ, Теҳрон, 1362.
14. Бузургони фалсафа. Навиштаи Ҳенри Томас, тарҷумаи Фаридуни Бадроӣ, интишороти Кайҳон, Теҳрон, 1362.
15. Исломшиносӣ. Алии Мир Фатрус. Интишороти Фарҳанг, чопи 11, Фаронса-Канада, 1988.
16. Пайдоиш ва такомули дин. Аҳмади Эронӣ, Лос-Анҷелес 1990.
17. Ҷомеашиносӣ. Аҳмади Эронӣ. Лос-Анҷелес, 1990.
18. Ҷудоии ҳикмату дин. Аҳмади Эронӣ. Лос-Анҷелес, 1989.
19. Бархӯрди илму дин. Аҳмади Эронӣ. Лос-Анҷелес, 2001.

**Таҳиягар ва омодасоз**
**Исомиддин Шарифзода**



**Мехрдод ҚУРБОНИЁН**
Табиатшинос

## Озмоиши «Помир- Чакалтой» ва Колайдери калони адронӣ

Инсоният дар талоши донистану фаҳмидани марзҳои Коинот ва то ба розҳои ниҳоии асроромези олами моддӣ расиданро ҳадафи худ қарор додааст. Аке аз роҳҳои омӯзиш ӯро ба сӯи микроолам (олами атому ҳаста ва зарраҳои бунёдӣ) ва роҳи дигар ба сӯи макроолам (олами ситораву сайёра, вартаҳои сиёҳ ва ғ.) мебарад. Ҳамин аст, ки ҳадаф ва мазмуни маърифат - фаҳмидани равандҳои ниҳоӣ ва асроромези табиат ва ҷойгоҳи мо дар Коинот аст, ки дар ҳар замону макон инсони солимақлро ба ҳаяҷон меорад ва боз ақли солимро ба омӯзишаш ҷалб менамояд.

Дар аввалҳои асри XX маълум шуд, ки атом зарраи тақсимнопазир набуда, балки аз ҳаста (ядро) ва электронҳои дар атрофи ҳаста даврзананда иборат аст. Ҳастаҳои атомӣ дар навбати худ аз протонҳо ва нейтронҳо таркиб ёфтаанд. Баъдтар ба ғайр аз протон, нейтрон ва электрон зарраҳои бунёдии зиёде кашф шудаанд, ки ба ҳар як элементи ҷадвали кимиёвӣ тақрибан чаҳорто рост меояд.

Ҳангоми равона намудани як зарраи элементарӣ ба сӯи зарраи элементарии дигар, масалан, электрон ба протон ё нейтрон, аз ҳисоби таъсироти электромагнитӣ ё зӯр (адронӣ) парешхӯрӣ ба амал меояд. Ҳамчунин маълум гардид, ки дар раванди бархӯрди ду зарраи бунёдӣ ҳангоми кофӣ будани энергияи зарраҳои бархӯранда, метавонад зарраҳои бунёдӣ, зарраҳои навъи нав тавлид шавад. Дар чаҳорчӯбаи қонуниятҳои бақои физикаи зарраҳои элементарӣ дар озмоишгоҳҳои физикаи баландэнергияи кишварҳои мухталиф ҷустуҷӯи зарраҳои нави элементарӣ ба роҳ монда шудааст.

Саҳеҳияти усули бархӯрд ба энергияи зарраҳои бархӯранда вобаста аст. Ҳар қадар энергияи зарраҳои бархӯранда бузург бошад, ҳамон қадар андозаҳои хурдтар тадқиқ карда мешаванд. Ҳамин тавр, ҳангоми бузург будани энергияи зарраҳои бархӯранда метавонем, доир ба сохту таркиби зарраҳои бунёдӣ

маълумот фароҳам орем. Ҳамин тариқ, барои омӯхтани сохту таркиби зарраҳои бунёдӣ, яъне ҳамон қадар чуқуртар ба дохили объект назар афкандан, зарраҳои баландэнергия (суръати зарраҳо ба суръати рӯшноӣ (с=300000000 м/с) наздик) лозим аст. Пас, зарурияти асосӣ барои таҳлили сатҳи микроолам, ин будани зарраҳои баландэнергия аст.

Ду манбаи зарраҳои баландэнергия вуҷуд дорад:

1. Манбаи техникӣ - ба воситаи суръатфизоҳо зарраҳои элементарӣ тезонида мешаванд.
2. Манбаи табиӣ - дар таркиби нурҳои кайҳонӣ зарраҳои баландэнергия вуҷуд дорад.

Суръатфизоҳо дастгоҳҳое мебошанд, ки дар онҳо зарраҳо шитоб дода шуда, ҳангоми ба суръати рӯшноӣ наздик гардидан, онҳоро бо ҳамдигар бармехӯронанд. Бо ёрии чунин дастгоҳҳо таъсири мутақобили зарраҳои ҳамгир ҳангоми бархӯрд ва ҳамзамон равандҳои тавлиди зарраҳои нав, барои энергияҳои босамари калонтарини дар шароитҳои лабораторӣ хосил кардан имконпазири бархӯрд, омӯхта мешаванд.

Колайдери калони адронӣ - ККА (LHC-Large Hadron Collider) [1] - суръатфизои зарраҳои зарядноки ҳамгир, барои шитоб додани протонҳо ва ионҳои вазнин ва тадқиқи маҳсулоти онҳо пешбинӣ шудааст. Колайдер дар маркази илмӣ-тадқиқотии аврупоии Шӯрои тадқиқоти ҳастаӣ дар сарҳади [2] Швейсария ва Фаронса, дар наздикии шаҳри Женева сохта шудааст.

ККА- бузургтарин асбоби экспериментали дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Дар ҷараёни сохтмони ин дастгоҳ ва дар гузаронидани тадқиқот зиёда аз 10 000 олимон ва муҳандисони зиёда аз 100 кишвар иштирок доранд. Дарозии ҳалқаи нақби асосии суръатфизо, ки дар он зарраҳо шитобонида мешаванд, ба 26 650 м [3] баробар аст. Аз 50 то 175 м дар зери Замин ҷой гирифтааст.

Маблағи умумие, ки барои сохтан ва гузаронидани тадқиқотҳо то охири соли 2012 дар ККА сарф шудааст, тақрибан ба 7,1 млрд доллар баробар аст. Истеъмоли солонаи энергия дар ККА ба 10 %-и энергияи электрикии сарфмешудаи солонаи шаҳри Женева баробар аст.

Манбаи дигари зарраҳои баландэнергия ин зарраҳои таркиби нурҳои кайҳонист. Нурҳои кайҳонӣ ин сели зарраҳои баландэнергия – протон, электрон ва ҳастаи элементҳои гуногун, ки бо суръати наздик ба суръати рӯшноӣ ҳаракат мекунанд ва ба атмосфераи замин аз дилхоҳ нуқтаи Галактика омада мерасанд. Онҳо ба атмосфераи Замин дохил шуда, ба ҳастаи атомҳои газҳои таркиби атмосфера бармехӯранд, ки дар натиҷаи ин бархӯрд зарраҳои бунёдии нав ба вуҷуд меоянд. Зарраҳои дар натиҷаи бархӯрд бавуҷудомадаро тадқиқ намуда, доир ба омӯхтани сохту таркиби зарраҳо, намудҳои таъсири мутақобил маълумот фароҳам меоварем. Инчунин маълумотҳо оиди аз кадом нуқтаи кайҳон омадани ин зарра, бо кадом суръат ҳаракат намудани онро низ пайдо менамоем. Дар роҳи ҳалли масъалаҳои кайҳоншиносии муосир омӯзиши нурҳои кайҳонӣ мусоидат менамояд.

Бо мақсади омӯзиши таъсири мутақобили адронӣ дар соҳаи энергияҳои беш аз $10^{16}$ эВ соли 1971 дар кӯҳҳои Помир (маҳалли Ок- Архари ноҳияи Мурғоби Тоҷикистон) дастгоҳҳои таҷрибавӣ сохта шуд.

Дар XVII конфронси байналмилалӣ оид ба нурҳои кайҳонӣ, ки соли 1987 дар Париж гузашт, барои якҷоя гузаронидани тадқиқотҳо созишнома оиди озмоиши «Помир- Чакалтой» ба имзо расид. Созишнома физикдонони ҳашт мамоликро муттаҳид месохт: Россия, Япония, Полша, Бразилия, Боливия, Гурҷистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон. Корҳои тадқиқотӣ хуб ба роҳ монда шуда, натиҷаҳои хуб ба даст меомад, ки дар тамоми дунё эътироф мешуданд. Саҳми физикдонони тоҷик низ дар он тадқиқотҳо назаррас буд. Вобаста ба ин номи як зарраи бунёдиро Тоҷикистон гузоштанд.

Баъди пош хӯрдани СССР ва сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ҳама корҳо ба таъхир афтоданд.

Тоҷикистон ва Россия барои тадқиқи ҳастаӣ ва астрофизикии нурҳои кайҳонӣ таҷдиди маркази илмӣ-тадқиқотии байналмилалии «Помир- Чакалтая»-ро дар Ок- Архари кӯҳҳои Помир ба нақша гирифтанд. Созишнома дар бораи сохтани маркази илмӣ-тадқиқотии байналмилалии « Помир - Чакалтой» соли 2008 [4] дар Душанбе байни Тоҷикистону Россия ба имзо расид. Аз вақти ба имзо расидани созишнома то ҳол корҳои созандагӣ ва ободонӣ ба роҳ монда шудааст. Дар ояндаи наздик корҳои тадқиқотӣ байни физикдонони Тоҷикистону Россия ба роҳ монда мешавад.

Маблағгузорӣ ба ин маркази илмӣ-тадқиқотии байналмилалии «Помир- Чакалтой» аз тарафи фонди давлатии ФР, фонди федералии илм ва инноватсияи Россия ва АИҶТ сурат мегирад. Аъзои расмии ин маркази илмӣ-тадқиқотии байналмилалӣ Россия ва Тоҷикистонанд. Якчанд мамолик хоҳиши расмӣ дар бораи аъзо шудан ба ин марказро намудаанд.

Ҳоло физикдонони дунё дар чаҳор минтақа ба тадқиқи нурҳои кайҳонӣ машғуланд:

1. Кӯҳи Чакалтой Боливия.
2. Кӯҳи Бурзии Япония.
3. Кӯҳӣ Камбалаи Хитой.
4. Кӯҳи Ок- Архари ноҳияи Мурғоб.

Тадқиқи нурҳои кайҳонӣ дар кӯҳи Ок- Архари ноҳияи Мурғоб (маркази илмӣ-тадқиқотии байналмилалии «Помир- Чакалтая») аз дигар ҷойҳо, бе муболиға, бо мавқеи ҷойгиршавиву иқлими хубаш афзалият дорад. Баландии маҳал барои гузаронидани корҳои тадқиқотӣ мусоид аст ва атмосфера аз ғашҳо тоза аст.

Барои гузаронидани тадқиқотҳо дар озмоиши МИТБ « Помир- Чакалтая» камераҳои рентгенэмулсионии масоҳаташ калон (зиёда аз 1000 $м^2$) ва детектори зарраҳои заряднок, нурҳои черенковӣ ва хронотрон лозим аст. Маблағе, ки барои сохтани камераҳои рентгенэмулсионӣ ва детекторҳо зарур аст, ба маблағи

барои сохтану тадқиқ намудани заррахо дар суръатфизохо сарфмешуда таносуби ночиз дорад.

Дар суръатфизохо заррахо бо таври сунъӣ шитоб дода мешаванд, дар таркиби нурҳои кайҳон зарраҳои баландэнергия, табиатан вуҷуд доранд ва ин зарраҳои аз қаъри Кайҳон меомада, имконияти омӯхтани таҳаввулоти Кайҳонро низ медиҳад, ки ба суръатфизоҳо хос нест. Энергияи зиёдтарини зарраҳои нурҳои кайҳонӣ $3\cdot10^{20}$ эВ аст, ки аз энергияи соҳибмешудаи заррахо дар суръатфизохо 1000 маротиба калон аст.

Дорандагони ҷоизаи Нобелӣ дар соҳаи физика аз тадқиқи раванди бархӯрди зарраҳои баландэнергия (кашфи зарраҳои бунёдии нав, таҳқиқи таъсири мутақобилаи зӯр ва электросуст, назарияҳои бисёре, ки бо таҳқиқи зарраҳои баландэнергия, исботи таҷрибавии худро ёфтанд) аз 30 нафар зиёдтаранд. Директори МБФН Абдуссалом (миллаташ покистонӣ, мусулмон- дар Италия кору фаъолият намудааст), дорандаи ҷоизаи Нобелӣ дар физика ба президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Неъматуллоев вобаста ба омӯзиши нурҳои кайҳонӣ дар Ок –Архари ноҳияи Мурғоб (26 07.1993с. Душанбе) номае фиристода дар он дар бораи ҳифз намудани ин мавқеи характери илмии ҷаҳонидошта аз мо хоҳиш намудааст, ки бо ҳам ҳамкорӣ намоем.

Омӯзиши нурҳои кайҳонӣ дар маркази илмӣ-тадқиқотии байналмилалии «Помир- Чакалтой» потенсиали калони илмӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ дорад. Бе муболиға, мутахассиси тоҷик низ тадқиқотро дар ин самт ба роҳ монда (ҳама бартариҳои МИТБ «Помир- Чакалтой»- ро дар боло гуфтем, ки дар ҷаҳон ҳамтое надорад), метавонад сазовори ҷоизаи Нобелӣ гардад.

## АДАБИЁТ


1. The ultimate guide to the LHC (http://cdsweb.cern.ch /record/1092437/files/ CERN-Brochure- 2008- 001-Eng.pdf).
2. Large Hadron Collider: Thirteen ways to change the world - http://www.telegraph.co.uk/news/science/large-hadron-collider/3351899/Large-Hadron-Collider-thirteen-ways-to-change-the-world.html.
3. *The Large Hadron Collider – (http://home.web.cern.ch/ topics/large-hadron-collider)*
4. "Памир-Чакалтая" - уникальный проект на десятилетия (http://ria.ru /eco/20111209/511241363.html)



**Ҷамолиддин САИДЗОДА**
адабиётшинос

# НАЗАРИЯИ ИҚБОЛ ВА ТАШКИЛИ ДАВЛАТИ ИСЛОМӢ

*Лаъл то кай пардабанд андар Яман?*
*Хезу дар дорулхилофат парда зан!*
*Иқбол*

Ақидаи инқилоби исломии Иқбол агар барои мардуми Покистон таъсири мусбате ҳам дошт, аммо барои Эрон, Афғонистон, Осиёи Миёна (хусусан, Тоҷикистон) таъсири манфӣ ба бор овард. Таълимоти Иқбол дорои ду ҷанба- мусбату манфӣ буд ва мебошад. Ҷанбаи мусбати он аз ташвиқи худогоҳӣ, зулмситезӣ, озодихоҳӣ, ихтиёр, саъю кӯшиш, талабу ҳаракат ва ҷанбаи манфии он аз ташкили императории исломӣ ва ё хилофат, инкори миллату ватан, ақлситезӣ ва тохтан ба аҳли фалсафаву намояндагони бузурги он, аз ҷумла Синову Форобиву дигарон иборат мебошад. Аз ин хотир таълимоти ӯ барои кишвари мо зиёнбору фоҷиавию гарон омад. Албатта, он на ба фоидаи миллати мо, ки баъди 1000 сол ба озодӣ расида, дар як ҷомеаи озоду демократию бидуни истисмори сотсиалистӣ зиндагию офарандагӣ мекард, балки бар зарари ӯ буд, зеро хатари аз нав ба хилофату аморат ҳамроҳ шудан ва ташкили як давлати исломию рӯҳи миллиро аз даст додан дар пай дошт ва хеле хам хатарнок буд ва мебошад. Иқбол, ки осорашро ба забони тоҷикӣ баён мекард, асосан ҳамин ҳадафро дунбол мекард ва мехост, ки тавассути ашъори тоҷикиаш дар кишварҳои тоҷикзабон, аз ҷумла Эрон, Афғонистон, билхусус Тоҷикистон, дар Осиёи Миёна инқилоби исломиро роҳандозӣ намояд ва аз Ҳинд гирифта, то Самарқанду Ироқу Ҳамадон ба ташкили як императорӣ ва хилофати исломӣ муваффақ шавад. Албатта, ин нияти ӯ дар Ҳинд (бо ташкилшавии Ҷумҳурии исломии Покистон), Эрон, Афғонистон амалӣ шуд ва сабаби рӯи кор омадани сохти исломӣ дар ин кишварҳо гардид. Хушбахтона, дар Тоҷикистон тири ӯ хок хурд ва ин нияти шуми ӯ ҷомаи амал напӯшид. Нерӯҳи солими кишвари мо, ки аз таълимоти

авомфиребонаю зоҳиран озодихоҳонаи ӯ воқиф буданд, нагузоштанд, ки исломгароёну муздурони таълимоти исломии Иқбол ихтиёри кишварро ба даст бигиранд. Аз ин хотир, сари вақт пеши роҳи эшонро гирифтанд. Имкони сохтани давлати исломиро, ки онҳо мехостанд ва он аз таълимоти Иқбол ба миён меомад, ба онҳо надоданд, балки аз сохти давлати миллию демократӣ дифоъ карданд, зеро давлати демократӣ аз муҳимтарин ва мутараққитарин дастовардҳои башарӣ дар сохти давлатдорӣ то имрӯз дар ҷаҳон аст. Ба қавли Черчил, «ойини демократӣ бадтарин шакли ҳукумат аст, бо вуҷуди ин аз тамоми ойинҳое, ки то кунун озмоиш шудаанд, беҳтар аст».1

Тавре ки гуфтем, таъсири осори Иқбол дар Осиёи Миёна беш аз ҳама дар кишвари мо буд, ки он сабабҳои худро дошт, аммо он, пеш аз ҳама, ба забони осори ӯ, ки тоҷикӣ буд, вобаста буд. Воқеан, Иқбол огоҳона паёми худро ба забони тоҷикӣ ироа мекард, зеро ӯ хуб медонист, ки ба забони урду, ки забони кишвари ӯст, ҳиндию инглисӣ наметавонад дар кишварҳои минтақа-Эрону Афғонистон ва Осиёи Миёна, алалхусус Тоҷикистон, таълимоташро бипароканад ва ба ҳадаф бирасад. Дигар, мардумони ин кишварҳо забони урдуву ҳиндиву англисро намедонистанд, аммо забони тоҷикӣ забони ошнову расмии ин кишварҳо буд ва ҳамагон аз он бархурдор буданд. Аз ин хотир, ӯ ин забонро ба сифати аслиҳаи тавонои таблиғу ташвиқ баргузид ва бо нашри осори зоҳиран озодихоҳонаву судманду инқилобии худ теша бар решаи давлатҳои миллӣ зад. Метавон гуфт, ки баъд аз нашри аввали осори Иқбол дар Тоҷикистон (1958) қариб тамоми адибон, равшанфикрон ва соири табақоти мардуми кишвар (бе он ки ба ҳадафи вай пай бибаранд) бо як шурӯ валвала, ҷӯшу хурӯш ва ҳатто таассуб ба ашъори вай алоқаву гароиш пайдо карданд ва ба пайравӣ, тазмин, ишора, зикри ӯ ва осораш пардохтанд. Хусусан дар замони бозсозӣ бисёре аз ашъори вай ба шиори равшанфикрону «озодихоҳон» табдил ёфта буд. Касе намефаҳмид, ки ин шиорҳо, ин ашъор, ин таълимот моро ба куҷо мебарад ва муаллифи онҳо чӣ ҳадаф дорад. Ҳама бо як эҳсосу ҳаяҷони васфнопазир ашъорашро мехонданд, ҳифз мекарданд, иқтибос менамуданд ва ҳамчун сармашқ мавриди истифода қарор медоданд ва мардумро ба «озодӣ» даъват мекарданд. Ба вижа шеъри «Аз хоби гарон хез!»-и шоир, ки бо ин абёт шурӯ мешуд, мӯди рӯз ва вирди забонҳо буд:

*Эй гунчаи хобида, чу наргис нигарон хез!*
*Кошонаи мо рафт, ба тороҷи гамон, хез!*
*Аз нолаи мурги чаман, аз бонги азон хез!*
*Аз гармии ҳангомаи оташнафасон хез!*
*Аз хоби гарон, хоби гарон, хоби гарон хез!*
*Аз хоби гарон хез!..1*

Адибон, олимон, омӯзгорон, донишҷӯён, мактабиён, хулоса, хоссу ом, бе он ки ба мақсуди гӯянда пай бибаранд, онро мехонданд ва ба маҳфилу маҷлису ҳамоишу майдонҳо мерафтанд. Албатта, ин иштибоҳ буд, ки аз бехабарӣ ва боло гирифтани

эҳсос рух дода буд, зеро миллате, ки тӯли 1000 сол бедавлат буд ва фақат дар асри XX, бо пирӯзии Инқилоби Октябр  аз хилофату аморат худро раҳо карда буд, гӯйӣ боз мехост, ки инқилоб намояд, аз нав хилофату амoратро барпо кунад. Мутаассифона, инқилобе, ки Иқбол мехост рух диҳад, аз Инқилоби Октябр (1917) ва Инқилоби Бухоро (1920) фарқ дошт. Инқилоби Октябр инқилоби сурх-инқилоби меҳнаткашон буд, аммо инқилоби Иқбол инқилоби сиёҳ, инқилоби исломӣ буд, ки танҳо ба мусалмонон иртибот мегирифт ва ба ташкили хилофат вобаста буд, инқилобе, ки баъдан дар баъзе кишварҳои минтақа  пирӯз шуд, аммо хилофатро ба бор наовард, зеро ин кишварҳо ҳеҷ кадом намехостанд ва ҳанӯз ҳам намехоҳанд, ки мустақилияти хешро аз даст бидиҳанд. Бинобар ин, назарияи хилофатсозӣ, яъне эҳёи хилофати исломӣ, ташкили императории исломӣ ва ваҳдати исломӣ пуч ва бепоя баромад. Дигар, бо пирӯзии инқилоби исломӣ оташи ҷангу ҷидолҳои дохилию хориҷӣ дар ин кишварҳо на танҳо хомӯш нашуд, балки алангаи бештар гирифт ва мунҷар ба қатлу кушокушию муҳоҷирату оворагии миллионҳо аз шаҳрвандони ин кишварҳо ба Урупою Амрико ва соири нуқоти олам гардид, зеро эшон режими исломиро, ки танҳо дар доираи шариат ва қавоиди исломию қуръонӣ амал менамояд ва ба миллат, ватан арзишҳои инсонию  миллӣ арҷе намегузорад, наметавонанд бипазиранд:

*На афгонему не турку таторем,*
*Чаманзодему аз як шохсорем.*
*Тамизи рангу бӯ бар мо ҳаром аст,*
*Ки мо парвардаи як навбаҳорем.2*

Зимнан бояд гуфт, ки ин ҷониб низ дар ибтидо аз ҳаводорони ифротии шеъри Иқбол будам, зеро чун ҳамагон ба зоҳири он ашъор фирефта шуда будам, на ба ботинаш, ки дорои ҳадафҳои ниҳонӣ будаанд. Дар ин боб ҳатто фикр ҳам намекардам, зеро дар он замон чун соири адибону равшанфикрон эҳсос бар ақлам ҳоким буд. Аммо баъд аз гузашти замон, адак-андак ба иштибоҳи худ пай бурдам, фаҳмидам, ки муроди Иқбол аз инқилоб чӣ будааст, яъне ташкили давлати исломӣ ва ё хилофату аморат, ки мо аз онҳо ба зӯр дар асри гузашта халос шуда будем. Албатта, мо медонем, ки дар давлатҳои исломӣ мардум бо шеваҳои куҳану асримиёнагӣ, аз ҷумла дарвешию шайхию фолигирию сӯфигию хонақоҳнишинию масҷидгароию ришу фашу саллаву дастору таваккулу тақдиру ризою сияҳпӯшӣ ва ғайра ба сар мебаранд. Ба қавли шоир

*Аз Балху Бухорою Ҳарӣ то Ҳамадон*
*Зиндони занону мардҳо зиндонбон.*
*Онҳо, ки дар ин билод беиқболанд,*
*Ҳамфалсафаи Муҳаммади Иқболанд…4*

Аз ин хотир, на танҳо ба ислоҳи иштибоҳи худ, балки ба ифшои таълимоти ӯ, ки як қарзи виҷдонист, пардохтам ва моҳияти иртиҷоии онро, то ҷое имконпазир

аст, барои ҳамватанону ҳаммиллатони хеш, ки дар пайи эҳёи рӯҳ ва арзишҳои миллианд, ба намоиш гузоштам ва мехоҳам бигузорам. Масалан, дар мақолаи «Дубора созамат ватан» ба ин масъала бори аввал каме равшанӣ андохтам ва бад-ин тартиб роҳро барои дарки дурусту саҳеҳи осори адиб ҳамвор намудам. Воқеан, вақте ки бори аввали бо устод Бозор (қабл аз бозгашти дуюмаш ба ватан, бо раҳнамоии устод Қиёмиддин Чақалзода) сӯҳбат доштам, нохост аз таъсири манфии ашъори ӯ сухан дар миён овардам. Устод пас аз шунидани мулоҳизаҳои ман, хеле тааҷҷуб карданд ва гуфтанд, ки бо кадом далел ин ҳарфҳоро мезанӣ, шоҳид дорӣ ё хайр? Зеро, ба қавли Саъдӣ:

*Надорад ногуфта касе ба ту кор,*
*Валекин чу гуфтӣ, далелаш биёр!5*

Банда гуфтам, ки Иқбол тарафдори давлати исломӣ ва ташкили хилофату аморат буда, миллату ватанро инкор менамояд. Дигар, тарафдори ҳиҷоби занон буда, аз Муссолинӣ-роҳбари Италияи фашистӣ, Аврангзеб, ки шоҳи мутаассиб мебошад, дар осораш ситоиш менамояд. Аз фалсафиён, ақлгароён, ба вижа Форобию Сино низ интиқод мекунад. Бештар аз Ғаззолию Ибни Арабӣ, Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ ва соири мутаккалимону андешамандони исломӣ пайравию тамҷид менамояд. Устод суханони маро тасдиқ намуд ва зимнан гуфт: «Мутаассифона, осори Иқбол дорои ду ҷанба мебошад. Яке ҷанбаи мусбат, дигаре манфӣ. Мо инро аз оғоз нафаҳмидем». Сипас, ман аз ашъори дар солҳои охир сурудаи худи устод, ки ба ҷанбаҳои манфии таълимоти вай ишора шуда буд, чанд мисол овардам, ки якеаш ин шеър буд.

*Дар сояи як мақбараи сахт баланд*
*Бо оби хунук нони ҷавӣ мехӯрданд.*
*Гуфтанд, ки ин мақбараи Иқбол аст,*
*Аз ҳазрати ӯ ин ҳама беиқболанд.6*

Хулоса, Иқбол, ки мутафаккир ва шоири инқилобӣ (албатта, инқилоби исломӣ, ки мо онро инқилоби сиёҳ меномем, зеро пайравонаш сияҳпӯшанд) буд. Баъдан, бадбахтона, бо пайравӣ аз ин кишвар ва зери таъсири таълимоти вай ин кор дар баъзе кишварҳо низ сомон пазируфт ва нақшаҳои ӯ амалӣ шуд, аммо, хушбахтона, танҳо дар Осиёи Миёна (Тоҷикистон) орзуҳои вай, ки ибтидо ташкили як давлати исломӣ ва баъдан хилофат ва ё аморат дар бар мегирифт, амалӣ нашуд вагарна ҳоли мо бад мешуд ва мо ҳамчун миллат ва кишвари мустақил аз байн мерафтем, зеро дар давлати исломӣ, хилофат, аморат барои вуҷуди миллат ҷой нест, он ҷо миллат зоҳиран танҳо мусулмон аст. Аммо ин дурӯғе беш нест. Лиҳозо, мо аз ин бахти баланди худ бояд биболем, ки на дахолати кишварҳои исломӣ, на назариёту на шеъри Иқбол ва на афкори дигар

хилофатгароёну аморатсозону босмачидӯстон ва соири нерӯҳои зиддимиллӣ натавонистанд миллати моро аз роҳи рост мунҳариф созанд ва озодиеро, ки дар асри гузашта, баъд аз 1000 сол, ба даст оварда будем, аз дастамон бигиранд ва тақдири моро ба дасти бегонагон бидиҳанд. Агарчи эшон ҷанги шаҳрвандиро дар кишвар ба роҳ андохтанд ва муддате мардумро гумроҳу сарсону саргардон намуданд, аммо мардуми ҳушманду зираки мо оқибатуламр ба нобасомониҳою нофаҳмиҳою гумроҳиҳо хотима доданд ва сулҳу ваҳдатро тадриҷан дар кишвар барқарор намуданд ва ҳамчун давлати демократӣ ягонагию истиқлолияти миллии худро ҳифз намуданд ва пеши роҳи исломгароёну хилофатсозону аморатхоҳонро гирифтанд. Албатта, фикри ташкили давлати исломӣ, ки Осиёи Миёнаро низ дар бар мегирифт, танҳо ба Иқбол ихтисос намегирад, зеро ин тарҳ қабл аз Иқбол аз ҷониби Саид Ҷамолиддини Афғонӣ кашида шуда буд. Тавре ки Ҷовид Иқбол-фарзанди Муҳаммад Иқбол мегӯяд: «Дар соли 1881 мелодӣ Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ хоби як ҷумҳурии муттаҳиди исломиро дид, ки шомили манотиқи мусулмоннишини Шӯравӣ дар Осиёи Миёна, шомили ғарби Ҳиндустон ва Афғонистон низ мешуд». Албатта, чи гуна мақсадро Иқбол низ дар дил дошт. Аз ин рӯ, ӯ дар яке аз бандҳои шеъри машҳури «Аз хоби гарон хез!»-и худ ин маъниро босароҳати том эълом дошта ва гуфта буд:

*Ховар ҳама монанди губори сари роҳест,*
*Як нолаи хомӯшу асарбохта оҳест.*
*Ҳар зарраи ин хок гиреҳхӯрда нигоҳест,*
*Аз Ҳинду Самарқанду Ироқу Ҳамадон хез!*
*Аз хоби гарон, хоби гарон, хоби гарон хез!*
*Аз хоби гарон хез!8*

Аммо бо ин ҳама на назарияи Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ, на Иқболи Лоҳурӣ, ки роҳандозии иттиҳоди исломӣ, ташкили давлати исломӣ, хилофату императории исломӣ ва ваҳдати кулли мусулмонони ҷаҳонро дар назар доштанд ва пофишорӣ мекарданд, на танҳо ҷомаи амал напӯшид, балки ғалат ва хаёли хом будани он ҳам собит шуд,зеро давлатҳои исломӣ ҳозир набуданд, ки мустақилияти худро аз даст бидиҳанд ва худро дар ҳалқаи асорати хилофати ба ном «исломӣ» биандозанд, мутамарказ созанд ва бад-ин тартиб аз озодию якпорчагии кишвари хеш маҳрум гардонанд ва умуман, мавҷудияти хешро зери хатару суол гузоранд. Онҳо накӯ фаҳмиданд, ки ташкили иттиҳоди мусулмонони ҷаҳон, ташкили давлати мутамаркази исломӣ, бо номи хилофат, ки зери шиори ваҳдати мусулмонон бояд сурат мегирифт ва бигирад, имконнопазир аст ва шиори «мӯъмин-бародари мӯъмин» дар асл танҳо як шиор аст.

Ин ҳама таноқуз бебунёдии ин таълимотро, ки Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ, Иқболи Лоҳурӣ ва дигар назариётчиёну тарроҳони исломгаро тартиб дода буданд, сад дар сад тасдиқ менамояд. Ба андешаи Ҷовид Иқбол, «ҳақиқат ин аст,

ки истиқлоли Покистон дар ҷаҳони ислом, барои эҳёи дини ислом, ки нахустин инқилоби исломӣ буд, мутаассифона комил нашуд. Дар натиҷаи боло гирифтани таассуби минтақавӣ дар Покистон Иқболро, ки шоир ва мутафаккири ин инқилоб буд, як шоири панҷобӣ хонданд ва ӯро дар қафаси Панҷоб маҳбус карданд. Албатта, Покистон натавонист тибқи меъёри ӯ як кишвари исломӣ бошад… Ба ҳар ҳол, дар соли 1977 авзоъ тағйир ёфт. Дар ҳамин замон, дар Эрон низ фикри инқилоб густариш ёфт. Ба сабаби навиштаҳои доктор Шариатӣ ва дигар донишмандону уламо дар мавриди Инқилоб, ӯро бо эҳтиром дар зумраи мутафаккирони исломӣ қарор доданд» 9. Дарвоқеъ, агарчи Иқбол ба шиори «муъмин- бародари муъмин» эътиқод дошт ва мегуфт:

*Пеши Қуръон бандаву мавло якест,*
*Бурёву маснади дебо якест.  10*

Аммо ҳақиқати ҳол ин буд, ки мусулмонон ҳеҷ гоҳ натавонистанд, ки ин баробарию бародариро таъмин намоянд ва мӯҷиби иттиҳоду якпорчагӣ шаванд, зеро, боз ҳам ба қавли худи ӯ:

*Зери гардун одам одамро хӯрад,*
*Миллате бар миллати дигар чарад.   11*

## ПАЙНАВИШТҲО:

1.Суханони мондагори Черчил.Миллат,2 июли соли 2014.
2.Мунтахаби ашъори Иқболи Лоҳурӣ. Душанбе, Маориф ва фарҳанг, 2010, с.173.
3. Ҳамон ҷо, с.75.
4. Бозор Собир. Аз «Гули хор» то «Симхор». Душанбе, 2003. с.187.
5. Саъдии Шерозӣ. Куллиёт, ҷ.4, Душанбе, Адиб,1990, с.221.
6.Бозор Собир.Хуни қалам. Душанбе, 2010, с.119.
7. Ҷовид Иқбол.Зиндаруд. Душанбе, Эр–граф, 2011, с.344.
8.Мунтахаби ашъори  Иқболи Лоҳирӣ, с.173.
9. Ҷовид Иқбол. Зиндаруд, с.402.
10. Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ.Душанбе.Дониш,2013, с.128.
11.Муҳаммад Иқбол.Пайғоми Шарқ. Душанбе, Адиб,1987, с.217.



**Абдуламини МАҶНУН**
**адабиётшинос**

## НАЗАРИ САДРИДДИН АЙНӢ БА АҲЛИ ДИН ХУРОФОТ

Мубориза байни илм ва хурофоти динӣ, байни рушноӣ ва торикӣ аз қадим давом карда меояд. Ҳанӯз пеш аз пайдоиши динҳои ҷаҳонӣ, дар давраи бисёрхудоӣ дар Юнони Қадим байни материалистон ва идеалистон дар масъалаҳои пайдоиши олам, материя, шуур, рӯҳ, ҷон ва ғайра мубориза мерафт.

Таърихи инсоният шоҳиди бисёр хунрезиҳои ходимони мутаассиби динӣ мебошад. Масалан, олимони машҳури ҷаҳон Николай Коперник, Ҷордано Бруно, Галилео Галилей ва ҳазорон донишмандони дигари рӯшанфикрро ҳомиёни хурофотзадаи дини католикӣ ба ҷазоҳои мудҳиш гирифтор карда буданд.

Дар ҳама замонҳо адабиёти бадеӣ дар мубориза бар зидди хурофоти динӣ ва рӯҳониёни мутаассиб яке аз аслиҳаҳои беҳтарин ба шумор мерафт. Шоирону нависандагони пешқадам ва озодфикри ҷаҳон, тамоми норасоиҳои замон, аз ҷумла ҷабру зулми аз тарафи дин ва рӯҳониёни ҷоҳил содиршударо дар асарҳояшон тасвир намуда, тамоми сирру асрори онҳоро ифшо намудаанд.

Бузургони илму адаби мо, аз ҷумла Носири Хусрав, Абӯалӣ Сино, Умари Хайём, Мавлоно Ҷалолиддин, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Бедил ва дигарон дар ашъору навиштаҳои худ бар зидди мутаасибони хурофотӣ муборизаи беамон бурдаанд ва дар фош сохтани макру дурӯғи онҳо хидмати пурарзиш намудаанд.

Ин анъанаро сардафтари адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айни идома додааст. Осори устод Айнӣ саршор аз афкори мутараққӣ ва созанда мебошад. Ӯ дар асарҳои худ, хусусан дар «Ёддоштҳо» тамоми фиску фасоди ҷомеаи феодалӣ ва сохти пӯсидаи давлатдории Аморати Бухороро зери танқид қарор дода, ҳаёти пуразоби мардуми он замонро тасвир менамояд.

Дар «Ҷаллодони Бухоро» Айни ҳодисаҳои мудҳиштарини он давр, аз ҷумла одамкушӣ, азобу машаққат додани меҳнаткашонро дар зиндонҳои амирӣ, инчунин макру фиреби рӯҳониёнро ба таври барҷаста тасвир намудааст. Ӯ дар тасвири воқеаҳои мудҳиши соли 1918 ҳамчун воқеанигори реалӣ баромад мекунад ва симои рӯҳониёни ҷоҳил ва фиребгари он даврро кушода медиҳад. Албатта, хислатҳои ҷоҳилӣ, фиребгарӣ, бадмастӣ ва мардумфиребӣ танҳо ба

Қорӣ Ибоду шайх Пирзода хос набуд. Ин хислатҳо ба ҳамаи мутаассибони мазҳабии он замон таалluқ дошт.

Нависанда дар боби «Соҳибони шариат»-и асари худ аз забони Ҳайдарча ном ҷаллод ҳикоятеро меорад, ки дар он кирдорҳои бади яке аз рӯҳониёни мутаассиб - Қорӣ Ибод тасвир ёфтаанд. Қорӣ Ибод ҳам монанди дигар ҳамкасбонаш доимо ба бадахлоқӣ, дуздӣ ва ҳатто ба одамкушӣ машғул мешавад. Аммо бо вуҷуди бадкирдориаш дар охир ӯ худро диндортарин кас нишон дода, дар кӯча мардумро ба ҳимояи дини ислом даъват мекунад. Нависанда ҳамаи ин сохтакориҳои рӯҳониёнро дида, онҳоро ҳатто аз ҷаллодон, ки ҳар рӯз хуни даҳҳо одамонро мерезонданд, пасттар мешуморад. Бисёрии ҷаллодон ба касби худ надониста, нафаҳмида ё зӯран дохил кунонида шудаанд. Онҳо аз ин кори худ пушаймонанд, вале аз тарс чизе гуфта наметавонанд. Онҳо ҳамаи бедодгариҳоро дида, ҳис мекунанд, ки хуни ноҳақ рехта истодаанд.

Нависанада, пеш аз ҳама, макони бамайдонорандаи ин морҳои заҳрнок – мадрасаҳои он замонро ба зери танқид мегирад, зеро ҳама гуна кирдорҳои бадро рӯҳониёни ҷоҳил аз ҳамон ҷо меомӯхтанд. Аз тасвири зерини нависанда, ки аз забони Ҳайдарча меорад, маълум мешавад, ки муассисаҳои динӣ ва хонандагони он ҷо ба чӣ корҳо машғул будаанд:

«Мадрасаи Кӯкалтошро ҷаннати рӯи дунё гӯӣ ҳам мешавад. Дар он ҷо ғайр аз пойи мор ва шири мурғу ҷони одам ҳама чиз ёфт мешавад. Хушрӯҳои олампаноҳро оварда дар он мадраса базм мекунанд».

Ҳайдарча, ки муаллиф суханро аз забони ӯ овардааст, тавсифи мадрасаро давом дода мегӯяд, ки:

…Дутор гӯӣ, пиво гӯӣ, танбӯр гӯӣ, мусалласи шаръӣ гӯӣ, араќи яҳудӣ гӯӣ, вино гӯӣ, коняк гӯӣ, банг гӯӣ, барш гӯӣ, чакида гӯӣ, тарёк гӯӣ, кӯтоҳаш ҳар чизе ки аз асбоби кайфӣ гӯӣ, дар он ҷо ёфт мешавад. Аз ин сухани Ҳайдарча Қурбони-девона дар ҳайрат афтода, мепурсад:

… Дар он ҷо пойи мор набошад ҳам, худи мор будааст, ки ин қадар морбачагонро тарбия карда мебаровардааст-дия гуфта Рӯзӣ- сарносӣ сухани Ҳайдарчаро бурид». (Куллиёт. Х.1- с).

Аз мисолҳои боло дида мешавад, ки нависанда барои кушода додани симои намояндагони дин ва муассисаҳои он роҳи хеле хуби тасвирро истифода бурдааст. Нависанда ба ин восита нишон медиҳад, ки дар мадрасаҳои Бухоро ба ҷойи илмомӯзӣ аксарияти муллобачаҳо ба корҳои беҳуда машғул шуда, дар он ҷо роҳҳои дуздӣ, ғоратгарӣ, мардумфиребиро меомӯхтанд. Устод Айнӣ ба воситаи гуфтугӯи ҷаллодон ниқобро аз рӯи муллою эшонҳои қаллобу фиребгар канда, онҳоро фош мекунад. Қорӣ Ибод ҳам яке аз ҳамин гуна диндорон буда, дар мадрасаи Кӯкалтош ба сар мебарад. Масалан, вай дар вақти дар мадраса буданаш писаракеро якчанд рӯз дар хонааш нигоҳ дошта, боиси норозигии дигар олуфтаҳои мадраса мегардад.

Хислату характери рӯҳониёни ислом ва бо кадом роҳҳо соҳиби шариат шудани онҳо аз мисоли ҳамин Қорӣ Ибод маълум шуда меистад. Қорӣ Ибод бо вуҷуди ҳамон қадар кирдорҳои зишт дар охир муллои калон ва соҳиби шариат

шуда мемонад. Ин фикрро нависанда аз забони Ҳайдарча дар ҷавоби сухани Қодири буз, ки тарафдори муллоён буд, чунин баён мекунад:

Ҳамин Қорӣ Ибод мурдори вайрон, ки ба мурдорӣ ва вайронии ӯ худат ҳам қоил шудӣ, рафта-рафта муллои калон ва соҳиби шариат шуд. Мол, ҷон, номӯс, ва обрӯи халқро ба дасти худ гирифт».

Аз ин намунаҳо, ки нақл кардем, маълум мешавад, ки тақдири халқи тоҷик дар шароити тираю тори амирӣ дар дасти чунин ҳомиёни фосиқи дину шариат, аз қабили Қорӣ Ибодҳо буда, онҳоро ҳароина ғорат мекардаанд. Қорӣ Ибод, ки аз хислатҳои инсонӣ дар ӯ нишонае боқӣ намонда буд, соли 1917 дар вақти ҳурриятталабии ҷадидон саллаи худро бар гардан печонда: «Во, шариато! Во, исломо! Во, дино! - Гӯён фарёд мекард».

Устод Айнӣ, ки бо идея ва ҷаҳонбинии илмӣ мусаллаҳ буд, тавонистааст, ки тамоми қабоҳату разолати диндорони хурофотию мутаассибро чуқур ва ҳаматарафа кушода диҳад.

Айнӣ дар асарҳои худ ҳамчун маҳкумкунандаи ҳама гуна ақидаву одатҳои хурофотии динӣ баромад мекунад. Мо ин гуна амали нависандаро дар ҳикояи «Аҳмади девбанд», ки дар мубориза бо хурофотзадагию ифротгароӣ ва тарбияи мардум дар рӯҳияи ҷасоратмандию тафаккури созанда ва ҷаҳонбинии илмӣ нақши муҳим дорад, бармало мушоҳида менамоем.

Устод Айнӣ ақидаҳои зиддихурофотии худро ба воситаи образҳои бадеӣ ифода намуда, дар кушодани сирру асрори рӯҳониёни мутаассиб аз онҳо истифода бурдааст. Яке аз воситаҳои муҳимми фошкунӣ, ки нависанда онро қариб дар тамоми эҷодиёташ истифода бурдааст, ҳаҷв мебошад.

Нависанда, инчунин хислат, характер, хулқу одоб, рафтору кирдори баъзе ҳомиёни динро аз забони намояндагони халқ ифода намуда, бо ин роҳ чи хел муносибат доштани оммаро нисбат ба рӯҳониёни мутаассиб хеле боварибахш нишон медиҳад. Як хусусияти фарққунанда дар осори устод Айнӣ дар танқиди чунин ашхос дар ин аст, ки нависанда дар бораи дин ва рӯҳониён ба таври умумӣ сухан наронда, балки он нафаронеро ба зери танқид мегирад, ки дар ҳаёт вуҷуд доштанд ва бо кору кирдори разилонаи худ «машҳур» гардида буданд.

Мақсади асосии таълифи ин мақола як вокунишест ба маърӯза, гузоришҳо ва чорабиниҳое, ки вақтҳои охир дар кишварамон бахшида ба зодрӯзи С. Айнӣ ва 90-солагии асари сарнавиштсози ӯ - «Намунаи адабиёти тоҷик» дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҳфили «Гуфтугӯйи тамаддунҳо» сурат гирифт. Зеро дар ин чорабиниҳо як гурӯҳ адибону донишмандон ба устод Айнӣ баҳои яктарафа дода, бо овардани нақлу ривоятҳои бадеиву сохта хостанд, ки аз вай як чеҳраи диниву рӯҳонӣ бисозанд. Чунин муносибати ғалати иртиҷоӣ ба С. Айнӣ ва осори ӯ, албатта, дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон кори хубе нест. Баръакс, мо бояд дар мубориза бар зидди хатарҳои муосир, аз ҷумла ифротгароӣ, таассуби динӣ, мазҳабиёни ифротгаро ва хурофотӣ аз осори гаронбаҳои адиби нотакрор, Қаҳрамони Тоҷикистон - Садриддин Айнӣ дурусту самаранок истифода намоем.



**Шервони УМРИДДИН**
рӯзноманигор

## Истилоҳоти иқтибосии соҳаи варзиш ба забони арабӣ дар ҳафтаномаи «Ҷавонони Тоҷикистон»

Ба таркиби луғавии забони тоҷикӣ роҳ ёфтани вожаву истилоҳоти арабӣ падидаи табиист, зеро баробари ҷорӣ гаштани дини ислом ва ташкили хилофат дар кишварҳои истилоёфтаи Шарқ забони арабӣ ҳамчун забони давлатӣ, забони илму муоширати байни халқҳо мавқеъ пайдо намуд, ҳамчуноне ки забони лотинӣ барои ақвоми аврупоӣ ин вазифаро бар дӯш дошт. *«Иқтибосҳо аз луғати арабӣ дар марҳилаи аввали инкишофи забон гувоҳи таъсири забони арабӣ аст. Лексикаи арабӣ ба воситаи ҳомиёни сиёсии араб, ташвиқу тарғиби дини ислом аз тарафи рӯҳониён, адои маросимҳои динӣ, ба воситаи таълим ва омӯхтани савод дар забони тоҷикӣ ҷорӣ мешуд»* (29, 39). Ин аст, ки аз унсурҳои арабӣ офаридани истилоҳоти бахши варзиш барои бой гардонидани таркиби луғавии забонамон мусоидат кардааст ва он ибтидои худро аз давраҳои аввали ташаккул ва таҳаввули забони форсии тоҷикӣ гирифтааст.

Як бартарии вожаҳои иқтибосии арабӣ нисбат ба калимаҳои аслии забони тоҷикӣ дар он аст, ки ному мафҳуми ашёро ба таври мушаххас ифода менамоянд. Баъзе аз машҳуртарин истилоҳоти варзиши арабиаслро, ки дар забони матбуот зиёд ба назар мерасанд, дида мебароем:

Маъмултарин калимаи иқтибосии арабӣ, ки дар соҳаи варзиш корбаст мешавад, **мусобиқа** – مُسَابَقَة мебошад, ки мо дар боби гузашта дар бораи он сухан рондем ва онро боз як бори дигар ёдрас мекунем. **Мусобиқа** – مُسَابَقَة аз ҷиҳати шакли грамматикӣ исми амал ё масдари феъли навъи сеюми арабӣ سَابَقَ мебошад. Феъли سَابَقَдар луғат *«мусобиқа кардан, зӯрозмоӣ кардан, қувваозмоӣ кардан; дар озмун иштирок кардан; пешӣ гирифтан, бартарӣ ҷустан»* маънидод шуда (6, 345; 26, 753), масдари он مُسَابَقَة маънои *«мусобиқа, зӯрозмоӣ, қувваозмоӣ; озмун; пешӣ гирифтан(и), бартарӣ ҷустан(и)»*-ро дорад (6, 345; 26, 753). Пас, **мусобиқа** дар риштаи варзиш маънои *«зӯрозмоии варзишӣ, бартарӣ ҷустан дар варзиш»*-ро дорад:

*23 – 24 феврали соли равон дар шаҳри Дюсселдорфи Олмон* ***мусобиқаи*** *пурнуфузи Гран-прии дзюдо баргузор шуд. Дар ин* ***мусобиқаи*** *байналмилалӣ ҳудуди 400 варзишгар аз 50 кишвари ҷаҳон ширкат доштанд* (Ҷавонони Тоҷикистон, 28.02.2013);

***Мусобиқа*** *миёни мардону занон дар 14 вазн (7 вазн байни мардон ва 7 вазн миёни занон) сурат гирифт. Маблағи ҷавоизи* ***мусобиқа*** *100 ҳазор доллари амрикоиро ташкил медод* (Ҷавонони Тоҷикистон, 28.02.2013);

*Футболбозони ин тим баъди анҷоми* ***мусобиқаи*** *интихобии Ҷоми даъватии КФО (Конфедаратсияи футболи Осиё) дар Бишкек ба Кувайт сафар мекунанд* (Ҷавонони Тоҷикистон, 28.02.2013);

Муродифи ҳамрешаи **мусобиқа** калимаи **сабқат** – سَبْقَة мебошад. Вожаи сабқат маънои *«пешӣ гирифтан, пеш гузашта рафтан аз чизе ё касе; пешдастӣ, пешӣ»*-ро дорад (27, 167). Он нисбат ба **мусобиқа** камистеъмол бошад ҳам, солҳои охир дар саҳифаҳои матбуот ҳамчун муродифи калимаи **мусобиқа** ба назар мерасад:

*Дар* ***сабқати*** *мардон гӯштингирони Ҷопон, Гурҷистон ва Фаронса дар дувазнӣ пирӯз гардиданд* (Ҷавонони Тоҷикистон, 28.02.2013);

*Бигзор ин* ***сабқат*** *бо ҳисоби 3: 1 бар (? – ба) фоидаи «Ливер» хатм шуд (? – анҷом ёфта бошад). Вале тазод ин аст, ки 3: 1 бохта «Зенит» ғалаба кард!!!* Ҷавонони Тоҷикистон, 28.02.2012).

Дигар калимаи арабие, ки дар соҳаи варзиш ҳамчун истилоҳ ба кор бурда мешавад, **рақобат** аст. Рақобат – رَقَابَة аз ҷиҳати шакли грамматикӣ масдар ё исми амал аз феъли навъи якуми арабӣ – رَقَبَ мебошад. Маънои аслии калимаи **рақобат** дар забони арабӣ *«1. назорат, посбонӣ, назорат кардан, таъқиб; 2. поидан»* мебошад (6, 308). Вале дар забони тоҷикӣ ин калима аз маънои аслӣ хеле дур рафта ба тағйироти маъноӣ дучор шудааст. Он имрӯз дар забони тоҷикӣ ба маънои *«мубориза бурдан, байни ҳамдигар мусобиқа кардан»* ба кор меравад. Дар соҳаи варзиш низ чунин маъно дорад:

*Сардовари ин мусобиқа Маҳмуди Абдуллоҳ, сардори шӯъбаи варзиши Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон… дар сӯҳбат гуфт, (? – ки)* ***рақобатҳо*** *тибқи қоидаҳои ҷадид, ки Федератсияи байналмиллалии дзюдо тасдиқ кардааст, барпо мегарданд* (Ҷавонони Тоҷикистон, 06.03.2012);

*Дар ин* ***рақобатҳо*** *дастаи миллии Амрико ҳам бо ғалаба бар Белорус ба мақоми сеюм расид* (Ҷавонони Тоҷикистон, 28.02.2013);

*Дар* ***рақобатҳои*** *даври чорякниҳоӣ Искандари Рустам дар вазни 96 килограм рақибаш Суи Хияо Ченги чиноӣ ва дар даври ниманиҳоӣ Ҷорханд Худербулгаи муғулро мағлуб кард* (Ҷавонони Тоҷикистон, 05.04.2012).

Ба ҳар сурат маънои имрӯзаи калимаи **рақобат** ба маънои аслии он робита дошта аз ҳамон *«назорат, посбонӣ, таъқиб, поидан»* сарчашма мегирад, зеро кирдору рафтори ҳамдигарро назорату посбонӣ кардан ҳам як навъи мусобиқа аст.

Вожаи **рақиб** низ ҳамрешаи **рақобат** аст. Агар **рақобат** амал бошад, **рақиб** – رَقِيبٌ иҷрокунандаи он амал мебошад. **Рақиб** дар луғати арабӣ-русӣ ба маънои *«1. посбон, нигаҳбон; 2. назоратчӣ, назораткунанда, таъқибкунанда; ҷосус»* (6, 308)

омада, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» *«яке аз ду нафаре, ки ба чизе ё шахсе ошиқ ё моил буда, барои ба даст овардани он ё бартарӣ баёни худ мубориза мебарнд; душман»* (27, 131) маънидод шудааст. Дар ҳар сурат маънои рақиб, ки дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» шарҳ ёфтааст, бо маънои дар луғати арабӣ-русӣ зикршудаи он иртибот дорад, зеро, тавре дар боло ҳангоми шарҳи калимаи рақобат гуфтем, рақибон барои бартариро соҳиб шудан рафтору кирдори ҳамдигарро сахт назорат мекунанд, ки ин худ мубориза аст, пас **рақибон** ба ҳамдигар душман мебошанд. Пас маънои калимаи **рақиб** низ монанди маънои калимаи **рақобат** дар забони тоҷикӣ аз аслаш (аз он маъное, ки дар забони арабӣ ифода мекунад) дур нарафтааст. Дар соҳаи варзиш истилоҳи рақиб маънои *«ҳариф, иштирокчӣ аз тарафи мухолиф»*-ро дорад:

*Парвиз Собиров дар вазни то 100 кило дар даври аввал бар **рақибаш** Маторелли Наполеон аз Венесуэла голиб омад, вале дар даври дуюм аз **рақиби** озарбойҷониаш Илҳом Мамедов маглуб* шуд (Ҷавонони Тоҷикистон, 28.02.2013);

*Комроншиҳи Устопириён дар вазни 90 кило дар даври аввал аз **рақибаш** Квак Данг Ҳан аз кореяи Ҷанубӣ шикаст хӯрд ва аз ҳаққи идомаи мубориза маҳрум гашт* (Ҷавонони Тоҷикистон, 28.02.2013);

*Яя Туре дар дақиқаи 63 ва Карлос Тевес дар дақиқаи 86 тӯбро вориди дарвозаи **рақиб** карданд* (Ҷавонони Тоҷикистон, 28.02.2013).

**Мубориза –** مُبَارَزَةٌ ҳам аз ҷиҳати шакли грамматикӣ исми амал ё масдар аст. Он аз феъли навъи сеюми بَارَزَ бар вазни مُفَاعَلَةٌ сохта шудаст. Феъли بَارَزَ маънои *«тан ба ҷангидан»*-ро дорад (6, 65). Масдари он **мубориза** – مُبَارَزَةٌ низ ба маънои *«ҷанги якка ба якка, ҷанги тан ба тан байни ду рақиб, ҷангидани тан ба тан байни ду рақиб, муборизаи ду ҳариф»* истеъмол мешавад (6, 65). Дар соҳаи варзиш истилоҳи **мубориза** муродифи вожаҳои **мусобиқа, рақобат,** мебошад:

*Комроншиҳи Устопириён дар вазни 90 кило дар даври аввал аз рақибаш Квак Данг Ҳан аз кореяи Ҷанубӣ шикаст хӯрд ва аз ҳаққи идомаи **мубориза** маҳрум гашт* (Ҷавонони Тоҷикистон, 28.02.2013).

**Ҳариф** – حَرِيفٌ дар луғати арабӣ-русӣ ба маънои *«1. рафиқ, шарик; 1. бозингар, ҳамроҳ; 3. мизоҷ, муштарӣ»* (6, 166) ва дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънои *«1. ҳамкор, ҳамкасб, ҳампеша; 2. ёр, ҳамсӯҳбат, ҳамнишин; 3. рақиб; тарафи муқобили касе дар ҷанг ва бозӣ ё муҳориба»* (27, 733) зикр шудааст. Тавре дида мешавад, калимаи **ҳариф** маҳз бо маънои таҳти рақами 3 дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» зикршудааш истилоҳи соҳаи варзиш мебошад:

*Яъне санаи сеюми марти соли равон дар Маҷмааи варзишии шаҳри Душанбе дар вазни 60 кг бо се **ҳарифи** худ дар (? – ба) набард баромад* (Ҷавонони Тоҷикистон, 01.03.2013);

*Маҳз дар ин мусобиқа қаҳрамони мо ду **ҳарифе** (? – ҳариферо), ки онҳо аллакай ҷоиза гирифтагон буданд ва аз ӯ дида пуртаҷрибатар буданд, аз по афтонид ва дар набард бо **ҳарифи** саввумаш маглуб гардид* (Ҷавонони Тоҷикистон, 01.08.2013).

**Мусовӣ –** مُسَاوِى исми амал ё масдари феъли навъи сеюм – سَاوَى мебошад. Агар феъли سَاوَى маънои *«1. ҳамвор кардан, рост кардан, баробар кардан; 2. баробар*

*шудан, мувофиқ омадан; 3. истодан; 4. чен кардан, яксон кардан»*-ро дошта бошад, *исми амали он ба маънои «баробар, якхела, мувофиқ, ҳамвор» меояд. Дар соҳаи варзиш «баробарии қувваҳои бозингарон ё варзишгарон ва имконияти набудани галаба ба ҳар ду дастаи ё ҳар ду тарафи мусобиқакунандаро»* ***мусовӣ*** *меноманд:*

*Бори аввал соли 2004, ки доварон муштзаниро* ***мусовӣ*** *ҳисоб карданд ва соли 2008 вай ҳарифашро шикаст дод (Ҷавонони Тоҷикистон, 12.01.2012);*

*Ҳамин тавр қисми аввали бозӣ* ***мусовӣ*** *анҷом ёфт (Ҷавонони Тоҷикистон, 06.12.2012);*

*Қаҳрамони мамлакат «Равшан»-и Кӯлоб, ки дар базаи таълимию тамринии «Баҳористон»-и Қайроқум ба Ҷоми КФО омодагӣ мебинад, бо ҷавонони клуби футболи «Актобе»-и Қазоқистон вохӯрд. Бозӣ* ***мусовӣ*** *(1:1) анҷом ёфт (Ҷавонони Тоҷикистон, 28.02.2013).*

*Калимаи* ***мураббӣ*** *– مُرَبِّی низ дар соҳаи варзиш истилоҳи нисбатан нав аст. Қаблан дар ин соҳа вожаи русии* ***тренер*** *истеъмол мешуд. Мураббӣ асосан дар охири солҳои 80-уми асри XX ҳамчун истилоҳи соҳаи варзиш ба ҷойи* ***тренери*** *русӣ дар забон истеъмол шудан гирифт ва имрӯз хеле серистеъмол шуда, доираи истеъмоли* ***тренерро*** *хеле маҳдуд кардааст. Дар забони хаттӣ асосан* ***мураббӣ*** *истеъмол мешавад, лекин дар гуфтугӯ* ***тренерро*** *низ истифода мебаранд. Ба ибораи дигар, азбаски* ***мураббӣ*** *дар забони тоҷикӣ хуб ҳазм гардида буд, тавонист вожаи бегонаи* ***тренерро*** *аз забони хаттӣ берун карда ҷойи онро бигирад. Тавре аз маънои ин калмаи бармеояд,* ***мураббӣ*** *«шахсест, ки варзишгаронро машқу тамрин дода, ба онҳо нозукиҳои ин ё он навъи варзишро меомӯзонад ва онҳоро ба муцсобиқаҳо омода мекунад»:*

*Соли 2005 (Худодод Азизӣ) бо тими «Адмира Ваккер»-и Австрия шартнома баст, вале бо сабаби хуб набадани муносибат бо* ***мураббиён*** *ин дастаро тарк кард (Ҷавонони Тоҷикистон, 28.02.2013);*

*Баъди ба нафақа баромадан ҳамчун мушовири роҳбарияти Клуби Футболи «Абӯмуслим», ҳамчун* ***мураббӣ*** *дар клубҳои «Абӯмуслим», «Паём» ва «Истиқлол Ахвоз» фаъолият кард (Ҷавонони Тоҷикистон, 28.02.2013);*

*Ҳоло Аҳтам Раҷабов бо ёваронаш,* ***мураббиёни*** *варзида…дар Душанбе, дар маркази клуби варзишии «Вастан» ба писарону духтарон сабку услуби дзюдоро меомӯзонанд (Ҷавонони Тоҷикистон, 06.03.2012).*

*Тавре дар боло зикр кардем, вожаи* ***мураббӣ*** *дар забони тоҷикӣ хеле хуб ҳазм шудааст ва дар калимасозии ин забон фаъолона иштирок мекунад. Масалан, дар соҳаи варзиш аз* ***мураббӣ*** *вожаи мураккаби* ***сармураббӣ*** *ва таркибҳои* ***мураббии калон, мурабии шоиста*** *истеъмол мешаванд, ки ин гувоҳи гуфтаҳои мо мебошад:*

*Тавре аз Федератсияи футболи мамлакат хабар доданд, ҷамъомади таълимиву тамринии футболбозони ҷавон таҳти раҳбарии* ***сармураббӣ*** *Мубин Эргашев дар шаҳри Норак то 15 январ идома хоҳад кард (Ҷавонони Тоҷикистон, 10.01.2013);*

***Сармурабии*** *дастаи миллии Амрико ба хабарнигорон гуфт: «Ҳаводорони эронӣ беҳтарин мухлисони гӯштин дар дунё ҳастанд» (Ҷавонони Тоҷикистон, 28.03.2013);*

*Ба гуфтаи директри клуби футболи «Хайр» Баҳриддин Мирзоев, Азизӣ* ***сармураббии*** *дастаи футболи Ваҳдат таъйин мешавад* (Ҷавонони Тоҷикистон, 28.03.2013);

*Нахуст барои кор ба ин бошгоҳ ба ҳайси* ***сармураббӣ*** *мутахассиси варзида, яке аз поягузорони дзюдо дар Тоҷикистон, устоди варзиши СССР,* ***мураббии шоистаи*** *Тоҷикистон Аҳтам Раҷабов даъват шуд* (Ҷавонони Тоҷикистон, 06.03.2013);

***Мурабии калони*** *дастаи «Истиқлол» Мубин Эргашев низ аъзои дастаи «Равшан»-ро бо галабаашон табрик гуфта, ба онҳо дар мавсими соли оянда муваффақият хост* (Ҷавонони Тоҷикистон, 06.12.2012).

Дар бораи истилоҳи **мураббии шоиста** ҳаминро гуфтанием, ки ин як навъ унвони фахрист, ки ба мураббиёни соҳаи варзиш барои хизматҳои шоёнашон дар пешрафти соҳа ва тайёр кардани варзишгарони лаёқатманд дода мешавад.

Вожаҳои **ғолибу мағлуб** низ ҳамчун ҷуфти антонимии ҳамреша дар соҳаи варзиш истеъмол мешаванд. **Ғолиб** – غَلِبٌ исми фоили феъли навъи якуми غَلَبَ ва **мағлуб** – مَغْلُوبٌ исми мафъули ин феъл аст. Ғолиб маънои *«ғалабакунанда, хеле пурқувват, тавоно, чира, забаодаст»*-ро дорад (6, 568; 27, 653). **Мағлуб** бошад ба маънои *«ғалабакардашуда, торуморкардашуда, шикастхӯрда»* (6, 568; 26, 668) кор фармуда мешавад. Дар соҳаи варзиш низ варзишгари дастболошуда ё дастаи пешсафро **ғолиб** ва варзишгар ё дастаи шикастхӯрдаро **мағлуб** меноманд. Аз ин ду ҷуфти антонимии ҳамреша дар забони тоҷикӣ феълҳои таркибии номии **ғолиб омадан** ва **мағлуб шудан** сохта шудааст, ки ин феълҳо низ ҳангоми баҳогузорӣ ва бартарият додан ба варзишгарон ё дастаҳои варзишӣ дар баробари феълҳои **пирӯз шудан, дастболо шудан ва шикаст хӯрдан, бохтан, ноком шудан** хеле зиёд истеъмол мешаванд. Ҳангмои истеъмоли чунин ҷуфтҳои зидмаъно фикр хеле пуртаъсир мабарояд:

*Парвиз Собиров дар вазни 100 кило дар даври аввал бар рақибаш Маторелли Наполеон аз Венесуэла* ***голиб омад****, вале дар даври дуюм аз рақиби озарбойҷониаш Илҳом Мамедов* ***маглуб шуд*** (Ҷавонони Тоҷикистон, 28.03.2013);

*Дастаи «Вахш»-и Қӯргонтеппа дар майдони худ бар тими Лигаи аввал «Панҷшер»-и ноҳияи Румӣ бо ҳисоби 4: 3* ***голиб омад*** (Ҷавонони Тоҷикистон, 28.03.2013);

*Ба иттилои Нуралӣ Шарифов* ***голибони*** *мусобиқа дар 9 вазн… бо медалу диплом, либоси варзишии «кимано» ва ҷоизаи молӣ мукофотонида мешаванд* (Ҷавонони Тоҷикистон, 06.03.2013);

*Ҳарчанд ӯ дар қувваозмоии ниҳоӣ аз Қурбон Қурбонови ӯзбекистонӣ* ***маглуб шуда бошад*** *ҳам, мутобиқи низомномаи мусобиқа барои ҷойи дуюм ҳуқуқи иштирок дар бозиҳои тобистонаи Лондонро пайдо кард* (Ҷавонони Тоҷикистон, 05.04.2012)

Аз важаи **мағлуб** ҳамчунин бо феъли ёвари **кардан** феъли таркибии номии **мағлуб кардан** сохта мешавад, ки муродифи дигар **ғолиб омадан** мебошад:

*«Манчестер Юнайтед» аз ин пеш тими «Куинз Парк Рейнҷерс»-ро бо ҳисоби 2: 0* ***маглуб карда буд*** (Ҷавонони Тоҷикистон, 28.03.2013);

*Дар рақобатҳои даври чорякниҳоӣ Искандари Рустам дар вазни 96 килограм рақибаш Суи Хияо Ченги чиноӣ ва дар даври ниманиҳоӣ Ҷорханд Худербулгаи мугулро **маглуб кард*** (Ҷавонони Тоҷикистон, 05.04.2012).

Ҳамрешаи дигари **ғолибу мағлуб** вожаи **ғалаба** ба маънои *«пирӯзӣ, дастбодо шудан, бартариятро соҳиб шудан»* (6, 568) дар соҳаи варзиш зиёд истеъмол мешавад:

*Гуфта мешавад, ки Рейган Смит, ки аввалин шуда мерафт, барои **галабаи** худро таъмин карданпеши роҳи мошини қаҳрамони феълии «Sprint Cup Series» Брэд Кезеловскиро мегирад* (Ҷавонони Тоҷикистон, 28.03.2013).

Аз вожаи **ғалаба** низ бо феъли ёвари кардан феъли таркибии номии ғалаба кардан сохта мешавад, ки муродифи феълҳои **пирӯз шудан, дастболо шудан** ва зидмаънои **шикаст хӯрдан, бохтан, ноком шудан** мебошад:

*Бигзор ин сабқат бо ҳисоби 3: 1 бар (? – ба) фоидаи «Ливер» хатм шуд (? – анҷом ёфт), вале тазод ин аст, ки 3: 1 бохта, «Зенит» **галаба кард*** (Ҷавонони Тоҷикистон, 28.02.2013).

**Тамрин** تَمْرِينٌ аз ҷиҳати шакли морфологӣ исми амал ё масдари феъли навъи дуюми арабӣ – مَرَّنَ аст. Феъли навъи дуюми مَرَّنَ маънои *«1, омӯзондан, омӯхта кардан, ёд додан; 2. машқ додан, машқ ёд додан»*-ро дорад (6, 751). Масдари ин феъл **тамрин** – تَمْرِينٌ ба маънои *«1. таҷриба, таҷрибаомӯзӣ, муддати таҷрибаҳосилкунӣ; омӯзиш; 2. машқ, машқёддиҳӣ, варзиш»* (6, 751; 27, 317) меоянд. Дар соҳаи варзиш низ **тамрин** *«машқу омодагиҳои варзишӣ, маддти дар варзиш таҷриба ҳосил кардани варзишгар»*-ро меноманд. Ин истилоҳ низ дар соҳаи варзиш таърихи тӯлонӣ надорад. **Тамрин,** асосан баъди солҳои 90-уми асри XX мустаъмал гардид ва дар як муддати кӯтоҳ хеле роиҷ гардида, доираи истеъмоли калимаи тренировкаи русиро танг карда, онро дар забони хаттӣ аз истеъмол баровард. Бо ин вожа сохта шудани феъли таркибии номии **тамрин кардан** гувоҳи ҳазм гардидани он мебошад:

*...дар ҳайати «Хуҷанд»... бозингарони собиқи «Истиқлол» Маҳмадалӣ Содиқов, Юсуф Рабиев, футболбозони «Вахш» Сиёвуш Асроров, Ҷамолиддин Зардиев, Сергей Абрамов ва легионери русиягӣ Руслан Кузнетсов, ки мавсими гузашта дар «Парвоз» буд, **тамрин мекунанд*** (Ҷавонони Тоҷикистон, 28.02.2012);

*Дар айни ҳол дар клуби варзишии «Вастан» беш аз 400 нафар **тамрин мекунанд*** (Ҷавонони Тоҷикистон, 06.03.2013);

*Мо секцияҳои тенниси рӯйи миз, ...гӯштини миллӣ, самбо ва дигар намудҳоро ташкил кардем, ки ҳар рӯз ҷавонон омада бо роҳбарии устодон **тамрин мекунанд*** (Ҷавонони Тоҷикистон, 04.07.2013).

Бо исми **тамрин** ҳамчунин сифати нисбии **тамринӣ** сохта шудааст, ки ин низ гувоҳи ҳазм гардидани ин калима ҳамчун истилоҳи соҳаи варзиш мебошад:

*Ҷамъомади таълимиву **тамринии** бозингарони «Истиқлол» дар Кувайт аз 25 март то 5 апрел баргузор мешавад* (Ҷавонони Тоҷикистон, 28.02.2013).

Вожаи **машқ** ҳам муродифи **тамрин** мебошад. Он дар луғат *«барои ба даст овардани малака ва маҳорат пай дар пай кардани коре, тамрин, варзиш»* шарҳ дода шудааст (26, 663).

*10 – уми январи соли равон се нафар узви дастаи мунтахаби мамлакат оид ба таэквандо ВТФ (WTF) баҳри омӯзиши* ***машқҳои*** *таълимӣ – варзишӣ ба ИМА сафар мекунанд* (Ҷавонони Тоҷикистон, 03.01.2013)

*Ба* ***машқҳо*** *дар баробари писарон духтарон низ ҷалб шудаанд* (Ҷавонони Тоҷикистон, 06.03.2013).

Аз исми **машқ** ҳам бо феъли ёвари кардан феъли таркибии номии **машқ кардан** сохта мешавад:

*Варзишгарон зиёд* ***машқ*** *мекунанд* (Ҷавонони Тоҷикистон, 12.01.2012);

*Се шартро варзишгар бояд иҷро кунад: аввал, дар вақташ хӯрок хӯрад, дуюм, дар вақташ истироҳат кунад ва сеюм, дар вақташ* ***машқ кунад*** (Ҷавонони Тоҷикистон, 24.01.2013).

Пӯшида нест, ки истилоҳот хосияти дар худ муҷассам намудани ҷиҳатҳои гуногуни ашё ва мафҳумҳои ашёиро молик аст. Ин аст, ки бештарини иқтибосоти арабӣ ҳамчун ҳиссаи нутқ моли исм мебошанд ва мутобиқи қоидаҳои грамматикии ин ҳиссаи нутқ ба зуҳур меоянд.

Ба ҳамин тариқ, маводи баррасишуда гувоҳи он аст, ки иқтибосоти арабӣ, дар ташаккул ва ифодаи истилоҳоти соҳаи варзиш дар забони тоҷикӣ мавқеи муҳим доранд. Ин истилоҳот барои истифодаи мусобиқоти варзишӣ, шахсияти варзишгарон истифода шуда, аз ҷиҳати сохтори грамматикӣ яксон нестанд. Онҳо аз як калимаи холис, бо унсурҳои морфологӣ ва инчунин тавассути ба ҳам пайвастани решаҳои гуногун, ахиран дар қолаби ибораҳои изофӣ нумӯъ кардаанд. Дар баробари ин бархе аз истилоҳот таркибан аз ҷузъҳои арабию тоҷикӣ ба ҳам омадаанд, ки ин зимни азхудшавии вожаҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ рӯй додааст.

**Адабиёт**

1. Абдуллоев Н. Ш. Формирование таджикской астрономической терминологии и космономии. – Автореф. канд.дисс. – Душ анбе, 1978. – 21 с.

2. Айнӣ С. Куллиёт. Ҷ. 12. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 563 с.

3. Баранов Х. К. Арабско-русский словарь. – М.: Государственное издательство иностранных и национальных словарей, 1957. – 1187 с.

4. Головин Б.Н. Введение в языкознание. – М.: Высшая школа, 1983. – 231 с.

5. Деҳотӣ А. Куллиёт. Ҷ. 5. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 416 с.

6. Забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1982. Қ. 1. – 464 с.

7. Луғати русӣ – тоҷикӣ. – М.: Русский язык, 1985. – 1280с.

8. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. – Душанбе: Деваштич, 2007. – Ҷ. 1 – 243 с.

9. Назарзода С. Фарҳанги мухтасари истилоҳоти иҷтимоӣ ва сиёсӣ. – Душанбе: Дониш, 2006. – 192 с.

10. Назарзода С. Ташаккули истилоҳоти иҷтимоӣ – сиёсии забони тоҷикӣ дар садаи ХХ. – Душанбе: Дониш, 2004. – 302 с.

11. Ниёзмуҳаммадов Б., Бухоризода А. Л., Калонтаров Я. И. О терминологической работе в Таджикистане. Сб.: Вопроси терминологии. – М., 1961. – С. 3-25.

12. Нуров П. Г. Становление и развитие таджикской физической терминологии – Автореф. канд. дисс. – Душанбе, 1197. – 22 с.

13. Усмонова С. Лексика орнаментации текстиля в таджикском языке. – Автореф. канд. дисс. - Душанбе, 1971. – 22 с.

14. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Сов. Энцик., 1969. – Ҷ. 1. –951с.

15. Фарҳанги забони тоҷикӣ. – М.: Сов. Энцик., 1969. –Ҷ. 2. – 947с.

16. Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома». – Душанбе: Адиб, 1992. – 496 с.

17. Ҳалимов С. Таърихи забони адабии тоҷик (асри Х. Дастури таълимӣ). – Душанбе: УДТ, 1979. – 96 с. – С. 39.

18. Шаропов Н. О. Инкишофи лексикаи забони адабии тоҷик бо терминҳои ҳарбӣ. – Душанбе: Дониш, 1970. -191с.

19. Шаропов Н. О., Ҷӯраев Т. Қ. Лексикаи касбу ҳунар-сарчашмаи терминология техникии тоҷик. -Душанбе: Дониш, 1991. -92 с.

20. Шафоатов А. Н. Луғати мухтасари истилоҳоти соҳаи варзиш. – Душанбе: Исьеъдод, 2012. – Қ. 2. – 64 с.

21. Шмелёв Д. Н. Современный русский язык. Лексика. – М.: Просвешение, 1977. – 235 с.



**Дидавар БЕКЗОДА**
ҷомеашинос

**Ишқ намиранда аст**
**(Ҳикоя)**

Дар саҳни Донишгоҳ ҷасади як донишҷӯи курси панҷро пайдо карданд. Ӯ бо корд кушта шуда буд. Полис омада, гирду атрофи Донишгоҳро муҳосира кард. Дар Донишгоҳ аллакай донишҷӯён дар ташвиш афтода буданд. Баъди ду рӯз боз ҷасади як донишҷӯи дигарро дар назди ошхонаи Донишгоҳ пайдо мекунанд. Аз донишҷӯён сар карда, то устодон ҳама дар ташвиш афтоданд. Онҳо бо худ меандешиданд, ки чӣ гап бошад. Чӣ касе донишҷӯёнро кушта истодааст. Курсҳои якуми Донишгоҳ бисёр бачаҳои кунҷков буданд. Самира дар курси як мехонд. Хоҳари Самира ду сол пеш фавтида буд. Хоҳараш низ донишҷӯи ҳамин Донишгоҳ буд. Ӯ Насиба ном дошт. Самира, Заррина, Шаҳром ва Умед ҳамкурсҳо буданд. Як рӯз дарсашонро тамом карданду бо роҳи қафои Донишгоҳ суҳбаткунон ба хона мерафтанд. Дар ҳамин лаҳза одамеро диданд, ки дар сар кӯлоҳ дошт. Курткаи тунуки сиёҳ дар тан. Ӯ дар ошёнаи дуюми Донишгоҳ ба чӣ коре машғул буд. Чашми Самира ногаҳон ба ӯ афтоду боз ба роҳаш рафтан гирифт. Дар ҳамин ҳолат, марди сиёҳпӯш одамеро чандто корд зада, ӯро аз ошёнаи дуюми Донишгоҳ ба замин мепартояд. Самира ин ҳодисаро дида, ба ҳамкурсҳояш, ки ҳамроҳаш суҳбаткарда мерафтанд, нишон дод. Ва онҳо ба назди шахси мактул рафтанд. Дар ҳамин лаҳза қотил фирор мекунад.

Баъди ду ҳафта, Самира бо ҳамкурсҳояш дар мизҳои саҳни Донишгоҳ нишаста буданд. Донишҷӯи кушташуда ҳамкурси хоҳари Самира буд. Самира ба Заррина ва Умеду Шаҳром гуфт, ки он донишҷӯи кушташуда ҳамкурси хоҳари ман буд. Дар ҳамин ҳолат боз аз Донишгоҳ овози доду фиғони донишҷӯён баланд мешавад. Самира бо ҳамкурсҳояш ба тарафи Донишгоҳ медаванд. Аз ошёнаи дуюми Донишгоҳ ҷасади як донишҷӯи курси панҷумро, ки ба дор овехта шуда буд, пайдо намуданд. Боз ҳамаи донишҷӯён гирд омаданд. Онҳо ба ҷасад менигаристанд. Дар ҳамон лаҳза зуд полис ҳозир шуд. Ҷасадро аз боло гирифтанд.

Самира ҳар рӯз ба дарс ҳозир мешуд. Ӯ қариб вақти зиёди худро бо ҳамин се ҳамкурсаш мегузаронд. Рӯзи дигар онҳо баъди дарс дар майдони футболбозии Донишгоҳ нишаста суҳбат мекарданд. Дар майдон донишҷӯёни курси дуюм дарси варзиш доштанд. Онҳо футболбозӣ мекарданд. Самира ба дустонаш мегӯяд, ки оё мо метавонем ин қотилро пайдо кунем? Умед мегӯяд, ки дарёфти қотил мушкил аст. Дар ҳамин лаҳза Заррина мегӯяд: Чаро ту ин тавр фикр мекунӣ? Умед гуфт, ки мо наметавонем пешбинӣ намоем, ки қотили лаънатӣ кай боз як донишҷӯи бечораро ваҳшиёна ба қатл мерасонад. Ба ақидаи Шаҳром, шояд қотил ягон мушкилие бо ҳамин донишҷӯён дорад. Самира дар ҳамин лаҳза илова намуд, ки донишҷӯёни кушташуда ҳамкурсҳои хоҳари ман буданд. Шояд қотил дар байни ҳамон донишҷӯён бошад. Ба назари Заррина, шояд қотил донишҷӯ набошад. Шаҳром гуфт, ки шояд каси дигар бошад. Баъд аз ин Самира бо дӯстонаш чанд муддате баҳс карданд. Ва он рӯз ҳеҷ ҳодисае рӯй надод. Баъди се рӯз зодрӯзи Шаҳром буд. Онҳо пешакӣ маслиҳат карда буданд, ки дар ошхонаи Донишгоҳ зодрӯзи Шаҳромро мегузаронанд. Ҳамин тавр, рӯзи зодрӯзи Шаҳром низ фаро мерасад. Онҳо баъди дарс, соатҳои ду зодрӯзро дар ошхонаи Донишгоҳ ҷашн мегиранд. Соат ба панҷи бегоҳ наздик мешавад. Фасл, ки тирамоҳ буд, ҳаво низ зуд торик мешуд. Онҳо зодрӯзро хуб гузаронданду баромаданд. Роҳе, ки аз ошхона мебаромад, бо даҳлез ба тарафи саҳнаи Донишгоҳ мебурд. Онҳо ба даҳлези Донишгоҳ даромаданд. Чун ҳаво торик шуда буд, диданд, ки одами сиёҳпӯше дар даҳлез рафтуо дорад. Зоҳиран, мисли донишҷӯҳо менамуд. Дар ин лаҳза басти дуюми донишҷӯён дарс мехонданд. Соат қариби панҷ буд ва ҳаво торик. Дар даҳлез донишҷӯе мегузашт, ки ҳамкурси хоҳари Самира буд. Самира ӯро бо як назар кардан шинохт. Бо баромадани ҳамкурси хоҳари Самира ба ошёнаи дуюм, садое ба гӯш расид. Самира ва дӯстонаш ба якдигар нигаристанд ва ба тарафи садо давиданд. Ва ҳамзамон аз синфе овози кушодани дарро шуниданд. Дӯстони Самира истоданд. Ва дар ҳамин лаҳза Самира ба боло давида қотилро дид. Самира аз қафои қотил давид. Самира фарёд зад: - ҳой, қотил ҳамон ҳамкурси хоҳари Самираро 3 корд зада, дар даҳлез партофта гурехт. Ҳаво торик шуда буд. Қариб, ки одамро шинохтан намешуд. Онҳо аз қафояш давиданд. Шаҳром аз қафояш бо овози баланд: ист, лаънатӣ, ист, лаънатӣ - фарёд мекард. Марди сиёҳпӯш ба қафояш нигоҳ намекард ва баъди гардиши девор нопадид гардид. Шаҳром аз қафояш давида, гардишро гашту дид, ки ҳеҷ кас нест. Марди сиёҳпӯш дар пушти гардиши девор рост истода буд. Шаҳром ӯро надида ва лаҳзае истод. Нигоҳ кард, вале ҳеҷ кас наменамуд. Марди сиҳпӯш дар қафои Шаҳром буд. Ҳангоме ки Шаҳром ба тарафи қафо нигоҳ кард, дид, ки марди сиёҳпӯш дар қафояш истодааст. Шаҳром зуд ва чолокона ба рӯи марди сиёҳпӯш мушт андохт. Аммо мушти ӯ ба хато рафт. Дафъаи дигар марди сиёҳпӯш дасти Шаҳромро дошта, бо пояш бар пушти пойи

Шаҳром зада, ӯро ба зону афтонд. Ва такроран ба миёни Шаҳром зада, ӯро ба замин афтонд. Дар ҳамин ҳангом Умед овози Шаҳромро шунида, аз қафояш давид ва дид, ки марди сиёҳпӯш Шаҳромро латукӯб дорад. Умед давида, бар тахтапушти марди сиёҳпӯш ба пояш зад. Ва марди сиёҳпӯш якду қадам ба пеш рафт. Мехост ба сӯи Умед баргардад, ки боз як мушти дигар хӯрд. Дафъаи дигар марди сиёҳпӯш пои Умедро дошта, бо пояш дар шиками Умед мезанад ва ҳамзамон ӯро ба тарафи даҳлез мепартояд ва мегурезад. Дар ҳамин лаҳза Заррина аз зинапояи ошёнаи якум ба дуюм баромада истода буд. Ҳангоми гурехтан марди сиёҳпӯш ба Заррина бармехӯрад. Марди сиёҳпӯш мебинад, ки Заррина тарсидааст. Ӯро ба тарафи девор тела дода, ба ошёнаи якум мефарояд. Ӯ ба тарафи дари баромади даҳлез медавад, то ки ба саҳни Донишгоҳ бароядy гурехта равад. Аммо аз даромадгоҳи даҳлез Самира даромад. Марди сиёҳпӯш Самираро дида, боз ба ошёнаи дуюм мебарояд. Самира аз қафои ӯ давида, ба ошёнаи дуюм мебарояд. Ошёнаи дуюми Донишгоҳ аз даҳлези дароз иборат буд. Дар даҳлез Самира ӯро думболагирӣ мекунад. Марди сиёҳпӯш дар даҳлез медавиду Самира низ аз қафояш. Ҳангоме ки онҳо медавиданд, даҳлез кӯтоҳтар мешуд. Дар охири даҳлез тирезае буд, ки ба тарафи беруни Донишгоҳ кушода мешуд. Онҳо то охири даҳлез бояд медавиданд. Ҳангоми наздик шудан ба тиреза, Самира бо овози баланд фарёд зад, ки: Ист!!! Самира дар дасташ як арматур дошт (дар он замон синфхонаи ошёнаи якумро таъмир мекарданд. Ва ӯ саросемавор аз ҳамон ҷо он арматурро гирифта буд). Ист мегӯям, - гуфт Самира. Марди сиёҳпӯш, ки ба назди тиреза расида буд, якбора истод. Ҳарчанд ки худи Самира дар ҳолати тарсу ҳарос қарор дошт, худро ба даст гирифта, ҷасурона фарёд зад:

- Ту кистӣ?

Марди сиёҳпӯш ҷавоб надод.

Самира гуфт: - Гап зан, вагарна бо ин арматур саратро пора–пора мекунам. Чаро ту донишҷуёнро куштӣ?

Марди сиёҳпӯш: - Ҳар инсон вазифаи худашро иҷро мекунад.

Самира: - Ба ман нигоҳ кун, вагарна ба ҷаҳаннам мефиристамат!

Марди сиҳпӯш: - Аз дидани рӯи ман ба ту фоидае намерасад!

Самира: - Ман ба саволи худам ҷавоб нагирифтам. Чаро ту донишҷӯёнро куштӣ?

Марди сиёҳпӯш: - Мехоҳӣ донӣ, ки ман чаро донишҷӯёнро куштам? Хуб гӯш кун. Ду сол пеш он донишҷуёне, ки ту мегӯӣ, духтареро ба қатл расониданд.

Самира: - Кадом духтарро?

Марди сиёҳпӯш: Номи он духтар Насиба буд.

Самира ҳайрон шуда суоломез гуфт:

- Насиба?

Марди сиёҳпӯш: - Ман духтареро дӯст медоштам, ки номаш Насиба буд.

Номи ман Шариф аст. Ду сол пеш ман дар Донишгоҳ таҳсил мекардам. Ман он вақт курси 3 будам. Дар ҳамин Донишгоҳ бо духтаре вохӯрдам, ки аз ман як сол хурд буд. Номаш Насиба. Насиба курси 2 мехонд. Ва миёни мо дӯстӣ пайдо шуд. Оҳиста–оҳиста мо якдигарро дӯст доштем. Як ҳамкурси Насиба, ки номаш Баҳром буд, Насибаро дӯст медошт. Аммо Насиба Баҳромро дӯст намедошт. Чаро ки мизоҷи Баҳром ба Насиба писанд набуд. Як вақт ман бемор шудаму ба беморхона афтодам. Се моҳ ба Донишгоҳ омада натавонистам. Дар ин замон рӯзе Баҳром бо се дӯсташ ба назди Насиба омада, моҷаро ташкил намудаанд. Хулосаи ҷанҷол ин ки Баҳром Насибаро дӯст медоштааст ва Насибаро таҳдид кардааст, ки он Шарифатро дафъ кун ва чандин дашному суханҳои носазоҳо низ гуфта. Насиба дар ҷавобаш гуфтааст, ки: Дафъ шав аз назарам, номард - ва як торсакии обдор ба рӯи Баҳром задаст. Баҳром девонавор ба сӯи ӯ ҳамла намуда, Насибаро аз ошёнаи дуюм ба замин мепартояд. Баъди Насибаро ба беморхона бурдан ӯ ба ҳалокат мерасад. Баҳром ва дӯстонашро ба маҳкама мекашанд. Баҳром ва дӯстонаш шаҳодат медиҳанд, ки Насиба худаш аз ошёнаи дуюм афтидааст. Баъди ду моҳ онҳоро аз маҳбас озод мекунанд. Аз рӯи қонун дигар онҳо бегуноҳ буданд.

Марди сиёҳпӯш гуфт: - Акнун ту мехоҳӣ, ки ман рӯямро ба ту нишон диҳам! Ва ниқобро аз рӯяш гирифт. Самира чеҳраи ӯро дид. Марди сиёҳпӯш гуфт: - Ман хоҳари туро дӯст медоштам. Мо якдигарро дӯст медоштем. Аммо онҳо хоҳари туро ба қатл расониданд. Баҳром одами сарватманд буд. Ман одами одӣ ва миёнаҳол будам. Аммо чизи муҳим ин буд, ки мо ҳамдигарро дӯст медоштем. Баҳром аз кинаву адоват бо дӯстонаш Насибаро ба қатл расониданд. Ман касонеро, ки Насибаро ба қатл расониданд, ҳамаи онҳоро як ба як ба қатл расонидам. Акнун ман кори худро тамом кардам!

Самира гуфт: - Ин чӣ кори кардагиат?

Марди сиёҳпӯш: - Ин тасмими ман буд. Ту дигар ҳеҷ гоҳ манро намебинӣ. Ман охирин бор ҳамин гарданбандро барои Насиба аз пули идрорпулиам харида будам. Мехостам, ки ба ӯ тақдим кунам. Аммо бемор шудаму натавонистам, ки ба ӯ диҳам. То ман аз бистари беморӣ хестам, ки аллакай Насиба дигар ин оламро падруд гуфта буд. Ба наздикӣ ман бори дигар бо Насиба вомехӯрам. Лекин ҳамон рӯзро намедонам. Шояд имрӯз бошад ё шояд фардо.

Чашмони Самира пур аз ашк шуда буданд. Самира, ҳангоме ки ин суханҳоро дар бораи хоҳараш шунид, арматуре, ки дар дасташ буд, аз дасташ ба замин афтод. Дасти Самираро марди сиёҳпӯш гирифту гуфт: - Ман ин гарданбандро ба хоҳарат дода натавонистам. Ман мехоҳам ту инро ба расми хотира аз ман бигирӣ. Ин ягона чизест, ки Насибаро ба ёди ман меорад. Ман мехоҳам инро ту бигирӣ. Ва гарданбандро дар дасти Самира андохт. Дар ҳамин лаҳза аллакай Шаҳром ва Умед ба полис хабар дода буданд. Полис гирду атрофи

Донишгоҳро муҳосира карда буд. Тирезаи Донишгоҳ ба тарафи поён кушода мешуд. Марди сиёҳпӯш  тирезаро кушода, бо лӯлаи обрави девори Донишгоҳ ба поён мефарояд. Дар ин ҳолат Самира аз қафояш медавад ва мебинад, ки марди сиёҳпӯш  аз поён бо дасташ ба тарафи Самира хайрухуш  мекунад.  Полис бонг мезанад, ки  дастонатонро боло карда, дар ҷоятон истед. Самира ҳам дасташро ба тарафи  ӯ меҷунбонаду марди сиёҳпӯш фавран ба тарафи полис медавад. Аллакай дар саҳни Донишгоҳ полис ҷамъ шуда буд. Полис таҳдид мекунад, ки агар наистед, мепаронем. Марди сиёҳпӯш дигар намеистад.  Ва дар ин ҳангом полис ба тарафи  ӯ  тир холӣ мекунад.

## ОБУНА БА МАҶАЛЛАИ «ИЛМ ВА ҶОМЕА»

Инак, дар соли нави 2016 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Академияи илмҳои Тоҷикистон як маҷаллаи дигари илмию оммавӣ бо номи "Илм ва Ҷомеа" арзи ҳастӣ кард. Ҳадаф аз он нашри мақолаю маводҳои илмии олимону донишмандони тоҷик, бозтоби дастовардҳои илмии ҷаҳониён, ошкор кардани мушкилоти ҷаҳони муосир ва аз ин роҳ, ба донишомӯзӣ ҷалб намудани ҷавонон ва мусоидат кардан ба ҳалли мушкилоти мубрами Тоҷикистон, минтақа ва ҷаҳон ба шумор меравад.

Бо ин мақсад, ҳайати таҳририяи маҷаллаи "Илм ва Ҷомеа" Шумо – хонандагони гиромии ин маҷалларо даъват мекунад, ки ба он обуна шавед. Шумо метавонед ба маҷалла фардӣ, гурӯҳӣ ва ё аз ҳисоби ташкилоту муассисаи худ обуна шавед. Нархи солонаи маҷалла **109 сомонию 68 дирам** мебошад.

**Индекси обуна**: 734025
**Нишонӣ**: ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
**Телефон**: 221-53-97, 98-558-47-10
**E-mail**:firdavs_79@mail.ru

**Суратҳисоби Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

РМА (ИНН): 010009529
Суратҳисоб (р\сч): 20204972712010100002
БИК (МФО): 350101800
Ҳисоби бонкӣ (к\сч) 22402972000002

Сарраёсати хазинадории марказии
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

***Ба матбаа супорида шуд 20.09.2016***
***Барои нашр имзо шуд 21.09.2016***
***Чопи офсети. Ҷузъи чопӣ 17,2. Андоза 70х100$^{1}/_{8}$.***
***Адади нашр 150 нусха. Супориши №107.***

***ҶСК «Чопхонаи Дониш»***
***ш. Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ 121, биноӣ 2***